213883

МАРК ТВЕН

# ШОҲЗОДА ва ГАДО



Марк Твен

# ШОҲЗОДА ВА ГАДО

*Барои бачагони миёнсол ва калонсол*

t.me/kitobju

Нашриёти Давлатии Тоҷикистон
Сталинобод 1952

*Боби якӯм*

## ЗОИДА ШУДАНИ ШОҲЗОДА ВА БА ДУНЬЁ ОМАДАНИ ГАДО

Ин ходиса дар чорьяки дуюми асри шонздаҳӯм рӯй дода буд.

Дар яке аз рӯзҳои тирамоҳ дар шаҳри қадими Лондон дар хонаводаи Кенти ном фақире писаре зоида шуд, ки вай дар он хонавода ба касе даркорӣ надошт.

Дар худи ҳамон рӯз дар хонаводаи давлатманд Тьюдорҳо фарзанде ба дуньё омад, ки дар назари ҳама матлуб ва маҳбуб буд; хеле вақтҳо боз ба қадами вай интизор доштанд ва ӯ на танҳо барои оилаи худ, балки барои тамоми мамлакати Англия даркор буд. Англия хеле вақтҳо боз ба зоида шудани ин бача чашм дӯхта ва нигарон буд ва дар ин ҳолати интизорӣ ҳамаи мамлакат дар ҳаққи вай дуо мекарданд ва замоне, ки ҳақиқатан ба дуньё омаданаш маълум шуд, халоиқ аз шиддати хурсандӣ кам монда буд, ки ақли худро гум кунанд.

Касоне, ки андаке бо ҳам шиносоӣ доштанд, дар ин рӯз, дар вақти мулоқот якдигарро сахт ба оғӯш мегирифтанд, бӯса мекарданд ва ҳатто аз чашмонашон ашк равон мегардид. Дар ин рӯз ҳеҷ кас кор намекард, ҳама ид карда буданд, чи фақир, чи давлатманд, чи

авом ва чи аъён хама дар ин рӯз ҷашн карда мерасиданд, ашӯлаҳо мехонданд, шаробнӯшӣ мекарданд ва ин ҳол чанд шабу чанд рӯз ба ин тариқ давом менамуд. Рӯзона шаҳри Лондон манзараи бисьёр хубе дошт. Дар ҳар болохона ва дар ҳар як бом



Байрақҳои рангоранг лаппас мезаданд...

байрақҳои рангоранг лаппас мезаданд, аз кӯчаҳо гурӯх-гурӯх халоиқ дар ҳолати шодӣ ва хурсандӣ мегузаштанд. Шабона ҳам чизҳои тамошо карданӣ зиёд буданд: дар сари ҳамаи раста ва кӯчаҳо гул-

ханҳо даргиронда дар атрофи онҳо тамошобинон гурӯҳ-гурӯҳ истода буданд.

Дар тамоми Англия фақат дар бораи Эдуард Тьюдори навзоидашуда, дар бораи шаҳзода Уэльский[1] гап мерафт. Аммо ӯ дар миёни парчаҳои атлас ва адрас аз ҳамаи ин ғавғо ва дабдабаҳо бехабар хобида буд. Ҳатто намедонист, ки лордҳо[2] ва хонимҳои олимақоми мамлакат ба вай хизматгорӣ ва доягӣ мекунанд. Ин барои вай аҳамияте ҳам надошт.

Аммо дар бораи бачаи дигар дар ҳеҷ куҷо ҳеҷ гап набуд. Ин бача, ки Том Кенти ном дошт, ба латтаҳои дағал ва чиркин печонда шуда буд. Дар бораи вай фақат дар он хонаи факирона ва гадоёна гап мезананд, ки ӯ барои ин хонавода дардисари зиёде шуда буд.

*Боби дуюм*

## БАЧАГИИ ТОМ

Ба чандин солҳо баъд назар андозем.

Лондон понздаҳ аср буд, ки вуҷуд дошт ва яке аз шаҳрҳои калони он замон ба шумор мерафт. Нуфуси ин шаҳрро сад ҳазор ва баъзе касон ҳатто дучанди ин ҳам, яъне дусад ҳазор нафар ҳисоб мекарданд. Дар он вақтҳо кӯчаҳои шаҳри Лондон танг, каҷ ва ифлос буданд. Хусусан он қисми шаҳр, наздикии кӯпруки Лондон, ки Том дар он ҷо зиндагонӣ мекард хеле танг, каҷу килеб ва ифлос буд. Хонаҳо чӯбин буданд; ошьёнаҳои дуюм аз якӯм барҷаста баромада ва ошьёнаҳои сеюм аз дуюм калонтар буда ва ҷудо шуда ба берун баромада меистоданд. Ошьёнаи иморатҳо ҳар қадар, ки зиёдтар шаванд, ҳамон

---

[1] Шоҳзода Уэльский—лақаби ҷонишинони тахти Англия.

[2] Лорд—лақаби аъёнҳои Англия.

қадар сербартар мешуданд. Девори хонаҳо аз сутунҳои ғафс ва калон иборат буданд, миёни ин сутун ва ходаҳоро бо ҳаргуна чизҳои сахт пур карда рӯяшро андова мекарданд. Сутунҳоро ҳар як соҳиби хона ба майли худ бо рангҳои сурх, кабуд ва ё сиёҳ ранг мекард ва ин нақшу нигор ба хонаҳо шакли аҷибе медод. Тирезаҳои хонаҳо хурд ва аз шишаҳои майдаи бисьёркунча иборат буда, мисли дарвоза аз берун бо ҳалқа пӯшонда мешуданд.

Хавлие ки падари Том дар он зиндагонӣ мекард, дар паси растаи Пурхӯрон дар як тангкӯчаи хурди бадбӯе буд ва ин тангкӯчаро кӯчаи Саркутҳо меномиданд. Бино хурд, фарсуда, шалақ ва сар то сар бо сарсарӣ ва побараҳнагон пур буд. Аҳли хонаводаи Кенти дар ошьёнаи сеюми ин иморат хона доштанд. Падару модари вай дар як гӯшаи хона чизи каравотмонанде гузошта буданд, ки дар болои он хоб мекарданд, аммо Том, модаркалонаш ва ду хоҳараш Бет ва Нен ҷои хоби муайян надоштанд ва дар рӯи хона, ҳар ҷо ки рост ояд, мехобиданд. Онҳо як кӯрпаи пора-пора ва чанд даста хошоки ифлос ва титшуда доштанд, ки ин рахти хобашон буд. Лекин инҳоро ҷойхоб номидан мумкин набуд, чунки ҳар рӯз пагоҳон, ин хошок ва латтапораҳоро ба як ҷо тӯб карда мемонданд ва шабона боз ҳар кас як парчаи онро гирифта ба таги худаш меандохт.

Бет ва Нен ду духтари понздаҳсолаи аз як шикам зоидашуда буданд. Ин духтаракони меҳрубон ва ҷингиламӯй либосҳои хеле пора ва дарида мепӯшиданд ва хеле нодон ва аз олам бехабар буданд, модарашон ҳам аз онҳо чандон фарқи зиёде надошт. Аммо падар ва модаркалонашон тамоман авом ва ҷоҳил буданд. Ҳар ҷо ки рост ояд, мурдавор шароб менӯшиданд, бо якдигар ба ҷангу ҷидол сар мекарданд

ва ё ҳар касеро, ки ба таги дасташон афтад, хуб мекӯфтанд ва дашномҳо медоданд. Ҳар дам ва ҳар замон чи дар замони мастӣ ва чи дар ҳангоми хушьёрӣ қасамҳои зиёд мехӯрданд ва дашномдиҳӣ мекарданд. Ҷон Кенти дузд ва модари ӯ гадо буд. Онҳо ба фарзандони худ ҳам гадоӣ карданро меомӯхтанд. Лекин ҳар чи қадар саъй карда бошанд ҳам, ононро ба duздӣ одат кунонда натавонистанд.

Дар ҳавлие ки миёнҷои он пур аз ахлот ва хасу хошок буд, боз як рӯҳонии пир ва меҳрубоне истиқомат мекард, ки король ба вай андак пули сиёҳ—нафақа дода аз хизмати калисо озод карда буд. Ӯ бисьёр вақтҳо ин бачагонро ба хонаи худаш бурда аз падару модаронашон пинҳонӣ, ба онон хулқу хислатҳои некро ёд медод. Ӯ ба Том навиштан ва хонданро ҳам ёд дода буд. Том аз он кашиш (рӯҳонӣ) дар соҳаи забони лотинӣ ҳам баъзе маълумотҳо ба даст дароварда буд. Пирамард духтараконро ҳам хонондани ва саводнок карданӣ шуд, аммо онҳо, аз тарси он ки мабодо дар муқобили ин пурдонии фавқулъоддаи худашон ба истеҳзо ва масхараи дугонагони худ дучор нашаванд, ба ин таклифи кашиш розӣ нашуданд ва нахонданд.

Тамоми ҳавлиҳои ин маҳалла ҳам мисли ҳавлие ки оилаи Кенти дар он зиндагонӣ мекард, ба замбӯрхонае монандӣ дошт. Шаробнӯшӣ, ҷангу ҷидол, дастбагиребон шудан дар ин ҷо ба ҳукми одат даромада буд. Ҳар шаб ҷанҷолҳо рӯй дода то худи саҳар давом мекарданд. Сарҳои кафидаи хуншор ҳам мисли шикамҳои гуруснаи мардумони аз ҷон безор як чизи муқаррарӣ шуда монда буданд. Лекин Томи хурдсол дар ин хонавода ва дар ин кӯча худашро ҳаргиз бадбахт ҳис намекард. Дуруст аст, ки гоҳ-гоҳе аҳволи вай хеле танг мешуд, аммо ӯ ҳаргиз аз



ин дилгир ва норозӣ набуд; чунки дар ин кӯча зиндагонии ҳамаи писарбачагон ҳамин навъ мегузашт ва бинобар ин ӯ хаёл мекард, ки ҳамин хел шуданаш даркор будааст. Шабона вакте ки бо дасти холӣ ба хона бармегашт, медонист, ки падараш ӯро дашном медиҳад, дошта мезанад ва модаркалонаш ҳам ба вай оромӣ нахоҳад дод; дар ин хел мавридҳо, фақат дар нисфҳои шаб модари гуруснааш оҳиста-оҳиста ба вай наздик омада як порча нони хушки қоқ ва ё сарқутеро, ки худаш нахӯрда нигоҳ доштааст, ба тарафи ӯ дароз мекард; модараш чандин борҳо дар ин маврид ба даст афтода ва барои ҳамин кораш аз шавҳараш мушт ва шаллоқи зиёде ҳам хӯрда буд.

Не, аҳволи Том, хусусан дар тобистон чандон ҳам бад намешуд. Ӯ чандон ҳам зӯр зада гадоӣ намекард. Ба вай фақат ҳамин қадараш бас буд, ки андак пул

оварда худашро аз занозанихои падараш халос кунад, чунки дар он вақтҳо дар муқобили гадоён қонунҳои сахт ҷорӣ буданд ва ба садақаталабон ҷазоҳои сахт дода мешуд. Ӯ зиёдтари вақти худашро дар пеши он кашиш—Эндрью мегузаронд ва ҳикояҳои ӯро дар хусуси навча ва паканаҳо, дар бобати масхарабоз ва афсунгарҳо, дар бораи қасрҳои дилкушо, дар бораи подшоҳон ва шаҳзодагони далери боазамат гӯш мекард. Хаёлхонаи Том бо ин ҳикоя



..Нони хушки коқеро ба ӯ дароз мекард.

ва афсонаҳои аҷоиб пур буд ва ӯ чандин борҳо, шабона, ҳангоме ки дар ҷойхоби фақиронаи худаш, дар болои хасу хошоки сахт ва ифлос монда, ва гурусна шуда мехобид, ҷилави хаёлоти худро сар дода ба олами фикр ғӯтавар мешуд ва ба зудӣ тамоми ранҷу азобҳоро аз ёд бароварда манзараҳои ширин ва дилрабои зиндагонии нағзи шаҳзодагонро дар дарборҳои шоҳона ба хотир меовард. Шабу рӯз фикру хаёлаш

фақат бо як чиз машғул ва андармон буд. Фақат як орзу ҳамеша дар сараш ҷо дошт: мехост бо чашмони худ шаҳзодаи ҳақиқиеро бинад. Як бор ӯ ин фикри худашро дар маҳаллаи Саркутҳо ба ҷӯраҳояш баён кард, онҳо ӯро масхара карданд ва чунон хандиданд, ки ин фикрашро гашта ба касе нагуфт ва ин орзуро фақат ба дили худ нигоҳ дошт.

Ӯ бисьёр вақтҳо китобҳои қадимии кашишро мехонд ва аз ӯ илтимос мекард, ки ҷоҳои номафҳуми китобҳоро фаҳмонда диҳад ва бо ҳикояҳои худ онҳоро такмил намояд. Оҳиста-оҳиста хондани китобҳо ва шунидани ин ҳикояҳо дар зиндагонии Том дигаргуниҳои бузург ба амал оварданд. Қаҳрамонони орзу ва хаёлоташ чунон пурдабдаба ва пурзебу зинат буданд, ки либосҳои кӯҳна ва дарида, чиркинӣ ва нопокизагии баданаш ба худи ӯ ҳам вазнин меомад ва мехост, ки баданаш покиза ва либосҳояш озода бошанд. Дуруст аст, ки ӯ ҳанӯз ҳам бисьёр вақтҳо дар миёни гилу лой мегашт ва аз ин лаззати бисьёр мебурд, аммо ҳоло дигар ба дарьёи Темза оббозӣ кардани ӯ фақат барои бозӣ ва андармонӣ набуд, ҳоло об барои вай аз ҳамин ҷиҳат ҳам азиз буд, ки бадани ӯро пок мекунад ва ифлосиҳояшро дур менамояд.

Том ҳамеша дар Чипсайд дар назди сутуни май[1] ва ё дар бозорҳо бисьёр чизҳои тамошобобро дида хеле вақт ба онҳо нигарон шуда меистод. Ба ғайр аз ин, ӯ гоҳ-гоҳ муваффақ мешуд, ки мисли лондониҳои дигар, вақте ки ягон одами машҳури бадбахтона айбдоршударо бо роҳи хушкӣ ва ё дарьё ба

[1] Сутуни май — дар Англия сутуни баландеро мегӯянд, ки бо ҳаргуна гул ва байроқҳо зинат дода шудааст. Ин сутунҳоро одатан дар марғзори бузурге мешинонанд, ки дар моҳҳои май дар атрофи он гардиш ва сайрҳо гузаронда мешавад.

зиндони Тауэр[1] мебурданд, рафтор ва парадҳои ҳарбиро тамошо кунад. Дар яке аз рӯзҳои тобистон дар Смитфильд чигуна дар оташ сӯзонда шудани Анна Эскьюи[2] бечораро бо чашми худ дид, ки ӯро бо се нафари дигар ба оташ ҳаво доданд, Том ба онҳо ваъз ва насиҳат кардани як нафар рӯҳониро ҳам шунид, лекин суханони ин рӯҳонӣ ҳаргиз ба гӯши вай намедаромаданд. Бале, зиндагонии Том хеле ранго-ранг ва хуш буд. Кам-кам хондани китобҳо ва орзуҳо дар бораи зиндагонии дарбор ба вай чунон сахт таъсир карданд, ки беихтиёр ба шаҳзодагон тақлид мекардагӣ шуда монд. Дӯстони кӯчагии вай, вақто ки гапзании суханпардозона ва дабдабадори ӯро шунида ва ҳаракатҳои хандаовари аъёнҳои дарбориро тақлид карда тавонистанашро диданд, хеле ҳайрон монданд ва хушҳол шуданд. Таъсири Том ба ҳамсолони худаш рӯз ба рӯз зиёдтар мешуд ва онҳо кам-кам одат карданд, ки ба вай, мисли як одами олидараҷае бо эҳтироми бузурге муомила кунанд. Оре, ӯ хеле чизҳоро медонист. Ӯ хеле гапҳои аҷоибро гуфта ва корҳои аҷоибро карда метавонист. Ва худаш ҳам хеле боақл ва донишманд шуда буд. Бачаҳо дар бораи ҳар як рафтор ва кору бори ӯ ба падар ва модарон ва калонони худ ҳам гап мезаданд. Ниҳоят кор ба дараҷае расид, ки калонҳо ҳам дар бораи Том Кенти, мисли як бачаи хеле боақлу фа-

[1] Тауэр — дар Лондон номи қалъаест, ки барои лордҳо, герцогҳо ва ҳатто подшоҳҳо зиндони махсус ҳисоб мешавад. Дар он ҷо гуноҳкоронро ҳаргуна азобҳо медоданд ва ҳукмҳои қушро ҳам иҷро мекарданд.

[2] Анна Эскью (1521—1546) бинобар ба мазҳаби парастонӣ будани худ ба зиндон андохта шуда буд ва барои „пойдор карлан ва ба саволҳои гуногун ҷавоб надодани худ" ба шиканҷаҳои гуногун гирифтор гардида, ниҳоят дар Смитфильд дар оташ сӯзонда шуда буд.

росат гап мезадагӣ шуданд. Одамони калон агар дар ягон маврид дармонанд, барои машварат ва маслиҳат ба Том муроҷиат мекарданд ва бисьёр вақтҳо ба ақл ва ба фаросати вай, ба дурустии гап ва маслиҳатҳои ӯ ҳайрон мешуданд. Дар назари ҳар як касе ки ӯро мешинохт, ӯ як қаҳрамон шуда буд, фақат падару модари вай дар ӯ ҳеҷ як чизи қобили таваҷҷӯҳи фавқулъоддае намедиданд.



Одамони калон барои маслиҳат ба ӯ муроҷиат мекарданд.

Боз якчанд вақти дигар гузашт ва Том барои худ қасри шоҳона дуруст кард. Ӯ шаҳзода шуда буд ва ҷӯраҳояш посбони шахсӣ, фаррош, меҳтар, дарбориён ва аҳли хонаводаи подшоҳ шуда буданд. Онҳо ҳар рӯз пагоҳӣ ин шаҳзодаи сохтаро ба ҳамон тартибе ки Том дар китобҳо хонда буд, пешвоз мекарданд ва ҳар рӯз корҳои муҳимми подшоҳии мавҳуми ӯ дар шӯрои давлатӣ музокира карда мешуд, ҳар рӯз аълоҳазрати шаҳзодаи сохта ба аскарони дарьёӣ ва хушкии худ ва ба ҷонишинонаш фармонҳои мавҳум медод.

Баъд ӯ боз бо ҳамон либосҳои даридаи худ ба гадой мебаромад, ки шояд якчанд фартинг[1] пул ҷамъ ку-

[1] Фартинг—пули сиёҳи англисӣ, камтар аз як тин.

над, ӯ боз нонпораҳои сахтро мехоид ва ҳамон шаттаҳои муқаррариро мехӯрд ва баъд аз ҳамаи инҳо боз ба даруни ҳамон хошокҳои бадбӯй дароз кашида, ба хаёлоти азамати мавҳуми худ бозмегашт.

Орзуи ақаллан як бор бо чашми худ дидани шаҳзодаи ҳақиқии ҷондор дар ӯ рӯз ба рӯз зиёдтар мешуд ва ҳар ҳафта меафзуд ва ниҳоят тамоми орзуҳои дигари ӯро пахш кард ва ягона мақсад ва орзуи зиндагонии ӯ гардид.

Як бор дар моҳи январь ӯ боз аз рӯи одати худ ба гадой ва садақапурсӣ баромад. Якчанд соат муттасил бо пои бараҳна, дарак-дарак ларзида зору парешон дар атрофи Минсинг Лейн ва Литтл Ист Чип дар ба дар гашта ба ҳар як ошхона нигарон мешуд ва дар вақти дидани самбӯсаҳои равғанин ва хӯрокҳои ширин, ки дар ақиби тирезаҳо чида шуда буданд, оби даҳони худро фурӯ мебурд; дар назари вай ин хӯрокҳо ба дараҷаи хӯроквориҳои биҳиштӣ буданд, ки фақат барои малоикаҳо насиб мешуданд. Борони резаи хунук мебориду ҳаво хеле тира ва дилгиркунанда буд. Қарибии шаб Том дар ҳолате ки баданаш тамоман тар ва худаш тамоман монда ва гурусна шуда буд, ба хона баргашт, аҳволаш чунон буд, ки ҳатто гӯё ки падар ва модаркалонаш ҳам ба ҳолаш раҳм карданд, албатта, ин тараҳҳуми онҳо ҳам мувофиқи худашон буд, ба зудӣ якчанд мушт зада ӯро хобонданд. Аммо аз шиддати сӯзиши бадан, аз шиддати гуруснагӣ ва аз ғалоғулаи ҳамсоягон, ки бо ҳамдигар ҷанг мекарданд, хеле вақт хобаш набурд, лекин ниҳоят мурғи фикраш ба мамлакатҳои дури аҷоиб парида рафт ва дар байни шаҳзодагоне ки сар то по ба тилло ва ба сангҳои гаронбаҳо ғарқ буданд, ба хоби ширин фурӯ рафт. Шаҳзодагон дар касрҳои хеле олӣ зиндагонӣ мекарданд ва тӯда-тӯда

хизматгорон дар ҳузури онҳо барои пойбӯсидан то замин хам мешуданд, таъзим мекарданд ва ё бо як ишорат ба ҷону дил барои баҷо овардани фармоишоти онон медавиданд. Баъд ӯ хоб дид, ки худаш ҳам шаҳзода шуда мондааст.

Тамоми шаб ӯ масти дабдаба ва шукӯҳи шоҳонаи худ буд; тамоми шаб ӯро хоним ва ҷанобони аъён печонда гирифта буданд ва ба даруни шуоъҳои тобон ва дурахшон ғарқ гардида дар байни онон гашту гузор мекард, димоғаш аз атрҳои форам ва дилкаш хуш ва гӯшаш аз овози мусиқаҳои дилнавоз пур буд ва дар ҳамин ҳол гоҳ табассумкунон ва гоҳ аз рӯи лутфу марҳамат сар ҷумбонда ба салом ва таъзими мардумон ҷавоб медод.

Пагоҳон замоне ки аз хоб бедор шуда муҳити фақирӣ ва гадоии худро дид, ҳама чиз ба назараш ҳазорон бор бадтар намуд. Дилаш сахт ба дард омад ва чашмонашро ашк пур кард.

*Боби сеюм*

## МУЛОҚОТИ ТОМ БО ШАҲЗОДА

Том бо шиками гурусна аз хоб бедор шуд ва бо ҳамон аҳвол аз хона баромад, лекин тамоми фикрҳои ӯ бо азамат ва дабдабаи хобҳои дишабааш машғул буданд. Ӯ дар Сити овора ва парешон мегашт ва тақрибан намедонист, ки ба куҷо меравад ва дар атрофаш чиҳо шуда истодааст. Баъзеҳо ӯро тела дода мегузаштанд, баъзеҳо дашном медоданд, лекин ӯ ба хаёлоти худ ғарқ буд, ҳеҷ чизро намедид ва овозеро намешунид. Ниҳоят ӯ худро дар таҳти дарвозаи Темпл Бар дид. Ҳеҷ вақт ӯ ин қадар дур нарафта буд. Ӯ истода як дақиқа ба фикр фурӯ рафт, ки ба куҷо омада расидааст. Баъд боз

фикру хаёлҳо ӯро фаро гирифтанд ва чигуна ба беруни дарвозаи Лондон баромада мондани худашро ҳам нафаҳмида монд. Роҳи Стренд дар он замонҳо аз ҳолати роҳи қишлоқӣ будани худ баромада, худро аз кӯчаҳои шаҳр ҳисоб мекард, инашро иқрор кардан лозим аст, ки ин кӯча хеле аҷоиб буд. Дар як тарафи ин кӯча иморатҳо қатор саф баста бошанд ҳам, дар тарафи дигари он хонаҳо аз якдигар хеле дурдур меистоданд, дар ин тараф иморатҳои олии аъёнҳои бадавлат ҷой гирифта буд, ки давродаври он иморатҳо бо боғҳои сердарахт иҳота карда шуда буданд ва бисьёртарини ин дарахтзорҳо то лаби дарьё мерасиданд. Дар вақти ҳозира ба ҷои ин боғот қатор-қатор иморатҳои сангӣ ва хиштӣ ҷо гирифтаанд.

Том омада ба қишлоқи Черинг расид ва барои дам гирифтан дар таҳти як салибе ки дар замонҳои хеле қадим аз тарафи як нафар подшоҳи аз тахт фуровардашудае шинонда шуда буд, нишаст. Баъд боз бо тамбалӣ аз ҷо бархоста бо роҳи хеле хуби беодам рафтан гирифт, аз қасри олии кардинал гузашта ба қасри аз ин ҳам боҳашаматтар ва пурзинаттаре расид, ки ин қасри Вестминстрӣ[1] буд. Ӯ бо ҳайронӣ ва дар як ҳолати хушбахтонае ба ин бинои пуразамати сангӣ, ки қисмҳои гуногунаш ба ҳар тараф паҳн шуда буданд, ба бурҷ ва қуллаҳои ҳайбатноки он, ба дарвозаҳои калони зарҳалкорӣ, ба ҳайкалҳои калони шер ва дигар нишонаҳои давлати шоҳонаи англис нигоҳ мекард. Наход орзуи деринаи ӯ ниҳоят ба амал ояд? Охир ин-ку дарбори подшоҳ аст. Агар бахташ мадад кунад, магар шаҳзодаро, шаҳзодаи ҳақиқиро дар ин ҷо диданаш мумкин нест?

---

[1] Қасри Вестминстрӣ—иморати хеле олие мебошад, ки дарбор ва парламентови Англия дар он ҷой гирифтааст.

Дар ду тарафи дарвозаи зарҳалкорӣ ду нафар аскари қадбаланд, ҳайкалвор беҳаракат истода буданд, ки сар то по чорoинаҳои дурахшони пӯлодин дар бар доштанд. Дар як масофаи дуре як гурӯҳ деҳқонон ва бошандагони шаҳр бо адаб ва ҳурмат истода умедвор буданд, ки шояд аз хонаводаи король касеро дида тавонанд. Фойтунҳои пурзебу зинат бо ҷанобони хушлибос, ки хизматгоронашон ҳам ҳамчунин либосҳои хуб дар бар доштанд, аз дарҳои гуногуни қаср даромада ва мебаромаданд.

Томи хурдтараки бечора, бо либосҳои дарида ва жанда ба тӯдаи тамошобинон наздик омад ва оҳиста бо тарс аз назди посбонон гузашт; дилаш сахт метапид ва дар он умеде пайдо мешуд. Ва ногоҳ аз байни панҷараҳои ҳалкорӣ манзараеро дид, ки кам монда буд аз хурсандӣ фарьёд кунад. Дар он сӯи панҷара писараки зебо ва қадбаланде меистод, ки рӯй ва пӯсти баданаш аз бозӣ ва машқ кардан дар офтоб суп-сурх буд. Либосҳои ҳарир ва атласи ӯ аз зиёдии сангҳои гаронбаҳо мисли оташ медурахшиданд, дар як паҳлуяш шамшери хурде овехта буд, ки он ҳам бо сангҳои рангоранг ороста буд, дар пояш мӯзаи пошнасурх ва дар сараш шапкачаи сурхи зебое дошт, ки парҳои канори он ба кифташ мефуромаданд ва дар болояш сангҳои гаронбаҳо медурахшиданд. Дар ҳузураш чанд нафар одамони хушлибос меистоданд, ки яқин хизматгоронаш буданд. Ин албатта шаҳзода аст, шаҳзодаи ҳақиқии зиндааст. Дар ин ҳеҷ ҷои шубҳа шуда наметавонад. Ниҳоят дуоҳои писараки гадо қабул шуда ва ӯ ба матлабаш расида буд.

Акнун Том зуд-зуд нафас мегирифт ва чашмонаш аз ҳайрат ва шодӣ калон кушода шуда буданд. Дар ин вақт фикраш бо як орзу машғул буд ва он

тамоми орзуҳои дигарашро аз ёд бароварда буд: мехост ба ин шаҳзода наздиктар рафта то сер шуданаш ӯро тамошо кунад. Пеш аз он ки чӣ кор карда истодани худро фикр кунад, нохост ба панҷараҳо наздик шуд. Дар ин маврид як нафар аз аскарон аз дасти вай гирифта ӯро чунон ба тарафи тӯдаи даҳаньялаҳои қишлоқ ва овораҳардҳои шаҳри Лондон ҳаво дод, ки бачаи бечора ғир-ғирак барин чарх зада ба замин афтид.

— Эй овора, ҳадди худатро бидон.

Тӯдаи тамошобинон қоҳ-қоҳ зада ханда карданд, аммо шаҳзодаи ҷавон давон-давон ва бо рӯи раҳшон ба пеши дарвоза омад ва аз ғазаб чашмонашро барқ занонда фарьёд кард:

— Бо кадом ҷуръат ин бачаи бечорараро азоб медиҳӣ? Ту чӣ ҳад дорӣ, ки ба камтарин фуқарои падари ман ингуна рафтор мекунӣ? Дарро кушо ва бигузор ӯ ба дарун дарояд.

Дар як лаҳза ин тӯдаи халқ шапкаҳои худро аз сар гирифтанд ва аз шодӣ бо як овоз „Зинда бод шаҳзода Уэльский“ гӯён фарьёд карданд.

Солдатҳо табарзинҳои худро бардошта таъзим карда, дарҳоро кушоданд ва замоне ки шоҳзодаи Фақирӣ бо либосҳои ҷулҳундии худ аз пешашон гузашта ба тарафи шаҳзодаи Давлатҳои Гарон рафт ва ба вай даст дароз кард, инҳо дубора таъзим карда сар фуроварданд.

— Ту, маълум мешавад, ки гуруснаӣ ва монда шудаӣ,—гуфт Эдуард Тьюдор,—туро ранҷонда ва озор додаанд. Аз ақиби ман биё.

Тақрибан шаш нафар аз хизматгорони дарборӣ пеш-пеш давида рафтанд, гӯё онҳо мехостанд ба кори шаҳзода мудохила карда Томро ба қасри королӣ нагузоранд.



2/3883



—Бигузор дарояд.

Лекин шаҳзода бо як ҳаракати шоҳонаи дасти худ онҳоро аз худ дур намуд ва онон дар ҷои худ шах шуда монданд. Эдуард Томро дар қаср ба як хонаи хеле олие ки он ҷоро кабинет—хонаи махсуси худаш меномид, даровард. Бо фармони ӯ дарҳол хӯрок оварданд, ингуна хӯрокҳоро Том дар зиндагонии худ ҳаргиз надида, фақат дар бораи онҳо дар китобҳо хонда буд. Бо як эҳтиром ва муҳаббате ки шоистаи шаҳзодагон аст, Эдуард хизматгоронашро аз хона баровард, ки бо нигоҳҳои мазаматкоронаи худ меҳмони мутавозеи ӯро ба хиҷолат наандозонд ва худаш дар паҳлуи Том нишаста дар вақти хӯрокхӯрӣ ба вай саволҳо дод:

— Номат чист, бача?

— Том Кенти, тақсирам.

— Номи аҷиб аст[1]. Дар куҷо истиқомат мекунӣ?

— Дар Сити, арз кунам ба хизмати шумо. Дар маҳаллаи Сарқутҳо, дар пушти растаи Пурхӯрон.

— Маҳаллаи Сарқутҳо. Боз як номи аҷиб. Падару модар дорӣ?

— Падару модар дорам, як модаркалон ҳам дорам, ки агар гуноҳ карда бошам худованд аз гуноҳам гузарад,—ӯро ҳеҷ чашми дидан надорам... Ду хоҳар ҳам дорам, ки аз як шикам зоида шудаанд. Номи яке Нен ва дигаре Бет аст.

— Афти кор, модаркалонат ба ту чандон меҳрубон нест?

— Ӯ ба ҳеҷ кас меҳрубон нест, арз кунам ба хизмати ҳумоюни шумо.—Дар дилаш аз меҳру муҳаббат асло асаре нест ва мудом бадӣ мекунад.

— Ӯ туро меранҷонад?

— Фақат замоне ки мехобад ва ё бо нӯшидани

---

[1] Кенти—дар англисӣ ба маънои шоду хуррам аст.

шароб акли худро гум мекунад, маро намеранҷонад. Аммо ҳамин ки ҳушьёр шуд, маро дучанд зиёдтар мезанад.

Чашмони шаҳзодаи хурд аз шиддати ғазаб дурахшиданд.

— Чи тавр. Мезанад?—фарьёд кард ӯ.

— Бале, арз кунам ба ҳузури ҷаноби шумо.

— Туро, бо вуҷуди ин ки як бачаи лоғар ва хароб ҳастӣ, боз ҳам мезанад? Гӯш кун, пеш аз он ки имрӯз шаб шавад, ӯро дастгир намуда ба зиндони Тауэр меандозанд. Падари ман король ва ҳукмаш ба ҳама чиз равост.

— Ҷаноби олӣ, аз хотири муборакн худ фаромӯш накунед, ки ӯ як одами ҳақир ва паст аст ва ҳол он ки зиндони Тауэр ба маҳбусони олидараҷа махсус мебошад.

— Рост гуфтӣ. Ман инро ба хотир наёварда будам. Ман чи навъ ҷазо додани ӯро фикр мекунам. Хуӣ, рафтори падарат чигуна аст?

Ӯ аз модаркалонам монданӣ надорад, тақсирам.

— Маълум мешавад, ки ҳамаи падарон як навъ будаанд. Хулқу хислати падари ман ҳам чандон мулоим ва хуб нест. Дасти ӯ хеле вазнин аст, аммо онро ба тарафи ман дароз намекунад. Лекин росташро гӯям, аз дашном худдорӣ намекунад. Хуб, бигӯ, ки модарат бо ту чигуна муомила мекунад?

— Ӯ хеле меҳрубон ва раҳмдил аст, шаҳрьёр, ҳеҷ вақт ба ман ранҷ ва озор намерасонад. Нен ва Бет ҳам хеле меҳрубонанд.

— Онҳо чандсолаанд?

— Ҳар ду ҳам понздаҳсола, тақсирам.

— Хоҳари ман леди Елизавета ҳам чордаҳсола аст. Леди Ҷен Грей—духтари тағоям бо ман ҳамсол аст, ҳар дуи онон ҳам меҳрубон ва мушфиқанд, аммо

хоҳари дигари ман, леди Мери симои хеле андӯҳгинона ва хашмгине дорад ва... бигӯ, хоҳарони ту ҳам магар хизматгоронашонро аз хандидан манъ мекунанд? Он хоҳари ман аз тарси гуноҳ ба хизматгоронаш иҷозат намедиҳад, ки ханда кунанд.



Дар вақти хӯрок хӯрдан Эдуард ба Том саволҳо дод.

— Хоҳарони ман,—хушаш канд,—магар шумо хаёл мекунед, ки хоҳарони ман хизматгор доранд?

Шаҳзодаи хурд дақиқае ба фикр фурӯ рафта ба гадои хурд назар намуд ва баъд гуфт:

— Пас, бигӯ, онҳо бе хизматгор чигуна зиндагонӣ мекунанд? Пас, шабҳо дар вақти кашидани либосҳояшон кӣ ба онҳо ёрӣ медиҳад? Пагоҳӣ, кӣ аз хоб хестанд, кӣ ба онҳо либос мепӯшонад?

— Ҳеҷ кас, тақсирам. Магар шумо мехоҳед, ки онҳо шабона либосҳои худро кашида мисли чорпоён бараҳна бихобанд?

— Бе либос?—ҳайрон шуд шаҳзода,—магар онҳо фақат яктогӣ либос доранд?

— Шаҳзодаи азиз, аз ин зиёдтараш ба онҳо чӣ даркор аст? Охир онҳо-ку фақат як бадан доранд.

— Суханони аҷиб мегӯй. Ин хандаи маро бубахш: ман туро ранҷонданӣ набудам. Хоҳарони меҳрубони ту Нен ва Бет ба қадри даркорӣ либос ва хизматгор хоҳанд дошт, ба зудӣ ин кор мешавад. Фармон медиҳам, хазинадори ман ғами онҳоро мехӯрад. Барои ин кори беаҳамият ба ман ташаккур карданат лозим нест. Ту хеле хуб ва ширин гап мезанӣ. Ту магар хондай, савод дорӣ?

— Не, тақсирам, кашиши раҳмдил Эндрью аз рӯи меҳрубонӣ ва илтифот хондани китобҳои худро ба ман омӯхтааст.

— Ту забони латиниро медонӣ?

— Тақсирам, ба гумонам, дониши ман дар ин бора хеле кам аст.

— Бихон, азизам. Инҳо фақат дар аввалҳо ба назар душвор менамоянд. Забони юнонӣ душвортар аст, аммо на латинӣ, на юнонӣ ва на забонҳои дигар барои хоҳарам Елизавета ва духтари тағоям ҳеҷ душворӣ намекунанд. Ту ба забони бегона чигуна гуфтугӯ кардани ин духтараконии ҷавонро агар мешунидӣ! Хуб, акнун дар бораи маҳаллаи Саркутҳои худатон гап зан. Дар он ҷо зиндагии ту ба хушӣ мегузарад?

— Агар шикам сер бошад, ба хушӣ мегузарад, тақсирам. Ба мо Панч ва Чедиро[1], ва ҳамчунин маймунҳоро нишон медиҳанд. Оҳ, онҳо чи қадар хуш ва масхараомезанд, либосҳои рангоранг ва хандаовар доранд. Ба мо тамошоҳои дигар ҳам нишон медиҳанд: артистҳо бозӣ мекунанд, фарьёдҳо мекашанд, бо ҳамдигар дастбагиребон мешаванд ва баъд як-

[1] Панч ва Чеди—қаҳрамонони бозиҳои кӯчагии англисонанд, аз қабили Полвонкачали мо.

дигарро гӯё ки кушта мурдавор ба замин меафтанд; хеле тамошо дорад ва ба тамоми ин фақат як фартинг додан лозим аст, аммо баъзе вақтҳо ин фартингро ёфтан хеле душвор мешавад, арз кунам ба хизмати ҷаноби шумо.

— Боз бигӯ, ки чиҳо ҳаст?

— Мо бачагон дар маҳаллаи худамон баъзан худи, шогирдҳо барин ба дастҳоямон чӯб гирифта бо ҳамдигар ҷанг мекунем.

Чашмони шаҳзода якбора дурахшиданд.

— Ман ҳам ин бозиро дӯст медорам. Хуб, боз бигӯ.

— Баъд, моён бозии дав-давакон мекунем, ки кӣ пеш мегузарад.

— Ин бозӣ ҳам ба ман маъқул аст, хуб баъд?

— Дар тобистон, тақсирам, мо лолуч ва бараҳна ба даруни дарьё мегардем, оббозӣ мекунем, ба ҳамдигар об мепошем ва ба даруни об шино мекунем, фарьёд кашида метозем.

— Ман барои ин ки як бор дар умрам чунин бозӣ кунам, тамоми подшоҳии падарамро медодам. Боз бигӯ, ки чӣ корҳо мекунед?

— Мо дар атрофи сутуни май дар Чипсайд сурудҳо мехонем ва мерақсем, ҳамдигарро ба даруни рег гӯр мекунем; мо аз гил ва лой самбӯсаҳо месозем. Гилу лой чи қадар хуб аст. Дар тамоми дуньё ҳеҷ чизи дигаре ба мо ин лаззатро намедиҳад. Дар ҳузури шумо беадабӣ ҳам шавад, арз мекунам! моён ба даруни лой ғелида мехобем.

— Дигар нагӯ. Ҳамаи инҳо хеле хуб аст. Агар ман ҳам ақаллан як бор мисли либосҳои ту либос пӯшида, кафшҳои худро аз по бароварда ақаллан як бор аз ин лойбозиҳо лаззат мебурдам, агар маро нигоҳ намедоштанд ва дашном намедоданд, —

ба ризои худ тахту тоҷи худро ба ин лаззат мебахшидам.

— Аммо ман... агар ман ҳам ақаллан як бор мисли шумо либос мепӯшидам, ақаллан як бор...

— Ҳо, ту инро мехоҳӣ? Хуб, чӣ зарар дорад? Бигузор мувофиқи майли ту шавад. Ту либосҳои жандаи худро кашида ин либосҳои олиро бипӯш. Мо як муддати кӯтоҳе ҳар ду хушбахт мешавем. Аз ин кор лаззати орзуҳои мо камтар намешавад. Ба қадре ки мумкин аст, ҳар ду кайфи худро меронем ва пеш аз он ки омада ба мо монеъ шаванд, боз ҳар кадомамон либосҳои худро мепӯшем.

Баъд аз якчанд дақиқа шаҳзодаи хурд Уэльский жандаҳоеро, ки либоси Томро ташкил мекард, пӯшид ва гадои хурд, шоҳзодаи Гадой либосҳои олии шоҳонаро дар бар намуд. Ҳар ду ба назди оинаи бузург рафта истоданд. Аҷаб ин ки ба назари онон чунон намудор шуд, ки онҳо ҳаргиз либосҳои худро иваз накардаанд. Онҳо як лаҳза бо диққат ба ҳамдигар нигариста баъд ба оина назар карданд. Ниҳоят шаҳзода ҳайрон шуда гуфт:

— Ту дар ин бора чӣ фикр мекунӣ?

— Ҷаноби олӣ, ба ин савол аз ман ҷавоб напурсед. Касоне ки дар қатор ва дараҷаи ман мебошанд, набояд ба ингуна матлабҳо мудохила намоянд.

— Он вақт ман бигӯям. Мӯҳои ту, чашмони ту, овози ту, рафтори ту, қаду қомати ту, сохти бадан ва чеҳраи ту тамоман ба ман монанд аст. Агар мо ҳар ду бараҳна ба берун мебаромадем, ҳеҷ кас гуфта наметавонист, ки кадоми аз моён ту ва кадом шаҳзода Уэльский мебошем. Ҳоло ки ман либосҳои туро пӯшидаам, он ҳолатеро, ки ту дар вақти рафтори дағалонаи он солдат ҳис карда будӣ, беҳтар ҳис мекунам... Нигоҳ кун дар болои дастат доғи кабуд ҳаст.



Таматон сиҳат бошад, ҷаноби олӣ.

— Зарар надорад, таксирам. Ҷаноби олӣ, худатон медонед, ки он солдати бадкирдор...

— Сокит бош! Ӯ хеле рафтори шармангез ва берахмона кард,—фарьёд кард шаҳзодаи хурд ва пойҳои бараҳнаи худро ба замин кӯбид.—Агар король... Хуб, то баргаштани ман аз ҷоят наҷумб! Ин фармони ман аст!

Дар як лаҳза аз болои стол чизеро, ки гӯё аҳамияти давлатӣ дошт, бардошта дар ҷое пинҳон намуд ва ба берун давида бо либосҳои пора-пораи худ аз роҳҳои хилвати дарбор тохта рафт. Рӯяш рахшон шуд ва чашмонаш барқ заданд. То дарвозаи калон давида ҳалқаҳои оҳанини дарвозаро сахт кӯбид ва фарьёд карда гуфт:

— Кушо, дарро кушо!

Ҳамон солдате ки Томро ранҷонда буд, дарҳол ин талаби ӯро баҷо овард ва ҳамин ки шаҳзода аз шиддати ғазаби шоҳонаи худ нафасаш гирифта аз дарвозаи баланд берун баромад, солдат ба тахти гӯши ӯ чунон як шаппотии сахте часпонд, ки ӯ муаллақ зада ба миёни кӯча парид.

— Ана ин дар ивази ҳамон сарзанише ки ман ба хотири ту аз ҷаноби олӣ шунидам!—гуфт солдат.

Тӯдаи тамошобинон баланд ханда карданд. Шаҳзода ба миёни лой афтод. Ва аз ҷояш баланд шуда бо ғазаб ба солдат наздик рафт ва фарьёдкунон гуфт:

— Ман шаҳзода Уэльский мебошам. Ман ҷаноби олӣ ҳастам ва барои ин ки дасти ифлосатро ба баданам расондӣ, туро ба дор хоҳанд овехт.

Солдат бо табарзини худ аз рӯи масхара ба вай таъзим карда табассумкунон гуфт:

— Танатон сиҳат бошад, ҷаноби олӣ.

Ва баъд бо ғазаб илова намуд:

— Бирав аз ин ҷо, овораи девона!

Тӯдаи тамошобинон қоҳ-қоҳ кашид ва ба атрофи шаҳзодаи бечора ҷамъ шуда бо фарьёди масхара дар кӯча аз паси вай равон гардид:

— Ба аълоҳазрати подшоҳ роҳ диҳед, ба ҷаноби шаҳзода роҳ диҳед.

*Боби чорум*

## БАДБАХТӢ ВА САРГАРДОНИҲОИ ШАҲЗОДА САР МЕШАВАД

Соатҳои зиёде халоиқ аз паси шаҳзода рафта ӯро масхара мекарданд ва баъд аз ӯ рӯ гардонда ӯро танҳо монданд. То модоме ки шаҳзода қувват ва зӯр дошт, тамошобинонро бо хашм ва ғазаб аз худ дур мекард ва ононро бо ғазаби шоҳонаи худ метарсонд ва бо овози шоҳонаи худ ба онон фармон медод, мардум ба ин корҳои вай ханда мекарданд; аммо ҳамин ки мондагӣ ӯро ба хомӯш шудан маҷбур кард ва ӯ дар муқобили озордиҳандагони худ беқувват монд, онҳо аз паси тамошои дигар рафтанд. Пас аз ин шаҳзода дар кӯчаҳо мегашт, лекин дар куҷо будани худро намедонист. Фақат ҳамин қадараш ба вай маълум буд, ки дар Ситии Лондон аст. Ӯ ба ҳар ҷо ки чашмаш афтад, бемақсад мерафт, баъд аз андаке хонаҳо то рафт камтар шуданд ва рафтуомад ҳам хеле кам шуд. Ӯ поҳои хунини худро ба дарьёе ки дар он вақтҳо дар ҷои Фарингдон-стрити ҳозира ҷорӣ буд, дароз карда якчанд дақиқа ором гирифт ва баъд боз ба роҳ даромад. Баъд ӯ ба майдони васее баромад, ки дар он ҷо фақат иморатҳои парокандa ва як калисои бузург намоён буд. Ӯ ин калисоро шинохт. Атрофи ин калисо бо хавозаҳо иҳота карда шуда ва дар ҳар тараф коргарҳо ба кор маш-

ғул буданд, шикастурехт мекарданд. Дили шаҳзода якбора қувват гирифт. Ҳис кард, ки фалокатҳои ӯ дигар тамом хоҳанд шуд ва худ ба худ гуфт: „Ин калисои кӯҳнаест, ки дар он монахҳо (роҳибхо) зиндагонӣ мекарданд. Король, яъне падарам ин ҷоро аз дасти онон гирифта ба бачагони овора ва фақир паноҳгоҳ қарор дод ва номашро ҳам дигар карда „Сумияи Исо“ номид. Албатта бошандагони ин ҷо ба писари он касе ки дар ҳаққи онон ин қадар хайр ва некии бузург кардааст, бо мамнуният ёрӣ хоҳанд дод, дар ҳолате ки фарзанди он одам ҳам ҳоло мисли худи онон овора ва бехонумон мондааст“.

Ба зудӣ ӯ худро дар миёни бачагоне дид, ки ба ҳар тараф медавиданд, метохтанд, ҳаппакбозӣ мекарданд, доду фарьёдашон баланд буд ва ҳар як бо ҳар чи ки мехост, машғул буданд. Либоси онон мисли шогирдбачагон ва хизматгорони он замон буд. Ҳар яки аз онон дар теппаи сари худ тақсимӣ барин кулоҳчаи хурде дошт, ки сарашро на аз гармӣ муҳофиза мекард ва на аз хунукӣ, чунки хеле хурд буд. Мӯҳои буридаи онон аз таги ин кулоҳ намоён буд. Дар гиребонашон мисли рӯҳониён гарданбанд ва дар танашон камзӯлҳои кабуде буд, ки сахт ба баданашон мечаспид ва то камарашон мерасид. Дар камарашон миёнбанди паҳну сурх, дар пойҳояшон пайпоқҳои заб-зард ва кафшҳои паст пӯшида буданд. Ин сару пои онон хеле нозеб буд.

Бачаҳо бозии худро монда ба даври шаҳзода ҷамъ шуданд. Ӯ бо як олиҷанобии табиӣ ба гап сар карда гуфт:

— Бачагони азиз, ба сардори худ бигӯед, ки Эдуард шаҳзода Уэльский бо вай гап задан мехоҳад.

Ин суханони ӯро бо як ҳаёҳуи баланде пешвоз карданд ва як ҷавони беназокат гуфт:

— Эй побарахна, магар ту вакил ва намояндаи ӯ ҳастӣ?

Дар рӯи шаҳзода оташи ғазаб шӯълавар гардид ва ӯ дасташро ба паҳлуи худ дароз кард, гӯё мехост шамшери худро аз ғилоф барорад ва лекин дар он



Кам монда буд, ки сагхо ӯро пора кунанд.

чо чизе наёфт. Ҳама бо овози баланд ханда карданд. Эдуард гуфт:

— Бале, ман шаҳзодаам ва шумо, ки дар сояи марҳамати падарам зиндагонӣ мекунед, бо ман набояд чунин рафтор кунед.

Ин гап ба онҳо боз ҳам аҷибтар намуд ва ҳамаи онон бо як овоз ханда карданд. Ҷавоне ки ба гап даромада буд, ба рафиқони худ хитоб карда гуфт:

— Эй хукҳо, эй ғуломбачаҳо, эй нонхӯрони суфраи падари ин ҷаноб, магар одат ва қоидаро фаромӯш кардаед? Зуд дар пеши ин ҷаноб зону ба замин афтед ва пойҳои муборакашро бӯса кунед. Эҳтироми қаду комати боазамат ва жандаҳои шоҳонаи ӯро баҷо оваред.

Ва ҳамаи онҳо бо фарьёдҳои баланд дар пеши шаҳзода зону зада ва эҳтиромоти истеҳзокоронаи худро баҷо оварданд.

Шаҳзода бачаеро, ки дар наздикаш истода буд, лагаде зад ва аз ғазаб фарьёд кашида гуфт:

— Ин то фардо музди ту! Фардо боқимондаашро дар сари дор хоҳӣ дид.

Ҳоло дигар ҷои ҳазл намонда буд. Дар ин ҷо чӣ ҳазл шуда метавонад? Хандаҳо дар як лаҳза тамом шуданд ва ҷои истеҳзоро ғазаб фаро гирифт. Даҳ овоз якбора фарьёд баровард:

— Бигиред инро! Ба ҷӯй андозед. Сагҳо куҷоянд? Лев, куҷоӣ, биё!

Баъд тамошое сар шуд, ки Англия то он вакт баробари инро надида буд. Тӯдаи бачагони авом ба болои зоти муборакк валиахди мамлакат даст бардоштанд ва сагҳоро ба болои ӯ барангехтанд ва кам монда буд, ки сагҳо ӯро пора намоянд.

Дар аввали шаб шаҳзода дар ҷои серодами шаҳри Лондон буд. Баданаш бо доғҳои кабуд пур ва хунин шуда ва жандаҳояш гилолуд шуда буданд. Ӯ бо хашм ва ғазаб дар кӯчаҳо мегашт ва то рафт шуури дар куҷо будани худро гум карда дар ҳолати монда ва хаста базӯр пойҳояшро мекашид. Ӯ дигар аз раҳгузарон чизе намепурсид, чунки онҳо ба ҷои

ҷавоб ӯро дашном медоданд. Ӯ фақат худ ба худ ғур-ғур карда мегуфт:

„Маҳаллаи Сарқутҳо! Агар қуввати бозувонам кифоя мекард ва худамро пеш аз он ки ба замин ғалтам, ба он ҷо расонда метавонистам, чӣ қадар хуб буд,— дигар ҷонам халос мешуд. Падар ва модари ӯ маро ба дарбор бурда мерасонанд ва исбот мекунанд, ки ман аз хонаводаи онон нестам ва шаҳзодаи ҳақиқӣ мебошам, он вақт ман боз аз сари нав мисли собиқ зиндагӣ хоҳам кард".

Гоҳ-гоҳ чигуна озор додани бачагони Сумиаи Исоро ба ёд оварда худ ба худ мегуфт:

„Замоне ки худам король шудам, ба онҳо танҳо хӯрок ва ҷои хоб надода, балки ҳамаашонро ба хондан ҳам маҷбур хоҳам кард. Чунки агар дил ва майнаи инсон гурусна бошад, серии шиками он ҳеҷ арзише надорад. Инро ба хубӣ дар хотир нигаҳ доштан лозим аст ва дарсе ки ман имрӯз дар ин ҷо гирифтам, набояд беҳуда фаромӯш шавад. Дониш дили инсонро мулоимтар намуда, дар одам ҳисси ғамхорӣ ва назокатро парвариш медиҳад".

Аз дур рӯшноие намудор шуд. Дар ин асно борон боридан гирифт ва боди сахте бархост ва шаби сарде ҳама ҷоро фаро гирифт. Лекин шаҳзодаи бехонумон, валиаҳди саргардони салтанати Англия боз роҳ мерафт ва то рафт ба даруни кӯчаҳои пурлое ки дар онҳо фақирӣ ва бадбахтӣ ҷо гирифта буданд, медаромад.

Ногоҳ як марди масти қадбаланд бо дағалии тамом аз гиребони вай гирифт:

— Боз то ин вақти шаб дар кӯчаҳо беҳуда гаштӣ ва ба хона ақаллан як пули сиёҳ ҳам наёвардӣ? Агар пул наёварда бошӣ, бин, ки туро чӣ хоҳам кард. Агар тамоми устухонҳоятро банд аз бандаш ҷудо накунам, ман Ҷон Кенти намебошам!

Шаҳзода худро аз чанголи маст халос намуд ва беихтиёр кифти бо дастони вай олудашудаи худашро покиза кард ва ба ҳуш омада гуфт:

— Э ту падари ӯ ҳастӣ? Шукр ба худои замину осмон. Маро ба хонаи падарам расонда писари худро аз он ҷо гирифта биё!



Маст аз гиребони вай гирифт.

— Падари ӯ? Ман намедонам, ки ту чӣ гуфтанӣ ҳастӣ? Аммо ҳамин қадарашро медонам, ки ман падари туам... Ва ту ба зудӣ инро хоҳӣ фаҳмид...

— Эй ҳазл накун, ҳилагарӣ накун ва дар ин кор таъхир манамо. Ман монда шудаам, тамоми баданам пур аз захмҳост ва дигар тобу тавон надорам. Маро ба ҳузури падарам король бубар ва ӯ дар ивази ин кор ба ту чунон инъомҳое хоҳад дод, ки ту онҳоро дар хобҳои хеле ширин ва хуши худ ҳам надидаӣ. Бовар кун ба гапи ман. Ман ба ту дурӯғ намегӯям, ман ҳақиқатро ба ту мегӯям! Дасти худро ба сӯи ман дароз кун ва маро аз ин бало халос намо! Аз ростӣ ман шаҳзода Уэльский мебошам.

Ҷон Кенти бо тааҷҷуб чашм дӯхта сарашро ҷумбонда истод ва худ ба худ гуфт:

— Магар девона шуда ва ақлашро гум кардааст?

Баъд боз гиребони ӯро гирифт ва боз бо овози хиррӣ хандае карда дашномҳои қабеҳ дод.

— Ту ақлатро гум кардаӣ, ё не, ба хона биё, ман бо модаркалонат устухонҳоятро шумурда медиҳем ва агар ин тавр накунам, ман Ҷон Кенти намебошам!

Ва ӯ шаҳзодаи пурғазабро, ки бо сахтӣ истодагарӣ мекард, боз кашола карда бо ҳамроҳии вай ба яке аз ҳавлиҳое ки дар он наздикӣ буд, даромад, фарьёдҳои хушҳолонаи авбошони кӯча онҳоро дар ин ҳол то дами дарвозаашон гусел кард.

*Боби панҷум*

## ТОМ ДАР РОЛИ АСИЛЗОДАГОН

Том Кенти ҳамин ки дар кабинети шаҳзода якка монд, аз ин танҳоии худ ба хубӣ истифода кард. Ӯ дар пеши оинаи калон ҳар дам ба тавре истода либосҳои олии худро тамошо карда лаззат мебурд, баъд аз оина дур шуда ва ҳамеша ба қаду комати оличанобонаи шаҳзода тақлид карда ба оина назар мекард. Баъд шамшерро аз ғилофаш кашида бо эҳ-

тироми тамом теғаи онро бӯса кард ва онро сахт ба оғӯши худ гирифт. Ӯ ин корҳоро панҷ-шаш ҳафта пеш аз ин, вакте ки як нафар аз паҳлавонони асилзода ва ду нафар аз лордон Норфольк ва Суррейро барои ҳабс кардан ба Тауэр мебурд, ба коменданти зиндон ҳамин навъ таъзим кардани онро дида буд[1]. Том бо ханҷари пурзебу зинате ки ба паҳлуяш овезон буд, бозӣ мекард ва ба ашьёҳои олӣ ва гаронбаҳои хона нигоҳ мекард, ба навбат ба курсӣ ва стулҳои олӣ менишаст ва агар бачагони маҳаллаи Саркутҳо як лаҳза сарашонро ба ин хона даровардa ин дабдабаи ӯро медиданд, то чӣ андоза ифтихор намудани худашро фикр мекард. Оё замоне ки ӯ ба хонаи худ баргардад, онҳо ба ин воқеаи афсонамонанди ӯ бовар хоҳанд кард ё ин ки сарашонро ҷумбонда хоҳанд гуфт, ки Том аз шиддати хаёлоти худ девона шудааст.

Ним соат ба ҳамин ҳол гузашт. Дар ин вакт аввалин бор хеле дер мондани шаҳзода ба хотираш расид. Ва танҳо мондани худро ҳис намуд. Ба зудӣ бозичаҳои нафисе ки ӯро иҳота карда буданд, аз андармон кардани вай оҷиз монданд. Ӯ бо ҳирси тамом ба ҳар як овоз гӯш медод. Дар аввал худашро гум карда буд, баъд дилаш ба воҳима афтод ва ниҳоят ғамгин ва маҳзун шуд. Нохост одамон медароянд ва ӯро дар либоси шаҳзода мебинанд, шаҳзодаро дар ин ҷо намеёбанд. Он вакт ин воқеаро ба онҳо кӣ мефаҳмонад? Онҳо ба асли кор пай набурда дарҳол ӯро дар ин ҷо мекушанд ва баъд ҳақиқатро фаҳмиданашон мумкин аст. Воҳимаи ӯ то рафт

---

[1] Томс Говард герцоги Норфольк (1473—1554) бо гуноҳи хиёнаткорӣ ба давлат ба ҳабс гирифта шуда буд. Писари вай Генри Говард, лорд Суррей бо ҳамроҳии ӯ ба ҳабс гирифта шуда, дар соли 1547 ба дор овехта шуда буд.

зиёдтар мешуд: дар ҳолате ки тамоми баданаш дар ларза буд, оҳиста дари хонаро кушода ба раҳрав баромад. Ба зудӣ шаҳзодаро ёфтан лозим аст. Шаҳзода ӯро албатта мудофиа намуда ва аз ин бало озод хоҳад кард. Шаш нафар одамоне ки хеле либосҳои хуб дар бар доштанд ва аз ҷумлаи хизматгорони шаҳзода буданд, ва ду нафар маҳрамбачаи ҷавон, ки аз асилзодагон ба шумор мерафтанд ва мисли парвона либосҳои хушнамуд пӯшида буданд, давида аз ҷо хестанд ва ба ӯ таъзим карданд. Ӯ бошитоб ақиб рафта боз дарро маҳкам баст.



Баъд шамшерро аз ғилофаш баровард.

„Онҳо маро масхара мекунанд,—гуфт худ ба худ. — Онҳо ҳоло рафта тамоми воқеаро мегӯянд... Оҳ, охир ман чаро ба ин ҷо омадам ва худро ба чанголи марг ҳаво додам".

Ӯ дар ҳолате ки тарси зиёде тамоми ҳастиашро фаро гирифта буд, аз як гӯша ба гӯшаи дигари хона мерафт ва аз ҳар хашар-хишире ки мешунид, яккад мепарид. Нохост дар кушода шуд ва як маҳрамбачаи атласпӯш арз намуд:

— Леди Ҷен Грей ташриф овардаанд.

Дар кушода шуд ва духтари зебои хушлибосе

даромада давон-давон ба назди ӯ омада ва якбора истода бо маҳзунӣ гуфт:

— Вой, ту чаро ин қадар маҳзун ва маъюсӣ, шаҳзодаи ман?

Том дар ҷои худ шах шуда монд, вале худашро базӯр нигоҳ дошта гуфт:

— Эй ба ҳоли ман раҳм кун! Ман шаҳзода нестам, балки Том Кентии бечора мебошам, ки дар Сити дар маҳаллаи Саркутҳо зиндагонӣ мекунам. Аз ту хоҳишмандам, ки шаҳзодаро ба ман нишон бидиҳӣ, то ки ӯ либосҳои жандаамро ба ман иноят фармуда иҷозат диҳад, ки сиҳат ва саломат аз ин ҷо баромада равам. Раҳм кун ба ҳолам ва маро аз ин ҷо халос кун!

Писарак ба ду зону нишаста на ин ки ба забон, балки бо нигоҳҳои худ ҳам ба хоним илтиҷо намуда ба тарафи ӯ дастони худро дароз мекард. Духтарак аз ҳайронӣ лол шуд ва баъд якбора фарьёд баровар-да гуфт:

— Эй милорди ман, ин чӣ аҳвол аст, ту чаро дар пеши ман ба зону афтодӣ?

Ва аз тарс аз хона тохта баромад, вале Том аз ҳаяҷон бехуд шуда ба рӯи пол афтод ва худ ба худ гуфт: „Аз ҳеҷ тараф мададе нест, аз ҳеҷ куҷо умеде нест! Акнун омада маро дастгир хоҳанд кард!

Вақте ки ӯ аз ҳавлу тарс бехуд шуда дар рӯи замин афтода буд, хабари даҳшатангез ба тамоми дарбор паҳн гардид. Ин хабар аз як маҳрам ба маҳрами дигар, аз як лорд ба лорди дигар, аз як хоним ба хоними дигар мегузашт. Вале ҳеҷ кас дар ин бора ҷасорати бо овози баланд гуфтугӯ карданро надошт. Дар тамоми раҳравҳои дароз ва хонаҳои бузурги ошьёнаҳои гуногуни дарбор хабари „шаҳзода девона шудааст, шаҳзода ақли худро гум кардааст“ гуфта мешуд.

Ба зудӣ дар тамоми меҳмонхона ва дар ҳамаи остонаҳои мармарии дарбор тӯда-тӯда лорд ва ледиҳои оличоҳ ва дигар ҷанобон, ки мартабаашон хурдтар ҳам бошад, лекин савлаташон камтар набуд, ҷамъ гардида буданд; ҳама бо диққат ва мароқ бо ҳамдигар гӯшакӣ гап мезаданд ва дар рӯи ҳамаашон аломати ҳузн ва ғамгинӣ намоён буд. Ногоҳ дар байни ин гурӯҳҳо маъмури дарбори подшоҳӣ, ки либосҳои хеле пурҳашамат пӯшида буд, намудор шуд. Ӯ бо қадамҳои вазнин аз пеши ҳама гузашта бо овози лабдабадоре гуфт:



Онҳо ҷавида аз ҷо хестанд ва ба ӯ таъзим карданд.

— *Аз номи король!*

*Ин хабари дурӯғ ва беҳударо гӯш кардан, дар он бора гуфтугӯ намудан ва онро ба беруни дарбор паҳн кардан манъ карда мешавад ва дар акси ҳол ҷазои марг дода хоҳад шуд!*

Гӯшакӣ гап заданҳо дарҳол хомӯш гардид, гӯё ки ҳамаи онҳо якбора лол ва безабон шуданд.

Ба зудӣ дар раҳравҳои дарбор мисли ғуввоси замбӯр овозҳо шунида шуданд:

— Шаҳзода! Бубинед, шаҳзода меояд!

Томи бечора аз пеши дарбориёне ки сар хам карда таъзим мекарданд, бо викори тамом мегузашт ва кӯшиш мекард, ки бо чунин таъзимҳо ба онон ҷавоб бидиҳад ва бо чашмони парешонҳолона ва ҳакиронаи худ ба ин авзои аҷиб нигоҳ мекард. Аз ҳар ду тарафи ӯ ду нафар аз аъёнон омада аз таги бағали ӯ гирифта буданд, ки ӯ бо матонат қадам бардорад. Аз паси ӯ табибони дарборӣ ва якчанд хизматгорон меомаданд.

Ба зудӣ Том худашро дар як хонаи пурҳашамате дид ва аз паси худ пӯшида шудани дарро шунид. Касоне ки бо ҳамроҳии ӯ омада буданд, нимдавра шуда қатор истоданд. Дар пешгоҳи хона дар як масофаи наздике дар болои каравот як нафар марди бузург, ғафс ва серпаҳлу бо чеҳраи пажмурдашуда ва назарҳои гиро дароз кашида хобида буд. Дар сари калони ӯ мӯҳо тамом сафед шуда ва бакенбардаш[1], ки тамоми рӯяшро фаро гирифта буд, сап-сафед буд. Либосҳои ӯ аз парчаҳои аъло дӯхта шуда, аммо аз бисьёр пӯшида шудан баъзе ҷоҳояш андак фарсуда шуда буд. Поҳои ӯ варам карда буданд, яке аз онҳо

[1] Бакенбард—рише, ки дар ду чакка мемонанд. (*Тарҷимон*)

бо дока печонда шуда аз каравот ба поён дароз карда шуда, дар болои як болишт ниҳода шуда буд. Дар хона хомӯшӣ ҳукмфармо буд ва ҳама ба ғайр аз он одам бо эҳтиром сари худро хам карда буданд. Ин марди маиб, ки рӯи пурҳайбате дошт, Генрихи VIII мудҳиш буд.

Ӯ ба гап даромад ва чеҳраи ӯ якбора меҳрубонтар шуд.

— Хуб, чӣ хабар аст, милорди азиз Эдуард? Ба ту чӣ шуд, шаҳзодаи ман? Ту бо чӣ хаёл бо ин ҳазли худ маро, маро, ки падари меҳрубони ту буда, туро дӯст медорам ва навозиш мекунам, — аҳмақ кардан мехоҳӣ?

Томи бечора чӣ қадар, ки ин вазъияти вазнинаш имконият медод, аввал суханони ӯро гӯш кард, вале замоне ки „ман падари меҳрубони ту" гуфтани ӯ ба гӯшаш расид, тамоман мисли мурда шуд ва мисли одами тирхӯрда ба ду зону ба замин афтод ва дастони худро боло бардошта ба вай хитоб кард:

— Ту король ҳастӣ! Бас кори ман тамом шудааст!

Король ҳайрон шуда чӣ гуфтани худро надонист. Чашмони вай бо ҳайрат ва тааҷҷуб аз як рӯ ба рӯи дигар нигоҳ карда, ниҳоят ба рӯи писарак дӯхта шуданд. Ӯ бо овози ноумедонае ба гап даромада гуфт:

— Оҳ, ман хаёл мекардам, ки овозаҳо ҳақиқат надоранд, вале метарсам, ки дар ин фикри худ хато карда бошам.

Ва оҳи сарде кашида бо меҳрубонӣ ба сухани худ давом кард:

— Писарам, ба падари худ наздик шав: ту эҳтимол бемор шуда бошӣ.

Ба Том мадад карда ӯро аз ҷо хезонданд ва ӯ дар ҳолате ки тамоми баданаш меларзид, ба аъло-

ҳазрати короли Англия наздик шуд. Король рӯи ҳаросони ӯро ба даст гирифта бо муҳаббат ва бо диққат ба ӯ нигоҳ кард, гӯё ки аломатҳои боз аклнок шудани писарашро мекофт. Баъд сари чингиламӯи ӯро ба оғӯши худ кашида бо шафқат навозиш намуд.



Ӯ ба зону афтод.

— Писарам, наход ки ту падари пири худатро намешиносӣ?—гуфт ӯ. — Дили мани пирро нашикан. Бигӯ, маро шинохтӣ ё не! Охир ту-ку маро мешиносӣ, магар чунин нест?

— Бале, шумо ҳукмфармои олиҷоҳи ман, короли ман ҳастед, илоҳӣ умри шуморо худо зиёд кунад!

— Дуруст аст, дуруст аст... Ин хеле хуб... Роҳат бош, наларз; дар ин ҷо касе туро намеранҷонад; дар ин ҷо ҳама туро дӯст медоранд. Акнун аҳволат беҳтар шуд ё не? Ростӣ ҳам хоби бад акнун мегузарад? Ту боз худатро мешиносӣ? Ҳоло ба ман хабар доданд, ки ту худро бо номи дигар номидаӣ. Росташро бигӯ, ту дигар худатро ба номи каси дигар нахоҳӣ номид, чунин нест?

— Аз ту хоҳиш мекунам, ба гапи ман бовар кун, дар ҳаққи ман меҳрубонӣ намо, эй ҳукмфармои оличоҳи ман! Ман фақат ҳақиқатро ба ту арз мекунам... Ман камтарин фуқарои ту мебошам. Ман гадозодаам ва фақат як ҳодиса ва тасодуфи бадбахтонае маро ба ин ҷо овардааст ва ҳол он ки ман ҳеҷ кори нолоике накардаам. Ҳанӯз вақти марг ва кушта шудани ман нест. Ман ҷавонам ва як сухани ту маро метавонад аз чанголи марг халос намояд, аълоҳазрато, ҳамин як калимаро аз ман дареғ надор!

— Марг? Шаҳзодаи азиз, ту ин суханҳоро магӯ. Ором шав; бигузор қалби пурҳаяҷони ту ором ва осуда шавад. Ту нахоҳӣ мурд.

Том бо фарьёдҳои хушҳолона ба зону афтод.

— Подшоҳи ман, худованд дар ивази ин марҳаматат ба ту мукофоти хайр диҳад ва умру давлати туро зиёд гардонад!

Том зуд бо чеҳраи шод бапо хеста ба ду нафаре ки дар атрофаш буданд, муроҷиат намуд:

Шумо шунидед? Ман нахоҳам мурд, инро худи король гуфтанд.

Ҳама бо як эҳтироми ғамгинонае сарҳои худро хам карданд ва ҳеҷ кас аз ҷои худ ҳаракат накард ва ҳеҷ сухане нагуфт.

Том андаке хиҷолатманд шуда беҳаракат истод ва баъд ба король рӯ гардонда бо тарс пурсид;

— Акнун ман рафта метавонам?

— Рафтан? Албатта, агар хоҳӣ метавонӣ. Аммо чаро майл надорӣ, ки андаке бо ман нишинӣ? Ту куҷо рафтан мехоҳӣ?

Том чашмонашро ба поён дӯхта бо оромӣ ҷавоб дод:

— Шояд ман саҳв карда бошам, лекин ман хаёл карда будам, ки ҳоло дигар озодам ва метавонам ба харобахонае ки дар он ҷо бо факирӣ зоида шуда ва зиндагонӣ кардаам, баргардам. Ҳанӯз ҳам дар он ҷо падар ва модар ва хоҳарони ман зиндагонӣ мекунанд. Хонаи ман ҳамон хароба аст ва ин ҳама кошонаҳои пурдабдаба, ки ман ба онҳо одат накардаам, ба ман бегонаанд... Аълоҳазрато, марҳамат фармуда ба ман иҷозат диҳед биравам!

Король ба фикр фурӯ рафт ва дакикае хомӯш шуд. Рӯи ӯ озори то рафт зиёдшавандаи қалбаш ва ҳаяҷони дилашро нишон медод. Вале замоне ки ба гап даромад, аз овозаш нишонаҳои умедворӣ намоён буд.

— Шояд ӯ факат дар ин масъала акли худро гум карда бошад ва дар масъалаҳои дигар фикру акли ӯ равшан ва саломат мебошад. Худовандо, кошкӣ ҳамин тавр мешуд! Мо акнун ӯро имтиҳон мекунем.

Ӯ ба Том ба забони лотинӣ саволе дод ва Том як навъе карда ба вай бо забони лотинӣ ҷавоб гардонд. Король хеле хушҳол шуд ва ин хушҳолии худро пинҳон ҳам накард. Лорд ва табибон низ хурсандии худро изҳор карданд.

— Бо он маълумот ва донише ки дорад, аз ин беҳтар хам ҷавоб доданаш мумкин буд,—гуфт король.—Ин ҷавоби ӯ нишон медиҳад, ки акли ӯ як кадар мағшуш шуда, вале тамоман зарар наёфтааст. Сэр шумо дар ин бора чӣ фикр мекунед?

Табибе ки ин суханони король ба ӯ гуфта шуда буд, таъзим карда ҷавоб дод.

— Аълохазрато, эҳтимоли шумо дуруст аст ва бо мулоҳизаи ман тамоман мувофиқ мебошад.



Король ба лордҳо муроҷиат кард.

Маълум мешавад, ки король аз ин тасдиқи гуфтаҳои худаш, ки аз забони мутахассис шунида шуд, хушҳол гардид ва бо шодӣ ба гапаш давом кард:

— Хуб! Ҳама диққат кунед. Мо ӯро боз имтиҳон мекунем.

Ва ӯ ба Том ба забони французӣ саволе дод. Том як дақиқа сукут кард, азбаски назари ҳама ба ӯ дӯхта шуда буд, андаке хиҷил шуд ва баъд шармгинона ба гап сар карда гуфт:

— Бо иҷозати ҷаноби олӣ арз кунам, ман бо ин забон ошно нестам.

Король сарашро ба рӯи болишт партофт. Чанд нафар аз ходимон ба пеши ӯ давиданд, лекин ӯ онҳоро аз худаш дур карда гуфт:

— Маро беҳузур накунед, ин заъфи дили ман мегузарад. Маро бардоред! Хуб, бас аст! Ба назди ман биё, писари азизам; сари бемори худро ба синаи падари худ бигузор ва ором шав! Ту ба зудӣ сиҳат меёбӣ: ин хатои зеҳнии ту бемории даргузар мебошад ва ба зудӣ мегузарад. Натарс! Ту ба зудӣ тандуруст мешавӣ!

Ва баъд ба дигарон муроҷиат кард ва аломатҳои меҳрубонӣ, ки дар рӯяш буданд, ба зудӣ ба ғазаб мубаддал шуданд ва дар чашмонаш гӯё ки оташпораҳо барқ мезаданд.

— Ҳамаи шумоён гӯш кунед. Писари ман ақли худро гум карда бошад ҳам, вале мувақкатист. Сабаби ин ҳам дарс хонданҳои аз кувва берун ва дар доираи маҳдуд зиндагонӣ кардани он аст. Тамоми муаллимон ва тамоми китобҳо дафъ карда шаванд! Ӯро дар ҳавои кушод бо бозиҳо машғул намоед, ин корҳо тандурустии ӯро барқарор хоҳанд кард.

Король аз болишт боз як қадар баландтар шуда бо ҷиддият ба сухани худ давом намуд:

— Ӯ ақли худро гум карда бошад ҳам, боз фарзанди ман ва ҷонишини салтанати мамлакати Англия мебошад. Хоҳ бааҷл ва хоҳ беақл, ӯ дар ин мамлакат ҳукмронӣ хоҳад кард! Гӯш кунед ва ин гуфтаҳои маро ба ҳама ҷо эълон намоед: ҳар касе ки дар бораи бемории ӯ гуфтугӯ кунад, ӯ ба сулҳ ва осоиши давлати Британия рахна расондааст ва ба таги дор хоҳад рафт! Ба ман қадре об диҳед! Дилам месӯзад: ғам ва андӯҳ маро тамоман бетобу та-

вон кардааст... Ин пиёларо аз ин ҷо бардоред! Маро нигоҳ доред! Хуб! Магар ӯ девона шудааст? Ҳазор девона ҳам бошад, боз шаҳзода Уэльский аст ва ман короли Англия инро ба умум қабул мекунонам. Ҳоло ӯ мувофиқи тамоми маросим ва одатҳои қадима



Табиб таъзим кард.

ба маснади королӣ шинонда мешавад. Лорд Гертфорд, ба шумо амр мекунам, ки аз ҳоло сар карда ба тайёрии ин маросим сар кунед.

Яке аз лордҳо дар пеши каравоти король дузону ба замин нишаста арз кард:

— Ба ҳузури ҳумоюни шумо маълум мебошад, ки гофмаршали меросии Англия дар зиндони Тауэр мехобад. Магар маҳбус шоистаи...

— Хомӯш бош! Бо номи нахси он мард гӯши маро мурдор накун! Наход ки ин одам ҳамеша зинда монда ва мудом дар роҳи орзу ва мақсадҳои ман монеъ хоҳад шуд? Наход ки бинобар дар Англия набудани маршал ҷонишини короли Англия шаҳзода, дар маснади худ шинонда нашуда монад, магар дар Англия маршали дигаре нест, ки ба давлат хиёнат накарда ва ба ин кор лаёқат дошта бошад? Не, ба худо қасам мехӯрам! Ба парламенти ман огоҳӣ диҳед, ки пеш аз баромадани офтоб ҳукми куши Норфолкро бидиҳад! Вагарна парламент сазои худро хоҳад дид[1].

— Ирода ва хоҳиши король қонун аст!—гуфт лорд Гертфорд ва аз ҷояш бархоста ба ҷои аввалаи худ рафт.

Аломатҳои ғазаб кам-кам аз рӯи король дур шуданд.

— Шаҳзодаи ман, маро бибӯс!—гуфт ӯ.—Ана ҳамин тавр. Аз чӣ метарсӣ? Охир ман-ку падари ту ҳастам ва туро дӯст медорам...

— Эй короли меҳрубон, ту дар ҳаққи ман барин бандаи камтарини худат хеле меҳрубон ҳастӣ. Ин ҳақиқат аст. Вале ман дар изтиробам, ки ба хотири ман касе бимирад...

— Бале, ин ба хулқ ва хислати ту монандӣ дорад. Ман медонистам, ки ҳарчанд ақли ту зоил шуда бошад ҳам, аммо хулқу хислати ту бо ҳамон тариқи пештара боқӣ мебошад. Дили ту ҳамеша мулоим ва

---

[1] Умри король ба охир расида буд. Аз тарси он ки мабодо лорд Норфольк аз ӯ рӯ гардонад, ба палатаи умумӣ фармоиш намуд, ки баровардани ҳукми куши ӯро тезтар кунад. Баҳонаи король ин буд, ки Норфольк мансаби обер-гофмаршалиро дошт ва бинобар маросими ба маснади ҷонишинӣ шинонда шудани шаҳзода Уэльский ба ҷои вай каси дигарро таъин кардан лозим буд. (Юм, Таърихи Англия, ч. III, саҳифаи 307.)

марҳаматнок буд. Лекин ин герцог дар байни ту ва он иззат ва эҳтиромоте ки ба ту тааллуқ дорад, монеъ шуда меистад. Ман ба ҷои ӯ каси дигареро таъин хоҳам кард, ки маснади олии худашро бо ингуна хиёнаткориҳо наолонда бошад. Шаҳзодаи меҳрубони ман, ором шав ва сари худро ба ингуна фикрҳо ба заҳмат маяндоз.

— Вале ман ба тез шудани марги ӯ боис мешавам? Агар ман намебудам, шояд ӯ боз бисьёр умр медид?

— Шаҳзодаи ман, дар бораи вай фикр накун! Ӯ ба ин лоиқ ва сазовор намебошад. Маро боз ҳам бибӯс ва боз ба шодӣ ва хурсандиҳои худ машғул шав! Касалии ман, маро тамоман бетоб кард, ман монда шудам; бояд қадре дам гирам. Бо тағои худ Гертфорд ва бо аҳли дарбори худат баргард ва ҳамин ки ман қадре аз дард осуда шудам, боз ба ҳузури ман биё.

Том аз оромгоҳи король бо дили маҳзун баромад, чунки суханони охирини король дар бораи умедҳое ки ӯ барои халос шудан дошт, ба дараҷаи ҳукми куш буданд. Ва боз ӯ бо овози паст ғуввос зада: „Шаҳзода, шаҳзода меояд",—гуфта гап задани дарбориёнро шунид.

Аз байни ду қатор одамони сар хамкарда ҳар қадар ки пештар мерафт, рӯҳи ӯ ҳамон қадар меафтод ва ҳис мекард, ки дар ин ҷо, дар дасти инҳо асир мебошад ва шояд дар тамоми умри худ аз ин қафаси тиллоӣ баромада натавонад.

Ба ҳар тарафе ки рӯ мегардонд, сари дар ҳаво муаллақ истодаи герцог Норфольк дар пеши назараш намоён мешуд, ки чашмонашро бо нигоҳҳои сарзанишкорона ба рӯи ӯ дӯхта буд.

Орзу ва хаёлҳои вай хеле ширин буданд, аммо ҳақиқат хеле талх, ҳузнангез ва мудҳиш будааст!

## БА ТОМ ТАЪЛИМОТ МЕДИҲАНД

Томро ба зали бузург оварда маҷбур карданд, ки биншинад. Аммо азбаски дар атрофаш одамони калонсол ва аъёнҳо рост истода буданд, ба назараш нишастан хеле кори беадабона менамуд. Ӯ хоҳиш кард, ки онҳо ҳам биншинанд, аммо онҳо дар аломати миннатдорӣ фақат таъзиме карда боз дар ҳамон ҷои худ истоданд. Ӯ хост, ки дар ин хоҳиши худ истодагарӣ намояд, аммо „тағои" ӯ—граф Гертфорд ба гӯшаш гуфт:

— Хоҳиш мекунем, милорд, исрор накун: дар ҳузури ту нишастани онҳо ҷоиз ва дуруст нест.

Омадани лорд Сент-Ҷонро арз карданд. Лорд даромада ба Том таъзим карда гуфт:

— Король маро бо як матлаби махфӣ ба ҳузури шумо фиристод. Агар ба хотири муборакашон малол наояд, марҳамат фармуда ба ғайр аз милорд граф Гертфорд ба дигарон иҷозат бидиҳед, ки аз хона бароянд.

Ҷон дид, ки Том гӯё чӣ навъ аз ҳузури худ иҷозат додани дарбориёнро намедонад, Гертфорд ба гӯши ӯ оҳиста гуфт, ки агар ба сухан гуфтан майл надошта бошад, он вақт худро ба заҳмат наандохта бо ишорати даст ба ҳозирон иҷозат диҳад, ки аз хона бароянд.

Замоне ки дарбориён аз ҳузури ӯ баромаданд, Сент-Ҷон гуфт:

— Аълоҳазрат король мефармояд, ки ба сабаби баъзе мулоҳизаҳои муҳим ва бузурги давлатӣ ҷаноби шаҳзода бояд бемории худро ба қадри имкон, то рафъ шудани ин озор ва баргаштан ба аҳволи пештарааш, пинҳон нигаҳ дорад. Король мефармо-

яд, ки шумо дар пеши ҳеҷ кас шаҳзодаи ҳақиқӣ ва валиаҳди тахти Англия будани худро инкор накунед ва ҳамеша мақоми олии шаҳзодагии худро риоя намоед. Ва аз рӯи қоида ва маросимҳои қадима тамоми рафтор ва муомилаҳо, эҳтиром ва итоатро, ки ба шумо карда мешавад, қабул намоед; ба



Лорд Сент-Ҷон таъзим кард.

ҳеҷ кас дар бораи паст будани наслу насаб ва сиёҳ будани толеъ ва тақдири худ гап накушоед, зеро ки ин гуфтугӯҳо ба ғайр аз хаёлоти беморонаи шумо чизи дигаре намебошанд, ва кӯшиш карда шамоили касони ба худ шиносро боз ба хотир биёваред ва дар мавриде ки ба ин кор муваффақ на-

мешавед, сокит ва ором биншинед ва нишонаи ҳайрат ва таажжуб ва ё ин ки аломатҳои фаромўшхотириро нишон надиҳед; агар дар асной маросимҳои расмӣ чӣ кор кардан ва чӣ гуфтани худро надонед, дар пеши мардумони моҷароҷўй ва баҳонаталаб ноороми накунед ва бо лорд Гертфорд ва ё бо ходими фармонбардори худ, бандаи ҳақир дар ин бора машварат намоед, чунки граф ва ман махсусан барои ҳамин кор дар хизмати шумо таъин шудаем ва то бекор карда шудани ин фармони король ҳамеша дар ҳузури шумо ҳозир мебошем. Фармоишоти ҳазрати король, ки ба валиаҳди мўҳтарами худ салом мерасонад, ҳамин тавр аст ва он кас дуо карда аз худо мехоҳад, ки худованд аз роҳи карам ва марҳамати худ шояд ба шумо ба зудӣ шифо ва тандурустӣ ато фармояд.

Лорд Сент-Ҷон таъзим кард ва ба як тараф гузашта истод. Том аз рўи итоат гуфт:

— Король чунин фармудаанд. Ҳеҷ кас ҷуръат надорад, ки аз фармоишоти король гардантобӣ кунад ва ё мисли либосе ки ба бадан танг аст, онҳоро ба майли худ бурида дигаргун намояд. Албатта майл ва хоҳиши король баҷо оварда хоҳад шуд.

— Азбаски ҳазрати короли олиҷоҳ фармудаанд, шумо худатонро бо китобҳо ва аз ин қабил чизҳои ҷиддии дигар ба заҳмат наандозед,—лорд Гертфорд ба сухани худ давом кард,—бинобар он ба ҳазрати олӣ беҳтар мешавад, ки вақти худро дар фароғат гузаронед, ки то вақти ҷашн (банкет) монда нашуда ва тандурустии худро халалдор нанамоед!

Дар рўи Том аломатҳои таажжуб намудор шуданд; ў ба лорд Сент-Ҷон ба таври саволдиҳанда нигоҳе кард ва ҳамин ки ба нигоҳҳои маҳзунонаи ба рўи худаш дўхташудаи ў тасодуф намуд, рангаш сурх шуд.

— Ҳанӯз ҳам дар шумо фаромӯшхотирӣ ҳаст,— гуфт лорд.—Бинобар он суханони ман шуморо ба ҳайрат меандозанд; лекин музтариб нашавед. Ҳамин ки қадре тандурустиатон баҷо омад, ин ҳолат мегузарад.



Гертфорд ва шаҳзодахонимҳо.

Милорд Гертфорд дар бораи банкете ки дар Сити гузаронида хоҳад шуд, сухан мероҳад. Тақрибан ду моҳ пеш аз ин король ваъда додаанд, ки ҷаноби шумо ҳам дар он банкет ҳозир хоҳед шуд. Акнун ба хотиратон омад ё не?

— Ман бо камоли ғаму андӯҳ бояд иқрор намоям, ки хотири ман хеле парешон шудааст, — гуфт Том бо як овози беэътимоде ва рангаш сурх шуд.

Дар ин асно омадани хоним Елизавета ва хоним Ҷен Грейро арз намуданд. Лордҳо ба ҳамдигар нигоҳҳои пурмаъное андохтанд ва Гертфорд зуд ба тарафи дар равон шуд. Ва замоне ки шаҳзодахонимҳо аз пеши ӯ мегузаштанд, оҳиста ба онҳо гуфт:

— Хонимҳо, аз шумо хоҳишмандам, ки ба рафторҳои аҷиби ӯ ҳайронӣ ва тааҷҷуби худро изҳор накунед ва агар аз ӯ нишонаҳои фаромӯшхотирӣ дидед, ҳайрон нашавед. Шумо бо андӯҳи тамом дар ҳар қадам нишонаҳои фаромӯшхотирии ӯро хоҳед дид.

Дар ин асно лорд Сент-Ҷон оҳиста-оҳиста ба Том мегуфт:

— Хоҳишмандам, ки шумо майл ва хоҳиши аълоҳазрати корольро тамоман баҷо биёваред. Ҳамаи он чиро, ки ба хотир оварда метавонед, ба хотир биёваред, худро чунон нишон диҳед, ки ҳамаи чизҳои дигар ҳам дар хотиратон ҳаст. Чӣ навъ дигаргун шудани авзои худатонро ба онҳо нафаҳмонед. Чӣ қадар шуморо дӯст доштан ва ба шумо меҳрубон будани ин хонимҳоро ба хубӣ медонед, дар ин сурат ин аҳволи шумо онҳоро хеле ғамгин хоҳад кард. Агар ҷаноби шумо иҷоза фармоед, ман ва тағои шумо дар ин ҷо меистем.

Том бо ишораи сар аломати ризоӣ нишон дод ва ба таври номафҳуме баъзе суханонро гуфт. Он чи ки то ҳол дар ин ҷо дида буд, хеле ба вай фоида расонда, ӯро ҳушьёр карда буданд, бинобар ин аз таҳи дили худ қарор дод, ки фармоишҳои корольро ба қадри имкон мукаммалтар баҷо биёварад.

Бо вуҷуди тамоми эҳтиёткориҳо суҳбати Том ва

шаҳзодахонимҳо баъзан хеле ба душворӣ меафтод. Росташ ин аст, ки Том чандин борҳо корро вайрон карда мехост, ки ба ин роли азобнок мувофиқ на-будани худашро баён намояд; аммо ҳар бор рафтор-ҳои хоним Елизавета ӯро аз ин ҳолат халос мекард.

Ҳар ду лорд бо эҳтиёти тамом истода бо ду-се калимае ки дар мавқеи даркорӣ мегӯфтанд, Томро аз ин душвориҳо халос мекарданд. Якбора хоними хурд Ҷен ба Том саволи зеринро дода ӯро тамоман ба ноумедӣ андохт:

— Ту, милорд, имрӯз ба малика адо кардани қарзи худатро фаромӯш накардаӣ?

Том худашро гум кард ва дар ҷавоб таъхир на-муд, мехост ҳар чӣ ки ба даҳанаш меояд, бигӯяд, аммо лорд Сент-Ҷон дар ин асно ба имдоди ӯ ра-сид ва бо як бепарвоии ба дарбориён махсус, ки аз ҳаргуна вазъияти душвор ва муаммодор роҳи халосӣ мееёбанд, ба гап даромад:

— Хонимҳои мӯҳтарам, пас чӣ тавр? Малика дар бораи тандурустӣ ва саломатии ҳазрати король нигарониҳои шаҳзодаро рафъ намудааст. Магар ҳа-мин тавр нест, шаҳзода?

Том дар миёни лабҳои худ чизе гуфт, ки онро ба ҷои тасдиқ қабул кардан мумкин буд, вале ҳис кард, ки сӯҳбат ба ҷои нозуке расидааст. Қадре баъд дар асчои сӯҳбат гап ба сари мувакқатан мавқуф монондани дарс хондани шаҳзода омад.

Шаҳзодахоними хурдӣ гуфт:

— Вой, афсӯс! Афсӯс! Ту дар дарсҳои худ чӣ қадар пеш мерафтӣ. Аммо зарар надорад, қадре сабр кун. Ин аҳвол бисьёр давом нахоҳад кард. Ту барои олим шудан ҳанӯз вақти зиёд дорӣ ва ба қадре ки падарат медонад, ту ҳам забонҳои хориҷӣ омӯхта метавонӣ.

Том дар кучо будани худро фаромӯш карда якбора ба гап даромад:

— Падари ман! Падари ман дар забони модарии худ ҳам чунон бад гуфтугӯ мекунад, ки фақат хукҳо дар хукхонаи худ гуфтаҳои ӯро фаҳмида метавонанд; аммо дар бораи олимӣ...

У чашмони худро ба боло бардошт ва ба нигоҳҳои чиддӣ ва эҳтиёткоронаи лорд Сент-Чон дучор шуд.

Овозаш канда ва ранги рӯяш сурх шуд, баъд бо овози паст ва маҳзунонае ба сухани худ давом намуд:

— Оҳ, дарди ман боз маро озор медиҳад ва фикрҳоям боз парешон шудаанд, вагарна ман нисбат ба аълоҳазрати король беэҳтиромӣ карданӣ набудам.

— Мо инро медонем, сэр!—гуфт хоним Елизавета бо эҳтиром, ва дасти „бародари" худро бо назокати тамом ба миёни дастони худ гирифт. — Худатро ба изтироб наандоз! Ту гуноҳ надорӣ, дар ҳамаи ин чизҳо дард ва бемории ту гунаҳкоранд.

Том бо миннатдорӣ баён кард:

— Хоними азиз, ту тасалло дода метавонӣ ва ман барои ҳамин аз таҳи дили худ аз ту миннатдорам.

Як бор хоним Чени шӯхрафтор ба забони юнонӣ сухане ба миён андохт. Вале шаҳзодахоними хушьёр Елизавета ба нишона нарасидани ин тирро пай бурда ба чои Том, бо оромии тамом бо як чумлаи пурдабдабаи юнонӣ ба вай чавоб гардонд ва баъд ҳамон соат сӯҳбатро ба чои дигар бурд.

Вақт хуб мегузашт ва сӯҳбат ҳам умуман гарм буд. Дар асной сӯҳбат масъалаи ночаспон ва саргум то рафт камтар мешуд ва Том чун медид, ки ҳама ба вай мадад медиҳанд ва аз хатоҳояш чашм мепӯшанд, изтиробаш то рафт камтар мешуд. Замоне

ки маълум шуд, ба зиёфати Лорд-мэр[1] шаҳзодахонимҳо низ бо Том ҳамроҳ хоҳанд рафт, дили Том аз шодӣ ба тапиш афтод ва нафаси ороме кашид ва ҳис кард, ки дар байни як тӯда мардумони бегона ва ношинос ӯ танҳо нахоҳад буд, аммо як соат пеш аз ин сӯҳбат, масъалаи бо вай ҳамроҳ рафтани шаҳзодахонимҳо ӯро хеле ба изтироб ва ташвиш афканда буд.

Лордҳо, малоикаҳои муҳофизакунандаи Том, аз ин сӯҳбат назар ба дигар иштироккунандагон камтар лаззат мебурданд, онҳо ҳис мекарданд, ки гӯё киштии бузургеро аз роҳи пурхатаре пеш мебаранд ва бинобар ин ҳамеша дар эҳтиёт ва хавотир буданд ва ин кор ба назари онон ҳаргиз як бозии бачагона набуд. Вале ҳамин ки сӯҳбати шаҳзодахонимҳои ҷавон ба охир расид ва дар бораи омадани лорд Гильфорд Дедли арз намуданд, ин ду нафар хеле монда шудани худро ҳис карданд ва дар дили худ иқрор намуданд, ки акнун боз ба роҳи пурхатари дигаре даромаданд ва ин киштии худро дубора аз он роҳ бурдан барои онҳо душвор хоҳад шуд. Бинобар ин бо эҳтироми тамом ба Том маслиҳат доданд, ки узр хоста қабул кардани он меҳмонро ба вақти дигар мононад. Том худаш ҳам аз ин кор хеле хурсанд шуд, аммо вақте ки хоним Ҷен қабул карда нашудани ҷавони хушрӯйро фаҳмид, дар рӯяш аломатҳои маҳзунӣ намудор шуданд.

---

[1] Лорд-мэр—сардори шаҳр аст. Аз рӯи қоидаи қадима муассисаҳои савдоии Ситии шаҳри Лондон ҳар сол лорд-мэрро интихоб мекунанд.

Дар 9 ноябрь лорд-мэри нав ва намояндагони муассисаҳо дар либосҳои олии таърихӣ бо тантана дар кӯчаҳо мегузаранд ва ин тантана бо зиёфате ки дар идораи шаҳр дода мешавад, тамом мешавад.

Кадре хомӯшӣ шуд. Хама хомӯш истода, гӯё ки мунтазири чизе буданд. Том маънии инро намефахмид. Ӯ ба лорд Гертфорд нигох кард, лорд ба ӯ бо ишора чизе гуфтанӣ шуд, вале Том ин ишорaро хам фахмида натавонист. Хоним Елизавета бо хушьёрии махсусе хост, ки Томро аз ин мавкеи душвор халос намояд ва таъзими эхтиромкоронае карда пурсид:

— Аълохазрато, бародари ман, ичозат дихед, аз назди шумо равем.

Том гуфт:

— Агар хакикатро бигӯям, шумо, хонимхои мӯхтарам, хар чи чизеро ки дар доираи имкон ва тавонои ман аст, аз ман илтимос кардан ва пурсидан метавонед. Аммо ман харгиз намехохам худро аз хузури фарахбахш ва сӯхбати ширини шумоён махрум кунам. Аммо чун майл фармудаед, хуш омадед, кадаматон болои дида, рохи шумо нуронӣ бод ва худо хар дуи шуморо мухофизат намояд.

Ӯ табассуме карда худ ба худ фикр намуд: „дар китобхои худ дар бораи шахзодагон бисьёр чизхо хонда ва гуфтугӯи суханпардозонаи онанро омӯхтани ман бехуда набудааст!"

Вакте ки шахзодахонимхо рафтанд, Том ба лордхо хитоб карда гуфт:

— Лордхои мӯхтарам, чи мешавад, ки илтифот фармуда ба ман ичозат бидихед, дар ин чо дар як гӯша кадре истирохат кунам?

— Ихтиёр ба худи шумост—метавонед фармон бидихед, ва вазифаи мо итоат кардан аст,—чавоб дод лорд Гертфорд.—Истирохат барои шумо, албатта зарур мебошад, зеро ки ба зудӣ ба тарафи Сити ба гардиш баромаданатон лозим аст.

Ӯ зангеро зад ва махраме давида омад; ба ӯ

фармон дода шуд, ки сэр Вильям Гербетро чеғ занад. Сэр Вильям Гербет дарҳол ҳозир шуд ва Томро ба хобгоҳҳои андаруни дарбор бурд. Ҳаракати аввалини Том ин шуд, ки ӯ дасти худро ба тарафи пиёлаи об дароз кард, аммо як хизматгори махмалу атласпӯш дарҳол пиёларо гирифта як зонуи худро ба замин ниҳода онро дар табақчаи тиллой ба Том тақдим кард.



Ҳар дуи онҳо як қадар хомӯш истоданд.

Баъд Томи мондашуда ба замин нишаст ва хост аз пои худ пойафзолҳояшро кашад ва бо тарс, бо нигоҳҳои худ барои ин кор иҷозат талабид. Аммо як хизматгори дигари атласпӯш давида дар назди ӯ ба ду зону ба замин нишаст, ки Томро аз ин кор ҳам халос кунад. Том боз ду-се бор қасд кард, ки бе ёрмандии дигарон кори худро ба анҷом расонад,

аммо ҳар бор ба ӯ монеъ мешуданд. Ӯ ниҳоят нояloч розӣ шуд ва як оҳи итоаткоронае кашида бо овози паст гуфт:

— Вой ба ҳоли ман! Хуб аст, ки инҳо нафас кашиданро аз дасти ман намегиранд!

Ӯ кафшҳои мулоим ва ҷомаи зебое пӯшида ниҳоят барои дамгирӣ ба ҷои хоб даромад, вале хобида натавонист: чунки сари вай бо фикрҳои гуногун пур ва дар хона ҳам одамон зиёд буданд. Ӯ ин хаёлотро аз худ дур карда натавонист ва онҳо дар каллаи ӯ монданд; ӯ хизматгорони худро аз ҳузури худ берун карда натавонист, онҳо ҳам дар хона монданд ва аз ин сабаб ҳам худи онҳо ва ҳам Том хеле андӯҳгин буданд...

Ҳамин ки Том рафт, лордҳои олинасаб, мутасаддиёни тарбия кардани ӯ дар хона танҳо монданд; ҳар дуи онон як қадар хомӯш истоданд. Ба фикр фурӯ рафта сари худро меҷумбонданд ва дар хона қадам мезаданд. Ниҳоят лорд Сент-Ҷон ба гап даромада гуфт:

— Росташро бигӯ, ки ту дар ин бора дар чӣ фикр ҳастӣ?

— Росташ ин ки умри король кам монда ва хоҳарзодаи ман ҳам ақли худро гум кардааст. Ӯ бо ҳамин девонагиаш ба тахт баромада ва дар ҳамин ҳол ҳам хоҳад монд. Худо худаш мамлакати бечораи Англияро нигоҳ дорад.

— Ростӣ ҳам, ҳамаи инҳо ба ҳақиқат монандӣ доранд. Аммо... Ту магар ҳеҷ шубҳае надорӣ...

Якбора овози лорд канда шуд ва ҷуръат накард, ки сухани худро давом намояд: масъала хеле нозук буд. Лорд Гертфорд дар пеши вай истод ва чашмони худро калон кушода ба рӯи вай назар намуда ва гуфт:

— Бигӯ, ба ғайр аз ман ҳеҷ кас суханони туро намешунавад. Шубҳаат дар чӣ хусус аст?

— Он чиро ки дар дили ман ҳаст, баён намудан барои ман хеле сахт аст. Чунки хуни ту ба ӯ наздик аст. Агар аз ҷониби ман густохие рӯй диҳад, маро афв кун, аммо магар ҷои тааҷҷуб нест, ки беақлӣ ҳолати ӯро то ин андоза дигаргун карда бошад? Ман намегӯям, ки гуфтор ва рафтори ӯ шоҳона нест, аммо онҳо дар баъзе ҷузъиёти беаҳамият ва хурд аз ҳаракатҳои пештараи вай хеле фарқ кардаанд. Оё ин аҷиб нест, ки беақлӣ ҳатто падари ӯро ҳам аз хотираш бароварда бошад ва ӯ ҳатто аломатҳои муқарраpии эҳтиромро ҳам, ки одамон ба вай мекунанд, фаромӯш карда бошад, магар ин аҷиб нест, ки забонҳои юнонӣ ва французиро фаромӯш карда, фақат забони латиниро дар хотир нигаҳ доштааст? Аз суханони ман наранҷ, лорди азиз, эҳтиромоти маро қабул кун ва дар ин ғам ва андӯҳ маро ба худ шарик пиндор! Дар ман чунин фикр пайдо шудааст, ки суханони ӯ, дар бораи шаҳзода набуданаш ва...

— Бас аст, лорд, хомӯш шав! Он чи ки ту мегӯӣ, хиёнат ба ватан аст. Магар фармони король аз хотират баромад? Фаромӯш накун, ки ман ҳам ба суханони ту гӯш дода ба хиёнати ту шарик мешавам.

Ранги Сент-Ҷон парид ва дарҳол гуфт:

— Забонам лол шавад, ман хато кардам. Ман ба хатои худ иқрор ҳастам. Ба ҳоли ман раҳм кун ва ин сухани маро аз даҳон набарор ва ман баъд аз ин ҳаргиз дар ин бора фикр нахоҳам кард ва даҳон нахоҳам кушод. Дар ҳаққи ман бераҳмӣ накун, вагарна ман маҳв ва нобуд хоҳам шуд.

— Ман қаноат ҳосил кардам, лорд. Агар ту ин

фикрҳои ҳақоратомези худро на ба ман ва на ба каси дигар такрор накунӣ, ман монанди ношунида мешуморам. Биё ин шубҳаҳои пучро мон. Ӯ хоҳарзодаи ман аст: овози вай, рӯи вай, андоми вай аз бозе ки дар гаҳвора будааст, ба ман шинос мебошанд. Беақлӣ на ин ки рафторҳои аҷиберо, ки мо дар ӯ дидаем,



Хомӯш шав, он чи ки ту мегӯӣ, хиёнат ба ватан аст.

балки боз дигаргуниҳои зиёдтареро ҳам ба амал овардa метавонад. Магар дар хотират нест, ки барони кухансол Марли замоне ки девона шуд, ҳатто шамоили худашро ҳам, ки шаст сол боз ҳар рӯз медид, фаромӯш карда буд ва вақте ки дар оина рӯи худро медид, ҳамаро бовар кунонидан мехост, ки он рӯи вай набуда рӯи каси дигар аст, илова бар ин ӯ даъво мекард, ки вай писари Мария Магдалина мебошад ва каллаи

ӯ аз шишаи испанӣ сохта шудааст ва инаш ханда-овар аст, ки ба касе иҷозат намедод, ки ба сари вай даст расонад ва метарсид, ки аз беэҳтиётии одамон мабодо сараш афтида нашиканад. Ин шубҳаҳоро аз сари худ берун кун, милорди азизам! Ин шаҳзодаи ҳақиқист, агар ман нашиносам, пас кӣ ӯро хоҳад шинохт? Ва ӯ ба зудӣ короли ту хоҳад шуд. Ту беҳтар аст, ки дар бораи дигар чизҳо фикр накарда, фақат дар бораи шаҳзода будани ӯ зиёдтар фикр бикунӣ.

Онҳо боз якчанд дақиқа бо ҳам сӯҳбат карданд, Сент-Ҷон дар ҳар калима чандинборҳо ба хатои худ иқрор шуда тавба ва истиғфор мекард ва мегуфт, ки баъд аз ин ҳаргиз ва дар ҳеҷ куҷо дар дили худ ба ингуна шубҳаҳо роҳ нахоҳад дод. Баъд аз ин лорд Гертфорд бо вай видоъ карду барои муҳофиза намудани шаҳзода дар ҳамон ҷо якка монд. Ба зудӣ ба фикру хаёл ғарқ шуд ва маълум мешавад, ҳар қадар ки чуқуртар ба фикр фурӯ мерафт, изтироб ва ташвиши дилаш ҳамон қадар зиёдтар мешуд. Ниҳоят ӯ дар хона ба қадам задан сар кард.

„Ин сухани беҳуда аст. Ӯ бояд шаҳзода бошад,— худ ба худ мегуфт ӯ.—Дар тамоми мамлакат касеро ёфтан душвор аст, ки ду писарбачаеро тасаввур намояд, ки бо вуҷуди дигар будани хун ва наслу насабашон то ин андоза ба якдигар монанд бошанд. Хуб, агар ин мумкин ҳам бошад! Иваз шудани ин бача ҳам хеле аҷиб мешуд! Не, ин аз ақл берун аст, ин беақлист, беақлӣ!"

Баъд аз андак вақт лорд Гертфорд боз худ ба худ гуфт: „агар ӯ худашро шаҳзода меномид ва шаҳзода будани худро даъво мекард, инро табиӣ ҳисоб кардан мумкин буд; ин як маъно дошта метавонист. Аммо

кй инро шунидааст, ки як нафар одами бегона дар сурате ки ҳам король, ҳам аҳли дарбор, хулоса ҳама ӯро шаҳзода меноманд ва ӯ инро инкор намояд, ва эҳтиромотеро, ки ба вай карда мешавад, рад кунад. Не қасам ёд мекунам, ки ин мумкин нест. Ӯ шаҳзодаи ҳақиқист, фақат девона шудааст".

*Боби ҳафтум*

## БА АВҚОТ ҲОЗИР ШУДАНИ ТОМ ДАР МЕҲМОНИИ АВВАЛИНИ ШОҲОНА

Қариби соати яки ними рӯзй Том ба азобҳое, ки дар аснои либоспӯшонй барои авқотхӯрй дода мешавад, бегуфтугӯ тоқат кард. Ба ӯ боз мисли пештара либоси хеле олие пӯшониданд ва аз гиребон сар карда то пайпоқ ҳама чизашро дигар карданд. Баъд бо дабдабаи бузурге ӯро ба як меҳмонхонаи бузурги хеле пурҳашамат даровარданд, ки дар он ҷо барои авқот хӯрдани як нафар, дастурхон кушода шуда буд. Тамоми зарфҳо аз тилло рехта шуда ва бо нақшу нигорҳое зинат дода шуда буданд, ки ин кандакориҳо қимати он зарфҳоро баланд мекарданд, чунки онҳо амали устои машҳур Челлини Бенвенуто[1] буданд.

Дар хона хизматгорони оличанобн бисьёре буданд. Капеллан[2] дуо хонд, Томи гурусна дар ин вақт кам монда буд, ки худро ба болои хӯрокҳо партояд, аммо милорд граф Беркли, ки ба пеши ӯ пешгир мебаст, ба вай монеъ шуд. Вазифаи муҳимми бузурги ба пеши шаҳзодагони Уэльский пешгир бас-

[1] Бенвенуто Челлини (1500—1571) ҳайкалтарош ва кандакори машҳури италиягй.
[2] Кашиши дарборй.

тан ба тарви мерос ба хонаводаи ин лорд махсус буд. Дар як тараф соқӣ истода ва ҳар вақт ки Том мехост, бо дасти худ ба пиёла шароб резад, дарҳол монеъ шуда худаш ин корро баҷо меовард. Дар ин ҷо лорди дигаре ҳам ҳозир буд, ки вазифаи ӯ чашида дидани хӯроквориҳо буд. Дар ҳузури аълоҳазрати шаҳзода Уэльский вазифаи ин одам аз ҳамин иборат буд, ки бо талаби аввалини ӯ ҳар як таоми шубҳанокро худаш бичашад ва ӯ ҳамеша дар таҳти хавфи заҳр хӯрда мурдан меистод. Дар он замонҳо чашандагони хӯроквориҳо дар авқотхонаҳои шоҳона чандон одами даркорӣ ва муҳим набуданд ва ин вазифа чандон даркорӣ надошт, аммо якчанд насл пеш аз Генрихи VIII, мансаби чашандаи хӯроквориҳо хеле кори хавфноке буд ва хеле кам касон ба ин дараҷаи баланд ноил мешуданд. Аҷибаш ин аст, ки ин вазифаро ба ягон саг ва ё ки химик намесупурданд,—вале кӣ медонад одат ва корҳои шоҳонаро!

Лорд д'Арси ҳам дар ин ҷо ҳозир буд, ки мансаби ӯ камергери якӯм буд. Барои чӣ дар ин ҷо истодани вай маълум набуд, гап дар ин аст, ки ӯ дар ин ҷо меистоду вассалом! Лорди дигаре ҳам буд, ки мансаби девонбегии дарборро дошт. Ӯ дар ақиби Том истода назорат мекард, ки тамоми ташрифот то майдакориҳояш риоя карда шавад. Ба ташрифот лорди пешхизмат ва лорди дастурхончӣ, ки дар ин ҷо ҳозир буданд, роҳбарӣ мекарданд. Ба ғайр аз инҳо, Том сесаду ҳаштоду чор нафар маҳрам ва хизматчиёни дигар дошт, аммо ҳамаи инҳо дар меҳмонхона ҳозир набуданд; ҳатто чорьяки онҳо ҳам дар ин ҷо дида намешуданд. Том ҳатто аз он қадар хизматгор доштани худ хабаре ҳам надошт.

Ҳамаи ҳозирон пеш аз вақт огоҳонида шуда бу-

данд ва ба онҳо супурда шуда буд, ки муваққатан аз ақл бегона шудани шаҳзодаро фаромӯш нанамоянд ва ба ҳолатҳои аҷиби вай ҳайрон нашаванд. Ба зудӣ ин ҳолатҳои аҷиб ба хизматгорон тамоман аён шуд, аммо онон аз ин ҳаракатҳои шаҳзода ханда накарда, балки маҳзун ва андӯҳгин шуданд. Шаҳзодаи азизи худашонро ба ингуна як дарди сахт мубтало дидан, барои онон талх ва ногувор буд.

Томи бечора хӯрокро ба даст мегирифт, — вале ҳеҷ кас ҷуръат намекард, ки ханда кунад ва ё ин ки ҳаракати ӯро дидани худашро нишон бидиҳад. Ӯ бо кунҷковӣ ва рағбати тамом ба рӯмоле ки аз гулӯяш баста шуда буд, нигоҳ мекард, чунки вай аз як матои нозук ва хеле зебо дӯхта шуда буд. Ниҳоят Том соддадилона гуфт:

— Марҳамат карда инро бигиред, метарсам, ки ман тасодуфан инро чиркин накунам.

Мардаке ки рӯймолро баста кушодан меросан вазифаи ӯ буд, ҳеҷ муқобилат накарда, рӯймолро кушода гирифт.

Том бо мароқи тамом ба турб ва ба салат нигоҳ карда, баъд пурсид, ки ин чи чиз аст ва онро хӯрдан мумкин аст ё не, чунки ҳам турб ва ҳам салат то он вақт дар худи Англия корида намешуданд, онҳоро аз мамлакати Голландия меоварданд ва онҳо инро хеле хӯроки азиз мешумурданд[1]. Ба саволи вай бо эҳтиром ва ҷиддӣ ҷавоб доданд ва ҳеҷ кас аломати ҳайронӣ ва тааҷҷуб баён накард. Баъд аз

[1] То охири королии Генрихи VIII дар Англия салат, сабзӣ, турб ва ин қабил сабзавотро намекориданд; ҳама сабзавот аз Голландия ва Фландрия оварда мешуд ва хеле хӯроквориҳои пурқимат шумурда мешуданд. Вақте ки малика Екатерина салат хӯрдани шуд, маҷбур гардид, ки ба Голландия қосиди махсус фиристонад. (Юм. Таърихи Англия, ч. III, саҳифаи 314.)

он ки дессерт[1] ҳам хӯрда шуд, ӯ кисаҳои худро бо чормағз пур кард; ба ин кори ӯ ҳам ҳеҷ кас тааҷҷуб накарда ва ҳама чунон вонамуд карданд, ки гӯё ин кори ӯро намебинанд.



Том хӯрокро ба даст мегирифт.

Аммо худи Том кори беҳуда кардани худро ҳис намуд ва хиҷил шуд. Чаро ки дар ин муддати та-

[1] Дессерт—ширинӣ ва меваҳое ки баъд аз таом мехӯранд.

моми хӯрок ин аввалин коре буд, ки ба вай имкон доданд худаш бо дасти худ баҷо биёрад ва ӯ ҳеҷ шубҳа надошт, ки хеле кори беадабона кардааст, ки ба писари король шоиста намебошад. Дар ин асно рагҳои бинии вай кашида ва нӯги биниаш чин баста ба боло кашида шуд. Ин ҳолат давом мекард ва изтироби Томро то рафт меафзуд. Ӯ бо ҳолати таваллокунандае гоҳ ба ин ва гоҳ ба он лорд нигоҳ мекард ва ҳатто чашмонаш ҳам бо ашк пур шуданд. Лордҳо бо чеҳраҳои ҳузнангез ба тарафи ӯ омаданд ва зорикунон хоҳиш карданд, ки бигӯяд ба ӯ чӣ шудааст. Том, дар ҳолате ки аз овозаш аломатҳои ранҷ ва озор намоён буд, гуфт:

— Дар ҳаққи ман илтифоте бикунед. Биниам ба хориш омада ва хеле маро озор медиҳад. Бигӯед дар ин хел мавридҳо ба чӣ қоида ва қонунҳо риоя кардан лозим аст? Лутфан зудтар ҷавоб бидиҳед, ки ман дигар тоқат надорам.

Ҳеҷ кас табассуме ҳам накард; чеҳраи ҳама ғамгин ва маҳзун буд, ҳама музтарибона ба ҳамдигар нигоҳ карда, гӯё аз якдигар машварат ва имдод металабиданд. Аммо дар пеши онҳо як девори баланди ногузаре истода буд ва дар тамоми таърихи Англия дар бораи чӣ тариқа аз болои ин девор гузаштан чизе гуфта нашуда буд. Девонбегии бузург дар ин маҷлис набуд ва ҳеҷ кас ҷуръат намекард, ки худро ба ин дарьёи номаълум ҳаво диҳад, ҳеҷ кас ҷасорат надошт, ки таваккал карда, ин масъалаи муҳим ва ҷиддиро ба сари худ ҳал намояд. Оҳ, афсӯс, ки дар Англия мансаби меросии хорандагӣ мавҷуд набуд! Дар ин вақт ашк косахонаи чашмони Томро пур карда аз рухсораҳояш ҷорӣ гардид. Биниаш боз ҳам бадтар мехорид ва бо исрори тамом талаб мекард, ки ӯро аз ин аҳвол халос намоянд.

Ниҳоят табиат тамоми ҳудудҳои одоби дарбориро вайрон кард ва Том дар хаёли худ бо ҳаракати беадабонаи худ узр талабида, бо дасти худ биниашро хорид ва дили дар озормондаи дарбориёнро роҳат кард.

Хӯрокхӯрӣ тамом шуд; яке аз лордҳо ба пеши Том тоси тиллоие овард, ки ӯ даҳон ва дастони худро бишӯяд. Дар тос оби сурхранги хушбӯе пур буд. Мардаке ки авлод ба авлод вазифаи рӯмол бастан ва кушоданро адо мекард, ба дасти худ рӯмолро гирифта дар ҳузури Том тайёр истод.

Том бо ҳайронии тамом ба тос нигоҳ мекард, баъд аз он тосро ба даст гирифта бо ҷиддияти тамом ба лабони худ наздик овард ва аз оби он як қулт нӯшиду онро ба лорде ки дар паҳлуяш истода буд, гардонда дод.

— Не, милорд ин ба ман маъқул не, ҳарчанд хеле хушрӯй аст, аммо ҳеҷ таъсир надорад,—гуфт Том.

Ин рафтори нави шаҳзода ҳам, ки девонагии ӯро исбот мекард, ҳеҷ касро нахандонд, ҳама аз дидани ин манзараи андӯҳгинона боз ҳам маҳзунтар шуданд, дилашон ба ҳоли шаҳзода сӯхт.

Аз паси ин, Том худаш нафаҳмида боз як кори беҳудае кард: дар худи ҳамон замоне ки кашиши дарборӣ аз ҷояш хеста досташро ба болои сари Том бардошта ба дуо хондан сар мекард, Том ҳам аз ҷои худ хест, вале дар ин ҷо ҳам гӯё ҳеҷ кас мухолифи одат рафтор кардани ӯро пай набурд.

Акнун дӯсти хурдтараки моро дар натиҷаи исрор ва илтимоси худаш ба кабинети шаҳзода Уэльский бурда ба ихтиёри худ гузоштанд. Дар он ҷо ба деворҳо ҳаргуна асбобҳои ҷангӣ ва чороинаҳои пӯлодии бо тилло ва нуқра зинат додашуда овехта шу-

да буданд. Ин асбобу анҷомҳои ҷангӣ азони шаҳзода буда, дар ин наздикӣ аз тарафи малика ба вай бахшида шуда буданд.

Том чороинаро ба худ пӯшид, дастпӯшакҳо, кулоҳи пардор ва тамоми таҷҳизоти дигарро ҳам, ки бемадади дигарон пӯшиданаш мумкин буд, дар бар кард. Ӯ ҳатто мехост касеро ҷеғ занад, ки барои пӯшидани тамоми ин либосҳо ба вай ёрӣ расонад.



Том чороинаро ба худ пӯшид.

Аммо дар ин вақт чормағзҳое ки дар асnoи хӯрок ба кисааш гирифта буд, ба хотираш расид ва фикр кард, ки онҳоро ба танҳоӣ, дар набудани он

лордҳои меросӣ, ки бо хизматҳои нодаркориашон касро безор мекунанд, шикаста хӯрдан хеле бомаза хоҳад буд, ва асбобҳои ҷангиро ба зудӣ ба ҷоҳои худ овехт. Дере нагузашта буд, ки ӯ чормағзҳоро шикаста ба хӯрдан машғул шуд; аз он вақте ки худо дар ивази гуноҳонаш ӯро ба писари король мубаддал гардонида буд, аввалин бор ӯ худашро хушбахт ҳис мекард. Вақте ки ҳама чормағзҳоро хӯрда тамом кард, ӯ дар шкафча якчанд китобро дид, ки номҳои аҷоиб доштанд ва аз он ҷумла яке дар бораи одоб, рафтор ва кирдорҳои дарбори Англия буд. Ин китоб барои ӯ хеле муҳим ва гаронбаҳо буд. Ӯ ба болои дивани бошукӯҳе хобида, бо рағбати тамом ба хондани он китоб машғул гардид. Акнун ӯро якчанд вақт ба ҳоли худ гузорем.

*Боби ҳаштӯм*

## МАСЪАЛАИ МӮҲР

Қарибии соатҳои 5 Генрихи VIII аз хоби вазнини мондакунанда бедор шуд ва худ ба худ гуфт:

— Чи хоби мудҳише, чи хоби даҳшатноке! Марги ман наздик шудааст ва ин хобҳо аз ин хабар медиҳанд. Рӯз ба рӯз заиф шудани набзи ман ин ҳисси маро тасдиқ мекунад.

Ногаҳон дар чашмони ӯ оташи ғазаб шӯълавар шуд ва бо овози пасте худ ба худ гуфт:

— Аммо ӯ бояд аз ман пештар бимирад!

Дарбориён аз бедор шудани король хабардор шуданд ва яке аз онҳо наздик омада арз кард, ки лорд-канцлер дар хонаи дигар мунтазир аст, оё ҷаноби олӣ қабул карда метавонанд.

— Бигузор дарояд! Бигузор дарояд!— бо ғазаб фарьёд кард король.

Лорд-канцлер даромад ва ба пеши каравоти король таъзим карда арз намуд:

— Ман хоҳиши шуморо баҷо овардам. Мувофики фармоиши ҷаноби олӣ перҳо[1] бо либоси расмии худ дар маҷлиси суд ҳозир мебошанд ва герцог Норфолькро ба ҷазои куштан маҳкум намуда, бо эҳтироми тамом ба фармоиши шумо мунтазиранд.

Рӯи король бо шодии бераҳмонае дурахшид.

— Маро бардоред!—гуфт ӯ—ман худам, дар парламенти худ ҳозир мешавам ва ҳукмеро, ки маро аз ин бадкор халос мекунад, дар ҳамон ҷо бо дасти худ мӯҳр мекунам...

Овози ӯ канда шуд; сурхии рухсораҳои ӯ ба пажмурдагии хокистариранг мубаддал шуд; дарбориён боз ӯро хобониданд ва бо саросемагӣ ба воситаи доруҳо ӯро ба ҳуш оварданд. Андаке баъд король ғамгинона гуфт:

— Оҳ, ман чи қадар ташнаи ин соати ширин будам, вале он хеле дер омад ва аз ин орзу лаззат бурдан ба ман насиб нахоҳад шуд. Бирав, зудтар бирав,—бигузор ин вазифаи фараҳбахшро, ки ман аз иҷро кардани он оҷизам, дигарон баҷо биёваранд. Ман мӯҳри бузурги худамро ба комиссияи махсуси давлатӣ вогузор мекунам; лордҳоеро, ки ин комиссияро ташкил хоҳанд кард, худат интихоб бикун ва дарҳол ба кор сар кунед. Ба ту мегӯям, шитоб кун! Пеш аз он ки офтоб фурӯ рафта дубора сар мезанад, сари буридаи ӯро ба ман биёваред, ки онро тамошо кунам.

— Хоҳиши король иҷро хоҳад шуд. Шояд, мум-

[1] Пер—олитарин дараҷаи аристократҳои Англия.

ки аст фармон бидиҳед, ки мӯҳри бузургро акнун ба ман бидиҳанд, то ин ки ин корро баҷо биёварам.

— Мӯҳр? Охир мӯҳр-ку дар дасти туст.

— Афв кунед, аълоҳазрат! Ду рӯз пеш худи шумо мӯҳрро аз дасти ман гирифта ва фармудед, ки то модоме ки худатон бо дасти шоҳонаи худ ҳукми кушти герцог Норфолькро тасдиқ накунед, касе ҳақ надорад, ки ба он даст расонад.



Дарбориён ӯро боз хобонданд.

— Бале, ба хотирам ҳаст: ман дарвоқеъ онро гирифта будам,—дар ёдам ҳаст... Аммо онро ба куҷо гузоштаам?.. Хеле бе тобу тавон шудаам... Дар рӯзҳои охир тамоман фаромӯшхотир шудаам, ҳеҷ чизро намефаҳмам, намедонам...

Ва король баъзе суханони номафҳуме гуфта сари мӯйсафедашро меҷумбонд ва кӯшиш мекард, ки ба куҷо мондани мӯҳрро ба хотир биёварад. Ниҳоят

лорд Гертфорд ҷасорат карда зонуи худро ҳам намуда хост, ки ба ёди ӯ биёварад ва гуфт:

— Аълоҳазрато! Ҷасорат карда арз мекунам: ин ҷо бисьёр касон ва аз он ҷумла ман ҳам ба хотир дорам, ки шумо мӯҳри бузурги давлатиро ба аълоҳазрати валиаҳд шаҳзодаи Уэльский супурда будед, ки ӯ то он рӯз онро нигоҳ дорад, ки...

— Дуруст аст, тамоман дуруст аст,—фарьёд кард король.—Мӯҳрро биёред! Зуд бошед, вагарна вақт мегузарад!

Лорд Гертфорд давида ба пеши Том рафт, аммо ба зудӣ бо дасти холӣ ва дар ҳолати изтироб баргашт.

— Бо ғам ва андӯҳи бузург бояд ба ҳузури шумо як хабари талх ва андӯҳгинро баён намоям,— гуфт ӯ,—бо хости худо ҳанӯз бемории шаҳзода дафъ нашудааст ва ӯ ба худаш супурда шудани мӯҳри бузургро ба ёд оварда наметавонад. Ман хостам инро ба шумо арз кунам, ба фикри ман онро дар ин хонаҳои зиёд ва дар байни ин қадар асбобу анҷомҳо кофтан фоида надорад. Ин ба ғайр аз сарф кардани вақти пурқимат чизи дигаре нахоҳад буд.

Оҳу воҳи король сухани ӯро бурид. Король бо андӯҳи бузурге гуфт:

— Ӯро нороҳат накунед! Бачаи бечора. Худо ӯро ба ғазаби худ гирифтааст, дилам ба ҳоли ӯ месӯзад, вале ман бори дард ва азоби ӯро ба ин китфҳои пир ва нотавони худ гирифта наметавонам, ки ӯ ором ва хушбахт бошад.

Король чашмони худро пӯшид, худ ба худ чизе гуфт ва хомӯш шуд. Баъд аз якчанд дақиқа пилки чашмони ӯ дубора кушода шуданд ва ӯ бо чашмони хираи худ атрофро аз назар гузаронд. Ва ниҳоят назараш ба лорд-канцлер, ки ба ду зону нишаста

буд, дӯхта шуд. Дарҳол оташи ғазаб дар рӯяш дурахшид.

— Ту ҳанӯз ин ҷой? Ба худо қасам мехӯрам, ки агар кори он хоинро имрӯз тамом накунӣ, фардо сарат аз тан ҷудо хоҳад шуд!

Лорд дарақ-дарақ ларзида гуфт:

— Раҳм кунед, короли меҳрубони ман! Ман мунтазири мӯҳри шоҳона ҳастам.

— Азизам, ту гӯё ки девона шудаӣ! Мӯҳри хурде ки ман дар асной сафар бо худ мебурдам, дар хазина истодааст. Агар мӯҳри бузург гум шуда бошад, магар мӯҳри хурд кофӣ нест? Бирав, зуд бош, ва бе сари он ба ҳузури ман набиё.

Канцлери бечора саросемавор аз ғазаби хавфноки король тарсида берун баромад; комиссия ҳам ҳукмеро, ки аз тарафи парламенти фармонбардор бароварда шуда буд, тасдиқ кард ва куштани пери якӯми мамлакати Англия герцог Норфольки шумтолеъро ба фардо пагоҳӣ таъин кард[1].

*Боби нӯҳум*

## ПАРАДИ ДАРЬЁЙ

Дар соати даҳи шаб девори сербар ва калони дарбор, ки ба дарьё нигоҳ мекард, бо оташҳои фараҳбахши фаровон дурахшон шуд. Дарьё ба тарафи Сити, ба қадре ки чашм кор мекард, бо кишти-

[1] Палатаи лордҳо ҳатто тергав накарда, исбот ва далел ҷамъ накарда ҳукми куши Норфолькро тасдиқ карда ба палатаи умум фиристод. Ин палата ҳам, ки бандавор фармонбардор буд, бегуфтугӯ ба хоҳиши король итоат кард. Король ба воситаи комиссияи махсус ин ҳукмро тасдиқ намуда фармон дод, ки Норфольк 29 январь пагоҳӣ кушта шавад. (Юм, Таърихи Англия, ҷилди III, саҳифаи 306.)

хои моҳигирӣ ва бо пароходҳои дилкушо пур буд. Тамоми ин киштиҳо, ки бо фонусҳои рангоранг зинат дода шуда буданд, бо таъсири мавҷҳои оби дарьё оҳиста-оҳиста ба ҷумбиш меомаданд ва ба як гулзори калони рангоранге монандӣ доштанд, ки бо вазиши боди тобистонӣ ба ҷумбиш меафтод. Айвоне ки ба тарафи дарьё зинаҳои сангӣ дошт, чӣ қадар зебо буд. Ин айвон ба андозае калон буд, ки дар он лашкари як князи немисӣ ғунҷида метавонист. Дар ин ҷо ҷанговарони табарзиндори қироли саф баста буданд, ки ҷороинаҳои дурахшон пӯшида буданд ва як тӯда ясавулон ва хизматчиён бо шитоб ба ҳар тараф рафтуомад мекарданд ва тайёриҳои охирини банкетро баҷо меоварданд.

Баногоҳ фармоне шунида шуд ва дар як лаҳза дар айвон ҳеҷ ҷондоре намонд. Ҳамаи чиз гӯё ки аз шиддати интизории пурзӯр ях кард. Дар ин вақт тамоми дарьё бо одамоне пур буд, ки ба даруни қаиқҳо истода пеши чашмони худро аз рӯшноии баланди машъали фонусҳо паноҳ карда, чашми худро ба тарафи дарбор дӯхта буданд.

Киштиҳои зарандуди аҳли дарбор пай дар пай ба тарафи зинапояҳои айвон меомаданд. Онҳо қариб чил—панҷоҳ адад буданд. Пасу пеши ин киштиҳо баланд буда, дар онҳо ҳар навъ кандакориҳои устодона дида мешуд. Баъзе аз онҳо бо байрақ ва ялавчаҳо, баъзе бо порчаҳои зардӯзӣ ва матоъҳои гаронбаҳо, ки дар болояшон нишон ва аломатҳои хонаводагӣ кашида шуда буд ва баъзе бо байрақҳои абрешимӣ зинат дода шуда буданд. Ба ин байрақҳои абрешимӣ миқдори зиёди зангӯлаҳои нуқрагӣ овехта шуда буд, ки бо андак вазиши бод аз онҳо ба ҳар тараф овозҳои фараҳбахши мусиқӣ паҳн мегардид.

Қаиқҳои лордони ҳузури шаҳзода Уэльский боз ҳам зеботар ва оростатар буданд. Ба канорҳои онҳо харгуна сипарҳои ҷангӣ овезон буда, ба онҳо ҳам нишонҳои хонаводагии ҳар як лорд ва граф кашида шуда буд. Ҳар як қаиқи рикоби шоҳонаро як киштии хурд кашида мебурд. Ба ғайр аз қаиқронҳо ба даруни ин киштиҳо ҷанговарон бо чороина ва кулаҳхӯдҳои дурахшони худашон ва мусиқачиён нишаста буданд.

Дар пеши дарвозаҳои сербари роҳи даромади калон, тӯдаи пешгарди тӯдаи аскарони махсуси табарзиндор, ки издиҳоми мардум ба онҳо мунтазир буд, намудор шуданд.

Табарзиндорон эзорҳои рах-рахи сиёҳу сурх ва кулоҳҳои махмалӣ доштанд, ки ба як тарафи онҳо гулҳои нуқрагӣ гузошта шуда буд, онҳо аз моҳути сурхи баланд ва кабуд камзӯлҳо пӯшида ба кифт ва ба синаҳояшон се қатор пари мурғ дӯхта буданд, ки ин аломати махсуси шаҳзода буд. Ба чӯби табарзинҳои худашон махмали сурх печонида онро бо мехҳои тиллоӣ маҳкам карда ва бо шилшила ва пӯпакчаҳо ороста буданд.

Табарзиндорон ду қатор шуда дар ду ҷониби зина истоданд, ин ду қатор аз дарвозаи дарбор то худи лаби дарьё омада мерасид. Хизматгорон ва маҳрамҳои шаҳзода дар байни ин ду қатор қолинҳои нарм паҳн карданд. Ҳамин ки ҳамаи ин корҳо тамом шуд, аз дарбор овози карнай шунида шуд.

Тӯдаи мусиқачиён аз миёни дарьё истода оҳанги фораме сар кард ва ду нафар раиси дарборҳо ба дастҳои худашон асоҳои сафедранг гирифта бо қадамҳои вазнин ва боазамат дар таги пештоқи дарвоза намудор шуданд. Аз паси онон ду офицер намоён шуданд, ки яке дар даст асои муқаррарӣ ва дигаре

шамшер дошт; баъд аз ин якчанд саркардаҳои посбонони шаҳрӣ бо либосҳои расмии худ ва бо нишонаҳои махсус дар остинҳои худ, намудор шуданд; аз паси онон ҷарчӣ меомад, ки аз болои чороинаҳои худ ҷомаи васеи зардӯзӣ пӯшида буд; пас аз он якчанд нафар аз ҷанговарони мансаби Бани[1], ки ба дастони худ ҳошияҳои тӯрин баста буданд ва аз паси онҳо яроқбардоронашон намудор шуданд; баъд судьяҳо бо либоси хурд ва кулоҳи махсус, баъд лорд-канцлери Англия бо ҷомаи алвони пешаш яла, ки ба канорҳояш аз пӯсти санҷобӣ сафед зеҳ монда шуда буд, меомад; баъд намояндагони табақаҳои гуногуни аҳолии шаҳр дар камзӯлҳои сурхи баланд ва ниҳоят сардорони ҷамъиятҳои гуногуни шаҳрӣ бо дабдабаи тамом намудор шуданд. Баъд аз инҳо дувоздаҳ нафар аз калоншавандагони Франция бо либосҳои пурҳашамати худ меомаданд, инҳо камзӯлҳои сафеди абрешимии зардӯзӣ ва ҷомаҳои кӯтоҳ аз махмали сурх пӯшида буданд ва бо дабдабаи тамом аз зинаҳо мефуромаданд,—инҳо ҳайати сафоратхонаи Франция буданд. Аз паси онон дувоздаҳ нафар аз ҳайати сафоратхонаи Испания меомаданд, ки аз махмали сиёҳ ҷомаҳои содда пӯшида буданд ва аз паси онон якчанд нафар аз аъёнони номдортарини Англия бо аҳли рикоб қадам зада меомаданд.

Аз дарбор боз овозҳои карнай шунида шуд ва дар дами дар тағои шаҳзода—бузургтарин герцоги оянда Сомерсецкий намудор шуд, ки аз порчаи сиёҳи зардӯзӣ камзӯл ва аз атласи нозуки қирмизӣ ҷома пӯшида буд. Ӯ ба ақиб баргашт ва кулоҳи

[1] Б а н и—дар Англия як дараҷаи ҷанговарӣ аст, ки дар соли 1399 аз тарафи Генрихи IV таъсис ёфтааст. Дар вақти таъин шудан ба ин мансаб дар қатори маросимҳои дигар оббозӣ кардан ҳам шарт ва одат буд.

бузурги бо парҳо ороставшудаи худро аз сар бардошта дукат хам шуда бо эҳтироми тамом ақибнокӣ аз зинаҳо фуромадан гирифт ва дар ҳар зина қадре истода таъзим мекард.

Аз паси ин, овозҳои кашолноки карнайҳо ва фарьёдҳои: „Роҳ диҳед ба аълоҳазрат, лорди қодиру тавоно Эдуард, ба шаҳзода Уэльский“ баланд шуд. Аз болои деворҳои баланди дарбор шӯълаҳои сурхи оташ забона кашиданд ва мисли раъд овози ғулғула ба олам печид; тамоми халоиқи зиёде ки дар болои об дар қаиқ ва киштиҳо истода буданд, ба муборакбоди шаҳзода фарьёд бардоштанд ва Том Кенти, ки боис ва қаҳрамони тамоми ин маросимҳо ва банкет буд, дар ҳолате ки сари шоҳонаи худро оҳиста мечумбонд, дар айвон намоён гардид.



Том Кенти дар айвон намоён шуд.

Ӯ аз атласи сафеди олӣ камзӯл пӯшида буд. Аз болои камзӯл аз порчаи кирмизӣ пешгирак дошт, ки ба рӯи он хокаи алмос пошида шуда ва ба канорҳояш пӯсти қоқум дӯхта шуда буд. Аз болои

камзӯл ба рӯи кифтҳои худ аз порчаи сафеди зардӯзӣ ҷомае андохта буд, ки дар он нишонаи шаҳзодагӣ бо атласи кабуд дӯхта ва ба болояш марворидҳои гаронбаҳои дигар чида шуда ва бо гарданбанди бриллиантӣ мустаҳкам карда шуда буд. Дар гардани шаҳзода нишони махсуси гарданбанд ва бисьёр нишонҳои хориҷӣ овезон буданд; ҳар бор ки шӯълаҳои оташ ба тарафи ӯ меафтоданд, тобиш ва дурахшиши ин сангҳо тамошобинонро хира мекард.

Бале, Том Кентие ки дар харобае таваллуд ёфта, ба даруни ҷӯйҳои шаҳри Лондон калон шуда, аз бачагӣ дар либосҳои жанда, бо чирк ва фақирӣ умр гузаронида буд, имшаб аҷаб тамошое дошт.

*Боби даҳӯм*

## САРГУЗАШТҲОИ ШУМ ВА ФАЛОКАТОМЕЗИ ШАҲЗОДА

Мо Ҷон Кентиро дар ҳолате монда будем, ки шаҳзодаи ҳақиқиро ба тарафи маҳаллаи Саркутҳо кашола карда мебурд. Ва аз паси онон тӯдаи тамошобинон бо талотӯб ва ғалоғула мерафтанд. Фақат як нафар ёфт шуд, ки ҷуръат карда ба ин асири бечора тарафдорӣ намуд, аммо ҳеҷ кас ба суханони ин одам гӯш намеандохт ва азбаски ғавғо ва талотӯб зиёд буд, шояд касе суханони ӯро ҳам намешунид. Шаҳзода ҳанӯз ҳам озодии худро мудофиа кардание мешуд ва бо ин рафтори дағал ва бераҳмона бо ғазаб ва хашмгинӣ муқобилат мекард. Ҷон Кенти ниҳоят андаке сабру тоқатеро ҳам, ки табиат ба вай дода буд, гум кард ва дар оташи хашм ва ғазаб калтаки худро ба шаҳзода фуровард. Ягона ҳимоягари шаҳзода пеш даромад, ки Ҷонро

аз задани бачаи бегуноҳ нигоҳ дорад ва зарби калтаки Ҷон Кенти ба болои дастони ӯ афтод.

Ҷон Кенти наъра кашида гуфт:

— Ту чаро мудофиа мекунӣ, инак, ҳаққи ту, бигир.

Калтаки вазнин ба сари ҳимоягари шаҳзода зарбаи сахте зад ва нолаи ӯ баланд шуда ҷасадаш ба замин, ба зери пои тамошобинони давида омадагӣ афтод. Як дақиқа баъд ҷамоат аз онҳо дур шуданд ва ин ҳолат ба тамошогарон таъсир карда димоғи онҳоро насӯзонд, мардаки кушташуда дар ҳамон ҳол дар торикӣ монд.

Дар ин вақт шаҳзода ба вайронахонаи Ҷон Кенти омада даромада буд. Дари хона баста шуда буд, дар рӯшноии хираи шамъе ки ба болои як шиша гузошта буданд, шаҳзода тарҳи хона ва шамоили бошандагони онро базӯр дида метавонист. Дар як гӯша, дар таги девор ду нафар духтараки ҷингиламӯй ва як зани миёнсол ба замин нишаста буданд. Ҳолати инҳо чорвоёнеро ба хотир меоварл, ки ба берахмиҳо одат кардаанд; онҳо дар интизори шаллоқ хӯрдан хеле дар тарс ва хавф нишаста буданд. Аз гӯшаи дигар як пиразани аҷузаи мӯйсафед бо миёни дуқат, вале чашмони барроқи хашмгин ба майдон баромад.

Ҷон Кенти рӯи худро ба вай гардонида гуфт:

— Тамошо кун, дар ин ҷо як масхарабозие мешавад, ки сазовори тамошост. Аммо сабр кун, аввал ба хубӣ аз ин тамошо лаззат бубар ва баъд, ҳар қадар ки мехоҳӣ, ӯро бикӯб. Писар, ин ҷо биё! Агар фаромӯш накарда бошӣ, суханони аҳмақонаи худро бори дигар такрор бикун! Номат чист ва худат кӣ ҳастӣ?

Аз шиддати ранҷ ва ҷафо рухсораҳои шаҳзодаи

ҷавон боз сурх шуданд ва ӯ бо нигоҳҳои пурдиққат ва нафратангез рост ба чашмони Ҷон назар намуд.

— Ту одами дағал ва сахтдиле ҳастӣ—гуфт ӯ:— Ту ҳақ надорӣ, ки ба ман фармондиҳӣ кунӣ. Он чиро, ки гуфта будам, боз такрор мекунам: бале, ман Эдуард, шаҳзода Уэльский мебошам.



—Худат кӣ ҳастӣ?

Занаки пир аз ин ҷавоб чунон саросема гардид, ки поҳои ӯ гӯё ба замин часпонда шуданд ва ҳатто нафасаш ҳам гирифт. Пиразан бо як таաҷҷуби аҳмақонае чашмони худро ба тарафи шаҳзода дӯхт ва ин ҳол ба писари сахтдили ӯ чунон форид, ки қоҳ-қоҳ зада ханда кард.

Аммо ба модар ва хоҳарони Том Кенти суханони шаҳзода тамоман таъсири дигаре бахшиданд. Як дақиқа пеш тарси онҳо аз ин буд, ки падараш ҳоло писараки бадбахтро хоҳад зад, аммо ҳоло ин тарс

ба хавфи дигаре мубаддал гардид. Онҳо бо воҳима ва андӯҳи бузурге ба тарафи шаҳзода давиданд ва ҳама якбора фарьёд карда гуфтанд:

— Вой Том! Бечора! Вой писараки бенаво!

Модари Том дар пеши шаҳзода ба зону афтод, дастони худро ба кифтҳои ӯ гузошт ва аз миёни донаҳои ашк, ки аз дидаҳояш равон буд, маҳзунона ба чашмони ӯ нигоҳ карда гуфт:

— Писарчони бечораи ман! Китобҳои аҳмақонаи ту охир кори худро кардаанд ва ақлу фаросататро аз дастат гирифтанд. Оҳ, ту чаро ин қадар ба он китобҳо мафтун будӣ? Борҳо ман туро аз ин кор манъ карда будам. Ту маро сӯхтӣ ва диламро шикастӣ!

Шаҳзода ба рӯи ӯ нигоҳе кард ва бо меҳрубонӣ гуфт:

— Писари ту тандуруст аст ва ақли худро гум накардааст, эҳ зани меҳрубон! Ором ва сокит бош! Маро ба дарбор раҳнамоӣ кун, ки писари ту дар он ҷост ва падари ман, аълоҳазрат короли Англия ба зудӣ ӯро ба ту хоҳад супурд.

— Подшоҳ—падари ту! Э писарчонам! Аз сарат гардам, ин гапҳоро дигар нагӯ, ки худатро нобуд ва моро хонавайрон хоҳӣ кард. Ин хаёлотро аз сарат берун кун. Фикри ту гумроҳ шудааст, онро ба роҳи рост даъват намо! Ба ман нигоҳ кун! Магар ман модари ту нестам, ки туро зоида ба ин воя расонидаам ва хеле туро дӯст медорам?

Шаҳзода сарашро ҷумбонид ва бемайлона гуфт:

— Худо медонад, туро ранҷонидан барои ман чи қадар вазнин мебошад, аммо росташ, ки ман то ҳол ҳеҷ рӯи туро надидаам.

Он зан боз ба замин нишаст ва бо овози таъсирбахш ба нола ва фиғон даромад.

Кенти боз аз худ баромада фарьёд мекард:

— Боз ба масхарабозии худ давом кунед! Эй Нен ва Бет! Охир чаро дар ҳузури шаҳзода чунин истодаед? Эй ҷоҳил ва нодонҳо! Э, гадозодаҳо, ба ду зону истода таъзим кунед, эҳтиромашро баҷо биёваред.

Ва ӯ боз қоҳ-қоҳ зада ханда кард. Духтарҳо бо тарс бародари худро мудофиа карданӣ шуданд.

— Падарҷон, ба ӯ иҷозат бидеҳ, ки хоб кунад,— гуфт Нен.

— Дам гирифтан ва хоб кардан хотири ӯро ҷамъ мекунад. Бигӯ, рафта хоб кунад.

— Бигузор ӯро, падарҷон,—гуфт Бет.—Ӯ имрӯз назар ба рӯзҳои дигар хеле зиёдтар монда шудааст. Фардо ӯ дасти холӣ ба хона намеояд.

Ин суханон падари ононро хушьёртар кард ва ҳолати шодии ӯ дафъ шуд ва фикрҳои ӯ ба корҳои амалӣ гузаронида шуданд.

Ӯ боғазабона рӯи худро ба тарафи шаҳзода гардонда гуфт:

— Мо бояд фардо ба соҳиби ин хона ду пенс пули иҷора бидиҳем. Кироян хона барои шаш моҳ ду пенс аст... Ин пули кам нест. Агар надиҳем, моро аз хона берун хоҳанд кард. Хуб, биёр бинем, имрӯз чӣ ҷамъ кардаӣ? Магар ба садақа пурсидан гарданат ёрӣ намедиҳад?

Шаҳзода гуфт:

— Бо суханони ифлоси худ маро ҳақорат накун! Ман, писари подшоҳи Англия ҳастам, инро боз такроран ба ту мегӯям.

Овози зарбаи сахте шунида шуд; дасти вазнини Ҷон Кенти якбора ба кифтҳои шаҳзода фуромад ва агар модари Том ӯро ба оғӯши худ кашида аз бориши мушт ва калтакҳои Кенти бо бадани худ муҳо-

физа намекард, духтаракон тарсида ба як гўшаи хона гурехтанд. Аммо пиразан, ки оташи ғазабаш боз ҳам зиёдтар даргирифта буд, ба ёрмандии писари худ баромад. Шаҳзода худро аз дасти зани Кенти раҳо карда фарьёд намуд:

— Ту набояд барои ман озор бикашӣ! Бигузор ин хукҳо танҳо ба худи ман ҳуҷум намоянд.

„Хукҳо" ҳамин ки ин суханони ўро шуниданд, хашм ва ғазабашон як бар даҳ зиёд шуд ва дарҳол ба шаҳзода ҳуҷум намуда ўро сахт кўфтанд ва барои ба шаҳзода ҳамдардӣ ва дилсўзӣ карданашон духтаракон ва модари онҳоро ҳам аз шаллоқ сер карданд.

Баъд аз ин Кенти фармон дод:

— Хуб ҳоло хоб кунед, марш! Ин бозӣ маро монда кард.

Чароғро кушта ба чоҳои хоб даромаданд. Вақте ки Ҷон ва пиразан хуррос кашиданд, духтаракон ба чое ки шаҳзода хобида буд, омаданд ва бо хошок ва латтапораҳо ўро пўшониданд, ки хунук нахўрад. Баъд модари онҳо ба шаҳзода наздик омада ўро навозиш намуд ва бар болои сари ў истода қадре гирья кард ва ба гўши ў оҳиста-оҳиста суханони тасаллиомезе гуфт. Ў барои фарзанди худ қадре хўрок нигоҳ дошта буд, аммо аз шиддати дард ва озоре ки дида буд, шаҳзода ҳеч иштиҳо надошт ва ё ин ки нонпораҳои сиёҳ ва сахтро асло дили ў намекашид. Шаҳзода аз ғамхорӣ ва тарафдорӣ кардани он зан хеле мамнун шуд ва бо суханони хуш аз ў миннатдорӣ карда маслиҳат дод, ки рафта бихобад ва тамоми ғаму аламҳоро фаромўш кунад. Ва инро ҳам илова намуд, ки подшоҳ, падари ў, садоқат ва меҳрубонии ўро бемукофот нахоҳад гузошт. Боз ингуна шиддат кардани „девонагии" писараш ба дили модари бечо-

ра сахт расид; ӯ такрор ба такрор шаҳзодаро ба оғӯш кашид ва ниҳоят бо чашмони пурашк ба ҷои хоби худ рафт.

Вақте ки дар ҷои хоб дар бораи ин ҳодисаҳо фикр мекард, ба хаёлаш чунон расид, ки дар ин бача як ҳолати аҷибе ҳаст, ки онро фаҳмидан ва дарк кардан душвор мебошад ва он ҳолат хоҳ девона бошад хоҳ боақл, гӯё ки дар Том Кенти набуданд. Ӯ чӣ будани ин ҳолатро фаҳмида наметавонист, вале як ҳисси нозуки модарӣ хабар медод, ки ин бача аз як ҷиҳат ба вай бегона аст. Шояд ӯ ростӣ ҳам писари ман набошад? Не, ин хаёлҳо беҳуда аст. Вақте ки ин фикр аз дилаш гузашт, бо вуҷуди тамоми изтироб ва ғамҳои худ ӯ лабханде кард. Аммо ин фикр ҳеҷ аз сараш дур намерафт ва аз дур кардани он оҷиз буд. Ин фикр доим аз паи ӯ меомад, ӯро ба ҳайрат меандохт, бетобу тавон мекард ва ҳеҷ имконият надошт, ки онро аз худ дур намояд. Ниҳоят занак фаҳмид, ки агар он бачаро дурусттар тафтиш ва таҷриба накунад, писари ӯ будан ва ё набудани ӯро нафаҳмад, дилаш қарор нахоҳад гирифт ва ин шубҳаҳои дилтанг ва бетоқаткунанда аз вай дур нахоҳад шуд. Ростӣ ҳам барои бартараф кардани шубҳа ва дудилагиҳо ягона роҳи дуруст ин буд ва ӯ дар ҳамин ҷо ба фикри он афтод, ки кадом роҳи санҷиш ва таҷрибаро кор фармояд ва ба чӣ чорае даст дароз кунад, аммо инро фикр кардан назар ба ҷорӣ карданаш осонтар буд. Ӯ ҳар қадар фикру хаёл карда бошад ҳам, ҳеҷ як роҳи таҷриба ва санҷиш ба назараш дуруст ва мӯътабар наменамуд, чорабиниҳои мӯътабар ва дурустро бошад, ба амал овардан осон набуд. Ё шояд ин хаёлоташ беҳудаанд ва аз ин фикрҳо якбора даст кашидан лозим аст. Аммо замоне ки ба ин қарор ва натиҷаи

андӯҳнок омад, нафасгирии ором ва мунтазами писарак шунида шуд: маълум мешавад, ки писарак ниҳоят роҳат хобида буд. Ӯ ба ин нафасгирии ором ва мунтазам гӯш медод, ки якбора писарак мисли ин ки хоби мудҳиш дида бошад, фарьёде кашид. Ин тасодуф ба хаёли ӯ чорае овард, ки аз ҳама чораҳои дигар ба назараш дурусттар менамуд. Бо шитоби тамом ва бе ҳеҷ овоз шамъро даргиронд. Дар ин вақт худ ба худ мегуфт: „агар ман ӯро ҳозир медидам, тамоми ҳақиқатро ҳозир мефаҳмидам. Аз рӯзҳои кӯдакиаш, аз он рӯзе ки дар пеши чашмаш доруи милтиқ оташ гирифта буд, одат дорад, ки дар вақти паноҳ кардани чашми худ аз офтоб дасташро мисли одамони дигар рост нагирифта, балки чаппа мегирад. Агар дар вақти хоб ва ё ба хаёл фурӯ рафтанаш тарсад, боз ҳамин ҳаракати аҷиби худашро такрор мекунад. Ман ин корро ҳазорон бор дидаам: ӯ ҳамеша ҳамин тавр ва ҳамин як ҳаракатро такрор мекард. Акнун ман инро мефаҳмам! Мефаҳмам!

Шамъро бардошта бо дасти худ паноҳ карда оҳиста ба писараке ки дар хоб буд, наздик шуд ва оҳиста дар ҳолате ки аз ҳаяҷон базӯр нафас мегирифт, ба болои вай хам шуд ва якбора шамъро ба пеши чашмони ӯ оварда дасташро, ки пеши шӯълаи шамъро паноҳ мекард, якбора пас кашид ва дар айни замон дар таги гӯши ӯ мушти худро ба тахтаи пол сахт зад. Бача чашмони худро васеъ кушода ба атроф нигоҳи ҳайратангезе андохт, вале ҳеҷ як ҳаракати дигаре накард.

Зани бечора аз шиддати андӯҳ ва тааҷҷуби худ кам монда буд, ки девона шавад. Аммо ҳаяҷон ва изтироби худро пинҳон карда, ба писарак тасаллӣ дода ӯро боз хобонд, баъд аз ин дар бораи натиҷаҳои ғамовари таҷрибаи худ ба андӯҳ фурӯ рафта ба

чои хоби худ баргашт. Ӯ мехост ба худаш боварӣ диҳад, ки Том ҳаракатҳои одатии худашро ҳам дар натиҷаи девонагӣ фаромӯш кардааст. Аммо ба ин ҳеҷ муваффақ намешуд.

„Не мегуфт ӯ, — охир дастони ӯ ки девона нашудаанд! Дастони ӯ ки дар ин муддати кӯтоҳе ин одати деринаро фаромӯш карда наметавонистанд. Оҳ, ин рӯз барои ман чи қадар сахт ва душвор аст!"



Ӯ охиста ба болои вай хам шуд.

Аммо ҳоло шубҳаҳои ситезакории вай ба як умеди ситезакоре мубаддал шуда буданд. Ӯ намехост худашро ба он ҳақиқате ки акнун бо ин қадар равшанӣ ба майдон баромада буд, бовар кунонад. „Боз таҷриба кардан лозим аст—таҷрибаи аввалин бемуваффақият баромад". Ӯ бори дуюм ва сеюм писаракро нохост аз хоб бедор кард, аммо ӯ боз мисли бори аввал хоболуд бо дасти худ ҳеҷ ҳаракате накард. Баъд аз ин базӯр ба чои хоби худ баргашта аз шиддати мондагӣ ба хоб фурӯ рафт.

„Не, ман аз вай даст кашида наметавонам! Ҳаргиз наметавонам ва намехоҳам, ки ӯ писари ман набуда бошад".

Акнун модари бечора шаҳзодаро нороҳат намекард, ҳаячони ӯ кам-кам қуввати худро аз даст медод ва мондагии пуршиддат зиёд мешуд ва ниҳоят пилки чашмони ӯ пӯшида шуданд ва ӯ ба хоби роҳат ва оромӣ фурӯ рафт. Соатҳо гузаштанд, аммо шаҳзода ҳанӯз ҳам мисли мурда хобида буд. Ба ҳамин ҳол чор-панҷ соат гузашт. Баъд дард ва мондагие ки дар даст ва пойҳои ӯ буд, кадре ором гирифт, ӯ дар чои худ чумбид ва дар ҳолати нимхоб ва нимбедорӣ ғур-ғуркунон гуфт.

— Сэр Вильям!

Баъд аз дақиқае боз такрор кард:

— Сэр Вильям!

Ва давом намуда гуфт:

— Ин чо биё, гӯш кун, ки ман чи хоби мудҳиш дидаам... Сэр Вильям, гӯш мекунӣ ё не? Дар хоб дидаам, ки маро иваз кардаанд ва гадобачае шудаам. Хой, ин чо биё! Эй посбонҳо! Сэр Вильям! Чӣ? Дар ин чо ҳатто ясавул ва маҳрамон ҳам нестанд? Хуб бардошт кунед, ман сазои шуморо медиҳам!..

— Чӣ шудааст ба ту?—овози пасте шунида шуд.— Киро чеғ мезанӣ?

— Сэр Вильям Гербертро! Ту худат кистӣ?

— Ман хоҳари ту Нен набуда кӣ шуда метавонам? Оҳ, ман фаромӯш кардаам. Ту ҳанӯз ҳам ба ақл наомадаӣ! Бечора, ту ҳанӯз ҳам девона ҳастӣ! Кошкӣ ман бедор шуда туро дар ин ҳоли зор намедидам. Аммо аз ту хоҳиш мекунам, ки забони худро як кадар нигаҳ дор, вагарна ҳамаи моро то мурданамон мекӯбанд.

Шаҳзодаи ҳайрон кадре аз замин баланд шуд,

дарди сахти шаллоқҳо ӯро ба худ овард ва ӯ охе кашида ба замин ба рӯи хасу хошокҳои ифлос афтод ва фарьёд кашид:

— Оҳ маълум мешавад, ки ин хоб набудааст!

Тамоми андӯҳ ва ташвишҳои вай, ки дар вақти хоби ширин онҳоро фаромӯш карда буд, боз баргаштанд; ба хотираш расид, ки ӯ дигар писари азизи подшоҳи Англия намебошад ва халқ ба ӯ бо эҳтиром ва иззат нигоҳ намекунанд, балки як гадои ҳақир, жандапӯш ва асире аст, ки дар вайронаи оғилмонанде, дар байни дузд ва гадоҳо зиндагонӣ мекунад.

Дар байни ин хаёлоти ғамангез ӯ як овози хушҳолонаеро шунид. Ин овозҳо дар наздикӣ, дар яке аз хонаҳои ҳамсоя шунида мешуданд. Баъд аз дақиқае дари хонаро сахт кӯфтанд. Ҷон Кенти хуррос кашиданро бас намуд ва фарьёд кард:

— Кист дар он ҷо? Чӣ мехоҳӣ?

Овозе ҷавоб дод:

— Медонӣ, ки дирӯз бо калтак киро ба замин хобонидӣ?

— Намедонам ва донистам ҳам намехоҳам.

— Хуб, ба зудӣ мефаҳмӣ. Агар ҷони худатро саломат бурдан мехоҳӣ, зудтар бигрез: фақат гурехтан туро халос карда метавонад. Он мард ҳоло мемурад ва ӯ кашиши калисои мо, мулло Эндрью мебошад.

— Худоё, тавба кардам!—фарьёд кард Кенти.

Ӯ тамоми аҳли хонаводаашро бедор карда ва бо овози хирросие фармон дод:

— Зуд бархоста гурезед, агар дар ин ҷо мондед, ҳаматон дастгир хоҳед шуд.

Панҷ дақиқа баъд ҳамаи аҳли хонаводаи Кенти барои саломат бадар бурдани ҷони худ дар кӯчаҳо

давон-давон мерафтанд. Ҷон Кенти аз дасти шаҳзода гирифта аз як тангкӯчаи торике ӯро кашон-кашон мебурд.

— Эй девонаи аҳмак, хушьёр бош. Забонатро дар даҳонат маҳкам нигоҳ дор! Дар ҳеҷ куҷо номи моро ёд накун! Ман барои фиреб додани ин сагҳои полиция номи худро дигар хоҳам кард. Ба ту мегӯям, забондарозӣ накун!

Ӯ ҳамин суханонро такрор-такрор ба дигарон ҳам мегуфт.

— Агар мо аз якдигар ҷудо шавем, бигузор ҳар як ба тарафи кӯпруки Лондон рафта дар он ҷо, дар паҳлуи дӯкони моҳутфурӯш мунтазири дигарон бошад. Баъд ҳамаи моён ба Саутворк хоҳем рафт.

Дар ин вақт хонаводаи Кенти нохост аз торикӣ ба майдонгоҳи равшане баромада ба миёни тӯдаи пурғалоғулаи халоиқе ки дар соҳили дарьё ҷамъ буданд, даромад. Тӯдаи мардумон мерақсиданд, мехонданд, фарьёдҳо мекарданд; ва тамоми соҳили дарьёи Темза сар то сар чароғон буд. Кӯпруки Лондон тамоман чароғон карда шуда буд. Кӯпруки Саутворк ҳамчунин. Тамоми дарьё бо чароғҳои рангоранг медурахшид, ҳар дақиқа мушакҳо ба осмон бардошта шуда дар он ҷо мекафиданд ва оташпораҳои рангоранг ба ҳама ҷо паҳн шуда ва шаби торро ба рӯзи равшан мубаддал мекарданд. Ҳамаи мардумон ба кайфу сафо машғул буданд. Гӯё ки тамоми шаҳри Лондонро шодӣ ва хурсандӣ фаро гирифта буд.

Ҷон Кенти ба даҳонаш ҳар қадар ки дашном меомад, мегуфт ва ба ҳамроҳони худ фармон медод, ки боз ба торикӣ дароянд. Аммо дигар дер шуда буд. Ӯ ва аҳли хонаводаи ӯ ба даруни тӯдаи халқ даромада ва аз ҳамдигар ҷудо шуда буданд.

Ҷон Кенти сахт аз дасти шаҳзода гирифта буд.

Дили шаҳзода ба умеди халос шудан хурсандона дар тапиш буд. Ҷон Кенти ба даруни тӯда даромаданӣ шуда як қаикчии ландаҳурро такон дод, ӯ ҳам, ки аз хӯрдани арақ сармаст буд, бо дастони калони худ аз кифти Ҷон гирифт.



Ва роҳи гурезро пеш гирифт.

— Дӯстам, ба кучо шитоб мекунӣ? Дар замоне ки тамоми фуқарои садоқатманди аълоҳазрати король ва ҳамаи мардумони мушфиқ ва меҳрубон ид мекунанд, ту чаро дили худро бо корҳои беаҳамият беҳуда сиёҳ карда, меолонӣ?

— Ба кори дигарон мудохила накун,—гуфт Кенти бо дағалӣ гапи ӯро бурида.—Дастатро бардор ва роҳро боз кун, ки ман гузарам.

— Не, бародар ин тавр бошад, то ба саломатии шаҳзода Уэльский як пиёла май нанӯшӣ, туро сар намедиҳам,—гуфт қаиқрон пеши роҳи ӯро тамоман гирифта.—Ман ба ту мегӯям, ки туро сар намедиҳам, вассалом.

— Зуд-зуд бошед, як пиёла май диҳед!

Дар ин байн тамошобинони дигар ҳам ба сари инҳо ҷамъ шуданд.

Тӯдаи халоиқ: „Ҷоми муҳаббат!“, „Ҷоми ишқ“ гуфта фарьёд карданд.—Ин фиребгари дағалро водор кунед, ки аз „Ҷоми ишқ“ шаробе бинӯшад, вагарна мо ӯро ба дарьё меандозем, ки хӯроки моҳиён шавад.

Як ҷоми калон шароб оварданд; қаиқрон ба дасти худ дастаи ҷомро гирифта, дасти дигари худро мувофиқи расми муқарарӣ чунон нигоҳ дошт, ки гӯё дар он дастрӯмол бошад, Ҷон Кенти ҳам лозим буд, ки бо як даст аз дастаи дигари ҷом бардошта бо дасти дигар мувофиқи одати қадима сарпӯши ҷомро бардорад[1]. Ба ҳамин тариқ ба ӯ лозим шуд, ки як дақиқа дасти шаҳзодаро сар диҳад. Шаҳзода ҳам дар ин байн фурсатро аз даст надода худро ба даруни поҳои халоиқ андохта ва роҳи гурезро пеш гирифт... Баъд аз як дақиқа ӯро аз миёни ин дарьёи пурмавҷи одамон ёфтан, мисли ёфтани тангае ки ба океани Атлантикӣ андохта шуда бошад, душвор ва номумкин буд. Шаҳзода дарҳол матлабро фаҳмид ва Ҷон Кентиро тамоман фаромӯш карда бо корҳои шахсии худ

---

[1] Маросимҳои тақдим намудани „Ҷоми ишқ“-ро чунин эзоҳ мекунанд: дар замонҳои қадим, ки мардумон сахтдилтар буданд, ин навъ шаробхӯриро муносибтар ҳисоб мекардаанд, ки ҳар ду дасти ҳар ду шаробхӯранда ҳам банд бошад, вагарна дар ҳолате ки одами маст ба саломатии тарафи дигар менӯшад ва гап зада садоқати вафодории худро баён мекунад, тарафи дигар аз ин истифода карда ӯро бо ханҷар кушта метавонад.

машғул гардид. Ба зудӣ масъала ба вай маълум шуд. Аҳолии шаҳр ба ҷои Ӯ Уэльскии сохтаро ҷашн ва муборакбод мекарданд.

Аз ин воқеа шаҳзода фақат як хулоса баровард: гадобача, Том Кенти аз вазъияти худ қасдан истифода намуда бо бевиҷдонии тамом ҳокимиятро ба дасти худ гирифтааст.

Фақат як чора монда буд: ба идораи баладия (шаҳрӣ) роҳ ёфта ба он ҷо даромада сирри он сохтакорро фош кардан лозим буд. Шаҳзода дар ҳамин ҷо қатъ кард, ки Томро мисли касоне ки дар хиёнаткорӣ ба давлат айбдор карда мешаванд, ба дор кашидан, ба дарьё ҳаво додан ва мувофиқи қонуни он замон чор пора кардан лозим аст.

*Боби ёздаҳӯм*

## ДАР ИДОРАИ БАЛАДИЯ[1]

Киштии шоҳона бо ҳамроҳии киштӣ ва қаиқҳои дурахшон ва пурдабдаба бо азамати тамом ба тарафи поёни дарьёи Темза равона шуд. Ҳаворо овози мусиқӣ пур карда буд; ҳама тарафи дарьё бо оташҳои дилкушо иҳота шуда буд; шаҳри дур аз нури машъал ва гулханҳои зиёди нонамоён ба як шафақи нарм ва шуоъдор печида буд. Дар нӯгҳои тези бомҳо ситораҳои шуоъпош шинонида шуда буданд, инҳо аз дур ба найзаҳои дарозе монанд буданд, ки гӯё ба нӯгашон сангҳои гаронбаҳо шинонида шуда бошанд. Дар тамоми роҳ киштиҳоро салом ва муборакбоди тамошобинон ва овози тирҳои тӯп пешвоз мегирифтанд.

---

[1] Идораи шаҳрӣ.

Ба Том Кенти, ки дар миёни болиштҳои абрешимӣ нишаста буд, ин овоз ва ин манзараҳо мисли як мӯъчиза ва тамошои пурдабдабае менамуданд. Аммо ба ҳамроҳони ҷавони ӯ, ки дар паҳлуяш нишаста буданд, ба шаҳзодахоним Елизавета ва ба хоним Ҷен Грей ин манзара чандон таъсире намебахшид.

Киштиҳо ҳамин ки ба Даугет расиданд, ба тарафи боло равона шуда аз даруни обҳои шаффофи Уолбрук ба Бекларсвер равона шуданд (ҷараёнгоҳи ин дарьёча ду аср аст, ки бо иморатҳо гӯр карда шудааст), онҳо аз пеши хонаҳо ва кӯпрукҳои чароғон, ки бо тамошобинони шод ва хуррам пур буданд, ниҳоят дар ҳавзае ки ҳоло *бандаргоҳ аст ва он замон маркази Ситии Лондон буд, истоданд. Том бо аҳли рикоби пурдабдабаи худ ба соҳил баромад, аз Чипсайд гузашт ва баъд аз Ҷарии Кӯҳна қадре қадам зада аз кӯчаи Безингхолл ба идораи Баладия расид.

Том ва хонимҳоеро, ки бо вай ҳамроҳ буданд, раиси идораи баладия—лорд-мэр ва калоншавандагони шаҳр, ки ҷомаҳои қирмизӣ ва гарданбандҳои зардӯзӣ доштанд, бо дабдабаи даркорӣ пешвоз карданд; онҳоро аз хонаи бузурге гузаронида ба ҷоҳои шоҳона, ки дар таги соябонҳои пурзинат буд, бурданд; пешопеши онон ҷарчиҳо мерафтанд, ки омадани онҳоро хабар диҳанд ва дар дасти худ асо ва шамшери шаҳро мебурданд. Лорд ва хонимҳое ки барои хизмат кардан ба Том ва шаҳзодахонимҳо муайян шуда буданд, дар пеши сари онон дар паси кресло ҷо гирифтанд.

Дар поёнтар, дар пеши столи дигар аҳли дарбор, дигар меҳмонони аъён ва калоншавандагони Сити нишаста буданд; аъзоёни палатаи умум дар пеши столҳои хурд, ки дар тарафи дигари зал буданд

менишастанд. Ҳайкалҳои бузурги Гог ва Магога[1]— посбонони қадими шаҳр ба ин тамошое ки ба онҳо одат шуда буд, аз боло нигоҳ мекарданд. Аз пеши чашми онон бисьёр наслҳо гузашта ва ҳоло фаромўш шуда буданд. Карнайҳо навохта шуданд ва раиси идораи шаҳр сар шудани зиёфатро хабар дод ва дар болои пештоқи баланди девори тарафи чап девонбегии шикамкалон бо хизматгорон намудор шуд, ки бо дабдабаи калон кабоби шоҳонаро, ки гарм буда буғаш мебаромад ва мунтазири хўрдан буд, меоварданд.

Том баъд аз хондани дуо (чунон ки ба вай пештар ёд дода буданд), аз ҷояш бархост, аз паси вай дигарон ҳам баланд шуданд—ва аз ҷоми бузурги тиллой, ки „ҷоми ишқ" номида мешуд, шаробе нўшид, баъд ҷомро ба шаҳзодахоним Елизавета дод: ў ҳам дар навбати худ ба хоним Ҷен дод, ва ба ҳамин тариқ ҷом дар тамоми меҳмонхона даст ба даст гашт. Зиёфат бо ҳамин сар шуд.

Дар нисфҳои шаб, дар айни авҷи зиёфат, ба меҳмонон тамошое нишон доданд, ки гузаштагони мо аз он хеле лаззат мебурданд. Тасвири ин тамошо дар ҳикояти аҷиби яке аз таърихнависон, ки онро бо чашми худ дидааст, то ҳол мавҷуд аст:

„Ҷоеро покиза карданд ва баъд ду нафар граф ва барон, ки ба қоидаи туркӣ ҷомаҳои дарози абрешимии заррин пўшида, аз махмали сурхтоб салла баста, печҳои салларо бо ресмони ғафси заррин печонида буданд, ба майдон даромаданд. Инҳо ҳар кадом аз камарбанди васеи тиллоии худ шамшерҳои

---

[1] Ҳайкалҳои Гога ва Магога, ки дар идораи баладияи Лондон мебошанд, ду газматҳои афсонавиро нишон медиханд, ки он ҳайкалҳо гўё ба сифати посбонон дар пеши даромадгоҳи қасри король гузошта шудаанд.

туркӣ овехта буданд, ки палаш номида мешуд. Аз паси онон як граф ва як барони дигар меомаданд, ки аз атласи зарду сафед камзӯли дароз пӯшида буданд; ин либоси онон мувофиқи одати русӣ буда, дар сар шапкаҳои хокистариранги пӯстӣ ва дар по мӯзаҳои тумшуқдарози ба боло қатшуда доштанд ва ҳар як ба дасти худ як табарча гирифта буданд. Баъд аз он лорд-адмирал бо ҳамроҳии панҷ нафар аз аъёнҳо дар камзӯлҳои махмалии сурх, ки гиребонаш аз пасу пеш бурида шуда буд, меомаданд, ин панҷ нафар аз болои камзӯлҳои худ аз атласи сурхтоб ҷомаҳои кӯтоҳ ва ба сари худ мисли раққосҳо кулоҳ пӯшида, ба онҳо пари мурғони даштиро халонида буданд. Ин либоси онон мувофиқи одати Пруссия буд. Баъд машъалдорон ба миёна даромаданд, ки шумораашон қариб ба сад мерасид. Инҳо аз атласи сурх ва сабз либос пӯшида, рӯяшонро мисли рӯи барбариҳо сиёҳ карда буданд. Баъд айёрон ва аз паси онон шоирони халқ бо либосҳои гуногун ба майдон даромада ба рақсидан сар карданд. Аз паси онон лорд ва хонимҳо чунон девонавор ба рақс даромаданд, ки хеле тамошо дошт"

Дар он вақт, ки Том дар ҷои олӣ нишаста ин рақсҳои „девонавор"-ро тамошо мекард ва дар пеши одамони гуногуни чархзананда ва рангҳои гуногуни чашмбаранда аз хурсандӣ худро гум карда буд, шаҳзодаи ҳақиқии Уэльский дар либосҳои кӯҳна ва дарида, дар пеши дари идораи баладия истода ҳаққи қонунии худро бо овози баланд эълон мекард, аз ранҷ ва ҷафоҳое ки ба ӯ расида буд, шикоят менамуд ва шаҳзодаи сохтакорро фош намуда талаб мекард, ки ба вай роҳ диҳанд. Ин суханони вай тамошобинонро хуб дилхуш менамуд; ҳама пеш даромада гарданҳои худро ба даруни маърака дароз намуда ҷавони шӯришгарро тамошо мекарданд, баъд барои

дилхушии худ ӯро боз ҳам зиёдтар истеҳзо ва ришханд карда ғазаб ва оташиниашро боз ҳам меафзуданд. Чашмони ӯ аз шиддати ранҷ ва озор бо ашк пур шуда буд, аммо ҳанӯз ҳам дар гапи худ истода бо як виқор ва оромии шоҳонае ба халқ гап мепартофт. Ҳақорат ва масхара аз ҳар тараф мисли борон ба сари вай меборид ва дили ӯро рештар мекард. Ниҳоят ӯ фарьёд кашида гуфт:

— Эй, тӯдаи сагони бетарбият. Мегӯям, ки ман шаҳзода Уэльский мебошам! Ҳарчанд ки танҳо ва беёру хонумонам, ҳарчанд ки дар ин ҷо касе бо ман сухани хуше намегӯяд ва дар ин вақти мусибат дасти ёриашро ба ман дароз намекунад, — аммо боз ҳам аз ҳаққи худ даст нахоҳам бардошт ва дар гуфтаи худ хоҳам истод.

— Хоҳ шаҳзода бошӣ, хоҳ не, барои ман фарқ надорад, аммо ҳар чи ҳаст, ҷавони ғаюр ва нотарсе ҳастӣ. Баъд аз ин дигар нагӯ, ки беёру хонумонӣ. Ҳоло ман бо ту дар як қатор истода исбот хоҳам кард, ки ин фикри ту хатост. Қасам мехӯрам, ки Майлс Гендон аз он ёр ва дӯстҳое ки ту ёфта метавонӣ, ҳаргиз камтар намебошад ва барои ту дар кофтукови дӯст овора шудан лозим нест. Фарзанди азизам, қадре ором бигир, то ки ман бо ин калламушҳо бо забони худашон гап занам.

Касе ки ин суханонро мегуфт, марди қоматбаланд, хушандом ва пурзӯре буд. Камзӯл ва брюки вай аз порчаи аъло буда, аммо рангаш парида, хӯрда шуда ва калобатунҳояш хира шуда буданд. Гиребони шахи камзӯлаш маҷақ шуда дарида ва канорҳои васеи шляпааш ба поён хам шуда буд. Парҳои болои шляпааш шикаста ба он лой парида ва умуман ба як ҳолати ногуворе афтода буд. Дар паҳлуи ин одами ношинос шамшере овезон буд, ки ғилофи

оҳанини зангзадае дошт. Тундӣ ва оташинмиҷозиаш ҷанговар буданашро нишон медод. Суханони ин паҳлавони аҷибро тамошобинон бо ханда ва масхара пешвоз карданд. Аз ҳар тараф фарьёдҳо баланд шуд: „Ана, ана, боз як шаҳзодаи хушлибос!“, „Забонатро газ, дӯстам, бубин, чӣ қадар оташин аст“, „Рост аст, нигоҳашро бинед!“, „Бачекро аз дасташ кашола кунед, сагбачаро ба ҳавз ҳавола диҳед!“



Марди ношинос ҳуҷумкунандаро ақиб кард.

Касе ин фикри худро дарҳол ба амал овардаӣ шуда, гиребони шаҳзодаро гирифт, аммо марди ношинос ҳам бо ҳамон хел шитоб шамшери худро аз ғилоф кашида, он мардро бо як зарби овозноке

пуштнокӣ ба замин хобонид. Дар ҳамон соат якбора даҳҳо овоз баланд шуд: „Ин сагро куштан даркор, бизанед ӯро! Бизанед!"—ин тӯда ба марди ношинос ҳуҷум овард, аммо ӯ пушти худро ба девор гардонида, девонавор шамшери худро ба ҷавлон оварда ҳуҷумкунандагонро ба ҳар сӯ пароканда мекард. Қурбонҳои зарби шамшери вай аз паси якдигар ба замин меафтоданд, аммо дигарон онҳоро дар зери по гузошта бо ғазаби тамом ба марди далер ҳуҷум мекарданд. Ба назар чунин менамуд, ки дақиқаҳои охири умри ӯ гузашта истодааст ва ӯ албатта ҳалок мешавад. Дар ин байн овози карнай шунида шуд ва фарьёди касе баланд гардид, ки мегуфт:

— Ба қосиди король роҳ диҳед!

Як тӯда солдатҳои савора рост ба болои тамошобинон асп давонида меомаданд. Мардум ба ҳар сӯ пароканда шуданд, марди ношиноси далер ҳам дасти шаҳзодаро гирифта аз даруни халоиқ баромад ва аз хавф дур шуд.

Акнун боз ба идораи баладия баргардем. Ногоҳ фарьёдҳои шодӣ ва овозҳои дилхушонаи зиёфатро вайрон карда дар меҳмонхона овози бурро ва ошкори карнай шунида шуд. Дарҳол дар ҳама ҷо хомӯшӣ ва сукути чуқуре ҳукмфармо гардид ва дар байни ин хомӯшӣ овози ҷарчие ки аз дур баромада буд, баланд гардид. Ҳамаи меҳмонҳо аз ҷо хеста, ба суханони ӯ гӯш доданд.

Қосид (хабарчӣ) сухани худро бо ин калимаҳои пурдабдаба тамом кард:

— Король мурд!

Ҳама гӯё ки дар тахти як фармони умумӣ сарҳояшонро ба рӯи синаҳои худ хам намуда, якчанд лаҳза дар ҳамин ҳолати сукут ва хомӯшӣ истоданд: баъд дар ҳузури Том зону зада, ба замин нишас-

танд. Дастони худро ба тарафи вай дароз карда ва тамоми биноро ба ларза андохта фарьёд кашиданд:

— Зинда бод король!

Чашмони Томи бечора, ки аз ин тамошои аҷиб хира шуда буданд, ба ҳар тараф нигоҳ мекарданд; ниҳоят назари ӯ дар рӯи шаҳзодахонимҳо, ки дар ҳузураш зону зада буданд ва баъд дар рӯи лорд Гертфорд қарор гирифт. Дар рӯи Том нишонаҳои қатъият дида шуд. Ӯ ба тарафи лорд Гертфорд ҳам шуда оҳиста гӯшакӣ гуфт:

— Росташро аз рӯи виҷдон ва шараф бигӯ! Агар ман ҳозир фармоне диҳам, ки онро ғайр аз король каси дигар дода наметавонад, оё ин фармон иҷро мешавад ё не? Ҳеҷ кас-ку баланд шуда „не“ гуфта фарьёд нахоҳад кард?

— Ҳеҷ кас, короли олампаноҳ, дар тамоми мамлакат ин хел кас нест. Шумо ҳукмрон ва ҳукмфармои тамоми мамлакати Англия ҳастед. Шумо подшоҳ—хоҳиш ва иродаи шумо қонун аст.

Баъд аз ин Том бо овози баланд ва қатъӣ, бо оташинӣ ва баландии рӯҳ фарьёд кард.

— Пас, бигузор баъд аз ин майл ва ихтиёри король ба хунхорӣ нашуда, балки ба марҳамат ва меҳрубонӣ бишавад. Аз ҷоят бархез ва ба тарафи зиндони Тауэр шитоб кун ва дар он ҷо майл ва хоҳиши корольро эълон бикун: герцог Нолфольк зинда хоҳад монд[1].

---

[1] „Агар Генрихи VIII боз як соати дигар зинда мемонд фармони ӯ дар бораи куштани герцог, албатта иҷро мешуд. Аммо ҳамин ки ба Тауэр шабона хабари мурдани король расид, саркардаи он ҷо куштанро то пагоҳ мавқуф монд; фардои он рӯз совети давлатӣ маслиҳат надид, ки салтанати нав бо рехта шудани хуни машҳуртарин лорди мамлакат сар шавад, дар сурате ки ин ҳукм ҳам хеле беадолатона ва бераҳмона буд. (Юм. „Таърихи Англия“, ҷилди III. саҳ. 307.)

Суханони ӯ дарҳол паҳн шуданд. Ва даҳон ба даҳон гузашта дар тамоми меҳмонхона шунида шуданд. Гертфорд ҳанӯз аз хона набаромада буд, ки боз фарьёдҳо деворҳои хонаро ба ларза андохтанд:

— Салтанат ва ҳукмронии хунрезӣ тамом шуд! Зинда бод Эдуард, короли Англия!

*Боби дувоздаҳӯм*

## ШАҲЗОДА ВА НАЧОТДИҲАНДАИ ВАЙ

Майлс Гендон ва шаҳзода аз даруни издиҳом баромада аз ҳаргуна тангкӯча ва роҳчаҳо барои худ роҳ ёфта ба тарафи дарьё равона шуданд. Онҳо бе ҳечгуна монеъ ба кӯпруки Лондон рафта расиданд. Лекин дар ин ҷо боз ҳам ба даруни талотӯби халқ афтоданд. Гендон аз дасти шаҳзодае ки ҳоло король шуда буд, сахт дошта буд. Хабари тоза акнун ба ҳамаи шаҳр паҳн шуда ва писарак мешунид, ки мурдани корольро ҳазорон одам такрор мекарданд. Дар вақти шунидани ин хабар ба дили ятими бадбахт ва бехонумон як хунукии сахт таъсир намуд ва тамоми бадани ӯ ба ларза афтод. Ӯ тамоми аҳамияти ин зиён ва зарари худро дарк мекард ва хеле озурда ва андуҳгин буд, чунки короли бераҳм, ки ҳамаро ба тарс ва воҳима меандохт, дар ҳаққи ӯ хеле меҳрубон ва мушфиқ буд. Ашк косаи чашмони ӯро пур кард ва ҳама чиз дар атрофаш гӯё ба туман ғарқ шуда буд. Дар ин дақиқа ӯ худашро дар тамоми дуньё бекас, сафил ва саргардонтарини мавҷудот ҳис мекард. Аммо нохост фарьёдҳои дигар ба гӯши вай расиданд, ки торикии шабро дарида мисли раъд ва барқ ба ҳама ҷо паҳн мешуданд:

— Зинда бод король Эдуарди Шашум!

Бо шунидани ин овоз чашмони шаҳзода дурахшиданд ва тамоми ҳастии вай аз ифтихор ва ғурур ба ларза афтод.

Ӯ худ ба худ фикр мекард:

„Оҳ, ин чи қадар боазамат ва аҷиб менамояд: ман король шудаам!“

Дӯстони мо аз миёни халоиқ ба худ роҳ кушода, оҳиста-оҳиста ба тарафи дарьё мерафтанд. Ин кӯпрук, ки шашсад сол боз мавҷуд мебошад, ва ҳамеша гузаргоҳи хеле серодам ва пурғалоғулаи шаҳри Лондон аст, манзараи аҷибе дошт; дар ду тараф аз як соҳил ба соҳили дигар дӯкон ва амборҳои қаторе буданд, ки дар болои онҳо хонаҳои истиқоматӣ сохта шуда буданд. Ин кӯпрук худаш гӯё ки як шаҳри алоҳидае буд. Дар ин ҷо меҳмонхона, пивохона, нонвойхона, баққолӣ, бозор, косибон, ҳунармандон ва ҳатто калисои махсус ҳам буд. Ин кӯпрук ба ду ҳамсояи худ—ба Лондон ва ба Саутворк мисли кишлоқҳо нигоҳ мекард, гӯё онҳо шаҳр набуда, балки ободониҳои атрофи ин кӯпрук буданд ва ба онҳо чандон аҳамияте намедод. Бошандагони кӯпруки Лондон гӯё ки як ҷамъияти маҳдуд ва ҷудогонае ташкил мекарданд; шаҳри онон фақат як кӯчаи тангe дошт, ки дарозии он панҷьяки мил буд. Дар ин ҷо ҳам, чунон ки дар кишлоқҳо мешавад, ҳама якдигарро мешинохтанд. Ҳар кас падари ҳамсояи худ, модари вай ва ҳама майда-чуйдаҳои корҳои оилавии вайро медонист. Дар байни бошандагони кӯпрук ҳам дар навбати худ аристократҳо, яъне аъёнҳо буданд, хонаводаҳои хеле қадими қассоб ва нонвойҳо, ки панҷсад-шашсад сол боз дар як дӯкон савдо мекарданд, аз ҷумлаи аъёнҳои кӯпрук буданд; инҳо таърихи ҳар як тахта ва ҳар як мехи ин кӯпрукро бо

афсонаҳое ки дар ҳаққи онҳо гуфта мешуд, ба хубӣ медонистанд; инҳо ҳамеша бо забони махсуси „кӯпрукиӣ" худ гуфтугӯ намуда ва ба тарике ки ба аҳли ин кӯпрук махсус буд, хеле дурӯғҳои болохонадор, таъсирбахш ва асоснок гуфта метавонистанд, ки ин кор ба ғайр аз бошандагони кӯпрук аз дасти касони дигар намеомад. Бошандагони кӯпрук ҷоҳил, кундфаҳм ва мутакаббир буданд. Инҳо дигар хел шуда ҳам наметавонистанд. Бачаҳо дар болои кӯпрук зоида шуда, дар ин ҷо тарбия ёфта ва калон шуда, то пирӣ дар ин ҷо зиндагӣ карда ва ба ғайр аз кӯпруки Лондон як дафъа ҳам ба ҳиссаҳои дигари шаҳри Лондон нарафта, дар худи ҳамин ҷо ҳам мемурданд. Табиист, ки ба фикри ин одамон рафтуомади пуразамат ва бениҳояте ки рӯзу шаб дар болои кӯпрук буд, ғалоғула ва садоҳои ба ҳам омехтаи доду фарьёдҳо, шиҳаи аспон ва маъоси говон, баъ-баъи гӯсфандон ва тапар-тупури доимии поҳо, ки гулдурросҳои раъду баркро ба хотир меовард,—ягона чизи муҳимми қисман соҳибони ин давлати олӣ ҳам худашон ҳастанд. Дарвоқеъ ҳам ҳамин тавр буд; агар як король ва ё ягон қаҳрамон ба шарафи сиҳат ва саломат ба ватан баргаштани худ ҷашн ва зиёфати пурдабдабае тартиб доданӣ шавад, онҳо ҳамеша аз тирезаҳои худ ин манзара ва тамошои бошукӯҳро ба тамошочиёни даҳоньяла нишон медоданд, чунки дар Лондон чунин ҷои дигар набуд, ҷашн ҷои дигареро, ки чунин дароз, рост ва мусалсал бошад, ёфта наметавонист.

Барои касоне ки дар ин ҷо зоида ва дар ин ҷо калон шуда буданд, зиндагонии ҷоҳои дигари шаҳр хеле бемаза ва дилтангкунанда менамуд. Ҳикоят мекунанд, ки як пирамарди ҳафтоду яксола кӯпрукро тарк намуда барои дамгирӣ ба қишлоқ рафтааст.



Дустони мо аз халоиқ ба худ роҳ мекушоданд.

Аммо ӯ тамоми шаб дар ҷойхоби худ ба ҳар сӯ ғелида хобида натавонистааст, — хомӯшии чуқур ва вазнини кишлоқ ӯро ба заҳмат андохта, ба вай фишор оварда ва ба дилаш ваҳм андохтааст. Ниҳоят хаста ва бетоб шуда дар ҳолати лоғар ва хароби боз ба кӯпрук баргашта ва дар он ҷо дар тахти аллагӯиҳои оби пурғалаёни дарьё, овозҳои по, ғалоғулаи мардумон ва доду фарьёди кӯпруки Лондон ба хоби ширин фурӯ рафтааст. Дар он замонҳое ки мо ҳоло онро ёд мекунем, ин кӯпрук ба бачаҳои худ дар бораи таърихи Англия сабақҳо меомӯхт: сарҳои буридаи нав ва кӯҳнаи калоншавандагони мамлакатро, ки бар сари асоҳои оҳанӣ дар болои пештоки кӯпрук шинонида шуда буданд, ба онҳо нишон медод.

Аммо мо аз матлуб дур афтодем. Биёем ба сари ҳикояти худ.

Гендон дар болои кӯпрук дар як майхонаи хурде манзил дошт. Ӯ бо дӯсти хурди худ ҳанӯз аз дар надаромада буд, ки фарьёди дағали касе баланд шуд:

— Оҳо, ту ниҳоят омадӣ! Ҳоло дигар хотирҷамъ бош, аз дасти ман гурехта наметавонӣ! Сабр кун! Ман аз устухонҳои ту атола мепазам, шояд баъд аз ин ақлат ба сарат биёяд ва моро ин қадар дар интизор нагузорӣ!

Ҷон Кенти ин гапҳоро гуфту дасти худро дароз кард, ки писаракро бигирад.

Аммо Майлс Гендон пеши роҳи ӯро гирифт.

— Шитоб накун, дӯсти ман! Ба фикри ман, ту беҳуда дашном медиҳӣ! Ту ба ин бача чӣ дахл дорӣ?

— Агар ту беҳуда ба кори мардумон мудохила кардан мехоҳӣ, пас, бидон ки ин фарзанди ман аст.

Короли ҷавон бо оташинӣ фарьёд кашид:

— Дурӯғ мегӯяд!

— Хеле нотарсида гуфтй ва ман ба суханат бовари дорам, писарам! Ин мард хоҳ падари ту бошад ва хоҳ не, ҳоло ки ту бо ман буданро мехоҳй, намегузорам, ки ин малъун туро бизанад ва озор бидиҳад.

— Бале, бале, ман ҳаргиз ӯро намешиносам. Ман беҳтар аст, ки бимирам, аммо бо вай рафтанро намехоҳам.



Ин кӯпрук аз таърихи мамлакати Англия дарс медод.

— Вассалом. Дигар ҷои гап нест!

Ҷон Кенти ба тарафи бачаяк қадам гузошт ва Гендонро ба як сӯ тела дода гуфт:

— Инро мо хоҳем дид. Ман ӯро бо зӯрй...

— Эй лошаи бадбӯ, агар ту дасти худро ба ин бирасонй, ман гӯсфанд барин пӯсти туро мекаиам,— гуфт Гендон пеши роҳи ӯро гирифта ва дасти худро ба қабзаи шамшер бурд.—Бидон ва ба пешонии

худ навишта мон,—давом кард ӯ,—вақте ки ин бечаро ман ба ҳимояти худ гирифтам, мисли ту як тӯда малъунҳо ба вай ҳуҷум оварда ва кам монда буд, ки ӯро бикушанд, магар ба хаёли ту, ҳоло ки шароиташ боз ҳам бадтар аст, ман ӯро танҳо хоҳам монд? Хоҳ ту падари вай бошӣ ва хоҳ не, аммо ман боварӣ дорам, ки ту дурӯғ мегӯӣ—ба ингуна як писар мурдан ҳазорон бор беҳтар аст аз зиндагонӣ кардан бо ту барин як падари нобакор. Беҳтар аст, ки ба зудӣ дафъ шавӣ, чунки ман ба гуфтугӯҳои беҳуда толиб нестам ва табиати ман чандон ҳам тоқатнок намебошад!

Ҷон Кенти оҳиста-оҳиста суханони таҳдидомез гуфт ва лаънатҳо фиристода ақибнокӣ рафт ва ба зудӣ дар байни тӯдаи мардум гум шуд. Гендон бо шаҳзода дар ошьёнаи сеюм ба хонаи худ баромад ва пеш аз он ки боло бароянд, ба ошпаз фармон дод, ки хӯрок бифиристад.

Бисоти хонаи ӯ фақирона буд, як кровати муқаррарӣ бо мебельҳои кӯҳна, шикаста ва дарида дошт ва дар хона ду дона шамъ хира-хира месӯхт. Короли хурд базӯр худро ба болои кроватъ ҳаво дода дар ҳолате ки аз шиддати гуруснагӣ ва мондагӣ тамом бетоб шуда буд, дар он ҷо дароз кашид. Тамоми ин рӯз ва як миқдори шаби гузашта ӯ роҳ гашта буд, ҳоло соат се буду ҳанӯз чизе ба даҳонаш нарасида буд. Ӯ бо овози хоболуде гуфт:

— Вақто ки хӯрокро оварданд, хоҳишмандам, ки маро бедор кунед!

Ва ҳамон дам ба хоби ширине фурӯ рафт.

Дар чашмони Гендон оташи ханда шӯълавар гардид ва ӯ худ ба худ гуфт:

„Бахудо, ки гадобача дар хонаи бегона, дар кровати бегона бо чунон бетакаллуфии зебое ҷойгир



Чон Кенти дасти худро дароз кард...

шуд, ки гӯё дар хонаи худаш бошад,—ақаллан нагуфт, ки: „ба ман иҷозат диҳед", ё ин ки „як марҳамат кунед, иҷозат диҳед". Дар сафсатаи тасавуроти беморона ӯ худашро шаҳзода Уэльский менамад, ва дар ҳақиқат ҳам ин рольро хеле хуб адо мекунад. Мушбачаи бечораи танҳо! Бешубҳа, аз

он сабабе ки дар оилааш бо ӯ ин қадар сахт муомила кардаанд, ақли ӯ халалдор шудааст. Хуб, чӣ шудааст? Ман ба ӯ дӯст мешавам,—ман ӯро халос кардам ва ин маро ба ӯ мепайвандад. Ман ин бачаи шӯхи забонаш бебокро нағз дида мондам. Ӯ бо тӯдаи авомони бешарм чигуна далерона мечангид, чи қадар бо ғазаб ба онҳо нигоҳ мекард,—гӯё ки як солдати далере буд. Ва акнун, вақте ки ӯ дар хоб тамоми хавфу хатар ва ғаму ғуссаҳои худро фаромӯш намуд, рӯи ӯ чи қадар намуди хуши форам ва зебо пайдо кардааст! Ман ӯро меомӯзам! Ӯро сиҳат мекунам; ман ба ӯ бародари калонӣ мешавам, ба ӯ ғамхӯрӣ мекунам, ӯро муҳофиза менамоям; ва ҳар касе ки ӯро масхара карданӣ ва ё ранчониданӣ мешавад, бигузор аввал ба худаш кафан тайёр карда монад".

Ӯ ба болои писарак хам шуд ва дӯстдорона бо раҳмдилӣ дуру дароз ба ӯ нигоҳ кард, рухсораи чавони ӯро молид ва бо дастони калони дар офтоб сурхшудааш кокулҳои печхӯрдаи ӯро аз пешониаш боло карда монд.

Аъзои бадани писарак як ларзид.

„Эҳа,—гуфт Гендон худ ба худ,—ин аз тарафи ман чи қадар кори хуб аст—бачаро бе болопӯш хобонида мондаам-а! Ӯ мумкин аст, ки сахт шамол хӯрад! Ман чӣ кор кунам? Агар ман ӯро бардошта гирифта ба таги кӯрпа хобонам, ӯ бедор мешавад, аммо ӯ чи қадар муҳтоҷи истироҳат аст!"

Ӯ ба ҳар тараф нигоҳ кард, то ин ки ягон чиз ёфта болои писаракро пӯшонад, аммо чизе наёфт. Баъд ӯ камзӯли худашро аз тан кашид ва бо он шаҳзодаро печонид.

„Ман бошам ба ҳавои хунук ва ба либоси тунук одат кардаам. На хунук ва намгарӣ ба ман зараре расонида наметавонад".

Ӯ дар рӯи хона пешу пас қадам задан гирифт, то ин ки навъе карда худро гарм кунад ва боз худ ба худ гап задан гирифт:

„Ба каллаи зарардидаи ин бача фикре ҷойгир шудааст, ки гӯё шаҳзода Уэльский мебошад. Аммо ҳоло, ки шаҳзодаи ҳақиқӣ король шудааст, дар шаҳзодагӣ мондани ӯ хеле аҷиб аст... Аммо чӣ бояд кард, ки каллаи бачаи бечора аз идора кардани ин хаёлоти худ оҷиз мебошад ва намедонад, ки ҳоло дигар ӯ бояд номи шаҳзодагиро ба дур андохта худро король эълон намояд... Ман ҳафт сол умри худро дар ғарибӣ, дар зиндон гузаронида ва аз хонумони худ хабаре надорам; агар падарам ҳанӯз зинда бошад, ӯ бо майли тамом ин бачаи бечораро ба тахти парвариши худ мегирад ва ба хотири ман ӯро бо баландҳимматии тамом дар хонаи худ ҷо медиҳад, бародари бузург ва меҳрубони ман Артур ҳамчунин... Аммо бародари дигари ман Гью... Оҳ... агар ин ҳайвони хашмгин, ки қалби рӯбоҳонае дорад, агар ба коре ки ба худаш дахл надорад, мудохила карданӣ шавад, каллаи ӯро реза-реза хоҳам кард! Бале! Ман инро гирифта ба он ҷо меравам—ва эҳтимол, ки ба ин зудиҳо биравем!"

Хизматгори ошхона, ки дар даст табақи буғ бароварандаеро гирифта буд, ба хона даромада онро ба рӯи столи хурди беранг гузошт ва ба назди стол стулҳо монда худаш баромада рафт. Ба гумони ӯ чунин расида буд, ки ин навъ мусофирони кампул худашон ба худ хизмат карда метавонанд. Овози пӯшида шудани дар писаракро бедор кард, ӯ аз ҷояш бархоста, дар болои кровать нишаст ва бо дилшодӣ ба атроф нигоҳ кардан гирифт; аммо дарҳол дар рӯи ӯ аломатҳои хафагӣ намудор шуданд ва ғур-ғур карда худ ба худ гуфт:

„Оҳ ин фақат хоб будааст! Вой ба ҳоли ман!"

Дар ин вақт ӯ дар болои худ камзӯли Майлс Гендонро дид ва рӯяшро ба тарафи Гендон гардонида меҳрубонии дар ҳаққи худ кардаи ӯро фаҳмида навозишкорона гуфт.

— Ту дар ҳаққи ман хеле меҳрубон ҳастӣ! Бале, ту нисбат ба ман хеле меҳрубониҳо мекунӣ! Камзӯли худро гирифта бипӯш, дигар ба ман лозим нест.

Баъд бархоста ба тарафи дастшӯяк, ки дар як гӯшаи хона буд, рафт ва дар канори он дар интизори чизе истод. Гендон бо хушҳолӣ гуфт:

— Бубин, барои мо чи қадар хӯроки хубе овардаанд! Мо холо бо лаззати тамом инро хоҳем хӯрд, чаро ки ҳам гарм ва ҳам бомазза аст ва буғаш ҳам баромада истодааст, ту натарс: хоб ва хӯроки хуб ба зудӣ туро боз одам хоҳанд кард.

Писарак ҷавоб надод, аммо чашмонашро бо диққати тамом ба рӯи паҳлавони олиҷаноб дӯхт, чашмони ӯ бо тааҷҷуб ва то як андоза бо бесабрӣ пур буданд. Гендон ҳайрон шуда пурсид:

— Ба ту чӣ чиз камӣ мекунад?

— Ҷаноб, ман мехоҳам дасту рӯ бишӯям...

— Фақат ҳамин? Ту дар ин ҷо аз Майлс Гендон иҷозат напурсида, ҳар чи ки дилат мехоҳад, карда метавонӣ. Шарм надор ва мисли хонаи худ рафтор кун.

Аммо писарак ҳанӯз ҳам аз ҷои худ намеҷумбад ва ҳатто аз бетоқатӣ поҳои худро ду-се бор ба замин кӯфта монд.

— Чӣ шудааст ба ту, бигӯ, охир?

— Марҳамат карда ба дасти ман об бирез ва бисьёр гап назан!

Гендон кам монда буд, ки қоҳ-қоҳ кашида ханда кунад, аммо худашро нигоҳ дошта, худ ба худ

гуфт: „ба тамоми авлиёҳо қасам, ки ин кораш хеле олиҷанобона аст!" ва ба иҷро намудани талаби меҳмони густохи худаш шитофт. Ӯ кадре дуртар истода гӯё ки аз ҳайронӣ шах шуда буд, аммо фармони нави шаҳзода ӯро аз ин ҳолат баровард:

— Дастпоккун бидеҳ!

Майлс Гендон дастпоккунеро, ки дар пеши чашми бача ба мех овезон буд, гирифта ба вай дод ва чизе нагуфт. Баъд ӯ худаш ба даст шустан сар кард ва дар ин вақт писархонди ӯ нишаста ба хӯрдани хӯрок тайёрӣ медид. Гендон бо шитоб дастҳои худро шуста мехост ӯ ҳам бинишинад, ки нохост фарьёди хашмгинонаи писарак шунида шуд:

— Исто! Ту дар ҳузури король нишастан мехоҳӣ.

Ин гап ба дили Гендон сахт расид.

„Бачаи бечора!— худ ба худ гуфт вай. — Девонагиаш соат ба соат зиёд мешавад. Ба сабаби он тағьироти бузурге ки дар мамлакат шуд, девонагии ин ҳам дигаргун шуда ва ин ҳоло худашро подшоҳ ҳисоб мекунад! Аммо чӣ бояд кард? Ба ин ҳам сабр кардан лозим аст, чораи дигаре нест. Хуб аст, ки ба ҳабс кардани ман ҳукм намедиҳад".

Ва гӯё ки аз ин ҳазл хушҳол шуда бошад, стули худро ақиб кашида дар паси стули подшоҳ рост истод ва ҳар қадар, ки метавонист, мувофиқи қоидаи дарбор ба вай хизмат кардан гирифт.

Дар аснои хӯрок шиддат ва сахтгирии калонигарии шоҳонаи бача қадре сусттар шуд ва ба ҳадде ки шикамаш сертар мешуд, майли ӯ ба гап задан ҳам зиёдтар шудан мегирифт.

— Ту гӯё ки номи худатро Майлс Гендон гуфтӣ, ман ҳамин тавр шунидам?

— Ҳамин тавр аст, король,—гуфт Майлс ва дар дили худ илова кард:

„Ҳоло ки ман ба девонагӣ ва беақлиҳои ин бача таслим шудаам, бояд ӯро король ҳам биномам ва ӯро аълоҳазрат хитоб намоям; ҳеҷ корро нисфа ва нимкола кардан лозим нест, ман бояд роли худамро то ҷоҳои нозукаш пурра баҷо биёварам, вагарна ман рольро дуруст баҷо оварда натавониста вайрон мекунам. Ин бозӣ бозии хубест".



Саргузашти худатро ба ман бигӯ.

Баъд аз он ки стакани дуюми шаробро нӯшид, король тамоман гарм шуда ба гап даромад:

— Ман мехостам, ки бо ту шинос шавам. Саргузашти худатро ба ман нақл кун! Ту хеле ҷасур ва

нотарсӣ ва аз шаклат ҳам одами наҷиб менамоӣ,— ту шояд асилзода бошӣ?

— Аълоҳазрато, насли мо чандон ҳам аз аъёнҳо намебошад. Падарам — баронет[1] буда аз дворянии майда дар натиҷаи хизматҳояш ба ин дараҷа расидааст ва номаш сэр Ричард Гендон мебошад, дар Кенти дар арки Гендон зиндагонӣ мекунад.

— Ингуна ном дар хотири ман нест. Давом кун ва саргузашти худро ба ман бигӯ!

— Аълоҳазрато, барои гуфта додан чандон воқеаҳои зиёде надорам, аммо азбаски андармонии беҳтаре надоред, шояд ин ҳикояи ман ягон ним соат шуморо машғул карда тавонад. Падари ман сэр Ричард марди хеле давлатмандест ва хулқу табиати бисьёр олиҷанобонае дорад. Модари ман дар вақти кӯдакиам вафот кардааст. Ман ду бародар дорам. Бародари калониам Артур бо табиат ва софдилии худ ба падарам монанд аст ва номи бародари хурдиам Гью аст, ки марди пастфитрат, ғаразкор, ҳарис, бадкор, бевафо, хуллас ки хеле марди нобакоре мебошад. Аз бачагиаш ҳамин тавр буда, даҳ сол пеш аз ин ҳам, ки ман ӯро охирин бор дида будам, боз дар ҳамин ҳолат буд. Дар нуздаҳсолагиаш ӯ як нобакори комил шуда буд. Ман он вақтҳо бистсола будам ва Артур, бародари бузургам бисту ду сол дошт. Дар хонаи мо ба ғайр аз моён духтари амакам хоним Юдиф ҳам зиндагонӣ мекард, ки шонздаҳсола буда хеле духтари зебо, меҳрубон ва мулоим буд, ӯ ягона духтари граф буд, ки давлати фаровоне дошт ва ба ғайр аз ӯ касе набуд, ки ба лақаби графӣ соҳиб шавад. Падари ман васӣ ва ҳомии он духтар буд. Ман ӯро дӯст медоштам, ӯ ҳам маро дӯст

[1] Баронет — мансаб ва дараҷаи миёнаест дар аъёнҳои Англия.

медошт, аммо ӯ аз кӯдакӣ ба Артур номзад карда шуда буд ва ҷаноб Ричард падарам ҳеҷ майл ва тоқат надошт, ки ин аҳду паймон вайрон карда шавад. Лекин Артур духтари дигареро дӯст медошт ва ба мо тавсия мекард, ки оҳу воҳ накунем ва ноумед нашавем: бо гузаштани замон ва омада расидани тасодуфи хуш ҳар яки аз моён ба орзуи худ расида метавонем. Аммо Гью, ҳарчанд дар дӯст доштани духтарак даъво кунад ҳам, аммо дарвоқеъ на худашро, балки давлати ӯро дӯст медошт. Табиати ӯ чунин буд, гуфтораш бо кирдораш ҳаргиз мувофиқ намеомад. Аммо ҳила ва найрангҳои ӯ ҳеҷ самара ва натиҷа набахшиданд. Ӯ Юдифро ба худ мафтун ва асир карда натавонист, ӯ ба ғайр аз падарам ба фиреб додани каси дигар муваффақ намешуд. Падарам ӯро аз ҳамаи моён зиёдтар дӯст медошт ва ба ҳар гапи ӯ бовар мекард. Гью писари охирини падарам буд ва моён ӯро чашми дидан надоштем ва ҳамин ҳол барои ба даст даровардани дили падарам дар ҳар маврид ба вай мадад мекард; ба ғайр аз ин, ӯ забони хеле ширин ва хушомадгӯёнае дошта, дар дурӯғ бофтан ва гуфтан ба маҳорати фавқулъоддае соҳиб буд, ин ду хислат ҳамеша барои ба ғафлат андохтан ва зиёд кардани дилбастагии кӯр-кӯронаи падарам ёрӣ медоданд. Ман девонавазъ будам, росташро гӯям, хеле ҳам девонавазъ будам, аммо девонагиҳои ман ба касе зиён надошт ва ба ғайр аз худам ба каси дигар зарараш намерасид. Ман дар ҳаққи хонаводаи худ ҳеҷ кори шармандагиовар ва зарарнок накардаам, ҳеҷ як хиёнат ва пастие ки хонаводаамро лаккадор кунад, аз ман содир нашудааст, умуман ҳеҷ як коре ки ба дараҷаи аъёнии ман зарарнок бошад, аз ман сар назадааст.

„Аммо бародарам Гью аз соддадилиҳои ман истифода карда метавонист. Гью медид, ки тандурустии бародарам Артур чандон хуб намебошад ва умедвор буд, ки марг ӯро ба зудӣ хоҳад бурд ва мехост, ки маро аз сари роҳи худ дур намояд ва...

„Короли азизам, ин воқеа хеле дуру дароз аст ва ба гуфтан намеарзад. Хулосааш ҳамин ки бародарам камбудиҳои маро хеле зиёд карда, муболиға намуда, онҳоро ба шакли ҷиноят даровард ва ба ғайр аз ҳамаи ин пастфитратиҳо аз хонаи ман як нардбони канабӣ ёфт шуд, ки онро худи ӯ қасдан ба хонаам ҳаво дода буд ва бо ёрмандии ин ҳила ва шаҳодати хизматгороне ки ба пули вай фурӯхта шуда буданд ва нобакорони дигар, ӯ падарамро бовар кунонид, ки ман Юдифро гурезонданӣ ҳастам ва мехоҳам бар хилофи хоҳиши падарам ӯро ба занӣ бигирам.

„Падарам қатъ кард, ки маро ба муддати се сол бадарға кунад ва гуфт, ки дурии сесола аз ватан ва хонавода шояд аз ман як ҷанговар ва инсони комиле ба вуҷуд биёварад ва маро оқил ва хирадманд бикунад. Дар ин солҳои дарози омӯзиш ва ранҷу ҷафо ман дар бисьёр ҷангҳо иштирок намудам; бисьёр ҷафоҳо кашидам, ба зарбаҳои сахти тақдир дучор шудам, хеле воқеаҳоро аз сар гузаронидам; аммо дар ҷанги охирин асир афтодам ва ҳафт соли комил дар ғарибӣ дар зиндон хобидам. Дар сояи найранг ва мардонагии худ ниҳоят ба озодӣ баромада ба ҳамин ҷо шитофтам. Дар ҳамин наздикиҳо ба ин ҷо омадаам. Ман либоси хубе надорам, пулам кам аст ва дар бораи он ки баъд аз ман дар арки Гендон дар ин ҳафт сол чиҳо шуда, аз бошандагони он киҳо мурда ва киҳо мондаанд, ҳеч хабаре надорам. Акнун, аълоҳазрато, тамоми саргузашти ҳақир ва

беаҳамияти ман бояд ба ҳузури олии шумо маълум шуда бошад!"

Короли ҷавон чашмони худро барқ занонда гуфт:

— Туро хеле ранҷонида ва озурдаанд. Аммо ман ҳуқуқҳои туро барқарор хоҳам кард. Ба салиби муқаддас қасам мехӯрам! Фаромӯш накун, ки ин суханро ба ту худи король мегӯяд.

Бо таъсири ҳикояҳои Майлс дар бораи саргузаштҳои бадбахтонаи худаш, забони короли ҷавон ҳам кушода шуд ва ӯ дар пеши шунавандаи ҳайрон ва мотшудаи худ тамоми бадбахтӣ ва фалокатҳои наздики худашро як-як баён кард. Майлс ба суханони ӯ гӯш дода худ ба худ мегуфт:

„Қувваи хаёлиаш аҷаб бузург аст! Ростӣ ҳам калла ва ақли ин аз каллаҳои муқаррарӣ намебошад. Вагарна ӯ хоҳ тандуруст ва хоҳ бемор бошад, ингуна ҳикояти аҷиб ва ба ҳақиқат наздикро дар хаёли худ бофта, аз ҳаво ва аз ҳеҷ бароварда наметавонист. Бачаи бечораи беақл! То замоне ки ман зиндаам, ӯ дӯст ва паноҳгоҳ хоҳад дошт. Ман ӯро аз худ як қадам ҳам дур намегузорам; ӯ андармонии ман, рафиқи хурди ман хоҳад шуд. Ва мо ӯро муолиҷа хоҳем кард, албатта муолиҷа хоҳем кард. Он вақт ин дар олам машҳур хоҳад шуд ва ман ҳам фахр хоҳам кард, ки ӯ азони ман аст, ӯро вақте ки побараҳнаи бехонумоне буд, ман ба худ гирифтам, ман он вақт чи қадар бофаросат ва заковатнок будани инро ҳис намуда ва пешбинӣ карда будам, ки дунъё як замоне шӯҳрат ва номи ӯро хоҳад шунид. Нигоҳ кунед ба вай, магар ман рост намегӯям?"

Аммо король ба фикр фурӯ рафта ва бо овози мунтазаме ба гапи худ машғул буд:

— Ту маро аз шармандагӣ ва озор халос кардӣ, шояд ту зиндагонии маро ва ба ҳамин муносибат

тахту тоҷи мамлакатро халос кардӣ. Ин хизмати ту ба мукофоти бузурге сазовор аст. Бигӯ, ту чӣ мехоҳӣ! Ва ҳар қадар ки дар доираи имкони королии ман бошад, он хоҳиши ту иҷро хоҳад шуд.

Ин таклифи хаёлпарварона Гендонро аз олами хаёлот ва тафаккур баровард. Ӯ мехост, ки ба марҳамати король ташаккур намуда сӯҳбатро ба ҷои дигаре барад ва бигӯяд, ки фақат вазифаи худро баҷо овардааст ва таманнои ҳеҷ мукофотеро надорад; лекин ба сари вай як фикри оқилонае расид ва хоҳиш кард, ки барои якчанд фикр намудан имкон бидиҳад, то ки дар бораи ин таклифи илтифоткорона фикре бикунад. Король бо такаббур ин сухани ӯро тасдиқ намуд ва гуфт, ки дар ингуна мавридҳо шитоб накарда дурусттар фикр кардан, албатта, муҳим мебошад.

Майлс як қадар фикр карда баъд худ ба худ гуфт:

„Бале, ин корро кардан лозим аст! Ин корро бо роҳи дигаре кардан имконият надорад ва ҳол он ки таҷрибаи ҳамин як соати гузашта нишон дод, ки давом кардани ин ҳол хеле ноқулай ва машаққатнок аст. Бале, ин таклифро ба вай мекунам, чи қадар хуб шуд, ки ман ин мавриди муносибро аз даст надодам".

Ӯ дар пеши короли ҷавон зону зада гуфт:

— Хизмати беарзиши ман аз доираи вазифаи як нафар фуқарои шумо берун намебошад, бинобар он ман онро барои худ хизмат ҳисоб карда наметавонам, аммо ҳоло ки аъло ҳазрат ин хизмати маро ба мукофот шоиста ва сазовор медонанд, ман ҷасорат намуда илтимос кардан мехоҳам. Бояд ба аълоҳазратам маълум буда бошад, ки тақрибан чорсад сол пеш аз ин дар асной ҷанҷоле ки дар байни

Ҷон—короли Англия ва короли Франция афтода буд, ба ин қарор омада буданд, ки ҳар ду тараф паҳлавонони худро бифиристанд ва ҷанҷолро дар натиҷаи ҷанги тан ба тани ду нафар паҳлавони ҳар ду тараф ҳал карда ба хости худо тан бидиҳанд. Ҳар ду король ва ба ғайр аз он короли Испания ҳам ба ҷои



Ӯ дар пеши король зону зад...

ҷанги тан ба тан омаданд, ки натиҷаи ҷангро бубинанд; аммо замоне ки паҳлавони француз ба майдон баромад, ӯ чунон воҳиманок буд, ки ҳеҷ кас аз ҷанговарони Англия ҷуръат накард, ки ба майдони ӯ барояд. Бинобар ин ба сабаби дар Англия набудани ҷанговари лоиқ, кам монда буд, ки масъала,—масъа-

ва ҳам гӯё хеле муҳим буд, — ба зарари короли Англия ҳал бишавад. Аммо дар ин вақт дар зиндони Тауэр де Курси ном яке аз лордҳои англис банди шуда хоб карда буд, ки яке аз баҳодур ва ҷанговартарин одамони Англия ҳисоб мешуд, аммо аз молу мулк ва дарачаҳои худ маҳрум карда шуда хеле вақтҳо боз ба зиндон андохта шуда буд. Ба вай муроҷиат карданд. Ӯ қабул намуда, асбобу анҷомҳои ҷангиашро пӯшида, ба майдони ҷанг баромад, ҳамин ки паҳлавони французӣ ҳайкали танумандиӯро дид ва номи пуршӯхраташро шунид, роҳи гурезро пеш гирифт ва короли Франция корро бой дод. Короли Англия — Ҷон тамоми мансаб ва дарачаҳо, мулку молҳои паҳлавонро ба худаш гардонида гуфт: „ҳар чӣ мехоҳӣ, аз ман талаб кун, агарчи ба нисфи арзиши давлати ман ҳам бошад, онро бачо меоварам". Де Курси, чунон ки ман ҳоло кардам, дар ҳузури король зону зада арз намуд: „Ҳоло ки чунин аст, пас ҳазрати олӣ ба ман ва ба авлодҳои ман ҳамин ҳуқуқ ва имтиёзро бидиҳед, ки дар ҳузури короли Англия, то замоне ки дар ин мамлакат королӣ ва салтанат ҳаст, бо кулоҳ нишаста тавонем". Чунон ки ба ҳазрати олӣ маълум аст, ин хоҳиши ӯ қабул карда шуд ва дар тамоми ин муддати чорсад сол насли де Курси қатъ нашуда ва бузургони ин хонаводаи қадим ҳанӯз ҳам дар ҳузури король бе ҳеҷгуна гуфтугӯ бо кулоҳи худ ва ё шапкаи худ ҳозир мешаванд ва бо ин кори худ ҳеҷ вақт иҷозати махсусе намепурсанд ва ҳол он ки ин корро ба ғайр аз онон ҳеҷ каси дигар карда наметавонад[1]. Инак ман ҳам дар асоси ҳамин мисол аз ҳазрати король фақат як марҳамат ва имтиёз илтимос дорам,

[1] Лордҳои Кингсель — авлодони де Курси то ҳол ҳам ба ин имтиёз соҳибанд.

ки барои ман як мукофоти хеле бузурге хоҳад буд ва он ҳам ин аст, ки ба тамоми насл ва авлодони ман иҷозат дода шавад, ки дар ҳузури корольҳои мамлакати Англия нишаста тавонанд.

— Бархез, ҷаноби Майлс Гендон! Ман ба ту дараҷаи ҷанговарӣ (рицарӣ) ато мекунам,—гуфт король бо ҳашамати махсусе ва бо шамшери худи Гендон чанд бор ба кифти ӯ зада монд.—Аз замин баланд шав ва бинишин. Хоҳиши ту иҷро шуд. То модоме ки Англия ҳаст, ин ҳуқуқи ифтихорӣ бар ту ва ба авлодони ту мансуб хоҳад буд.

Аълоҳазрат ба фикр фурӯ рафт ва Гендон дар канори стол ба стул нишаста худ ба худ фикр мекард.

„Ин хеле фикри хубе буд. Маро аз ҳалокат ва поҳоямро аз мондагии тоқатфарсо халос кард. Агар ин фикр ба сарам намеомад, ман маҷбур будам, ки боз ҳафтаҳои зиёд то аз девонагӣ сиҳат шудани бачаи бечора дар пеши вай ҳамеша рост биистам". Баъд аз андак таваққуф ӯ боз давом кард: „Аммо ҳоло дигар ман ҷанговар ва баҳодури салтанати хаёлҳо ва сояҳо мебошам! Барои ҳамчун ман марде ин аҷаб номи ғарибест. Не, ман масхара намекунам, худо нигоҳ дорад, не! Чунки он чи ки барои ман ҳақиқат ва мавҷудият надорад, дар олами ӯ мавҷуд ва ҳозир аст. Барои ман ҳам аз як ҷиҳати дигар ин кор муҳим мебошад: ин чи қадар қалби соф ва олиҷанобона доштани ӯро собит мекунад... Аммо агар инро фаромӯш накарда дар пеши касони дигар ҳам маро бо ин лақаб номад, он вақт чӣ мешавад? Дар байни ин либоси фақирона ва лақаби олии ҷанговарии ман аҷаб зиддияте ҳаст! Хуб, зарар надорад. Бигузор ҳар навъ ки дилаш мехоҳад, маро биномад. Ман розӣ ва мамнун хоҳам шуд!"

*Боби сездаҳӯм*

# ҒОИБ ШУДАНИ ШОҲЗОДА

Баъд аз хӯрдани хӯрок ҳар ду рафиқро хоб зер кард.

— Ин жандаҳоро аз бадани ман каш,—гуфт король.

Гендон ҳеҷ муқобилат накарда либосҳои ӯро кашида ба ҷойхоб хобонид, баъд бо нигоҳи маҳзунонае хонаро аз назар гузаронида худ ба худ гуфт:

„Ӯ боз кровати маро соҳибӣ кард, акнун худи ман чӣ кор мекунам?"

Короли ҷавон ҳайронӣ ва дудилагии ӯро фаҳмида бо овози хоболуде гуфт:

— Ту дар дами дар хобида маро посбонӣ хоҳӣ кард!

Ва баъд аз дақиқае тамоми изтироб ва ҳаяҷонҳои худро фаромӯш карда, ба хоби сахте фурӯ рафт.

„Бечора! Ростӣ ҳам дар хонаводаи подшоҳон зоида шуданаш даркор будааст!—гуфт Гендон бо хушҳолӣ.—Ӯ роли худро хело мукаммал бозӣ мекунад".

Ва ӯ дар дами дар ба рӯи пол дароз кашида хушҳолона худ ба худ гуфт:

„Дар муддати ин ҳафт сол ман дар шароити аз ин ҳам бадтаре зиндагонӣ кардам; аз аҳволи ҳозираам гила кардан ба ғазаби худо сабаб хоҳад шуд".

Ӯ қарибии саҳар ба хоб рафт ва нимирӯзӣ аз хоб бедор шуда болои меҳмони худро кушод ва дар як лаҳза бо ресмон андозаи қади ӯро гирифт.

Король ҳам дар ин байн бедор шуд, чашмони худро кушод, аз хунук хӯрдани худ шикоят кард ва аз дӯсти худ чӣ кор карданашро пурсид:

— Ман корамро тамом кардам, король,—гуфт Гендон.—Ман дар шаҳр коре дорам, ба зудӣ бармегардам. Ту боз бихоб: ту ба дам гирифтан хеле эҳтиёҷ дорӣ. Биё, ман болои туро бипӯшонам ва саратро ба таги кӯрпа бигир, дар ин сурат зудтар гарм хоҳӣ шуд.

Ӯ сухани худро тамом накарда буд, ки король боз ба хоб рафт. Майлс нӯг-нӯги по қадам партофта аз хона баромад ва баъд аз сӣ ва ё чил дақиқа боз ҳамин хел ҳеҷ овозе набароварда ба хона баргашт—ӯ барои писарак як сару либос оварда буд. Либос аз материали арзон, пӯшидашуда, аммо тоза ва гарм буд. Майлс нишаста ба тамошои хариди худ машғул шуд ва пичиррос зада худ ба худ мегуфт:

„Агар ҳамьёни ман пуртар мешуд, либоси беҳтаре харида метавонистам, аммо замоне ки аҳволи ҳамьён чандон хуб нест, бисьёр ҳам талабгори чизҳои нағз шудан фоида надорад...

Зебо духтаре дар шаҳри мо буд
Зебо духтаре дар шаҳри мо...

гуфта ба ашӯла хондан сар кард ва ҳамон дам хониши худро бас намуд.—Ӯ, гӯё ки ҳаракат кард,—чунон хондан даркор аст, ки ӯ бедор нашавад, ба вай сафар кардан лозим аст ва ҳол он ки бе он ҳам хеле монда ва бетоб шудааст... камзӯл бад нест,—агар баъзе ҷоҳояш дӯхта шавад, беҳтар хоҳад шуд. Эзор боз ҳам беҳтар аст, бо вуҷуди ин ки дар ин ҷо ду-се ямоқ дорад, аммо безарар аст... кафшҳо хеле хуб, маҳкаманд, поҳояш ба даруни инҳо гарм ва хушк хоҳанд шуд. Аз инҳо хеле хушҳол хоҳад шуд. Чунки ӯ чи дар зимистон ва чи дар тобистон побараҳна гашта одат кардааст. Оҳ кошкӣ нон ҳам мисли ресмон арзон мешуд, бубин, ман як сол аст, ки ба як фартинг ресмон хари-

даам ва ҳамеша аз ҷиҳати ресмон таъмин мебошам. Ғайр аз ин, ба ман як сӯзани хеле олие ҳам бар илова доданд... лекин ресмонро чӣ навъ карда ба сӯзан гузаронам?.. Ин барои ман хеле душвор аст".

Дарвокеъ ҳам ба сӯзан гузаронидани ресмон хеле душвор буд. Майлс ҳам чунон ки мардон мекунанд ва эҳтимол то охири дуньё ҳам ҳамин тавр хоҳанд кард,—ба кор шурӯъ намуд: сӯзанро беҳаракат нигоҳ дошта мехост ресмонро ба сӯрохи он дарорад, аммо занҳо тамоман акси инро мекунанд. Ресмон аз канори сӯрохи сӯзан гоҳ ба рост ва гоҳ ба чап лағжида мерафт ва гоҳ дуқат мешуд, аммо ҷанговари мо тоқаташро бой намедод; чунки ӯ бисьёрҳо бор ин таҷрибаро карда буд. Солдатии ӯ бефоида нарафта буд. Ниҳоят ӯ ресмонро ба сӯзан гузаронид ва либосҳоеро, ки харида буд, як-як бардошта ба кор сар кард.

„Кироям хонаро дода ҳаққи хӯрокро ҳам, ки ҳоло бояд биёранд, додаам. Барои харидани ду хар ва хароҷоти ду-се рӯзаи роҳ то Гендон-холл пули мо кифоят мекунад...

Шавҳари худро нағз медид вай...

„Вох, сӯзан ба нохунам халид! Хуб, ин зарар надорад, аммо дард мекунад... э, дӯсти меҳрубон, парво накун, бо ту зиндагонии мо хуб хоҳад шуд! Ҳамаи фалокатҳои худро фаромӯш хоҳӣ кард ва ғаму андӯҳҳоят хоҳанд гузашт...

Шавҳари худро нағз медид вай
Лекин вайро...

„Ана лагандаҳои васеи олиҷанобона.— Ӯ камзӯлро боло бардошта бо хушҳолӣ ба он нигоҳ кард.—

Дар инҳо як чизи боазамат ва мағруронае ҳаст. Дар пеши инҳо лагандаҳо ва сӯзанҳое ки машиначӣ задааст, хеле назарногир ва ҳақир менамоянд...

Шавҳари худро нағз медид вай
Лекин вайро хам дигаре...

„Ана тайёр ҳам шуд! Кори хуб! Боз як хубиаш ин ки ба зудӣ баҷо оварда шудааст. Акнун ман ӯро бедор карда, дасту рӯяшро шуста, баъд аз ин либосҳоро мепӯшонам, хӯрок мехӯронам; баъд ба бозоре ки дар маҳаллаи Саутворк дар наздикии ошхонаи Табарида аст, меравем".

— Аълоҳазрато, акнун марҳамат карда бархезед!— гуфт ӯ бо овози баланд.—Ҷавоб намедиҳад!.. Эй, аъло ҳазрат!..

„Маълум мешавад, ки ман дасти нопоки худро бояд ба бадани муборакаш бирасонам. Ҳоло ки хоби ӯ сахт аст, ман чӣ гуноҳ дорам?"

Ӯ кӯрпаро бардошт. Бача ғоиб шуда буд!

Аз ҳайронӣ забонаш гирифт, ба атроф нигоҳ карда дид, ки либосҳои даридаи бача ҳам намоён нестанд. Ӯ хеле асабонӣ ва хашмгин шуда соҳиби меҳмонхонаро чеғ зад. Дар ин вақт хизматгори ошхона хӯрок овард.

— Эй шайтонча. Бигӯ ки ин чӣ кор аст ва ё ки аз баҳри зиндагии худ гузар!—фарьёд кард марди баҳодур ва чунон хашмгинона ба хизматгори ошхона ҳуҷум овард, ки вай аз тааҷҷуб ва ҳайронӣ тамоман худашро бой дод. Ва як дақиқа ҳеҷ гап зада натавонист.—Бача куҷост?

Хизматгор бо суханони кандашаванда ва ночаспони худ ҷавоби даркориро дод.

— Шумо аз ин ҷо чандон дур нашуда будед, ки ҷавоне давон-давон омада гуфт, ки ҷаноби шумо

дар он тарафи кўпрук дар соҳили Саутворк истода омадани бачаро талаб менамоед. Ман ўро ба хона даровардам, ў бачаро бедор карда супориши шуморо ба вай гуфт. Бача кадре ғур-ғур кард, ки чаро ўро барвакт бедор карданд, аммо дарҳол кўҳнапораҳои худро пўшида бо он ҷавон баромада



Бигў, ки ин чӣ кор аст?

рафт ва ҳатто гуфт, ки агар ҷаноби шумо худатон омада каси бегонаро намефиристодед, беҳтар ва аз рўи одоб мешуд. Маълум мешавад, ки...

— Ҳо, маълум мешавад, ки ту аблаҳӣ! Аблаҳ ва лаванд ҳастӣ ва туро фиреб додан хеле осон будааст—ҳамаи шумоён, падару модарат ва насли туро ба дор овехтан лозим аст. Вале мумкин аст, ки ҳанӯз ҳеҷ як фалокате рӯй надода бошад. Шояд максадашон ранҷонидани ӯ набошад. Ман ӯро ёфта меорам. Ту он вакт хӯрокҳоро мебиёрӣ! Исто! Кӯрпаро чунон ба рӯи кровать андохтаанд, ки гӯё дар он ҷо касе хобида бошад,—инро қасдан кардаанд?

— Намедонам, хӯҷаини азиз! Ман дар канори кровать истодани ҷавонеро, ки аз пеши писарак омада буд, дида будам.

— Худо ба ту марг диҳад! Ин барои фирефтани ман ва гузаронидани вакт шудааст... Гӯш кун! Он ҷавон танҳо буд?

— Танҳо буд, ҷаноб!

— Инро хуб медонӣ?

— Боварӣ дорам, ҷаноб!

— Хуб фикр кун, шитоб накун!

Хизматгор қадре фикр карда гуфт:

— Ӯ танҳо омада буд, бо ҳамроҳии ӯ касе набуд, аммо ҳоло ба хотирам меояд, ки вакте ки онҳо ба сари кӯпрук баромаданд, дар он ҷое ки одам зиёд аст, аз як гӯша марди дуздмонанде баромад ва замоне ки ӯ давида ба тарафи инҳо меомад...

— Хуб чӣ шуд? Зудтар тамом кун!—Бо бетокатӣ фарьёд кард Гендон.

— Худи дар ҳамон вакт онҳо ба даруни издиҳом даромаданд ва ман дигар онҳоро дида натавонистам, чунки дар ин вакт хӯҷаин маро фарьёд карда ҷанҷол бардошт, ки ҷаро ба нотариус каллапочаи заказкардаи ӯро набурдаам. Ва ҳол он ки ба тамоми авлиёҳо қасам мехӯрам, ки ман дар ин бора ҳеҷ гуноҳе надорам ва дар ин кор маро айбдор кардан

ба айбдор карда ҷазо додани бачаи зоиданашуда баробар аст...

— Дафъ шав аз пеши чашми ман, аҳмақ!.. Суханони аблаҳонаат маро девона хоҳанд кард! Исто! Ба куҷо мегурезӣ? Як дақиқа ҳам дар як ҷо ором истода наметавонӣ! Чӣ шуд, онҳо ба Саутворк рафтанд?

— Бале, ҷаноб! Чӣ навъ ки ба ҳузури шумо арз кардам, дар масъалаи каллапоча ман ҳеҷ гуноҳе надорам, мисли ин ки бачаи зоиданашударо...

— Ту боз ҳам ин гапҳоро мегӯӣ? Боз ҳам беҳудагӯӣ мекунӣ? Дафъ шав ба зудӣ!

Хизматгор баромад. Гендон аз паси вай давида, ба ӯ расид ва дар як лаҳза ду-се зинаро якбора гузашта ба поён фуромад.

„Ин ҳамон нобакор аст, ки ӯро писари худ меномид... Эй дӯсти хурд ва беақли ман, ман туро гум кардам! Ин чи қадар талх ва ногувор аст! Ман ба ту чи қадар муҳаббат баста будам! Не! Ба тамоми муқаддасҳо қасам мехӯрам, ки ман туро гум накардаам, бачаи бечора! Гум накардаам аз он сабаб, ки ман тамоми мамлакатро кофтуков мекунам ва туро меёбам! Дар он ҷо хӯроки ӯ ва ман монд—аммо ман ҳоло ҳавсалаи хӯрок хӯрдан надорам! Бигузор онро калламушҳо бихӯранд! Зудтар рафтан, шитоб кардан лозим аст!"

Ва бо шитоб ба даруни талотӯби халқи болои кӯпрук даромада боз якчанд бор такрор кард (гӯё ки ин фикр ба вай хеле маъқул буд):

„Ӯ ғур-ғур кардааст, аммо бо вуҷуди ин рафтааст, рафтааст, ба хаёлаш ин ки ман ӯро чеғ зада бошам. Бачаи бечора! Ӯ ин корро ба хотири ҳеҷ кас намекард,—ман бошам ӯро медонам!"

## КОРОЛЬ МУРД—ЗИНДА БОД КОРОЛЬ!

Дар худи ҳамон пагоҳӣ, саҳаргоҳон Том Кенти аз хоби вазнин бедор шуд ва чашмони худро дар торикӣ яла кард. Якчанд лаҳза хомӯш хобида хост, ки парешонии хаёлот ва эҳсосоташро дур намояд ва ба як натиҷае омада бирасад, ва якбора аз хурсандӣ бо овози паст фарьёд кард:

— Фаҳмидам! Акнун фаҳмидам! Акнун тамоман бедор шудам. Эй хурсандӣ, ассалому алайкум! Эй ғам, аз ман дур бош! Эй Нен ва Бет! хошокҳоро аз болои худ дур андохта зудтар ба назди ман биёед. Ман ҳоло ба шумо хоби аҷиберо гуфта медиҳам, ки арвоҳҳои шабона ба хоби инсон даровардa метавонанд. Эй Нен, Бет, куҷоед шумо?

Андоми торики касе дар пеши ҷойхобаш намудор шуд ва овозе ба ӯ гуфт:

— Чӣ мефармоӣ?

— Мефармоӣ?.. Оҳ, овози туро шинохтам. Бигӯ, ман кистам?

— Ту дирӯз шаҳзода Уэльский будӣ, вале имрӯз король ва ҳукмрони олиҷоҳ Эдуард, короли Англия мебошӣ!

Том сари худро дар таги болишт пинҳон кард ва маҳзунона гуфт:

— Оҳ, ин хуб набудааст! Сэр, шумо рафта кадре дам гиред! Маро ба ҳоли худ гузоред!

Том боз ба хоб рафт ва баъд аз андаке хоби ширине дид. Ӯ дар хоб дид, ки дар берун тобистон аст ва гӯё ӯ танҳо худаш дар марғзоре машғули бозӣ аст, ки он ҷо Гудменсфильд[1] номида мешавад.

---

[1] Маънои ин калима „алафзори одами раҳмдил" мебошад.

Нохост як марди паканаи кӯзапушт бо риши зарди калон наздик омада гуфт:

— Паҳлуи ин кундаи дарахтро бикоб!

Том ба гапи ӯ гӯш дода он ҷоро кофт ва дувоздаҳ дона пенси нави ялаққосӣ ёфт, хеле давлати бузурге!.. Аммо аз ин зиёдтараш ҳанӯз дар пеш буд, марди пакана гуфт:

— Ман туро мешиносам, ту бачаи софдил ва лаёқатманде ҳастӣ; айёми ғам ва ҳасрати ту гузашта акнун вақти мукофот гирифтанат расидааст. Ҳар ҳафта ҳамин ҷоро бикоб ва ҳар бор аз ин ҷо хазинае хоҳӣ ёфт—ҳар бор дувоздаҳ пенси нави ялаққосӣ! Аммо инро пинҳон нигоҳ дор ва ба касе нагӯй!

Баъд пакана аз назар ғоиб шуд ва Том ёфтаи худро бардошта ба тарафи маҳаллаи Саркутҳо давид ва дар ин асно худ ба худ мегуфт: „Акнун ман ҳар шаб ба падарам як пенс медиҳам, ӯ хаёл мекунад, ки ман онро гадоӣ карда ёфтаам, ин дили ӯро шод ва нарм хоҳад кард ва дигар маро нахоҳад зад. Ҳар ҳафта як пенсӣ ба кашиши меҳрубон, ки маро мехононад ва чор пенсии боқимондаро ба модарам, ба Нен ва Бет медиҳам. Мо дигар гурусна нахоҳем буд ва бо либоси дарида ва жӯлида нахоҳем гашт. Э, эҳтиёҷ, тарси доимӣ ва занозаниҳо, акнун алвидоъ ба шумо!"

Ӯ дар хоб ҳамон дам ба хонаи вайронаи худашон омада расид, нафасаш канда ва танг шуда ба хона даромад, ҷашмонаш аз шодӣ меҷаҳиданд, чор пенсиро ба домани модараш андохта гуфт:

— Ин азони ту! Ҳамааш азони ту! Ба ту, ба Нен ва Бет... Ин пулест, ки ман бо меҳнати ҳалол ёфтаам, аз касе наталабида ва аз ҷое надуздидаам!

Модараш хушбахтона ва бо ҳайронӣ ӯро ба оғӯши худ кашид ва гуфт:

— Бевакт шудааст. Магар ҳазрати олӣ бархостан намехоҳанд?

Оҳ, ӯ ба чунин ҷавоб интизор надошт. Хобаш парид. Бедор шуд ва чашмонашро кушод.

Дар пеши хобгоҳи ӯ лорди якӯм, мутасаддии хобгоҳи королӣ либосҳои пурзинат пӯшида истода буд. Шодие ки аз хоби дурӯғӣ дар дилаш ба вуҷуд омада буд, дарҳол маҳв гардид: бачаи бечора дид, ки ӯ ҳанӯз ҳам асир ва король аст. Хона бо аҳли дарбор, ки либосҳои алвон дар бар доштанд,—ин ранги мотам буд—ва бо хизматгорони аъёни король пур буд. Том хеста дар рӯи ҷоихоби худ нишаст ва аз паси пардаҳои вазнини абрешимӣ ба тамоми ин мардумони бошукӯҳ ва бо дабдаба нигоҳ кард.

Баъд маросими либоспӯшӣ сар шуд, ки ба он бисьёр касон меҳнат сарф мекарданд, аҳли дарбор аз паси якдигар дар ҳузури король зону зада, ӯро табрик намуда, дар бораи вафоти падараш ба ӯ таъзия баён карда дилдорӣ медоданд. Аввал лорд обершталмейстер куртаеро гирифта онро ба лорди якӯм егермейстер дод, ӯ онро ба лорди дуюми мутасаддии хобгоҳ дод, ин ҳам дар навбати худ ба ҷангалбони бузурги ҷангали Виндзор супурд, ӯ ба оберкамергери сеюм ва ин ҳам ба дасти садри аъзами королии герцогии Ланкастер дод, ӯ ба буғчабардор, ин ба геролдмейстер, ӯ ба коменданти ҳабсхонаи Тауэр, вай ба мудири тартиботи дохилии дарбор, ин ба пешгирбанди меросӣ, вай ба лорд-адмирали Англия, ӯ ба кашиши бузург Кентерберӣ ва ниҳоят кашиши бузург куртаро ба лорди якӯми мутасаддии хобгоҳ дод, ки ӯ ҳам онро, дурусташро гӯем, он чиро ки аз курта боқӣ монда буд, ба Том пӯшонид. Ин вазъият ба хотири бачаи бечора дар вакти сӯхторҳо

даст ба даст дода шудани сатилҳои пуробро меовард.

Ҳар як ҷузъиёти либоспӯшӣ ва шустушӯ ба ҳамин хел як амалиёти тантанадор дучор мегардид; ниҳоят ин маросим чунон ба дили Том зад, ки вақте ки тамом шудани онро фаҳмид, яъне пайпоқҳои дарози абрешимӣ даст ба даст гашта наздик омад ва тантана ба охир расид, аз хурсандӣ кам монд, ки дод занад. Аммо ин хурсандии вай пеш аз вақт буд. Лорди якӯми мутасаддии хобгоҳ пайпоқҳоро гирифта мехост ба пои Том бипӯшонад, ки якбора суп-сурх шуда бо шитоби тамом пайпоқҳоро ба дасти кашиши бузург дод ва бо ҳайронӣ гуфт:

— Милорд, нигоҳ кунед!

Маълум мешавад, ки ягон ҷои пайпоқи дуруст набудааст. Ранги кашиш парид, баъд сурх шуд ва пайпоқҳоро ба адмирал дода гӯшакӣ гуфт:

— Милорд, нигоҳ кунед!

Адмирал ҳам ба навбати худ пайпоқҳоро ба пешгирбанди меросӣ дод ва ӯ худашро чунон гум кард, ки базӯр ба овози паст гуфт:

— Нигоҳ кунед, милорд!

Ба ҳамин тариқ пайпоқҳо гашта боз даст ба даст ақибнокӣ рафтанд, яъне аз дасти мудири тартиботи дохилии дарбор ба дасти сардори ҳабсхонаи Тауэр, аз дасти ӯ ба дасти геролдмейстер, аз ӯ ба буғчабардор, аз ӯ ба дасти садри аъзам, аз ӯ ба обер-камергери сеюм, аз ӯ ба ҷангалбони ҷангали Виндзор, аз ӯ ба лорди дуюми мутасаддии хобгоҳ, ва аз ӯ ба дасти лорди якӯми егермейстер омад ва ҳар кадоми инҳо ҳайрон шуда ва тарсида пичиррос зада „нигоҳ кунед, милорд, нигоҳ кунед!“ гуфта онро ба дасти дигаре медоданд. Ниҳоят пайпоқҳо омада ба дасти обершталмейстер расид ва ӯ, ки

— Бевақт шудааст. Магар ҳазрати олӣ бархостан намехоҳанд?

Оҳ, ӯ ба чунин ҷавоб интизор надошт. Хобаш парид. Бедор шуд ва чашмонашро кушод.

Дар пеши хобгоҳи ӯ лорди якӯм, мутасаддии хобгоҳи королӣ либосҳои пурзинат пӯшида истода буд. Шодие ки аз хоби дурӯғӣ дар дилаш ба вуҷуд омада буд, дарҳол маҳв гардид: бачаи бечора дид, ки ӯ ҳанӯз ҳам асир ва король аст. Хона бо аҳли дарбор, ки либосҳои алвон дар бар доштанд,—ин ранги мотам буд—ва бо хизматгорони аъёни король пур буд. Том хеста дар рӯи ҷоихоби худ нишаст ва аз паси пардаҳои вазнини абрешимӣ ба тамоми ин мардумони бошукӯҳ ва бо дабдаба нигоҳ кард.

Баъд маросими либоспӯшӣ сар шуд, ки ба он бисьёр касон меҳнат сарф мекарданд, аҳли дарбор аз паси якдигар дар ҳузури король зону зада, ӯро табрик намуда, дар бораи вафоти падараш ба ӯ таъзия баён карда дилдорӣ медоданд. Аввал лорд оберршталмейстер куртаеро гирифта онро ба лорди якӯм егермейстер дод, ӯ онро ба лорди дуюми мутасаддии хобгоҳ дод, ин ҳам дар навбати худ ба ҷангалбони бузурги ҷангали Виндзор супурд, ӯ ба оберкамергери сеюм ва ин ҳам ба дасти садри аъзами королии герцогии Ланкастер дод, ӯ ба буғчабардор, ин ба геролдмейстер, ӯ ба коменданти ҳабсхонаи Тауэр, вай ба мудири тартиботи дохилии дарбор, ин ба пешгирбанди меросӣ, вай ба лорд-адмирали Англия, ӯ ба кашиши бузург Кентерберӣ ва ниҳоят кашиши бузург куртаро ба лорди якӯми мутасаддии хобгоҳ дод, ки ӯ ҳам онро, дурусташро гӯем, он чиро ки аз курта боқӣ монда буд, ба Том пӯшонид. Ин вазъият ба хотири бачаи бечора дар вақти сӯхторҳо

даст ба даст дода шудани сатилҳои пуробро меовард.

Ҳар як ҷузъиёти либоспӯшӣ ва шустушӯ ба ҳамин хел як амалиёти тантанадор дучор мегардид; ниҳоят ин маросим чунон ба дили Том зад, ки вақте ки тамом шудани онро фаҳмид, яъне пайпоқҳои дарози абрешимӣ даст ба даст гашта наздик омад ва тантана ба охир расид, аз хурсандӣ кам монд, ки дод занад. Аммо ин хурсандии вай пеш аз вақт буд. Лорди якӯми мутасаддии хобгоҳ пайпоқҳоро гирифта мехост ба пои Том бипӯшонад, ки якбора супсурх шуда бо шитоби тамом пайпоқҳоро ба дасти кашиши бузург дод ва бо ҳайронӣ гуфт:

— Милорд, нигоҳ кунед!

Маълум мешавад, ки ягон ҷои пайпоқи дуруст набудааст. Ранги кашиш парид, баъд сурх шуд ва пайпоқҳоро ба адмирал дода гӯшакӣ гуфт:

— Милорд, нигоҳ кунед!

Адмирал ҳам ба навбати худ пайпоқҳоро ба пешгирбанди меросӣ дод ва ӯ худашро чунон гум кард, ки базӯр ба овози паст гуфт:

— Нигоҳ кунед, милорд!

Ба ҳамин тариқ пайпоқҳо гашта боз даст ба даст ақибнокӣ рафтанд, яъне аз дасти мудири тартиботи дохилии дарбор ба дасти сардори ҳабсхонаи Тауэр, аз дасти ӯ ба дасти геролдмейстер, аз ӯ ба буғчабардор, аз ӯ ба дасти садри аъзам, аз ӯ ба обер-камергери сеюм, аз ӯ ба ҷангалбони ҷангали Виндзор, аз ӯ ба лорди дуюми мутасаддии хобгоҳ, ва аз ӯ ба дасти лорди якӯми егермейстер омад ва ҳар кадоми инҳо ҳайрон шуда ва тарсида пичиррос зада „нигоҳ кунед, милорд, нигоҳ кунед!" гуфта онро ба дасти дигаре медоданд. Ниҳоят пайпоқҳо омада ба дасти обершталмейстер расид ва ӯ, ки

рангаш мисли суф сап-сафед шуда буд, дақиқае ба сабаби ташвиш ва изтироби умум назар намуда, баъд бо овози хирросӣ оҳиста гуфт:

— Худоё, раҳм кун! Аз нӯги пайпоқ банди ҳалқаи оҳанин баромадааст. Сардори пайпоқхонаи короliро ба зиндони Тауэр фиристодан даркор!—ва тамоман аз қувват афтода ба тарафи егермейстер хам шуд.



Милорд, нигоҳ кунед.

Дар ин вақт пайпоқи дигаре оварданд, ки бандак ва ҳалқааш дуруст буд.

Аммо ҳамаи корҳои дунъё тез ва ё дер тамом мешаванд. Ба Том Кенти ҳам ниҳоят аз ҷои хоби худ баромадан мумкин шуда монд. Яке аз мансабдорони дарбор, ки махсусан мутасаддии ин кор буд, аз офтоба об мерехт ва мансабдори дигаре ба шустушӯи король роҳбарӣ мекард ва сеюмӣ дар дасти худ рӯпоккунеро бардошта ҳозир истода буд. Том маросими шустушӯйро ба хушӣ ва хотирҷамъӣ ба охир расонид ва ба ихтиёри сартароши шоҳона супурда шуд. Аз дасти ин наққош ӯ хеле хуб ва му-

зайян шуда баромад ва ба як духтари зебое монанд гардид. Ба ӯ аз атласи алвон ҷома ва эзор пӯшонида ва ба кулоҳаш парҳои зебои қирмизӣ халонида буданд. Ӯ аз хобгоҳ бо тантанаи тамом аз миёни аҳли дарбор гузашта ба хонаи хӯрок баромад. Дарбориён ақибнокӣ рафта ба вай роҳ мекушоданд ва таъзим карда ба зону меафтоданд.

Баъд аз нонушта ӯро бо тантанаи шоён ва сазовор дар ҳузури амалдорони бузурги мамлакат ва бо посбонии фахрии панҷоҳ нафар инвалид, ки дар дастони худ табарзинҳои зарҳалдор доштанд, ба тахтгоҳ оварданд, дар он ҷо „тағои" ӯ лорд Гертфорд дар пеши тахт омада истод, ки бо машваратҳои оқилонаи худ ба короли ҷавон ёрӣ бидиҳад.

Пеш аз ҳама якчанд лордҳои номдори мамлакат ҳозир шуданд, ки аз тарафи короли марҳум ба васигии короли ҷавон таъин шуда буданд ва аз Том дар бораи фармонҳои гуногуни худ ризоият пурсиданд. Ин як расмияти хушку холӣ буд, аммо чун дар он замонҳо ҳанӯз мансаби лорд-протектор (васӣ) набуд, ин масъала аҳамияте дошт. Кашиши бузург қарори васиёнро дар бораи маросими гузаронидани дафни короли марҳум арз намуд ва дар поёни ариза номгӯи васиёнро як ба як хонда дод: кашиши бузург Кентерберӣ, садри аъзами Англия; Вильям лорд Сент-Ҷон; Ҷон лорд Россель; Эдуард граф Гертфорд; Ҷон виконт Лисли; Кетберт рӯҳонии дургемӣ...

Том ба суханони ӯ гӯш намедод, чунки дар ин ҳуҷҷате ки ба ӯ хонданд, як моддаи хеле аҷиб диққати ӯро ҷалб карда буд. Ӯ рӯи худро ба лорд Гертфорд гардонида оҳиста гуфт:

— Аз рӯи гуфти ин кас, маросими дафн дар кадом рӯз мешавад?

— Дар шонздаҳӯми моҳи оянда, аълоҳазрат!

— Ин гап бемаъно ва беҳуда аст! Магар ҷасади мурда ин қадар вақт истода метавонад?

Бачаи бечора! Ҳанӯз одат ва маросимҳои шоҳона барои ӯ нав ва аҷиб буданд. Ӯ то ҳол маҳаллаи Саркутҳоро медонист, ки мурдагонро дарҳол ба гӯристон бурда ба хок месупурданд. Лекин лорд Гертфорд бо се даҳон гап ӯро осуда намуд.

Баъд мирзобошӣ қарори совети давлатиро арз намуд, ки мувофиқи он қабул намудани сафирони хориҷӣ дар соати ёздаҳи рӯзи оянда муқаррар шуда буд. Ба ин ҳам ризоии король лозим буд.

Том ба таври саволомезе ба рӯи лорд Гертфорд нигоҳ кард ва ӯ бо овози паст гуфт:

— Аълоҳазрат, розигии худро баён карда метавонанд. Омадани онон барои ин аст, ки дар бораи вафоти падари бузургворатон таъзияи корольҳои худро баён намуда, дар ин мусибате ки ба ҷаноби шумо ва ба тамоми мамлакати Англия рӯй додааст, тасаллӣ бидиҳанд.

Том, ба тавре ки гуфта шуда буд, рафтор намуд. Мирзои дигар хароҷоти ҳайати давлати падари марҳумашро, ки дар шаш моҳи охир ба бисту ҳашт ҳазор фунт стерлинг расида буд, арз намуд. Ин маблағ ба андозаи зиёд буд, ки нафаси Том аз шунидани он танг шуд. Том замоне ки ҳанӯз пардохта нашудани бист ҳазор фунти ин маблағро шунид, ҳайрониаш боз зиёдтар шуд. Аммо ҳамин ки тамоман холӣ будани хазинаи королӣ ва хеле дар тангӣ будани онони шунид, даҳонаш тамоман яла шуда монд. Том худашро нигоҳ дошта натавониста якбора бо дилсӯзии тамом хавф ва тарси худро баён кард:

— Агар ин тавр бошад, мо тамоман хонавайрон

мешавем. Тамоми давлат ва ҳастии мо ба хӯроки сагон меравад. Ниҳоят ин тавр шуданаш маълум аст. Ба мо як хонаи хурдтаре иҷора карда хизматгорҳоро ҷавоб додан лозим аст. Охир онҳо, ки ба мо ҳеҷ даркорӣ надоранд ва ба мо чунон хизматҳое



Мирзобошӣ карори совети давлатиро арз намуд.

мекунанд, ки ҳеҷ эҳтиёҷ надорем. Хизматҳое ки онҳо мекунанд, ҳатто барои лӯхтак ва арӯсаке ҳам, ки барои идора кардани корҳои худ фаросат ва дасту по надорад, даркор намебошанд, барои мо як хонаи хурде иҷора кардан беҳтар буд, масалан дар муқобили бозори моҳифурӯшон, дар пеши бозори Биллингсгет хонаи муносибе ҳаст, ки ман онро хуб медонам... он...

Пеш аз нахорӣ Том бо иҷозати зиндонбони худ— Гертфорд ва Сент-Ҷон вақти худро бо майл ва рағбати тамом дар ҳузури леди Елизавета ва хоними хурд Ҷен Грей гузаронид, бо вуҷуди он ки хонимҳо ба муносибати вафоти падари худ ва мусибате ки ба хонаводаашон расида буд, хеле дилтанг буданд, боз ҳам Том аз дидани онҳо хушҳол шуд. Баъд „хоҳари бузургаш" ба дидани ӯ омад, ки баъдҳо дар таърих бо номи „Марияи хунхор" ном бароварда шӯҳрат ёфта буд[1]. Ӯ бо сӯҳбати вазнин ва калонгиронаи худ дили Томро хеле танг ва хунук кард, хубии сӯҳбати ӯ фақат кӯтоҳ будани он буд. Том якчанд дақиқа танҳо монд, баъд ба назди ӯ як бачаи лоғари дувоздаҳсолае даромад, ки либосҳои ӯ ба ғайр аз тӯр ва ҳошияҳои гиребон ва остинҳояш ҳама сиёҳ буданд, камзӯл, пайпоқ, хулоса ҳама либосаш сиёҳ буд. Дар либоси ӯ ба ғайр аз лентаи алвоне ки дар кифташ буд, ҳеҷ як аломати дигари мотам дида намешуд. Ӯ дилу нодилон қадам мемонд ва сарашро ба поён хам карда буд ва ҳамин ки ба назди Том расид, таъзим намуда зону зад. Том ягон дақиқа ба таври ҷиддӣ ба вай нигоҳ карда ниҳоят гуфт:

— Бача, бархез! Ба ту чӣ лозим аст? Ту кистӣ?

Бача аз ҷояш хест. Бо як адои зебо ва озодонае дар ҳузури Том истод, вале дар рӯи ӯ аломатҳои ҳайронӣ ва дудилагӣ намудор шуданд.

— Милорди азиз, шумо яқин, ки маро дар хотир доред, ман „маҳрамбачаи задан" мебошам.

— Маҳрамбачаи задан?

[1] Мария Тьюдор—дар солҳои 1516—1558 маликаи Англия буд. Салтанати ӯ бо таъқиботи динӣ ва бисьёр кушта шудани протестантҳо машҳур мебошад.

— Ҳамин тавр! Ман Гемфри мебошам. Номи ман Гемфри Марло аст.

Аз дили Том гузашт, ки агар васиёни ман дар ин ҷо мешуданд, чӣ будани вазифаи ин маҳрамбачаро ба ман гуфта медоданд, аммо афсӯс, ки касе набуд. Чӣ кор кардан даркор? „Агар мешиносам



Бача аз ҷояш хест.

гӯям, баъд дар ҳар даҳон гап ва ҳар кор ӯро нашиносам ва ҳаргиз надиданам маълум шавад, чӣ хоҳад шуд? Ин хуб нест“. Як фикри халоскунандае ба сари вай омад: „охир ин хел мавридҳо, ки баъд аз ин зиёд хоҳанд шуд, охир лорд Гертфорд ва лорд Сент-Ҷон бисьёр вақтҳо барои бачо овардани вазифаи худ дар совети васиҳо аз пеши ман дур хо-

ҳанд шуд. Акнун ба худам барои халос шудан аз ин мавридҳо чорае ёфтан лозим аст". Ҳо, ин фикри хубест ва инро ҳоло ба воситаи ин бача санҷида дидан лозим аст... Бубинам, чӣ натиҷа мебахшад?



Ба ҷои вай маро мезананд.

Ӯ мушаввашона пешонии худро молида гуфт:

— Акнун ба назарам андак ба хотирам омадӣ; аммо каллаи ман аз шиддати дард ва озор як қадре гаранг шудааст...

— Ох, оғои азизи ман! — гуфт — „махрамбачаи задан" ва бо ҳис ва дилсӯзии самимонае дар дили худ илова намуд:

„Ростӣ ҳам ба ман гуфта буданд, ки ақли ӯ ба сараш нест, ох, ман чӣ қадар фаромӯшхотир ҳастам! Аммо фармон ҳамин аст, ки изҳор накунам, ки девонагиашро медонам".

Том гуфт:

— Дар замонҳои охир фаромӯшхотирии ман хеле аҷиб аст, аммо ту ба ин аҳамият надеҳ. Ман ба зудӣ сиҳат меёбам, баъзе вақтҳо барои ин ки ҳодиса ва одамонро ба хотир биёварам, як ишора кифоят мекунад ва онҳоро ба зудӣ ба ёд меоварам

(ва ӯ дар дили худ илова кард: „Яъне ҳодисаҳо ва касонеро ҳам, ки асло дар умри худ надидаам!“). Бигӯ, ба ту чӣ лозим аст?

— Король, кори чандон муҳимме нест, бо вуҷуди ин ман ҷасорат карда ба хизмати шумо арз мекунам. Ду рӯз пеш, замоне ки шумо дар аснои дарси забони юнонӣ, вақти тарҷима кардани сабақи пагоҳӣ се хато кардед... ба хотиратон ҳаст?

— Оҳ, гӯё ки ба хотирам ҳаст... („Агар ман забони юнонӣ бихонам, се хато он сӯ истад, сӣ хато карданам ҳам яқин аст“.) Ҳо, акнун ба хотирам расид, бигӯ!

— Муаллим аз ин кор—чӣ навъ ки ӯ худаш он вақт гуфта буд, аз ин кундзеҳнӣ—хашмгин шуда гуфта буд, ки ба ҷои шумо маро сахт хоҳад зад ва...

— Туро хоҳад зад?—Том аз ҳайронӣ аз худ баромада фарьёд кард.—Барои чӣ ӯ бояд ба хатои ман туро бизанад?

— Оҳ, ҷаноб, шумо боз ҳам фаромӯш мекунед! Ҳамеша вақте ки шумо дарси худро хуб намедонед, ӯ маро бо қамчин ва химчаҳо мезанад.

— Дуруст аст, дуруст аст! Ростӣ, ман фаромӯш кардаам. Ту ба дарс хондани ман ёрӣ мерасонӣ ва баъд, вақте ки ман хато кардам, муаллим туро мезанад, ки чаро маро хуб наомӯхтай...

— Не, ин тавр нест, аълоҳазрат! Ман камтарин хизматгори шумо, чӣ ҳад дорам, ки ба шумо дарс ёд диҳам?

— Пас гуноҳи ту чист? Ин чӣ муаммои аҷиб аст? Ва ё ман ростӣ-ростӣ ҳам девона шудаам? Ва ё ту ақлатро гум кардай? Бигӯ, зудтар ба ман бифаҳмон!

— Аълоҳазрато, дар ин ҷо ҳеҷ чизи аҷоиб нест, хеле масъалаи содда аст. Ҳеҷ кас ҷаноби шаҳзодаи

Уэльскийро зада ва ё озурда наметавонад, бинобар он замоне ки аз шаҳзода гуноҳе содир мешавад, ба ҷои вай маро мезананд. Ҳамин хел шуданаш ҳам даркор аст, чунки вазифаи ман ҳамин аст ва ман аз ин кор нон мехӯрам[1].

Писарак ҳамаи ин суханонро хеле ба оромӣ мегуфт ва Том ба вай нигоҳ карда ҳайрон монд:

„Кори аҷибе! Ана ин ҳам касб! Касб ва ҳунари аҷибе! Ҳайронам, ки онҳо чаро бачае муқаррар накардаанд, ки ба ҷои ман мӯҳои худро шона кунад ва ба ҷои ман либос бипӯшад. Кошкӣ ҳамин корро ҳам мекарданд... Он вақт ман илтимос хоҳам кард, ки дар ивази гуноҳҳоям худамро бикӯбанд, ман аз ин кор хурсанд мешавам, чунки ин дар зиндагонии тира ва дилтангкунандаи ман як навигарӣ хоҳад шуд".

Ва бо овози баланд пурсид:

— Хуб, бечора! Туро мувофиқи ваъда заданд?

— Не, аълоҳазрат! Гап дар ин аст, ки ҷазо рӯз ба рӯз ба қафо мемонад ва шояд, ки ба муносибати азо онро тамоман мавқуф бигузоранд, ҳарчанде ки муайян намедонам, барои ҳамин ҷасорат карда ба ин ҷо омадам, ки аз ҷаноби шумо хоҳиш бикунам, ки марҳамат намуда барои ман восита шавед.

— Ба муаллим восита шавам? То ки туро назанад?

— Оҳ! ин дар хотири шумо будааст?

— Ту мебинӣ, ки хотираи ман кам-кам дуруст мешавад! Осуда бош: дигар қамчини муаллим ба

---

[1] Ҷемси Ива Чарльзи II ҳам дар вақти хурдиашон дар ҳузури худ ҳамин хел маҳрамбачаҳо доштанд ва вақте ки инҳо дарси худро бад мехонданд, муаллим ба ҷои онҳо маҳрамбачаҳоро мезад; барои ҳамин ман ҷасорат карда аз ҷиҳати ба худам даркор буданаш ба шаҳзодаи худ ҳам ҳамин хел як рафик ҳамроҳ кардам. (Қайди Марк Твен.)

кифтҳои ту намерасад. Ман дар ин бора чора мебинам.

— О, хеле мамнунам, подшоҳи меҳрубон! - гуфт писарак ва боз ба зону афтод. — Шояд, ки ман хеле ҷуръат ва густохӣ мекунам, аммо бо вуҷуди ин...

Том вақте ки дудилагӣ ва беҷасоратии Гемфриро дид, ба ӯ дилдорӣ дод ва гуфт, ки имрӯз ба ҳама касон „хайрхоҳӣ ва некӣ кардан мехоҳад".

— Ин тавр ки бошад, ман орзуи деринаи худро имрӯз ба хизмати шумо арз мекунам. Ҳоло ки шумо шаҳзода Уэльский набуда, балки король мебошед, ҳар чиро ки хостед, амр ва фармон карда метавонед ва касе ҷуръат карда наметавонад, ки „не" бигӯяд! Шумо, албатта, баъд аз ин ба худатон бо дарсхонӣ озор ва дарди сар нахоҳед дод ва китобҳоро ба печка ҳаво дода бо кори дилкушотаре машғул хоҳед шуд. Агар ин тавр шавад, ман тамоман маҳв мешавам, хоҳарони сағири ман ҳам бо ҳамроҳии ман нобуд хоҳанд шуд.

— Нобуд хоҳанд шуд? Барои чӣ?

— Короли азизи ман, тахтапушти ман нондиҳандаи ман аст! Агар тахтапуштам шаллоқ нахӯрад, ман аз гуруснагӣ мемурам. Агар шумо дарс хонданро бас кунед, хизмати ман ҳам тамом мешавад, чунки ба шумо „маҳрамбачаи задан" даркор намешавад. Аммо ба ҳоли ман раҳм кунед ва маро ронда ва овора накунед.

Ин ғам ва мусибат ба дили Том хеле таъсир кард ва бо як раҳмдилии шоҳонае ба гап даромада гуфт:

— Дӯсти ман, ғамгин машав! Ман ин дараҷаро ба ту ва авлоди ту абадӣ васиқа карда медиҳам.

Ӯ оҳиста бо шамшери худ ба кифти бача зад ва гуфт:

— Марло Гемфри, бархез! Аз имрӯз вазифаи ту доимӣ ва ба тамоми авлодони ту ба таври мерос муқаррар хоҳад шуд. Ғам махӯр! Ман боз ба хондан сар хоҳам кард ва дарсҳои худро чунон бад хоҳам хонд, ки моҳонаи ту шояд ҳам як барсе зиёд шавад, чунки меҳнатат зиёд хоҳад шуд.

— Миннатдорам, шоҳи азизам! — гуфт Гемфри бо иқрори тамом. — Ин бахшиши шоҳона аз ҳамаи орзуҳои ман зиёд аст. Акнун ман то охири умри худ хушбахт хоҳам шуд.

Том мулоҳиза кард, ки ин бача ба вай фоида расонда метавонад ва Гемфриро маҷбур кард, ки бо худи ӯ гуфтугӯ кунад ва аз ин кори худ хеле хурсанд ҳам шуд. Бача ҳам хурсанд буд, ки суханонаш ба „шифо ёфтани“ Том сабаб мешавад. Ҳар бор, вақте ки ӯ дар хусуси ҳодисаҳои гуногуни дарсхона ва дарбор ба короли „девона“ баъзе ҷузъиятҳоро мегуфт, Том дарҳол онҳоро ба хотир меовард. Ин сӯҳбат дар бораи одат ва маросимҳои дарбор ба Том бисьёр чизҳоро омӯхт ва ӯ қарор кард, ки ҳар рӯз аз ҳамин бача маълумот бигирад ва ф а р м о н дод, ки агар дар вақти омадани Гемфри дар пеши Том касони дигар набошанд, ба вай ба зудӣ роҳ диҳанд. Гемфри ҳанӯз баромада нарафта буд, ки Гертфорд ба Том дарди сар ва ғуссаҳои нав овард.

Ӯ хабар дод, ки лордҳои совети давлатӣ аз тарси он ки бемории корольро муболиға накунанд ва дар ин бора дар байни халқ ва дар хориҷа хабарҳои барзиёд паҳн нанамоянд, лозим шумурдаанд, ки аълоҳазрат рӯз дар миён дар пеши назари халқ таом бихӯранд. Хубии ранги рӯи король, рафтори чобук, ором ва бепарвоёнааш ва гуфтори хуш ва мулоими ӯ ин шубҳаи халқро аз ҳама чораҳои дигар беҳтар рафъ карда метавонад ва агар ин хабар-

хои номатлуб ба миёни халқ паҳн шуда бошанд, он вақт онҳоро ба зудӣ рафъ кардан ҳам мумкин мешавад.

Граф бо адаб ва назокати тамом ба Том рафторҳои ӯро дар асноҳи ин намоишҳо меомӯхт. Ӯ чунон гап мезад, ки гӯё масъалаҳои маълумро ба хотири



... агар, хазрати олӣ андак зеҳн кунед...

Том мерасонид, ва ҳол он ки ба Том маълумотҳои хеле зарурӣ ва даркориро хабар медод. Ба граф маълум шуд, ки дар ин бора ба Том чандон ёрии зиёде даркор набудааст ва ӯ аз ин масъала хеле хушҳол шуд. Бачаи ҳушьёр тамоми маълумотҳои даркориро аз Гемфри Марло гирифта буд, чунки хабар ва овозаҳо дар бораи ин хӯрокхӯриҳои ко-

роль дар пеши халоиқ, кайҳо боз ба дарбор паҳн шуда ва Гемфри дар ин хусус якчанд дақиқа пеш ба Том хабар дода буд. Албатта, Том дар бораи гуфтугӯи худ бо Гемфри ба граф чизе нагуфт.

Граф вақте ки ба дараҷаи зиёде кушода шудани зеҳни корольро дид, хост, ки ӯро, гӯё ки ба таври тасодуфӣ, боз аз чанд ҷиҳати дигар бисанҷад, ва бо ин восита чӣ қадар дуруст шудани ақли ӯро муайян бикунад. Натиҷаи ин санҷиш дар ҳама мавридҳо набошад ҳам, дар аксарияти мавридҳо хеле тасаллибахш ва дилхушкунанда буданд. Дар масъалаҳое ки Том пештар бо Гемфри сӯҳбат карда буд, лорд хеле мамнун мешуд ва ниҳоят ӯ бо овозе ки умедвории пурраи вайро нишон медод, гуфт:

— Акнун ман умедворам, ки агар ҳазрати олӣ андак ҳам зеҳн ва ҳуши худро ба кор андозед, сирри мӯҳри бузурги давлатиро барои мо кашф хоҳад кард. Ҳанӯз дирӯз ин мӯҳри бузург аҳамияти хеле калоне дошт, аммо имрӯз он аҳамиятро надорад, чунки хизмат ва вазифаи вай бо вафоти короли марҳум тамом шуд. Оё шумо дар ин бора як қадар тааммул ва фикр карда метавонед?

Том худашро гум кард, мӯҳри бузург барои вай чизи тамоман номаълум ва пинҳонӣ буд. Баъд аз ягон дақиқа фикр ва тааммул бо чашмони маъсумонаи худ ба Гертфорд нигоҳ кард ва соддадилона пурсид:

— Шакли он чигуна буд?

Граф якқад парид ва худ ба худ гуфт:

— Оҳ, зеҳни ӯ боз ҳам тира шуд, ӯро ин навъ ба фикркунӣ маҷбур намудан аз рӯи ақл нест...

Ӯ дарҳол сӯҳбатро чунон бо маҳорати тамом ба ҷои дигар гардонид, ки Том дар бораи мӯҳри шум фикр карданро ҳам аз хотири худ баровард ва бо ин мақсади худ ба осонӣ муваффақ гардид.

# ТОМ КОРОЛӢ МЕКУНАД

Рӯзи дигар сафирони хориҷа бо аҳли рикоби пурҳашамати худ ба дарбор ҳозир шуданд ва Том ба тахти салтанат баромада бо як дабдабаи олӣ ва ҳатто воҳиманоке онҳоро қабул кард. Дар аввал ҳашамат ва дабдабаи ин манзара фикри ӯро ба худ ҷалб намуда ва фикрашро мекушод, аммо ин маросими қабулкунӣ хеле кашол ёфт ва дилашро танг кард, нутқҳо ҳам хеле кашол ва дилтангкунанда буданд, ниҳоят майл ва рағбате ки дошт, ба як маҷбурияти вазнин ва ғамгинонае мубаддал гардид. Том гоҳ-гоҳ суханонеро, ки Гертфорд оҳистекак ба вай ёд медод такрор менамуд ва кӯшиш мекард, ки тамоми шароити маросимро ба қадри имкон пурра баҷо биёварад; аммо ин кор барои ӯ хеле кори нав буд ва ӯ ҳамаи талаботро чандон ҳам қаноатбахш баҷо оварда наметавонист. Авзоъ ва намуди ӯ шоҳона буд, аммо ӯ худашро король ҳисоб карда наметавонист. Бинобар он замоне ки маросим тамом шуд, ӯ аз таҳи дил хурсанд ва хушҳол гардид.

Қисми бузурги имрӯз ба „корҳои беҳуда“ сарф шуда буд,—Том худаш ҳамин тавр фикр мекард,— ба ҳаргуна корҳои пуч ва бемаъно сарф шуда буд, ки аз рӯи вазифаи шоҳонаи худ маҷбур буд онҳоро баҷо биёварад. Ҳатто ду соат вақт ҳам ки барои машғулият ва андармонии королонааш дода шуда буд, барои ӯ аз дилшодӣ дида, зиёдтар хафагӣ ва дилтангӣ овард, чунки аз ҳар ҷиҳат бо одоб ва қоидаҳо баста шуда буд. Аммо баъд, ӯ бо ҳамроҳии „маҳрамбачаи задан“, мувофиқи табъи дил дам гирифт ва роҳат кард, ин сӯҳбат ба ӯ хеле фоидаҳо

бахшид, чунки ҳам худаш андармон шуд ва ҳам харгуна маълумотҳои даркорӣ гирифта тавонист.

Рӯзи сеюми королии Том Кенти ҳам мисли рӯзҳои дигар гузашт: фарқ дар ҳамин ҷо буд, ки холо аҳволи ӯ кадре сабуктар шуда буд ва ӯ худашро мисли рӯзҳои аввал бемуносибат ва ночаспон ҳис намекард; ӯ акнун ба вазъияти худ ва ба муҳити нав одат мекард, занҷирҳои вобастагӣ ҳанӯз ҳам ба вай хеле вазнин буданд, аммо наздикӣ ва ҳозир будани лордҳо ва аъёнҳо, дар хузураш хам шуда таъзим намудани онон ӯро то рафт камтар шарманда ва хиҷил мекард.

Чизе ки ҳоло ӯро ба хавотир ва нигаронӣ андохта буд,—тарси он зиёфати умумӣ буд, ки барои фардо нимирӯзӣ муқаррар карда буданд.

Дар программаи рӯзи чорӯм корҳои аз ин муҳимтаре ҳам буданд: ба Том лозим буд, ки аввалин бор дар совети давлатӣ раисӣ бикунад ва дар бораи сиёсате ки давлати Англия нисбат ба халқҳои гуногуни мамлакатҳои дуру наздики олам раво хоҳад дошт, фикрҳои худро баён намуда ва хоҳишҳои худро изҳор намояд; расман ба мансаби лорди ҳомӣ, яъне отолиқ, мукаррар карда шудани Гертфорд ва боз баҷо оварда шудани чандин корҳои мухимми давлатӣ ҳам ба фардо муқаррар карда шуда буд; аммо назар ба озор ва азобе ки аз зиёфати умумӣ дар худ хис мекард, ҳамаи инҳо ба дараҷаи хеҷ буданд, дар он зиёфат лозим буд, ки дар пеши назари як олам тамошобинони худаш танҳо нишинад ва дар ҳолате ки чашмҳо ҳама нигарони ӯ буда ва даҳонҳо ҳама дар хусуси вай пичир-пичир хоҳанд кард, ҳар як ҳаракат ва рафторашро бо диққат аз назар хоҳанд гузаронид ва мабодо, бадбахтона, хато ва саҳве аз ӯ содир шавад, онро тамоми забонҳо так-

рор хоҳанд намуд, ӯ бояд дар он маҷлис нишаста хӯрок бихӯрад.

Аммо ҳеҷ як илоҷ ва чора расидани рӯзи чорӯмро ба қазо андохта наметавонист ва он рӯз, ниҳоят, омада расид. Он рӯз Томи бечораро дар ҳолати парешон ва маҳзунӣ дарьёфт. Ин ҳолати вазнин ва маҳзунона хеле вақт дар ӯ давом мекард, Том ин андӯҳ ва ғамгиниро аз худ дур карда наметавонист. Маросимҳои муқаррарии пагоҳӣ ба вай хеле вазнин намуда, ғусса ва дилтангиашро боз ҳам меафзуданд.

Баъд аз ними рӯз ӯро ба меҳмонхонаи бузурге оварданд, ӯ бояд дар ин ҷо ба граф Гертфорд сӯҳбаткунон менишаст ва ҳамин ки соати муқаррарӣ расид, ба қабули расмии қисми бузурги аъён ва дарбориён ҳозир мешуд.

Баъд аз андаке таваққуф, Том ба пеши тирезаи калоне омада бо ҳавас ва мароқи тамом рафтуомади сертараддуди кӯчаи калонро тамошо кардан гирифт, мардумон аз ҳар сӯ омада, аз пеши дарвозаи бузурги давлатӣ мегузаштанд; Том вақте ки онҳоро дид, хеле таассуф хӯрд, ки чаро худаш дар ин рафтуомади озод ва дилшодкунанда иштирок карда наметавонад. Нохост ӯ овози поеро шунид ва як тӯда мардон, занон, бачагони табақаи пастро дид, ки бо ғалоғула ва ғавғои зиёде ба тарафи поёни роҳ нигоҳ карда медаванд.

— Мехостам бидонам, ки инҳо барои чӣ медаванд! - гуфт Том бо як мароқи бачагонае.

Граф таъзиме карда ҷавоб дод:

— Шумо король ва соҳиби ихтиёр мебошед. Агар иҷозат бидиҳед, ман фармоиши шуморо дарҳол баҷо биёварам.

— Бисьёр хуб, бисьёр хуб! ман хеле хурсанд мешавам! — гуфт Том бо изтироб ва ба таври хеле

ризоятмандонае худ ба худ илова намуд: „Росташро гӯям, король шудан он қадар ҳам кори бад набудааст: гоҳ-гоҳ роҳат ва фоидаҳои ин кор ивази меҳнат ва озорҳояшро медиҳад".

Граф яке аз маҳрамбачаҳоро чеғ зада ба пеши сардори дарбонон фиристод.



Том ба пеши тиреза омад.

— Бигузор халоиқро нигоҳ дошта, ба кучо ва барои чӣ давидани онҳоро бифаҳманд. Ин фармоиши король аст!..

Якчанд дақиқа нагузашта буд, ки сипоҳиёни зиреҳпӯши шоҳона бо кулоҳҳои дурахшони худ ғуввос зада аз дарвозаи сарой баромаданд ва дар миёни роҳ саф баста пеши роҳи мардумро гирифтанд. Касе ки фиристонида шуда буд, баргашта арз намуд, ки халоиқ аз паси як зан, як мард ва духтаре медаванд, ки ҳар сеяшон барои осудагӣ ва азамати мамлакати Англияро халалдор карданашон ба куштан маҳкум карда шудаанд.

Марг—як марги маҷбурӣ ва сахте дар пеши ин се нафар бадбахт истода буд. Гӯё аз дили Том чизе канда шуда ба замин афтод. Тамоми ҳастии ӯро як ҳолати дилсӯзӣ фаро гирифта, тамоми ҳисҳои дигарро аз дилаш берун кард. Ӯ дар бораи вайрон карда шудани қонун асло фикр накарда, зарар ва озорҳое ҳам, ки ин ҷинояткорон ба қурбонҳои худ расонида буданд, диққати ӯро ҷалб карда натавонист, ӯ ба ғайр аз чӯби дор ва рӯзгори сиёҳ ва торе ки инҳоро мунтазир буд, чизи дигареро фикр карда наметавонист. Дар айни ҳаяҷон ва изтироб короли ҳақиқӣ набудани худашро ҳам фаромӯш кард ва ҳанӯз дуруст ба худ наомада якбора фармон дод:

— Онҳоро ба ин ҷо биёред!

Дарҳол тамоми рӯяш суп-сурх шуда, мехост аз ин густохии худ узр талабад. Аммо чун дид, ки на граф ва на маҳрамбача аз ин гуфтаи ӯ асло ҳайрон нашуданд, хомӯш шуд. Маҳрамбача, мисли ин ки як воқеаи ғайри оддӣ нашудааст, таъзиме карда, ақибнокӣ рафт ва аз хона баромад, ки рафта ирода ва хоҳиши корольро баҷо биёварад. Дили Том бо ҳиссе пур шуд ва боз як бор аз дилаш гузашт, ки воқеан король ҳам ҷиҳатҳои хуб ва форам доштааст!

Ӯ худ ба худ фикр мекард:

„Ростӣ, тамоми орзу ва хаёлҳои чанд рӯз пеш

аз ин кардаам ҳақиқат шуд. Ман вақте ки китобҳои кӯҳнаро мехондам, худро король мепиндоштам, ки қонунҳо мебарорад ва мувофиқи табъи дили худ фармоишҳо медиҳад: фалон корро кунед, фалон касро биёред! Акнун ҳеҷ кас аз фармони ман баромада ва гуфтаи маро нокарда наметавонад".

Дарҳо якбора кушода шуданд; аз паи ҳамдигар ном ва мансабҳои олӣ такрор карда мешуд ва баъд аз зикр шудани ҳар як ном соҳиби он бо виқори тамом ба хона медаромад; нисфи хона бо аъёнҳое ки либосҳои олӣ пӯшида буданд, пур шуд. Аммо Том дар ин хона будани ин ҷанобонро тақрибан ҳис намекард, чунки бо кори дигар, кори муҳимтаре машғул буд. Ӯ бо як ҳолати парешонӣ худро ба рӯи тахт андохта, чашмонашро ба дар дӯхта ва бетоқатии худро ҳаргиз пинҳон карда наметавонист, лордҳое ки ба хона даромаданд, ба чизе мунтазир истодани корольро дида, ба бесаранҷом намудани ӯ ҳеҷ ҷасорат накарданд ва оҳиста-оҳиста дар байни худ дар бораи ҳаргуна корҳои давлатӣ ва ҳаргуна ғайбатҳои дарборӣ гӯшакӣ гап сар карданд.

Андаке нагузашта буд, ки овози мунтазам қадам задани сарбозҳо шунида шуд ва дар тахти назорати сардори посбонони давлатӣ ва як даста аз аскарони хосаи король, ҷинояткорон ба хона даровarда шуданд.

Сардори посбонон дар ҳузури Том зону зада ба замин нишаст ва баъд боз хеста рафта дар як сӯ истод, аммо се нафар гунаҳгор чӣ навъ ки ба замин афтода буданд, ҳамон навъ ҳам монданд ва аскарони хоса дар паси тахт саф баста истоданд. Том бо диққати тамом ба ҷиноятkорон нигоҳ мекард. Дар либос ва ё дар рафтори ҷиноятkорон чизе буд, ки дар ӯ хотираи мағшуше ба вуҷуд меовард.

Ӯ худ ба худ фикр кард:

„Ман ин одамро дар ягон ҷо дидаам, аммо кай ва дар куҷо диданамро намедонам“.



Том ҷинояткоронро аз назар гузаронид

Дар худи ҳамин вақт мардак сарашро якбора бардошта ба Том нигоҳе кард ва дарҳол боз ба замин андохт, гӯё ки аз дабдаба ва ҳашамати король чашмонаш хира шуда буданд, аммо рӯи ӯро як лаҳза ҳам дидан барои Том кифоя буд.

„Акнун ман медонам,—гуфт ӯ дар дили худ,—ин ҳамон марди ношинос аст, ки дар рӯзи якӯми соли нав Ҷайлситро аз дарьёи Темза бароварда, ҷони ӯро аз чанголи марг халос карда буд; он рӯз ҳаво абр

буд ва боди сахте мевазид. Ин марди фидокор, оличаноб ва нотарс мебошад. Афсӯс, ки ӯ чинояткор шуда ва ба ин хел як кори баде дучор гардидааст... Ман дар кадом рӯз ва дар кадом соат рӯй додани ин корро ба хубӣ дар ёд дорам, чунки як соат баъд аз ин воқеа, яъне замоне ки соати манораи арк занги ёздаҳӯмро зад, модаркалонам ба ман чунон як шаллоқи обдор ва базарбае зад, ки тамоми шаллоқҳои пештар зада ва баъд аз ин мезадагиаш дар назди он як меҳрубонӣ ва навозиш барин шуда буданд".

Том фармон дод, ки зан ва духтарак мувақкатан аз хона бароварда шаванд ва рӯи худро ба ноиби сардори қаровулон гардонида пурсид:

— Хуб, чаноб! Гуноҳи ин одам чӣ будааст?

Сардори қаровулҳо ба ду зону ба замин нишаст.

— Ба ҳузури ҳумоюни шумо арз менамоям, ки ӯ ба воситаи заҳр яке аз фуқароёни шуморо аз зиндагонӣ маҳрум ва бенасиб гардонидааст.

Ба раҳме ки дар дили Том нисбат ба гунаҳгор пайдо шуда буд ва таърифҳое ки дар дили худ аз рафтори фидокоронаи ӯ мекард, зарбаи сахте расид.

— Магар гуноҳи ӯ исбот шудааст?

— Бале, аълоҳазрат, тамоман исбот шудааст!

Том оҳе кашида гуфт:

— Бароред инро – ба куштан сазовор аст... Хеле афсӯс мехӯрам... чунки худаш бисьёр марди нотарс ва часур мебошад... яъне мехоҳам бигӯям, ки аз шаклаш часур ва нотарс менамояд...

Гунаҳгор якбора гӯё ки дар бадани худ қувваи наве ҳис кард ва аз ноумедӣ ва маъюсӣ ангуштони худро ба дарачаи шикастан баргардонида, аз „король" бо як овози то рафт баландшаванда ва даҳшатноке бахшида шудани гуноҳи худро талабидан гирифт.

— Оҳ, король! Агар ба он марде ки мурдааст, дилатон месӯзад, пас ба ҷони ман ҳам раҳм намоед. Ман гуноҳ надорам ва далелҳое ки дар бораи гунаҳгории ман ҳаст, хеле беасос ва суст мебошанд. Аммо ман дигар дар ин бора ҳеҷ чиз намегӯям, чунки кори ман аз суд гузашта ва ҳукми суд содир шудааст ва ҳукмро баргардондан имкон надорад. Аммо ман дар бораи як бахшиш ва марҳамат аз шумо хоҳиш мекунам, чунки ҷазое ки дар ҳаққи ман содир шудааст, хеле зиёд ва аз қуввати ман хориҷ мебошад. Э короли меҳрубон, раҳм кун, ба ҳоли ман раҳм кун! Шафқат кун ва ба илтимоси ман таваҷҷӯҳе бинамо амр кун, ки маро ба дор овезанд.

Том ҳайрон буд. Ӯ ҳеҷ интизорӣ надошт, ки илтимос ва хоҳиши ӯ чунин тамом хоҳад шуд.

— Аҷаб! Магар туро ба дор нахоҳанд овехт?

— Не, короли меҳрубон. Маро ҳукм кардаанд, ки дар обҷӯш андохта кушанд.

Вақте ки Том ин хабари ногаҳонӣ ва даҳшатнокро шунид, кам монд, ки аз тахт ба замин биафтад. Баъд қадре ҳавоси худашро ҷамъ карда фарьёд намуд:

— Э бечора, бигузор мувофиқи талаби ту шавад! Агар ту ҳатто ба сад нафар заҳр хӯронда бошӣ ҳам, боз ба ингуна ҷазои сахт маҳкум нахоҳӣ шуд.

Маҳкум сари худро ба рӯи пол андохт ва ҳаргуна суханони ташаккуромез мегуфт. Ниҳоят сухани худро чунин тамом намуд:

— Агар худо накарда ягон вақт ба сари ту кулфат ва фалокате афтад, илоҳӣ, марҳамате ки дар ҳаққи ман кардай, балогардони ту шавад!

Том рӯи худро ба граф Гертфорд гардонд:

— Лорди мӯҳтарам, оё инсонро ба чунин як ҷазои сахте маҳкум кардан мумкин аст?

— Бале, аълоҳазрат, қонун дар бораи заҳрди-

қандагон чунин ҳукм мекунад. Дар Германия касонеро, ки пули қалбакӣ месозанд, ҳатто ба даруни равғани доғ меандозанд ва инро ҳам якбора накарда, балки онҳоро ба ресмон баста ба тадриҷ аввал пошнаҳои по, баъд зонуҳо ва баъд...

— Лорди муҳтарам, хоҳиш мекунам дигар нагӯ! Ман ба ин тоб оварда наметавонам!—гуфт Том ва бо ду даст рӯи худро гирифт, ки тасаввури ин манзараи воҳиманок аз назараш дур шавад.—Қасам хӯрда ба ту супориш медиҳам, ки ин қонунро манъ бикун. Бигузор бадбахтонро баъд аз ин ба чунин ҷазоҳои сахт маҳкум нанамоянд.

Дар рӯи граф аломатҳои хеле хурсандиовар ва ризоятмандона пайдо шуд; ӯ ҳам марди дилсӯз ва раҳмноке буд, ки дар он замонҳои сахт ингуна касони раҳмдил хеле кам буданд. Ӯ гуфт:

— Суханони олиҷанобона ва раҳмдилонаи шумо ҳукми куши ин қонуни шум мебошад. Ин суханони шумо ба таърихи мамлакати мо навишта шуда, барои авлод ва аҷдоди хонаводаи шоҳонаи шумо мояи шараф ва ифтихор хоҳанд шуд.

Сардори қаровулон мехост, ки гунаҳгорро берун барорад, аммо Том бо як ишорат ӯро нигоҳ дошт.

— Ҷаноб! Ман асоси ин масъаларо фаҳмидан мехоҳам. Ин мард мегӯяд, ки далелҳое ки ӯро айбдор мекунанд, чандон асоснок намебошанд. Ба ман бигӯ, ки ту дар ин бора чиҳо медонӣ?

— Ба ҳузури олии шумо арз менамоям, ки аз рӯи тадқиқоти суд маълум шудааст, ки ин мард дар қишлоки Айлингтон ба хонае даромада будааст, ки дар он ҷо як нафар бемор будааст. Се нафар аз шоҳидон мегӯянд, ки ба он хона даромадани ин мард расо дар соати даҳи пагоҳӣ буд. Аммо ду нафар аз шоҳидон чунин нишон медиҳанд, ки ӯ як қадар дер-

тар ба он хона даромада будааст. Бемор дар ин вақт дар хона танҳо хобида будааст ва ин одам зуд баромада боз ба зудӣ рафтааст. Як соат баъд аз ин ҳодиса он бемор аз шиддати қай ва дарди пуразоби хала бо ҷонканиҳои сахт мурдааст.

— Магар касе ба он бемор заҳр додани ин одамро дидааст? Ё магар нишонаи заҳрро ёфтаанд?

— Не, аълоҳазрат!

— Пас, шумо заҳр хӯрда мурдани беморро аз куҷо медонед?

— Ба ҳузури ҳумоюни шумо ҷасоратан арз намоям, ки духтурҳо мегӯянд, ки ин аҳвол фақат дар вақти заҳр хӯрдан воқеъ мешавад.

Дар он замонҳо ин далел хеле далели асоснок ва мустаҳкаме буд. Том инро дарҳол фаҳмиду гуфт:

— Духтурҳо, албатта, кори худашонро бехтар медонанд. Яқин ки гуфти онҳо дуруст мебошад. Дар ин сурат кори ту бад аст, э бечора!

— Лекин масъала бо ин тамом намешавад, ҷаноб. Ғайр аз ин, боз далелҳои сахти дигар ҳам ҳастанд. Бисьёр касҳо тасдиқ мекунанд, ки фолбинзане ки дар он қишлоқ буда, вале баъд маълум нест ба куҷо гум шуда рафтааст, пеш аз вақт ва пинҳонӣ ба ҳама хабар дода будааст, ки ба ин мард **заҳр дода ӯро хоҳанд кушт** ва илова бар ин як раҳгузари ношиноси мӯсиёҳе ки ҷомаи кӯҳна ва соддае дар бар хоҳад дошт, ба ин бемор заҳр хоҳад дод. Қиёфати ин гунаҳкор ба тамоми он нишонаҳо мувофиқ меояд. Азбаски тамоми ин суханон пеш аз вақт гуфта шудааст, аз ҷаноби олӣ хоҳишмандам, ки ба ин масъала дуруст диққат ва **эътибор намоянд**.

Дар он замонҳо, ки хурофот ва мавҳумот хеле сахт ҳукмфармо буд, ин ҳам як далели калон шу-

мурда мешуд. Том ҳис кард, ки ин далелҳо гуноҳро собит мекунанд ва агар ба инҳо ягон андаке эътибор карда шавад, гуноҳи марди бечора тамом исбот шудааст. Аммо бо вуҷуди ин хост ба он марди бечора барои исбот кардани бегуноҳии худ боз як имконият диҳад, бинобар он ба ӯ рӯ гардонида гуфт:

— Агар барои сафед кардани худ чизе гуфта тавонӣ, бигӯ!

— Ҳеҷ чиз маро халос карда наметавонад, короли мӯҳтарам! Ман бегуноҳам, аммо бегуноҳии худро исбот карда наметавонам. Ман на дӯст дорам ва на наздику ақрабое. Вагарна ман дар он рӯз ҳатто дар Айлингтон набудани худамро ҳам исбот карда метавонистам. Ман дар он вақти он рӯз аз он ҷой тақрибан як мил[1] дуртар дар Уоппинг-Ольд-Стерс[2] будани худро исбот карда метавонистам. Ба ғайр аз ин, эй король, ман исбот карда метавонистам дар он рӯзе ки ба қавли инҳо ман гӯё ба он мард заҳр дода куштаам, ман як бачаи ғарқшавандаро аз чанголи марг халос карда будам...

— Сардор, андак бардошт кун, бигӯ ки ин кор дар кадом рӯз рӯй додааст?

— Дар рӯзи аввали соли нав, король, дар соати даҳи рӯз ва ё якчанд дақиқа баъдтар...

— Пас, дар ин сурат ӯро тамоман озод кунед, фармони шоҳонаи ман ҳамин аст!

Том инро гуфта боз хеле сурх шуд ва хост, ки ҷӯшу хурӯши ғайри шоҳонаи худро ба қадри имкон пинҳон намояд ва илова кард:

— Ман аз ин хашмнок мешавам, ки ин марди бечора бо ингуна далелҳои пуч ва беасоснок ба таги чӯби дор меравад.

---

[1] Як мил—тақрибан 7 километр аст.

[2] Дар болои дарьёи Темза як бандаргоҳи қадимае мебошад.

Овозҳои ҳайрат ва шодӣ хонаро фаро гирифт, ин шодӣ ва хурсандӣ аз ҳукми король набуд, зеро аз ҳозирон камтар касоне ёфт мешуданд, ки манъ карда шудани хукми куши котили захрхӯронандаро дуруст бидонанд ва ё тасдик бикунанд,—балки шодӣ ва хурсандии онон аз заковат ва зиракии Том буд, ки ӯ дар ин масъала зохир карда буд. Ингуна овозҳо ва мулоҳизаҳо шунида мешуданд:

— Не, короли мо девона нест! Акл ва фаросати ӯ тамоман бачо мебошад.

— Ӯ чи кадар боаклона саволҳо медиҳад ва ин рафторҳои ӯ чӣ андоза ба рафторҳои пештарааш монанд мебошад,—ин ҳукми ӯ хукми катъӣ ва фармонравоёнае мебошад.

— Шукр ба худо, ки дард ва бемории ӯ гузашт! Ин як чӯчаи мичморук набуда, балки король мебошад. Рафтор ва ҳаракатҳои вай тамоман ба ҳаракатҳои падари худораҳматиаш монанд аст.

Овозҳои тасдик ва ризоият, ки дар хона оҳиста-оҳиста шунида мешуданд, ба гӯши Том ҳам нарасида намонданд. Дар ӯ хам ҳисси бепарвой ва озодии тамом пайдо гардид ва ба тамоми баданаш як навъ ҳисси фораме паҳн шуд.

Аммо ҳисси кунчковии чавононаи вай ин фикрҳои шодибахшро аз сараш дур намуд: ӯ хост, ки чӣ будани гуноҳи он зан ва он духтараки хурдсолро ҳам бидонад ва бо фармони вай ҳар дуи онҳо дар ҳолати гирьёнӣ ва ларзонӣ ба ҳузураш оварда шуданд.

Том аз сардори каровулон пурсид:

— Хуб, инҳо чӣ гуноҳ кардаанд?

— Аълоҳазрато! Аз инҳо як чинояти бисьёр кабеҳ рӯй дода, гунаҳкориашон равшан исбот шудааст ва суд мувофики конун барои ба дор овехтани ин-

ҳо ҳукм баровардааст. Чиноят ва гуноҳашон аз ҳамин иборат аст, ки онҳо арвоҳи худро ба шайтон фурўхтаанд.

Том яккад парид. Ў аз рўи одат ва тарбияи худ ба ингуна одамон нафрат дошт, аммо дар натичаи ҳисси кунчковӣ ин нафрат ҳоло бартараф шуда буд, ў пурсид:

— Хўш канӣ, ин кор кай ва дар кучо рўй додааст?

— Дар моҳи декабрь, дар харобаи як калисо дар нисфҳои шаб!

Том боз яккад парид.

— Дар ин вакт кӣ ҳозир будааст?

— Фақат ин ду зан, аълоҳазратам! Ва ба ғ а й р а з и н ҳ о худи он шайтони лаънатӣ!

— Инҳо ба гуноҳи худ икрор шуданд?

— Хеч ба гардан намегиранд, тақсирам, инкор мекунанд.

— Пас, ин чӣ навъ маълум шудааст?

— Баъзе шоҳидҳо ба он чо даромада истодани инҳоро дидаанд. Ин аҳвол ба шубҳа боис шуда ва баъдҳо ба исбот расидааст. Ҳамин кадараш ҳам собит шудааст, ки онҳо ба воситаи иқтидор ва кувввати ачинаҳо ва шайтон ба як гирдбоди калоне сабаб шудаанд, ки дар натича дар он атроф ҳама чиз вайрон шудааст. Такрибан чил нафар шоҳид дарвокеъ дар он рўз гирдбод шуданашро исбот мекунанд. Ингуна шоҳидҳоро ҳазор нафар ҳам ёфтан мумкин аст. Ин гирдбодро ҳамаи онҳо ба хубӣ дар хотир доранд, чунки ҳамагӣ аз он зарарҳои калон дидаанд.

Том андак фикр кард:

— Албатта ин кори хеле чиддӣ мебошад.—ва баъд андак хомўш истода гуфт:—Хуб, ба худи ин зан ҳам аз гирдбод зиён ва зараре расидааст ё не?

Якчанд нафар аз пирамардон ақл ва заковати корольро тасдиқ карда сарҳои худро ҷумбонданд. Аммо сардори каровулон аз оқибати масъала чизе пай набурда соддадилона ҷавоб дод:

— Бале, таксирам, ба худаш ҳам зиён расидааст ва ба қавли мардум ба ин сазовор ҳам мебошад... гирдбод хонаашро вайрон карда ва ин бо кӯдакаш бехонумон ва саргардон мондааст.



Пирамардон ақл ва заковати корольро тасдиқ карда сарҳои худро ҷумбониданд.

— Маълум мешавад, ки ӯ барои ба худаш зиён расондан кӯшиши зиёде кардааст? Агар дар натиҷаи ин кор ба вай як тин ҳам зарар мерасид, ман боз ҳам мегуфтам, ки ӯро фиреб додаанд; ва ҳол он ки ӯ барои хонавайрон шудани худ арвоҳи худаш ва кӯдаки хурдсолашро барбод додааст. Ин тавр ки бошад, ин занак девона аст. Ва азбаски ӯ девона аст, чӣ кор кардани худашро намедонад ва бинобар ин ҳам ӯ бегуноҳ аст.

Пирҳо боз сари худашонро ба аломати тасдиқ ҷумбониданд ва аз фаросат ва заковати Том димоғи ҳамаи онон хеле чоқ шуд. Яке аз лордҳо бо овози паст гуфт:

— Агар овозаҳо дуруст буда, король дарвоқеъ девона шуда бошад, он вақт ин хел девона шудани касони тандурусти дигар ҳам зарар надорад. Чунки дар натиҷаи ин девонагӣ фаросати король боз ҳам зиёдтар шудааст.

Том пурсид:

— Духтарак чандсола аст?

— Нӯҳсола, тақсирам.

Том рӯяшро ба яке аз судьяҳои донишманд гардонида пурсид:

— Лорди мӯҳтарам, бифармоед, ки кӯдаки хурдсол, аз рӯи қонунҳои Англия ба савдогарӣ даромада ва худашро фурӯхта метавонад?

— Короли меҳрубон, қонун ба кӯдакони хурдсол иҷозат намедиҳад, ки ба муомилаҳои савдоӣ даромада ва дар он иштирок намоянд. Чунки ақли ҳанӯз пухтанашудаи онон бо ақли пухта ва кордидаи калонсолон баробар шуда наметавонад ва дар ҳила ва фиреб ба онҳо муқобилат карда наметавонад. Аммо агар шайтон хоҳиш дошта бошад ва худи бача майл кунад, арвоҳи бачаро харида метавонад. Фақат, шайтон ин муқобиларо карда метавонад, аммо англисҳо ҳаргиз не! Дар ин сурат муомила нодуруст ҳисоб мешавад.

— Не, ин қонун хеле бемаънӣ, золимона ва бадқаҳрона будааст. Охир, чӣ навъ мешавад, ки қонуни Англия ба шайтон ин хел имтиёзҳо дода, худи фуқароёни англисро аз ин ҳуқуқ маҳрум мекунад? — гуфт Том бо оҳанги наҷибонае.

Ин назария ва мулоҳизаи нав ба табассуми бисьёрҳо сабаб гардид ва бисьёрҳо ҳам ин суханонро гардонда такрор карданд, ин суханон гӯё ки расогӣ ва пухтагии ақлии Том ва боз яла шудани роҳи муҳокимаи ӯро нишон медод.

Занаки ҷинояткор гирья кардаиро бас намуда, ба суханони инҳо бо ҳирс ва бо як умеди то рафт зиёдшавандае гӯш медод. Том инро ҳис кард ва дилаш ба аҳволи ин зани бекас ва беҳимоят, ки дар канори марг истода буд, боз ҳам зиёдтар сӯхт. Боз пурсид:

— Хуб, барои ин ки гирдбод шавад, инҳо чӣ кор кардаанд?

— Пайпоқҳои худро аз по кашидаанд, тақсирам!

Ин Томро тамоман мот ва мабҳут кард ва кунҷковиашро боз ҳам зиёдтар карда, баданашро ба ларза андохт.

— Хеле аҷиб аст!—гуфт ӯ оташин шуда.—Магар пайпокро кашидан ҳамеша чунин оқибатҳои хавфнок дорад?

— Ҳамеша тақсирам! Хусусан агар зан инро мехоста бошад ва дар вақти аз пои худ кашидани пайпоқаш ё дар дил ва ё дар даҳон ҳамон хел ният карда бошад, албатта ҳамин натиҷаи хавфнок ҳосил мешавад.

Том ба занак рӯ гардонида гуфт:

— Канӣ, ҳунари худатро нишон деҳ, ман мехоҳам гирдбодро бубинам.

Ранги рухсораҳои касоне ки дар маҷлис ҳозир буданд, аз воҳима ва тарс парид ва бисьёр касон аз дилашон гузаронданд, ки навъе карда аз он ҷо бароmада ҷони худро аз хатар халос намоянд; аммо Том аз ин бехабар ва бепарво буда, тамоман ба фалокати мешудагӣ мунтазир буд. Ӯ дар рӯи зан аломатҳои ҳайронӣ ва хиҷолатмандиро дида дарҳол илова намуд:

— Натарс, дигар аз барои ин кор҃ат ҷавобгар нахоҳӣ шуд. Илова бар ин: туро озод ҳам мекунанд

ва ҳеҷ кас ба ту ангушти худро ҳам расонида наметавонад. Канӣ, зуд бош, ҳунари худро нишон деҳ!

— Оҳ, короли мӯҳтарам, ман ин хел ҳунар ва иқтидор надорам. Маро беҳуда ва беасос гунаҳкор кардаанд.

— Ту натарс. Осуда бош! Ҳеҷ кас ба ту ҳеҷ гап гуфта наметавонад. Андак ҳам бошад, ҳозир гирдбод ба вуҷуд биёвар! Ман чандон гирдбоди сахт ва зиёнкорро талаб намекунам, ҳатто безарарак ҳам бошад мешавад. Ин корро ки кардӣ, аз чанголи марг наҷот меёбӣ ва аз ин ҷо бо духтари худ озод ва осуда баромада меравӣ, король гуноҳи туро мебахшад ва дар тамоми хоки Англия ҳеҷ ҷонзоде туро гунаҳкор карда ва ранҷонида наметавонад.

Занак худро ба рӯи тахтаи пол андохта бо зорӣ ва тавалло баён кард, ки ӯ иқтидори ба вуҷуд овардани ин мӯъҷизаро надорад вагарна, агар аз дасташ меомад, бо мамнунияти тамом ҷони духтараш ва худашро аз марг наҷот дода, ҳатто худро қурбон ҳам мекард, аммо чӣ кунад, ки бо вуҷуди ин қадар илтифот ва марҳамати король коре карда наметавонад.

Том исрор мекард. Зан боз суханони худро такрор менамуд. Ниҳоят Том гуфт:

— Ба фикрам, ин зан рост мегӯяд. Агар модари ман ба ҷои ин зан мебуд ва аз шайтон ин навъ ҳунари калонро ёд мегирифт, барои аз марг наҷот додани ман гирдбоди сахте ба вуҷуд оваронида тамоми оламро зеру забар мекунонд! Албатта, ҳамаи модарҳо ҳам ҳамин навъ ҳастанд. Э, занаки меҳрубон, ҳоло ту озод ҳастӣ, ҳам худи ту ва ҳам духтарат озод ҳастед, — ва ман шумоёнро бегуноҳ мешуморам. Ҳоло ки ман гуноҳи туро бахшидам ва ту дигар аз

ҳеҷ чиз бок ва тарс надорӣ, акнун пайпоқҳоятро аз поят каш ва ба хотири ман як гирдбоди хурде ба вуҷуд биёр, агар ин корро бикунӣ, ман ба ту давлати фаровоне мебахшам.

Зан бо овози баланд ташаккури худро баён кард ва ба фармони король итоат намуда ба кашидани пайпоқҳои худ машғул шуд.

Том бо кунҷковии зиёде ба корҳои вай диққат мекард ва ба дили ӯ ҳам андаке хавф афтода буд: аммо аҳли дарбор бемуҳобот ба ҳавл афтода буданд. Занак пайпоқҳои худ ва духтарашро кашид ва маълум буд, ки ҳозир аст ҳар кореро, ки аз дасташ меояд, баҷо биёварад ва бо ларзондани замин ва гирдбод ба король миннатдорӣ кунад, аммо аз ин кӯшиши вай ҳеҷ натиҷа набуд. Том ноумедона оҳе кашида гуфт:

— Хуб, биё, хез ва ба худат бисьёр озор мадеҳ: маълум мешавад, ки ин иқтидор аз дасташ рафтааст... Хуб, ҳоло осуда ва хотирҷамъ аз паи кори худ бирав. Агар мабодо боз қувваи шайтонӣ ба ту гашта биёяд, албатта, маро аз ёдат фаромӯш накун ва барои ман як гирдбоди хеле хубе нишон бидеҳ![1]

---

[1] „Дар замони салтанати Генрихи VIII мувофиқи фармоиши парламент касонеро, ки ба як нафар заҳр хӯронида бошанд, зинда ба зинда ба даруни обҷӯш хаво медоланд. Ин фармон баъд аз салтанати ӯ барҳам хӯрд. Аммо дар Германия ҳатто дар асри XVII ҳам созандагони пул ва вексельҳои қалбакиро ба ин навъ ҷазои сахт маҳкум мекарданд". (*Trumdulls Blue laws*, саҳифаи *13*)

„Як зан бо духтари нӯҳсолааш барои ин ки арвоҳи худро ба шайтон фурӯхта ва ба воситаи кашидани пайпоқҳои худ гирдбод ба вуҷуд оварда буданд, дар Генгтингтон ба дор овехта шуданд". (Дар ҳамон китоб, саҳифаи 20.)

# ЗИЁФАТИ БОТАНТАНА

Вақти зиёфат наздик мешуд, аммо аҷибаш ин аст, ки Том аз ин ҳеҷ хавотир ва ташвиш надошт ва як зарра ҳам наметарсид. Ҳодисаҳои пагоҳӣ дилпурриашро ба худ зиёд карда буданд; ин гурбачаи бегуноҳ дар муддати ин чор рӯз ба ин хоначаи танги пурғавғое ки толеъ ва тақдир ӯро ба ин ҷо оварда ҳаво дода буд, одат карда ва ба ҳар пешомад тан дода буд. Одами калон дар муддати як моҳ ҳам ин қадар муваффақият ба даст дароварда наметавонист. Дар одат кардан ва омӯхта шудан ба вазъият ва ба шароити тоза дараҷаи қобилияти калонҳо ба қобилияти кӯдакон баробар шуда наметавонад.

Ҳоло ки даромадан мумкин аст, биёед мо ҳам ба ин меҳмонхонаи калон дароем ва бинем, ки дар он муддат, ки Том ба зиёфат тайёрӣ медиданд, дар он ҷо чӣ воқеа ва ҳодисае рӯй дод. Ин меҳмонхона иборат аз як иморати бузурге мебошад, ки сутунҳои зарҳалкории лӯнда ва чорраха дорад, деворҳояш пурнақшу нигор ва шифташ пурзебу зарнигор аст. Дар тахти дарвозааш мардони танумандн қоматбаланд, мисли ҳайкали беҷон истодаанд ва либосҳои олӣ ва зебо дар бар доранд ва дар дастони худ табарзин бардоштаанд. Дар болохоначаҳои даруни иморат, ки ба давродаври меҳмонхона сохта шудаанд, тӯдаи мусиқӣ ҷой гирифта ва дар он ҷо мардумони хушлибос, чи мард ва чи зан, пур шудаанд. Дар миёнаҷои хона, дар як баландӣ, столи Том гузошта шудааст. Давоми ҳикояро акнун аз қавли як нафар таърихнависи қадим бишунавед:

„Ба меҳмонхона як нафар ҷентльмени қоматбаланд медарояд, ки ба дасти худ асое дорад ва аз

паси ӯ дигаре меояд, ки ба даст дастурхон меоварад, баъд аз он ки ҳар ду се бор зону зада таъзим намуданд, он яке дастурхонро ба рӯи стол паҳн мекунад ва баъд боз ҳар дуи онҳо ба зону афтода таъзим намуда аз хона мебароянд. Баъд боз ду нафари дигар медароянд, ки яке дар дасти худ боз асо ва дигаре намакдон ва як табақ нон дорад. Инҳо ҳам мисли ду нафари аввала таъзим намуда нон ва намакдонро ба рӯи стол гузошта, боз бо ҳамон ҳол бармегарданд, ниҳоят ду нафар аз аҳли дарбор бо либосҳои олӣ меоянд, яке аз онҳо ба дасти худ корде дорад, онҳо се бор ба таври хеле зебое ба замин нишаста ба стол наздик мешаванд ва он кордро бо нону намак покиза мекунанд. Ва ин корро чунон аз рӯи одоб ва бо диққат баҷо меоваранд, ки гӯё худи король дар паси он стол нишаста бошад".

Тайёрии пурдабдабаи зиёфат бо ҳамин тамом мешавад. Ана аз раҳрав ва даҳлезҳои дароз овози карнай ва ғалоғула шунида мешавад: „Роҳ диҳед! Роҳ диҳед! Ба аълоҳазрат роҳ кушоед!" Ин овозҳо ҳар дақиқа такрор карда шуда то рафт наздиктар меоянд ва ниҳоят аз наздик овози марши ҳарбӣ ва фарьёдҳои „Ба король роҳ диҳед!" шунида мешавад. Ана аз даре ки калон кушода шудааст, як тӯда ба тадриҷ қадам партофта меоянд. Боз суханро аз даҳони таърихнавис бишунавед:

„Дар пешопеш ҷентльменҳо[1], баронҳо, графҳо, соҳибони нишони гарданбанд меоянд. Ҳамаашон либосҳои олӣ пӯшида ва сарлуч ҳастанд; баъд канцлер—қушбегии калон дар ду тарафаш бо ду нафар лорд намоён мешавад; дар дасти яке аз лордҳо чӯбдаст—асои шоҳона ва дар дасти дигаре шамшери

[1] Ҷентльмен—бо ин калима дар Англия ба аъён ва ба табақаҳои болой хитоб карда мешавад.

давлатӣ ҳаст; он шамшер ғилофи сарфарангӣ дошта ба болои ғилоф ҳаргуна гулҳои тиллоӣ нақш карда шудааст. Аз паси инҳо худи король меояд. Дар вақти наздик шудани ӯ дувоздаҳ карнай ва ҳамон қадар нағора якбора марши салом ва табрик менавозанд ва дар болохонаҳои атрофи меҳмонхона ҳама



Ҷавони қоматбаланде ки дар даст асо дорад.

ба по хеста: „Худовандо, корольро саломат нигоҳ дор!" гӯён фарьёд мекунанд. Аз паси король аъёнҳои аҳли рикоб ва дар ду тарафи король, аз рост ва

чап, панҷоҳнафарӣ ҷанговарони пирсол меоянд, ки посбони фахрии король ҳастанд ва дар даст табарзинҳои тиллоӣ доранд".

Ҳамаи инҳо хеле зебо ва дилкушо буданд. Дар ин вакт дили Том сахт метапид ва чашмонаш аз шиддати шодӣ медурахшиданд. Дар тамоми симои ӯ зебоӣ мавҷуд буд. Ин зебоӣ дар натиҷаи он ба амал меомад, ки худи Том барои зоҳир кардани он ҳеҷ кӯшиш намекард, ӯ ба ин тамошои фараҳбахш ва овозҳои дилкушо ғарқ шуда буд. Илова ба ин дар либосҳои хуб ва зебодӯхташуда, хусусан замоне ки ба ин либос ҳеҷ аҳамият намедиҳӣ, магар хушрӯй шудан душвор аст.

Том суханонеро, ки ба вай ёд дода шуда буд, ба хотир овард ва ба таъзимҳои халқ андак бо ишораи сараш ҷавоб дода, бо як оҳанги меҳрубононае гуфт:

— Фуқароёни меҳрубони ман, ташаккур мекунам!

Ӯ ба стул нишаст, лекин шляпаи бо парҳои товус зинат додашудаи худро аз сар набардошт. Ва аз ин рафтори худ ҳаргиз ибо накард ва хиҷолат накашид, чунки бо шляпа нишаста хӯрок хӯрдан ягона одати кадимаи шоҳона буд, ки ба назари Кенти ҳам иҷро намудан бегона нанамуд, чунки хонаводаи Том ҳам ҳамеша бо шляпа нишаста хӯрок мехӯрданд.

Надимони король ба чандин гурӯҳҳои бисьёр зебо таксим шуда шляпаҳои худро бардоштанд.

Баъд, дар тахти навозиши мусикаи бисьёр дилкушое тӯдаи муҳофизони шахсии король ба меҳмонхона даромаданд. Инҳо „мардумони аз ҳама танумандтар ва пурзӯртари мамлакати Англия буданд, ки хусусан барои баҷо овардани вазифаҳои дарборӣ интихоб шуда буданд". Боз биёед тафсилотро аз таърихнавис бишунавем:

„Муҳофизони шахсии король бо сарҳои бараҳна ба меҳмонхона дохил шуданд, инҳо либосҳои сурх дар бар доштанд ва ба кифташон гулҳои заррин дӯхта шуда буд; онҳо ҳар бор даромада мебаромаданд ва ҳар дафъа дар табақҳои нуқрагӣ авқотҳои нав ба нав меоварданд. Табақҳоро ҳар бор дастурхончӣ аз дасти онон гирифта ба болои стол мегузошт ва лорде ки мутасаддӣ ба чашидани хӯрокҳо буд, ба ҳар як аз муҳофизон, андаке аз хӯроки овардагиашон медод, ки бихӯранд ва бо ин роҳ аз заҳролуд набудани хӯрок хотирҷамъ мешуданд".

Том гарчанде ки медонист, садҳо чашм ба ҳар як луқмааш дӯхтаанд ва ба фурӯ бурда шудани ҳар луқма чунон диққат мекунанд, ки гӯё он авқот набуда ягон моддаи таркандае мебошад, ки дар шиками король таркида онро пора-пора хоҳад кард, бо вуҷуди ин бо иштиҳои тамом хӯрокро хӯрда тамом намуд. Ӯ мекӯшид, ки шитоб накарда бихӯрад ва ҳамчунин саъй мекард, ки худаш ба ҳеҷ коре даст дароз нанамояд, балки мунтазир меистод, ки одамони махсус ба зону афтода ҳама корҳои даркориро ба ҷои вай баҷо биёваранд. Дар асnои тамоми зиёфат аз Том ҳеҷ як хато сар назад, ин муваффақияти калоне буд

Замоне ки хӯрок тамом шуд, аҳли пурҳашамати надимон чор тарафи Томро иҳота карда, дар тахти овозҳои шодиовари карнай ва нағораҳо ӯро аз меҳмонхона баровcovered, дар байни фарьёд ва ғалоғулаи табриккунандагон ӯ беихтиёр худ ба худ фикр мекард: бо вуҷуди он ки дар пеши назари халоиқ хӯрок хӯрдан чандон кори осоне намебошад, аммо бо ҳамаи ин, ман ҳазорон бор розӣ ҳастам, ки рӯзе якчанд бор дар ҳамин шароит хӯрок бихӯрам, ба шарти ин ки дар ивази ин маро аз баъзе корҳои душвор ва машаққатноктари шоҳона озод намоянд!

*Боби ҳабдаҳум*

## КОРОЛИ ФУ-ФУИ АВВАЛ

Майлс Гендон бо шитоби тамом аз болои кӯпрук гузашта ба тарафи соҳилҳои Саутворк мерафт. Ӯ ба ҳар як роҳгузар бо диққат нигоҳ мекард ва умедвор буд, ки касонеро, ки мекобад меёбад, лекин умеди ӯ ба ҳадар рафт. Дар болои кӯпрук ба кадом тараф рафтани он одамонро нишон доданд, ӯ дар Саутворк паи қадами онро гирифта рафт, аммо андак дуртар нишони пои онон гум шуд; ҳеҷ намедонист, ки он сӯтар ба куҷо биравад ва ононро аз куҷо биҷӯяд, бо вуҷуди ин то расидани шаб ҷустуҷӯи худро давом кунонид. Вақте ки шаб расид, ӯ монда ва гурусна шуда буд. Аммо мақсаде ки тамоми рӯз аз паи он давида буд, ҳанӯз ҳам аз вай хеле дур буд. Ӯ дар ошхонаи Табарида хӯрок хӯрд ва ба хоб рафт ва қасд кард, ки пагоҳ барвақттар аз хоб хеста тамоми шаҳрро давр зада кофта барояд. Хеле вақт дар хусуси чигуна чораҳо дидани худ фикр намуд ва ниҳоят ба ин фикр омад:

„Писарак агар ба дасташ фурсат афтад, дарҳол аз дасти он нобакор, ки худро падари ӯ меномад, хоҳад гурехт. Оё ӯ боз ба Лондон, ба истиқоматгоҳи пештараи худаш бармегардад ё не? Не! Чунки ӯ аз гирифтор шудани худ хоҳад тарсид. Пас, чӣ кор хоҳад кард? Дар тамоми дунъё ӯ фақат як нафар ҳимоятгар ва дӯст дорад, ки он ҳам Майлс Гендон мебошад ва табиист, ки ба ҷустуҷӯи ин дӯсти худ медарояд. Аммо агар ба Лондон баргашта ва дар ин ҷо боз ба хавфи ба даст афтодан гирифтор шуда бошад, дар он сурат масъала дигар аст. Ӯ эҳтимол, ки ба тарафи Гендон-холл меравад, чунки медонад, ки Майлс ба он тараф, ба хонаи падари

худ рафтанй аст. Бале, масъала равшан аст ва фурсатро дар ин ҷо аз даст надода, аз роҳи Кент ба Монкс-Гольм рафтан ва дар роҳ ҷангалҳоро кофта аз роҳгузарон ӯро дарак кардан лозим аст".

Акнун баргардем ба короли ҷавон, ки беному нишон аз миён гум шуда буд.

Мардаки ҷулҳундипӯш, ки ба қавли хизматгори ошпаз дар болои кӯпрук ба ҷавон ва ба король наздик шудааст, дар ҳақиқат ба онҳо наздик нашуда, балки аз паи онон қадам ба қадам равон шуда буд. Ӯ бо ин ду нафар гап намезад. Дасти чапаш баста ва ба болои чашми чапи худ марҳам молида баста буд. Марди ҷулҳундипӯш кам-кам мелангид ва ба як асои ғафс такьякунон роҳ мерафт. Он ҷавон корольро аз ақиби Саутворк бурда оҳиста-оҳиста ба роҳи калон наздик овард. Король кам-кам оташин мешуд ва мегуфт, ки дигар нахоҳад рафт. Чаро ки ба пеши Гендон рафтани ӯ дуруст набуда, балки ба пеши ӯ омадани Гендон лозим аст ва ӯ ба ин навъ густохй ва беодобй тоқат карда наметавонад ва дар ин ҷо мемонад.

Ҷавон гуфт:

— Ту дар ин ҷо мондан мехоҳй ва ҳол он ки дӯсти ту захмдор шуда дар ҷангал хобидааст! Пас ҳоло ки ҳамин тавр аст, бимон!

Король дарҳол рафтори гапи худро дигаргун кард:

— Магар захмдор шудааст?—гуфт ӯ.—Кй ҷасорат карда ӯро захмдор намуд? Хуб, ҳоло ин гап дар як тараф истад, ту маро зудтар ба пеши вай бар! Зудтар, зудтар! Чй шудааст, магар ба поят санг бастай? Ӯ захмдор шудааст? Касе ки ӯро захмдор кардааст, агар вазирзода ҳам бошад, ба ҷазои худ мерасад!

То ҷангал ҳанӯз роҳ бисьёр буд, аммо онҳо ин

роҳро зуд гузаштанд. Ҷавон ба атроф нигоҳ кард ва дар замин чӯберо ёфт, ки ба он як латта печонда шуда буд ва бо нишони он корольро ба тарафи ҷангал бурд; дар ҳарчанд қадам ба онҳо чунин чӯбҳо дучор мешуд, ки маълум мешавад барои гум накардани роҳ шинонида шуда буданд. Ниҳоят онҳо дар миёни ҷангал ба як майдоне расиданд, ки дар он ҷо хонаи кӯҳнаи нимсӯхтае буд. Дар канори ин хона харобаҳои як анбори ғаллакӯбӣ намоён буд. Дар ҳеҷ куҷо ҳеҷ як аломати зиндагӣ дида намешуд. Дар ҳама тараф хомӯшии тамом ҳукмфармо буд. Он ҷавон ба анбори ғаллакӯбӣ даромад ва король ҳам аз ақиби ӯ ба он ҷо шитофт. Дар он хона ҳам касе набуд. Король ба он ҷавон бо як назари саволдиҳанда ва шубҳаноке нигоҳ кард.

— Пас, ӯ куҷост?

Дар ҷавоб як хандаи масхараомезе шунида шуд. Король оташин шуд ва кундаеро гирифта ба каллаи душмани худ ҳаво додан хост, аммо дар ин лаҳза тамоман дар болои гӯши ӯ боз як нафари дигар бо овози баланд хандид. Ин ҳамон побараҳнаи ланг буд, ки аз паи онон меомад. Король ба ӯ рӯ гардонда бо оташинӣ пурсид:

— Ту кистӣ? Ба ту дар ин ҷо чӣ лозим аст?

— Ин ҳазилҳоро бигузор ва девонагиро бас кун! — гуфт он побараҳна. — Магар либос ва шакли ман чунон дигар шудааст, ки падари худатро намешиносӣ?

— Ту падари ман нестӣ... Ман туро намешиносам... Ман королам... Агар ту хизматгори маро пинҳон карда бошӣ, зуд ёфта бидеҳ, вагарна пушаймон хоҳӣ шуд!

Ҷон Кенти бо овози баланд ҷавоб дод:

— Мебинам, ки ту девонаӣ, бинобар он ба ту сахт ҷазо доданро намехоҳам; аммо агар маҷбур кунӣ,

хеле сахт мезанамат!.. Дар ин ҷо сафсатта ва беҳудагӯии ту хавфе надорад, чунки касе нест, ки ба гуфтаҳоят гӯш диҳад; аммо бо вуҷуди ин забонатро маҳкам нигоҳ дор ва даҳонатро бипӯш, то ин ки дар ҷоҳои наве ки зиндагонӣ хоҳем кард, ба мо зарарат нарасад. Ман касеро куштаам ва бинобар ин дар хонаи худамон истода наметавонам ва туро ҳам сар намедиҳам, чунки ёрмандиат ба ман лозим аст. Аз барои эҳтиёт номи худро ҳам дигар кардаам ва акнун номам Ҷон Гоббс ва номи ту Ҷек аст. Хуб ба хотир нигоҳ дошта бош! Ҳоло бигӯ, модар ва хоҳарҳоят куҷоянд? Барои чӣ онҳо ба ҷои муқаррар-кардаи ман наомаданд ва дар куҷо мондаанд?

Король турштрӯёна ҷавоб дод:

— Бо ин муаммоҳо сари маро гаранг накун! Модарам мурда ва хоҳаронам дар дарбори королӣ ҳастанд!

Он ҷавон боз мехост ханда кунад ва короли ҳақоратдида ҳам кам монда буд, ки бо мушти худ ба вай ҳуҷум намояд, аммо Кенти ва ё агар номи ҳозирраашро бигӯем — Гоббс ҳамроҳи худро нигоҳ дошт:

— Оҳиста Гуго! Инро оташин накун: ақлаш дар ҷояш нест, ту боз инро девонатар мекунӣ! Биншин Ҷек, ором шав. Ҳоло ман ба ту хӯрок медиҳам.

Гоббс ва Гуго дар бораи чизе дар байни худ оҳиста-оҳиста ба гап задан сар карданд ва король барои ин ки аз сӯҳбати нофорами онҳо дуртар бошад, ба як кунҷи амбор рафта истод. Ин ҷо нимторик буда ба замин ба қадри як фут коҳ паҳн карда шуда буд. Чун король барои пӯшидани болои худ чизе надошт, ба даруни коҳҳо даромада боз ба фикрҳои худ машғул гардид. Ӯ бисёр ғам ва андӯҳҳо дошт, аммо тамоми онҳо дар муқобили мурдани падараш ба андозаи ҳеҷ ва хеле беаҳамият буданд.

Номи Генрихи VIII тамоми оламро ба ларза меандохт ва бо шунидани ин ном дар пеши назари ҳамаи мардумон як золим ва хунхоре намоён мешуд, ки нафасаш ҳама ҷоро вайрон мекард ва ду దасташ фақат ҷазо додан ва куштанро медонист: аммо барои ин писарак ин ном хотираҳои хеле ширинро ба ёд меовард ва ҳайкали ӯ, ки ҳоло дар хаёли ин бача муҷассам шуда буд, бо меҳр ва муҳаббат нафас мекашид ва навозишкорона нигоҳ мекард. Ӯ сӯҳбатҳои дуру дарози самимонаи худро бо падар ба ёд меовард ва бо лаззати тамом дар он бора фикр намуд ва ашкҳое ки муттасил аз чашмонаш равон буданд, шиддати ғам ва андӯхи ӯро нишон медоданд... Рӯз кам-кам ба охир мерасид ва писарак, ки аз ноомади корҳои худ хеле монда шуда буд, оҳиста-оҳиста ба хоби ширин ва сахте фурӯ рафт.

Баъд аз хеле вақт—аммо чи қадар вақт гузаштанашро намедонист,—ҳанӯз ба хубӣ аз хоб бедор нашуда, чашмонашро пӯшида, дар куҷо будан ва ба чи ҳол афтодани худро фикр мекард, ки дар болои сари худ қатра-қатра ба рӯи бом чакидани боронро шунид. Худашро хеле роҳат ва осуда ҳис мекард, аммо бисьёр нагузашта буд, ки ин осудагиро фарьёдҳои баланд ва хандаҳои дағал вайрон намуданд. Ин овози ҳайратовар ӯро бедор кард ва ӯ сарашро аз миёни хошокҳо бароварда дар куҷо будани худро диданӣ шуд. Манзараи хеле воҳиманок ва нафратангезеро дид. Дар тарафи дигари амбор, дар миёна оташе шӯълавар буд ва дар атрофи он як тӯда мардумони оворагард ва сафил давр зада нишаста буданд. Ӯ ҳатто дар хобаш ҳам ингуна марду занонро надида буд. Дар ин ҷо одамони калон, мардони қоматбаланд ва мӯйдароз бо рӯйҳои аз офтоб сӯхта ва бо куртаҳои аҷоиби худ нишаста буданд; ҷавононе

буданд, ки аз авзояшон сахтдилӣ ва бераҳмӣ намоён буд, гадоёни кӯр буданд, ки чашмони худро баста ва ё марҳам часпонида буданд: лангҳо бо бағаласоҳо ва захмдорҳо бо захмҳои бадбӯ ва чирколуди худ нишаста буданд, ки чирки ин захмҳо аз таги латтаҳои ифлос мешорид, як марди резаворфурӯши шубҳанок бо қуттии аз гардан овехтааш, як чархчӣ, як сафедгар ва як сартарош, ки ҳар як абзоли кори худро дар бар доштанд, ба назар менамуданд. Дар байни занон, духтаракони ҷавон ва пиразанони фартут ҳам дида мешуданд. Ҳамаи онон фарьёдҳо карда, ғалоғула бардошта ва бешармона дашномҳо медоданд; ҳамагӣ ифлос ва чиркин буданд. Се кӯдаки хурдсол ҳам дида мешуданд, ки рӯйҳояшонро ҷароҳат зер карда буд ва ду саги гуруснаи аз гардан басташуда ҳам намоён буд, ки инҳо барои кӯрон вазифаи раҳнамоиро баҷо меоварданд.

Шаб шуда истода буд, зиёфат ба охир расида, бадмастӣ ва доду фарьёд сар мешуд, қадаҳи арақнӯшӣ даст ба даст мегашт ва фарьёдҳо баланд буд:

— Ашӯла шавад, ашӯла! Эй, муши паррон, бихон; Дик сар кун! Эй Доти якпоя, овозатро барор!

Яке аз кӯрҳо аз ҷо баланд шуда хост сурудеро сар кунад, вале аввал латта ва марҳамҳоеро, ки болои чашмони тамоман дурусташро пӯшонда буданд, кушода ба замин ҳаво дод. Баъд тахтаеро ҳам, ки аз синааш овезон буд, кушода партофт. Дар рӯи ин тахта бо як тарзи таъсирбахш чигуна кӯр шудани ӯ баён карда шуда буд. Доти якпо ҳам пои чӯбини худро кушода дар паҳлуи рафиқи худ истод. Тамоман дуруст будани поҳои ин ҳам маълум шуда истода буд. Баъд ҳар ду суруди хушҳолонаи ба duздон махсусеро сар карданд ва нақароти охири бандро тамоми ин гурӯҳ дар як ҷо бо як овоз месуруданд.

Дар банди охир завқ ва ҳаваси ин тӯдаи мастон ба дараҷае расид, ки ҳама ба суруд ҳамроҳ шуданд ва тамоми онро дубора аз сари нав сар карданд. Амборхонаро чунон фарьёдҳои гӯшкаркунанда пур кард, ки ҳатто сутуни деворҳо ҳам ба ларза даромад.

Баъд ба сӯҳбат сар карданд, аммо ҳоло ба забони дуздон, ки ба он суруд мехонданд, гап назада ба забони умумӣ гап мезаданд. Инҳо забони дуздонро фақат замоне истеъмол мекунанд, ки хавфи гӯш кардани ягон одами бегона дар миён бошад. Аз сӯҳбат маълум буд, ки Ҷон „Гоббс" дар ин ҷо одами нав набуда, балки аз ин пеш ҳам дар ин ҷо буда ва бо инҳо шиносоӣ доштааст. Аз ӯ талаб карданд, ки саргузашти рӯзҳои охири худро ҳикоя бикунад ва ҳамин ки ӯ „тасодуфан" як нафарро куштани худашро гуфт, ҳама гӯё ки аз ӯ розӣ ва миннатдор шуданд ва ҳамин ки ӯ поп будани кушташударо ҳам илова намуд, ҳама якбора ӯро табрик карда чапак заданд ва маҷбур намуданд, ки як бор аз навбат берун шароб бинӯшад. Дӯстони қадимааш ӯро хушҳолона табрик мекарданд ва дӯстони тоза аз шиносоии ӯ ва имконияти фушурдани дасти вай худро бахтьёр мешумурданд. Чандин моҳ боз дар куҷо бедарак будани ӯро пурсиданд, ӯ ҷавоб дод:

— Дар Лондон зиндагонӣ кардан назар ба районҳо бехтар ва ҳатто осудатар аст; дар замонҳои охир ки қонунҳо ба ин андоза сахт шуда ва онҳо ин қадар қатъӣ ҷорӣ карда мешаванд, дар Лондон зиндагонӣ кардан хусусан хотирҷамътар аст. Агар ҳамин одамкушиам намешуд, ман боз дар Лондон мемондам, ман ҳамешагӣ дар Лондон монда ва ҳеҷ ба кишлоқҳо баромада овора шуданӣ набудам, аммо ин одамкушӣ нақшаи маро вайрон кард.

У ҳозир аз чанд нафар иборат будани шайкаро пурсид. Саркардаи онҳо ҷавоб дод:

— Бисту панҷ нафар пӯсткан, арракаш, муштзан, сабадбардор ва боз кампирҳо ва духтарҳо[1]. Аксари



Вай манзараи хеле воҳиманокро дид...

онҳо дар ин ҷо ҳозиранд. Аммо як қисмашон ба тарафи шарқ барои ғорат кардани роҳи зимистонӣ рафтанд, пагоҳон моён ҳам меравем.

---

[1] Истилоҳҳои дуздон, ки табақаҳои гуногуни дуздон, гало ва сафилонро нишон медиҳад.

— Дар ин маърака ман Венро намебинам, пас ӯ куҷост?

— Он бечора ҳоло дар дӯзах аст ва яқин ки тани нозанинаш аз шиддати гармӣ хеле дар машаққат мебошад. Ӯ ҳамин тобистон, дар аснои як ҷанҷол кушта шуд.

— Афсӯс, хеле хафа шудам. Вен хеле бачаи нотарс ва кордон буд.

— Дуруст аст! Дугонаи вай Деви Сиёҳ ҳанӯз ҳам бо мо ҳамроҳ аст, фақат вай ҳоло ин ҷо нест. Он духтари зебо, хушахлоқ ва хушрафтор ба шарқ рафта, дар он тарафҳо саргардон мегардад, ҳанӯз кас дар як ҳафта аз чор бор зиёдтар маст шудани уро надидааст.

— Ӯ ҳамеша ҳам хушахлоқ буд, ба хотир дорам духтари хубе аст ва ба ҳаргуна таҳсин ва офарин кардан меарзад. Модараш назар ба вай фосиқтар буда ва худашро нигоҳ дошта наметавонист. Кампир бадкор ва оташинмизоҷ буд, аммо хеле ақли расое дошт, ки чунин ақл кам дида мешавад.

— Сарашро ҳам ҳамин боақлиаш хӯрд. Ӯ хеле фолбини забардаст буд ва ҳама воқеаҳои ояндаро тамоман дуруст гуфта медод, бинобар ин ба ҷодугарӣ машҳур буд. Ӯро аз рӯи қонун дар оташи суст бирьён карданд. Ман вақто ки ин тақдири шум ва талхи худро ба он андоза мардонагӣ пешвоз намудани уро дидам, ростӣ дилам хеле сӯхт. Ӯ халоиқеро, ки ба тамошо ҷамъ шуда буданд, то замони охир дашном медод, дуои бад мекард, боз дар ҳолате хам ки забонаҳои оташ лаппас зада ба рӯяш мерасиданд, даҳони худро намебаст ва мӯҳои сафедаш дар атрофи сари пиронааш ба ҳам печида месӯханд. Онҳоро дашном медод гуфтам, ҳоло ҳамин тавр нест-мӣ? Бале, дашном медод. Чунон дашномҳои

обдоре медод, ки агар касе ҳазор сол ҳам умр бинад, мисол ва баробари онҳоро шунида наметавонад. Оҳ, ин санъат ва ҳунари ӯ ҳам бо худаш ба гӯр рафт. Ҳарчанд баъзе рафиқон дар дашном додан ба вай тақлид кардан мехоҳанд, аммо гуфтан даркор ки ин куҷову он куҷо!

Саркардаи дуздон оҳе кашид, шунавандагони дигар ҳам гӯё аз рӯи ғамхорӣ ба вай шарик шуда оҳ кашиданд. Инҳо як лаҳза ғамгин шуданд, чунки ҳиссиёт бо ингуна сахтдилон ҳам чизи бегонае намебошад, инҳо баъзан як муддати хеле кӯтоҳ дар таъсири ҳиссиёти ғам ва ё шодӣ мемонанд, хусусан дар ин хел мавридҳо, ки як қобилият ва истеъдод ба тарики мерос ба дасти ҳеҷ кадоми онон наафтода маҳв шуда меравад, ғамгин шудани онон бесабаб намебошад. Аммо пиёла боз як бор маъракаро давр зада баромад ва дарду ҳасрати ғамгинонро бартараф ва маҳв намуд.

— Хуб, аз ҷӯраҳои мо каси дигар ба даст наафтодааст?—пурсид Гоббс.

— Бале, боз касони дигар ҳам ба даст афтодаанд. Хусусан: навкорҳо, фермерҳои хурд тезтар гирифтор мешаванд. Масалан, як деҳқон (фермер) қарздор ва абгор шуда хонавайрон ва ба як луқма нон муҳтоҷ мешавад, дар ин вакт ҳукумат замини ӯро гирифта ба чарогоҳи чорпоён мубаддал мекунад, деҳқони бечора аз ноилоҷӣ ба гадоӣ медарояд, ӯро дошта ба ароба мебанданд ва куртаашро кашида бо қамчин мезананд, ба ҳадде мекӯбанд, ки хун ҷорӣ мешавад ва ё ба пояш кунда андохта бо чӯб мезананд, аммо ӯ ҳамин ки озод шуд, боз ба гадоӣ сар мекунад, боз ӯро дошта бо қамчинҳо ва чӯбҳо зиёфат мекунанд ва гӯшашро мебуранд; агар дар бори сеюм боз дар вакти дуздӣ ба даст афтад,

он вақт он мубталоро чӣ мекунанд? Ба пешонааш бо оҳани тафсон нишонаи бандагиро зада, ӯро бандӣ карда мефурӯшанд, ӯ мегурезад, он вақт агар ба даст афтад, дигар роҳи халосӣ нест, ӯро албатта ба дор меовезанд, хуллас ки аҳвол ҳамин аст, аз миёни мо баъзе касони дигар ба даст афтода бошанд ҳам, аммо муфт халос шудаанд, эй Локель, Бернс, Гоч хезед ва зинатҳои хулатонро нишон диҳед.

Се нафар аз ҷо хестанд ва либосҳои жандаи худро аз тан бароварда кифт ва синаҳои худро, ки бо доғи захм ва шаллокҳои пештар хӯрдаашон пур буд, бараҳна карданд; яке мӯйҳои сарашро ба як сӯ ҳаво дода сӯрохеро, ки як вақтҳо гӯши чапаш дар он ҷо будааст, нишон дод; дуюмӣ доғи ба ҳарфи В монандеро, ки дар кифташ буд, ба назари умум намоён намуд ва сеюмӣ гуфт:

— Номи ман Локель мебошад. Як вақтҳо деҳқони бадавлате будам. Зане доштам, ки маро хеле дӯст медошт ва фарзандонам буданд, акнун номам дигар шуда ва ба ман лақаби дигаре додаанд, зан ва фарзандонам низ мурда ва нобуд шудаанд; балки ба ҷаннат ва шояд ҳам ба худи дӯзах рафта бошанд, намедонам! Лекин ба ҳамин қадараш ба худо шукр мекунам, ки ҳозир дар Англия нестанд! Модари пири ман, барои ин ки як луқма нон ёбад, беморпоӣ мекард. Яке аз беморон мурдааст ва духтурҳо сабаби марги ӯро нафаҳмидаанд. Модари маро ҷодугар аст гӯён дар оташ сӯзонданд ва фарзандони ман ин ҳолро дида истода буданд ва гирья мекарданд. Қонуни Англия ҳам ҳамин аст! Хуб, пиёлаҳоро ҳамагӣ якбора бардоред! Ба ҳурмати қонуни шафқатноки Англия бинӯшем, ки модарамро аз ин дӯзахи воқеии англисӣ халос кардааст! Раҳмат, бародарон, ба ҳамаи шумоён раҳмат ва ташаккур! Пас аз он ман ва

занам дар ба дар гашта гадой мекардем ва кӯдакони гуруснаи худро ҳам аз паси худ кашолакунон мебурдем; лекин дар Англия гурусна будан ҷиноят



Ба ароба баста бо қамчин мезананд.

ҳисоб мешавад, моро дар се шаҳр ҳам ба даст афтонда хеле заданд. Боз як бор ба саломатии қонуни шафқатноки Англия бинӯшем! Қамчинҳо ба зудӣ хуни занамро макида тамом карданд ва рӯзи наҷот ва халосии ӯ ҳам зудтар расид. Ӯ ҳоло дар таги замин хобида ва аз харгуна ранҷу озор фориғ ва

осудааст. Дар он замон, ки моро аз як шаҳр ба шаҳри дигар медавониданд, бачагонам ҳам аз гуруснагӣ мурда халос шуданд. Бародарҳо, ба хотири ҳамон кӯдакони бегуноҳам, ки ҳеҷгоҳ дар ҳаққи ҳеҷ кас бадӣ накардаанд, як култ, як култ бинӯшед. Ман боз ба гадоӣ сар кардам. Як бор дасти худро ба як пора нони хушк дароз карда ба ҷои он ба як қолиби мӯза дучор шудам. Қолиби мӯза бо зарби сахт ба гӯшам расид ва гӯшамро аз кор баровард. Нигоҳ кунед, худатон хоҳед дид! Ман боз ҳам гадоии худро давом додам ва ба гӯши дигарам боз як зарби нав хӯрдам. Ана дар ин гӯшам нишонааш боқист, то ки ҳеҷ вақт қонуни Англия аз хотирам набарояд! Аммо ман боз дар гадоӣ кардани худ давом меҳамудам. Ниҳоят маро ба ғуломӣ фурӯхтанд, ана дар пешонаам дар таги ин чиркинию ифлосиҳо нишонаи ғуломӣ ҳаст. Агар ин ифлосиҳо шуста шавад, дар таги онҳо як аломати сурхи П-ро хоҳед дид, ки оҳани тафсон сӯзонида шудааст. Ғулом! Шумо маънии ин калимаро мефаҳмед ё не? Ғуломи англисӣ! Ин аст, ки дар ҳузури шумоён истодааст! Ман ҳоло аз хизмати хӯҷаини худ гурехтаам ва агар ба даст афтонанд—маро ба дор хоҳанд кашид.—Кошкӣ мамлакате ки чунин қонун баровардааст, барбод шавад!

Аз торикӣ овози баланде шунида шуд:

— Ту ба дор овехта намешавӣ! Ин қонун аз ҳамин соат барҳам дода шуд!

Ҳама ба он тарафе ки овоз шунида шуд, рӯ гардониданд ва ҳайкали хаёлии короли ҷавонро диданд, ки ба тарафи онҳо меояд; замоне ки ӯ ба рӯшноӣ баромад ва ҳама ӯро диданд, аз ҳама тараф саволҳо боридан гирифт:

— Ин кист? Ин кист? Ин зоча кист?

Писарак ҳаргиз хиҷолат накашида дар байни ин

чашмони ҳайрон ва саволдиҳанда истода бо азамати шоҳонае ҷавоб медод:

— Ман Эдуард, короли мамлакати Англия мебошам.

Овози қаҳқаҳаи ваҳшиёнае баланд шуд, ки қисман масхараомез ва қисман шодиангез буд, ин ҳазил ба назари шунавандагон хеле аҷиб намуда буд. Ин кор ба дили король хеле сахт расид ва бо тундӣ гуфт:

— Шумо побараҳнагон бетаълим ҳастед! Ин рафтор магар дар муқобили он марҳамати шоҳона аст, ки дар ҳаққи шумо раво дидаам?

Ӯ дар ҳолати хашмгинӣ ва изтироб ононро дашном медод, аммо суханонаш дар миёни қаҳқаҳа ва хитобҳои масхараомез ғарқ гашта шунида намешуданд. Ҷон Гоббс чандин борҳо бо овози баланди худ хост, ки дигаронро хомӯш намояд ва ниҳоят ба ин кори худ муваффақ гардид:

— Дӯстон, ин писари хаёлпараст, аҳмақ ва девонаи ман аст, ба ӯ аҳамият надиҳед; ӯ худашро король ҳисоб мекунад.

Эдуард ба вай хитобан гуфт:

— Албатта король ҳастам ва замоне хоҳад шуд, ки ту дар таҷриба ва амал ба король буданам қаноат ҳосил хоҳӣ кард. Ту одам куштани худатро ҳоло ба забони худ иқрор кардӣ ва дар ҷазои ин албатта худро дар сари дор хоҳӣ дид.

— Ту ҳоло маро ба даст афтонидан мехоҳӣ? Ту? Ман ҳозир бо дасти худ туро мекушам...

— Оҳиста, оҳиста!—гуфта хитоб кард паҳлавони тануманд ва ба ёрмандии король шитофт ва ба як зарбаи мушти худ Гоббсро ба замин афканд.—Маълум мешавад, ки ту на ба король ва на ба паҳлавонҳо ҳеҷ эҳтиром намекунӣ! Агар ту боз як бори

дигар дар ҳузури ман ингуна ҷасорат ва беадабиҳоро бикунӣ, ман худам туро ба аввалин дарахте ки ба наздикӣ ҳаст, меовезам!

Баъд рӯи худро ба ҷаноби король гардонид:

— Ту писарам, рафиқони худатро таҳдид накун ва дар ҳеҷ куҷо дар бораи рафиқонат хабарҳои бадро пахн нанамо! Ҳоло ки дилат мехоҳад, худ ба худ королӣ бикун, аммо бо ин кори худ ҳеҷ касро маранҷон. Ва ба худат ҳаргиз короли Англия ном надеҳ, ки ин хиёнат кардан ба ватан аст, эҳтимол дорад, ки аз моён гоҳ-гоҳе кор ва амалҳои бад ва нозеб рӯй медода бошад, аммо ҳеҷ кадоми моён ҳеҷ вақт ба король хиёнат накардаем, ӯро дӯст медорем ва ба ӯ содиқ мебошем. Ҳозир дурустии гуфторҳои маро бо гӯши худ хоҳӣ шунид. Эй бачаҳо, ҳама ба як овоз бигӯед: зинда бод Эдуард, короли Англия!

— Зинда бод Эдуард, короли Англия!

Ин фарьёди побараҳнагон мисли раъд ғулғула андохт ва хонаи кӯхнаро ба ларза даровард. Рӯи короли ҷавон як лаҳза аз шодӣ дурахшид, ӯ сари худро андаке хам намуда бо як соддагии пуразамате гуфт:

— Эй фуқарои меҳрубони ман, ташаккур ба шумоён!

Ин ҷавоби ногаҳонӣ боз ба хандаҳои пуршиддат сабаб гардид. Ниҳоят вақто ки андак хомӯшӣ шуд, сардори дуздон бо қатъият, вале меҳрубонона гуфт:

— Писарам, ин корро бигузор, ин беақлист ва кори хубе намебошад!.. Агар хеле дар олами хаёл буданро хоҳӣ, он вақт барои худат ягон хаёли дигаре биёб!

Як нафар сафедгар таклиф кард:

— Фу-Фуи аввал, короли масхарабозон!



Пахлавон Гоббсро ба замин андохт.

Ин лақаб ба ҳама маъқул шуд ва ҳама бо овози баланд такрор карданд:

— Зинда бод Фу-Фуи аввал, короли масхарабозон.

Дар вакти гуфтани ин суханон баъзеҳо ҳуштак кашида, баъзеҳо мияв-мияв карда, баъзеҳо ҳаёҳу андохта баланд ханда мекарданд.



Ба тахт шинонд.

— Оҳистатар, ӯро биёред, ба тахт шинонем!

— Барои вай либоси шоҳона биёред!

— Шоф ва табарзин биёред!

— Ба тахт шинонида ба сараш тоҷ гузоред!

Тамоми ин овозҳо ва боз чандин даҳ овозҳои дигар якбора шунида шуданд ва ҳанӯз бачаи бечора ба чи кор шуда истоданаш дуруст пай бурда натавониста буд, ки як деги оҳаниро ба ҷои тоҷ ба сараш гузоштанд ва ба ҷои либоси шоҳона ба як кӯрпаи дарида печониданд, ба ҷои тахт ба болои бочкаи

холй бароварда, дар ивази табарзин ба дасташ дастаи кафшеркунии сафедгарро доданд. Баъд ҳамагй дар ҳузураш зону зада бо масхара ва таҳқир ашкҳои сохтаи чашмони худро бо остин ва домани либосҳои жӯлида ва чиркинашон молидан гирифтанд.

— Эй короли ширинкор, ба ҳоли мо раҳм ва илтифот намо!

— Кирмакҳои ночизро бо поҳои пуразаматат поймол макун, эй шоҳи оличоҳ!

— Ба ин ғуломон банданавозй кун ва онҳоро бо лагади королии худ зада мон!

— Бо рӯшноии лутф ва илтифоти худ моро бинавоз ва гарм кун, эй офтоби оламтоб!

— Бо мондани поҳои мубораки худ заминро муборак гардон, то ки мо он хокро лесида қадру курб ёбем!

— Аз рӯи марҳамат ба рӯи мо туфе кун, эй короли меҳрубон, дар ин сурат фарзанд, набера ва аберaҳои мо аз ёд кардани ин марҳамати шоҳона сарбаланд ва пурифтихор хоҳанд шуд!

Аммо сафедгар, ки барои король лақаби нав ёфта дода буд, аз ҳама ҳам мегузаронид. Ӯ зонузанон пеш рафта чунон вонамуд кард, ки поҳои корольро бӯсидан мехоҳад, аммо король ӯро бо поҳои худ ақиб зад; пас аз ин сафедгар ба пеши ҳама алоҳида-алоҳида рафта аз онҳо латта мепурсид, ки он ҷои лагдрасидаро бубанданд ва мегуфт, ки баъд аз ин хел шараф ва саодат ин ҷои рӯи ман набояд ба ҳавои ифлос бирасад ва боз мегуфт, ки акнун бо нишон додани ин ҷои табаррукй, ӯ соҳиби давлат хоҳад шуд ва барои як тамошо аз ҳар кас як шиллинг музд хоҳад гирифт. Ҳолати ӯ чунон масхараовар ва хандаовар буд, ки ҳама ба вай нигоҳ карда аз ханда беҳол мешуданд.

Чашмони короли ҷавон аз шиддати шарм ва ғазаб бо ашк пур шуда буданд.

„Агар ман инҳоро меранҷонидам, ҳақ доштанд, ки дар ҳаққи ман ин хел рафтор бикунанд; ҳол он ки ман ҳеҷ кадомашонро наранҷонида, балки марҳамат ва илтифоти худро ваъда додаам,—ин магар, миннатдории инҳост!"

*Боби ҳаждаҳум*

## ШАҲЗОДА ДАР БАЙНИ ОВОРАГАРДОН

Ҳамин ки сафедии саҳар дамид, тамоми ин ҷамоати оворагардон аз ҷо хеста ба роҳ равона гардиданд. Осмон пур аз абр ва замин ғеҷонак буда, осори хунукии зимистон ҳис карда мешуд. Аз тӯда овози оҳу зорӣ баланд буд; баъзеҳо ғамгин ва мутаассир, баъзеҳо хашмгин ва пуризтироб буданд, димоғи ҳеҷ кадом чоқ набуд ва ҳама мехостанд, ки боз як қадар нӯшида хумори араќи дишабаро аз сари худ бароранд.

Паҳлавон—саркардаи ин тӯда „Чек"-ро ба Гуго супурд ва ба Ҷон Кенти сахт фармон дод, ки ба писари худ наздик рафта ӯро нороҳат накунад ва ба Гуго супорид, ки бо писарак бисьёр ҳам бадмуомилагӣ ва бадрафторӣ накунад.

Баъд аз андаке ҳаво як қадар равшантар шуд ва абрҳо, ки хеле паст буданд, қадре бардошта шуданд. Оворагардон дигар аз хунукӣ намеларзиданд ва рӯҳашон як андоза бардошта ва димоғашон як қадар чоқ шуда буд. Кам-кам боз андак ба ҳол омада ба роҳгузарон гап мепартофтанд ва ҳаргуна пичингҳо мекарданд. Ин нишон медод, ки онҳо боз қадри зиндагӣ ва дилшодиро фаҳмида фурсатро аз

даст додан намехоҳанд. Маълум буд, ки роҳгузарон аз онҳо ибо мекунанд ва метарсанд: ҳама ба онҳо роҳ кушода ба пичинг ва густохиҳояшон ҷавоб нагардонида мегузаштанд ва ҷуръати муқобилат кардан надоштанд. Баъзан аз торҳои сари роҳ, ҳатто



Ба роҳ равона гардиданд.

дар пеши назари соҳибонашон, либосҳои барои хушкондан паҳн кардашударо мебардоштанд, соҳибони хона на ин ки муқобилат намекарданд, ҳатто аз чеҳра-

ашон аломатҳои миннатдорӣ ва хурсандӣ ҳам намоён буд, ки инҳо ақаллан дару деворҳояшонро нашикаста мегузаранд.

Бисьёр нагузашта буд, ки онҳо ҳамагӣ ба рӯи ҳавлии як деҳқони миёнаҳол ҷамъ шуда ва дар он ҷо худи дар хонаи худашон будагӣ барин ҷойгир



Онҳо устухон ва пӯчокҳоро ба тарафи соҳиби хона ҳаво медоданд.

шуданд. Соҳибони хона аз тарс дарақ-дарақ меларзиданд ва ҳамаи хӯроквориҳои дар бисоти худ будагиро ҷамъ карда, барои инҳо хӯрок тайёр мекарданд. Вақте ки зани соҳиби хона ва духтарони вай пеши инҳо хӯрок меоварданд, ба манаҳи онон даст мезаданд ва бо як хандае ки ба шиҳа кашидани асп монанд буд, ба онҳо ҳаргуна суханони таҳқиромез мегуфтанд. Устухон ва ҳаргуна саркутҳоро ба тарафи соҳиби хона ва писарони вай ҳаво медоданд ва замоне ки тирашон ба нишона расид бо овози баланд қоҳ-қоҳ кашида ханда мекарданд. Ниҳоят ба сари

яке аз духтарони соҳибхона, ки аз бемазагиҳои инҳо хашмгин шуда буд, равған молиданд. Дар вақти рафтан таҳдид карда гуфтанд, ки мабодо агар касе кору бори онҳоро ба одамони ҳукумат хабар диҳад, бори дигар омада ба тамоми хона оташ зада аҳли хонаро ҳам хоҳанд сӯзонд.

Дар нисфҳои рӯз, баъд аз роҳ гаштани дуру дарози мондакунанда дар наздикии қишлоқи калоне, дар таги деворе манзил карданд. Қарор доданд, ки соате дам бигиранд ва баъд аз ҳар тараф ба қишлоқ рӯ оварда ҳар кадом ба касбу ҳунари худ машғул шаванд. „Чек“-ро бо ҳамроҳии Гуго фиристониданд. Онҳо қадре дар кӯчаҳо гаштанд, ниҳоят Гуго барои татбиқ намудани ҳунари худаш ҷое наёфта гуфт:

— Ҳеҷ чизи дуздиданӣ нест. Бисёр қишлоқчаи ночиз ва камбағал будааст. Мо бояд гадоӣ кунем.

— Мо? Не бародар! Ту агар мехоҳӣ кардан гир, ин касби туст, аммо ман ҳаргиз ин корро нахоҳам кард.

— Ту, гадоӣ нахоҳӣ кард?—фарьёд карда гуфт Гуго ва чашмони худро ба тарафи король ало намуд.—Бигӯ кай боз ту ин қадар олиҷаноб шудаӣ?

— Ман ин гапҳоро намефаҳмам.

— Намефаҳмӣ? Охир ту-ку тамоми умри худро бо гадоӣ кардан дар кӯчаҳои Лондон гузаронидаӣ...

— Ман? Ту аҷаб аҳмақ ҳастӣ?

Ин меҳрубониро ба ман накарда ба худат нигоҳ дор, ки даркор мешавад! Падарат мегӯяд, ки ту тамоми умри худро бо гадоӣ гузаронидаӣ. Шояд, ӯ дурӯғ мегуфта бошад. Ту, албатта хоҳӣ гуфт, ки падарат дурӯғ мегӯяд,—гуфт Гуго бо оҳанги таҳқиромезонае.

— Ту ӯро падари ман меномӣ? Охир ӯ-ку дурӯғ мегӯяд.

Хуб, бас кун бародар! Масхарабозӣ карда худатро девона нишон доданат бас аст! Як кадар ханда карда диламонро хурсанд карданамон бас аст! Вагарна ба сари ман ягон бало хоҳад омад. Агар ман ин гапҳоятро ба ӯ гӯям, зинда ба зинда пӯстатро меканад.

— Ту заҳмат накаш, ман худам ҳам инро ба вай мегӯям.

— Бахудо ки ҷуръат ва нотарсии ту ба ман хуш меояд. Лекин ту аҳмақона фикр мекунӣ. Занозанӣ, шаллоқ ва кӯфтанҳо бе ин ҳам зиёд аст, худат қасдан боз чаро онҳоро зиёдтар мекунӣ! Бас аст, ба ту! Ман ба гапҳои падарат бовар мекунам. Ман шубҳа надорам ва медонам, ки падарат дар вақти даркорӣ дурӯғ мегӯяд, ӯ ба дурӯғ гуфтан қобилият дорад, ҳар кадоми моён ҳам дар ҳар маврид дурӯғ мегӯем, аммо дар ин маврид дурӯғ гуфтани ӯ ҳеҷ маъно ва фоида надорад. Одами боақл ҳаргиз дурӯғ барин чизи даркориро беҳуда ва беҷо сарф намекунад. Хайр, биё равем! Агар гадоӣ кардан ба ту маъқул набошад, пас мо чӣ кор кунем? Аз ошхона дуздӣ кунем-мӣ?

Король бо бетоқатӣ гуфт:

— Бисьёр ҷоғ назан, ба ҷонам расондӣ!

Гуго хашмгин шуда ҷавоб дод:

— Бародар, ту гадоӣ карданро намехоҳӣ, дуздӣ карданро намехоҳӣ, пас чи кор кунем? Акнун ман туро ба як кори дигар водор хоҳам кард. Ман дар ин ҷо истода гадоӣ мекунам, ту роҳгузарҳоро як навъ карда андармон кун. Лекин ин корро рад накун.

Король бо назари таҳқиркоронае ба ӯ нигоҳ кард ва хост дар ҷавобаш чизе бигӯяд, аммо Гуго сухани ӯро бурида гуфт:

— Хомӯш! Ана марде меояд, ки аз афташ хеле одами раҳмдил менамояд. Ман ҳозир ба замин ме-

афтам, гӯё ки аз хуш рафта ғаш кардаам. Вакте ки ин мард ба назди ман омад, ту ба оху воҳ сар кун, ба зону афт, худатро чунон нишон деҳ, ки гиръя мекунӣ, ҳар чӣ метавонӣ доду фарьёд кун ва бигӯ, ки „эй ҷаноб, ин бародари бечора ва аламдидаи ман аст; мо ёру ошно надорем, ба ҳурмати худо ба ту қасам ёд мекунам, ки ба ҳоли мо раҳм бикун, ба ин бемор, бекас ва афтодаи бадбахт тараҳҳум намо; аз он чи ки худо ба ту додааст, як кадар ба ин бечора садақа кун!“ Аммо ба хотир дошта бош, ҳаргиз аз оху воҳ даст макаш ва то аз ӯ чизе нагирӣ, гиребонашро раҳо накун, вагарна пушаймон хоҳӣ шуд.

Гуго ба оху воҳ сар кард, ба замин ғелид, чашмонашро ба пешонааш баровард, ба худ печида худро беҳуш нишон дод, замоне ки роҳгузар ба инҳо наздик расид, мисли ин ки талвосаи ҷонканиро мегузаронад, худро ба ҳар сӯ задан гирифт.

— Худовандо!—Бо овози баланд гуфт марди роҳгузар.—Ин чӣ ҳол аст? Ин бадбахти бечораро бубин. Ман бояд ба вай ёрмандӣ кунам.

— Эй ҷаноб, худо ба ту давлат ва умри фаровон бидиҳад, ба ман даст нарасон. Ҳама ҷоям сахт дард мекунад, ана бародарам, ҳол ва ҳикояти маро дар вақти ғаш ва шиддати дард ба ту гуфта медиҳад, ту ба мо чизе садақа кун, ақаллан як пенни пул бидеҳ, ки чизе харида бихӯрем ва дигар ба мо кор надошта бош.

— Як пенни! Не, ман ба ту се пенни медиҳам!

Ва роҳгузар ба кисаи худ даст андохта пул баровардани шуд.

— Ана азизам, ин пулҳоро бигир! Эй писарак, ин ҷо биё, ба ман ёрӣ деҳ, то ки бародаратро ба он хона барем ва дар он ҷо...

— Ӯ ҳаргиз бародари ман нест!..—гуфта, король сухани ӯро бурид...

— Чӣ тавр! Магар бародари ту нест?

Гуго дар ҳолате ки дандонҳои худашро ба тарафи король тез мекард, зорикунон гуфт:

— Мебинед? Мешунавед, ҳатто бародари модарзоди ман ҳам маро рад мекунад ва бародари худро, ки як пояш дар гӯр истодааст, намешиносад.

— Агар ӯ бародари ту бошад, он вақт ту, бача, хеле одами бераҳм ва сангдил ҳастӣ. Магар шарм намекунӣ! Охир ӯ ки на дасти худро ҷумбонида метавонад ва на пои худро. Агар ӯ бародари ту набошад, пас кист?

— Гадо ва дузд! Ӯ аз ту садақа гирифт ва дар айни замон ба кисаи ту даст андохт. Агар ба дарди ин илоҷ кардан мехоҳӣ, он вақт мӯъҷизае карда асои худро ба кифтҳояш давон ва дигарашро ба худо ҳавола кун, хоҳӣ дид, ки дарҳол сиҳат меёбад.

Гуго ба мӯъҷиза нишон додани роҳгузар мунтазир нашуд ва дар як лаҳза аз ҷои худ ҷаҳида мисли бод давида гурехтан гирифт. Ва роҳгузар ҳам аз ақиби вай ба қадре ки овозаш мерасид, фарьёдкунон метохт. Король барои халос шуданаш ба худо шукр карда ба тарафи дигар давидан гирифт ва қадами худро суст накарда он қадар давид, ки аз таҳлука қадре осуда бошад. Ӯ роҳи аввалиро, ки ба пешаш баромад, пеш гирифта ба зудӣ хеле аз қишлоқ дур шуд. Якчанд соат бо шитоби тамом роҳ рафта ҳар лаҳза ба ақиби худ нигоҳ мекард, ки аз таъқиби дуздон хотирҷамъ шавад, ниҳоят тарс ва нигарониаш бартараф гардид ва ҳисси шодиовари бехавфе ҳастиашро фаро гирифт. Ӯ акнун гуруснагӣ ва мондагиашро ҳис кард. Ӯ аввалин дарвозаеро, ки аз пеш баромад тақ-тақ кард, лекин ба як даҳон ҳам гап

заданаш имкон надода бо таҳқирҳои зиёде аз он ҷо ронданд. Либосаш мардумро бадгумон мекард.

Бо хашмгинӣ ва озурдахотирӣ боз ба роҳ давом кард ва қасд намуд, ки ба касе муроҷиат нанамуда худро ба ингуна таҳқир дучор нанамояд. Аммо қувват ва зӯри гуруснагӣ аз ғурур зиёдтар аст ва ба қарибии шаб ӯ боз дар хонаи деҳқоне ба худ паноҳгоҳ ёфтанӣ шуд ва дареро кӯфт; дар ин ҷо ӯро боз ҳам бадтар ва бо муомилаҳои сахт пешвоз карданд ва дашном доданд ва гуфтанд, ки агар дарҳол аз он ҷо наравад, ба дасти полиция дода ҳабс хоҳанд кард.

Шаби торик ва хунук расид. Аммо король ҳанӯз ҳам бо поҳои мондашудаи худ роҳ мегашт. Ӯ хоҳ нохоҳ маҷбур буд, ки дам ногирифта ба роҳи худ давом намояд, ҳамин ки ягон дақиқа дар ҷое аз роҳ рафтан боз меистод, хунук то устухонҳояш таъсир мекард. Ҳамаи ин аҳвол ва таъсиротҳо дар асное ки дар зулмати шаб якка ва танҳо дар биёбони холӣ ва бекас роҳ мерафт, барои ӯ нав ва аҷиб менамуданд. Гоҳ-гоҳ овозҳое ба гӯшаш мерасиданд, ки онҳо наздик шуда, гӯё то таги гӯшаш омада ва боз оҳиста-оҳиста дур шуда мерафтанд. Ӯ касеро дида наметавонист, фақат сояи номаълуми одамон гӯё аз пеши назараш лағжида гузашта мерафтанд ва ӯ дар ин ҳолат як чизи хаёлӣ ва воҳиманокеро ҳис мекард ва аз тарс яккад мепарид. Гоҳо милт-милт рӯшноие ба назараш мерасид, ин гӯё ки дар ҷои дуре, дар як дунёи дигаре буд; баъзан овози занги рамаи гӯсфандонро мешунид, овоз аз дур базӯр шунида мешуд ва баъд, гӯё, маъоси говонро ҳам мешунид; гоҳо аз ҷангал ва даштҳои номаълум нолаи шикоятомезонаи саге ба гӯшаш омада мерасид. Ба назари короли ҷавон чунон менамуд, ки ҳамаи олами ҷон-

дорҳо аз ӯ дур шудааст ва ӯ дар миёни дуньёи холӣ ва биёбони бениҳоят танҳо, бекас ва гумроҳ истодааст.

Пешпо мехӯрд ва пеш мерафт, ҳисси андӯҳгини ин ҳолат тамоми ҳастиашро печонда гирифта буд. Баъзан дар болои сараш овози хишир-хишири барг-ҳои хушкро мешунид; аз шунидани ин овоз яккад мепарид, ба ҷонаш ҳавл меафтод ва ба назараш чунон менамуд, ки одамони номаълуме бо овози паст бо ҳамдигар пичиррос зада гуфтугӯ мекунанд. Рафт-рафт ва, ниҳоят, нохост дар пеши худ рӯшноии як фонуси тунукагиро дид. Ақибнокӣ рафта дар соя пинҳон шуда ба оқибати кори худ мунтазир истод. Фонус дар пеши дари як дарвозаи кушода, дар майдончае месӯхт. Король қадре истод. Ҳеҷ як овоз шунида ва ҳеҷ як ҷумбише дида намешуд. Ӯ хеле хунук хӯрда буд ва хонаи ғаллакӯбӣ бо меҳмоннавозии тамом ӯро чунон ба тарафи худ ҷалб мекард, ки дигар худашро нигоҳ дошта натавониста қарор дод ба он дарвоза дарояд. Ҳеҷ садо набароварда ба зудӣ аз дарвоза ба дарун дохил шуд ва ҳамон дақиқае ки аз остона пояшро ба дарун гузошт, аз паси худ овозҳое шунид.

Ба зудӣ ба ақиби як бочка гузашта чӯкка зада нишаст. Ду нафар мардикор, ки ба даст фонус дош-танд, аз дар даромада сӯҳбаткунон ба кор машғул шуданд. Вақте ки он ду нафар бо фонус дар рӯи ҳавлӣ мегаштанд, король он ҷоро ба хубӣ аз назар гузаронид, ниҳоят дар ҳавлӣ ҷои оғилмонандеро дида, қарор дод, ки баъд аз рафтани ин ду нафар ба он ҷо дарояд ҳамчунин дид, ки дар болои роҳ якчанд ҷули асп истодааст ва инро ҳам дар назар гирифт, ки имшаб онҳоро барои хизмат кардан ба короли Англия водор намояд.

Мардикорҳо кори худро тамом карда рафтанд ва дарро ҳам аз паси худ бастанд. Король, ки аз сармо дак-дак меларзид, ба зудӣ худро ба тӯдаи ҷулҳои асп расонд ва ба қадри қувваaш аз онҳо бардошта



Хомӯшона ба дар наздик шуд.

бе ҳеҷгуна монеъ ба оғилхона даромад. Аз ду ҷули асп барои худ ҷои хоб дуруст кард ва бо дуи дигар болои худро пӯшонид. Ҳарчанд ки кӯрпаҳояш кӯҳна, танг буда, баданашро чандон гарм намекарданд ва илова бар ин, аз онҳо бӯи араҷи асп меомад, бо

вуҷуди ин, ӯ ҳоло короли хушбахт ва саодатманде буд.

Король ларзид—ӯ хеле гурусна буд, аммо бо вуҷуди ин, ӯ чунон монда шуда буд, ки дарҳол ба пинак рафт. Аммо замоне ки мехост ба хоби ширин фурӯ равад, ошкоро ҳис кард, ки касе ба баданаш даст мерасонад. Дарҳол чашмонашро кушод ва нафасашро нигоҳ дошт. Кам монда буд, ки дилаш кафида равад! Ӯ аз ин расиши чизи номаълум дар ин торикии хавфнок хеле тарсид. Беҳаракат хобида, нафасашро базӯр гирифта ба атроф гӯш медод. Аммо ҳама тараф сокит ва беҳаракат буд. Хеле вақт ба ҳамин ҳол ба атроф гӯш дод, аммо ҳама чиз ба ҳамон тартиб сокит ва беҳаракат истода буд. Ӯ боз оҳиста-оҳиста ба пинак задан сар карда буд, ки боз ҳам ба баданаш расидани чизеро ҳис кард. Расиши як чизи беовоз ва беҳаракате чи қадар хавфнок ва воҳимадор мешавад! Писарак як хавф ва ҳаяҷони аз андоза беруне ҳис намуд. Чӣ кор кунад? Оё ин хобгоҳи нисбатан оромро партофта аз дасти душмани номаълум ва нопадид гурезад? Гурехта ба куҷо равад? Аздусар аз ҳавлӣ баромадан мумкин нест, дарвоза бастааст; аммо дар миёни ин чор девор аз як гӯша ба гӯшаи дигар давидан, дар ҳолате ки хаёли номаълуме туро ҳамеша таъқиб мекунад ва ҳар дақиқа дасти худро ба кифтҳо ва ба дастҳоят расонида меистад, боз ҳам воҳиманок ва хавфноктар аст. Аммо тамоми шаб, дар миёни хавфу хатар дар ин ҷо хобидан, чӣ хубӣ дорад? Хуб, пас чӣ кор кардан лозим аст? Фақат як чора монда буд;—ӯ ба хубӣ медонист, ки он як чора ҳам ин аст, ки дастони худро дароз намуда, кӣ будан ва чӣ будани чизи номаълумро бифаҳмад.

Инро фикр кардан осон, аммо ба амал овардан,

ичро кардан душвор буд. Ӯ дар торикӣ бо тарсу ҳавл се бор дастони худро дароз карда ҳамон соат ҳам ларзида-ларзида онҳоро ба ақиб кашид,—сабаби ба ақиб кашидани дастонаш ба чизи номаълум расидани онҳо набуда, балки барои он буд, ки ҳис мекард досташ ҳоло ба ягон чиз хоҳад расид. Аммо бори чорум ӯ дастони худро як қадар дуртар дароз кард ва онҳо ба як чизи мулоим ва гарме расиданд. Ӯ аз тарс санг барин беҳаракат ва беҷон монд, ақл ва фаҳми ӯ дар ин вақт дар чунон вазъияте буд ва ӯ чунон ҳис кард, ки гӯё дар пешаш як мурдаи баданаш хунукнашудае истода бошад. Ӯ фикр мекард, ки пеш аз он ки досташ ба он бадан бирасад, ҷон аз баданаш берун хоҳад шуд. Аммо ӯ саҳв карда буд, ӯ қувват ва зӯри кунҷковии инсониро ҳанӯз ба хубӣ намедонист. Ба зудӣ дастони ӯ, бар хилофи хоҳишаш, гӯё беихтиёр ва маҷбуран ба он тараф дароз шуданд. Ӯ яктӯда мӯҳои дарозро ҳис кард. Яккад парид, аммо бо вуҷуди он дастони худро он тарафтар дароз кард ва як чизи гарми ресмонмонандеро ҳис намуд; ҳоло дигар будани як гӯсолаи бегуноҳеро фаҳмида буд! Ин чиз ҳаргиз ресмон набуда, балки думи он гӯсола будааст.

Король худ ба худ шарм кард ва барои ҳамин хел як чизи беҳуда ин қадар ҳавл ва тарс кашиданаш ӯро ба хиҷолат андохт; аммо шарманда шудан ва хиҷолат кашидан ҳам маъно надошт, чунки ӯ аз худи гӯсола натарсида, балки як ҷонвари номаълум ва хавфнокеро ба ҷои гӯсола тасаввур намуда, аз он тарсида буд. Хар як бачаи дигар ҳам дар он вақтҳои хурофотпарастӣ дар ин хел мавридҳо бисьёр метарсид.

Ӯ ҳоло хеле хурсанд буд, хурсандиаш барои он набуд, ки чизи хавфноки тасаввур кардааш гӯсола

будааст, балки барои он буд, ки ӯ як рафиқ ва ҳамдаме ёфтааст. Ӯ худашро чунон танҳо ва бекас ҳис мекард, ки ҳатто наздикии ин ҳайвони безабони бегуноҳ ҳам барояш хеле хурсандиовар буд. Мардумон ӯро чунон ранҷонида, бо ӯ ба андозае бадрафторӣ карда буданд, ки акнун ба назараш доштани чунин як ҳамроҳ харчанде ки ҳеҷ фаросат ва заковат надошт, аммо маҳз барои хулқи хуб ва рафтори беозор доштанаш хеле тасаллибахш менамуд. Ӯ қарор дод, ки мансаб ва манзалати олӣ доштани худашро фаромӯш карда, бо ин гӯсола ёру наздик шавад.

Бадани ҳамвор ва гарми онро навозиш мекард ва гӯсола ҳам тамоман дар наздикии вай хобида буд,— король ҳис кард, ки гӯсола ба ӯ фоида расонида метавонад, ва ӯ ҷои хоби худро бардошта ба паҳлуи гӯсола гузошт, сарашро ба кифти он монд ва як миқдор ҷулҳоро ба рӯи худ ва дӯсти худ кашида, баъд аз чанд дақиқа чунон дар гармӣ ва нармӣ ба хоб фурӯ рафт, ки гӯё ба дарбори шоҳонаи Вестминстер дар миёни кӯрпаҳои пари қу хобида бошад.

Ва дарҳол ба сараш фикрҳои хуш ва форам омаданд: зиндагонӣ ба назараш хуштар ва пуршодитар намуд. Акнун вай аз асорат ва бандагӣ, аз ҳақорат ва пастӣ халос шуда, аз ҷамъияти побараҳнагони дағал ва паст раҳой ёфтааст. Ӯ барои худ ҷои хоби гарм ёфтааст ва хулласи гап ин ки хушбахт ва саодатманд мебошад. Боди шабона мевазид ва аз шиддати вазиши он деворҳои фарсудаи оғилхона ба ҷумбиш меомад, ин овоз гоҳо хомӯш шуда ва баъд, гӯё, боз ба нола ва зорӣ сар карда аз ҳар гӯшаву канор шунида мешуд; аммо форамии инҳо фақат холо буд, чунки короли ҷавон холо ба худаш ҷои боб ва осудае ёфта буд; бигузор бод хашмгин шудан ва

вазидан гирад, бигузор доду фарьёд, гирья ва зорӣ кунад, оҳу воҳ намояд,—ӯ аз инҳо дигар парвое надошт. Ӯ фақат то рафт худро зиёдтар ба дӯсти худ наздик мекард ва аз гармии бадани он кайф ва лаззат мебурд ва ба ҳамин ҳол ҳеҷ хоби парешоне надида, осуда ва ором ба хоби ширин ва фороме фурӯ рафт. Дар ҷои дуре сагҳо нула мекашиданд, говҳо ғамгинона маъос мезаданд. Бод мевазид ва борон бо хашму ғазаб донаҳои худро ба бом мекӯфт, ва лекин аълоҳазрати король, ҳукмрон ва фармонфармои мамлакати Англия, ором хобида буд, дар канораш гӯсола, як мавҷуди оддӣ мехобид ва аз ин ки дар канори ин навъ вуҷуди муқаддасе хобидааст, ҳеҷ шарм ва ҳаё ҳам намекард.

*Боби нуздаҳӯм*

## КОРОЛЬ ДАР БАЙНИ ДЕҲҚОНОН

Король пагоҳӣ барвақт аз хоб бедор шуда дид, ки як калламуши тар, аммо ҳушьёр ва бофаросате шабона ба бағали вай даромада дар рӯи синааш гарм шуда хоб кардааст. Вақто ки ӯ ҷумбид, калламуш гурехта рафт. Писарак табассуме карда гуфт:

— Эй, аҳмақ аз чӣ метарсӣ? Ман ҳам мисли ту бехонумон ҳастам. Ба ман худам барин як ҷонвари беҳимоя ва бекасро озор додан айб мешуд. Барои ин фоли нек ман аз ту миннатдор ва розӣ ҳастам, зеро король ба андозае таназзул кард, ки ҳатто калламушҳо ҳам дар оғӯшаш ҷо гирифтаанд, ин албатта як фоли хуш мебошад, ин нишон медиҳад, ки тақдири ман ба зудӣ дигар мешавад, зеро ки дигар аз ин поёнтар фуромадан ва залилтар шудан, имкон надорад.

Ӯ аз ҷояш бархост ва ҳамон соат аз берун овози бачагонро шунид. Дари оғилхона яла шуда ва ду духтарбача ба он ҷо даромаданд. Онҳо ӯро дида дарҳол ханда ва сӯҳбати худро бас карданд ва мисли ин ки ба замин кӯфта шуда бошанд, дар пешаш рост истода, бо кунҷковии тамом ӯро сар то по аз назар гузарониданд; ба пичир-пичир сар карданд ва баъд наздиктар омада боз истоданд, боз ба ӯ назар карда дар байни худ гӯшакӣ карда гап заданд. Камкам ҷуръат пайдо намуда дар хусуси ӯ бо овози баландтар ба гап зздан сар карданд. Яке аз онҳо гуфт:

— Рӯяш хушрӯякак будааст.

Дигаре илова намуд:

— Мӯҳояш ҳам ҷингила будааст.

— Лекин либосҳояш хеле ҷулҳундист.

— Аз афташ, шикамаш ҳам гурусна аст!

Онҳо наздиктар омада бо хиҷолат чанд бор дар атрофаш давр заданд ва бо диққат ба ҳама ҷояш нигоҳ карданд. Гӯё ӯ як ҷонвари аҷоиб ва диданашудае буд, ки бо ин диққат ӯро тамошо мекарданд, бо тарс ва ҳайрат ӯро аз назар мегузарониданд, гӯё аз ин ҷонвар метарсиданд, ки мабодо онҳоро нагазад ва зараре нарасонад. Ниҳоят дар рӯ ба рӯи вай истоданд, ба тавре ки гӯё аз ҳамдигар қувват ва ёрӣ гирифтан мехоҳанд, дасти ҳамдигарро гирифта дар рӯ ба рӯи вай чашмони маъсум ва соддадилонаи худро ба рӯи ӯ ало карда истоданд. Ниҳоят калонтараш тамоми ҷуръати худро ҷамъ карда якбора пурсид:

— Ту кистӣ?

Писарак бо азамат ва калонигарӣ ҷавоб дод:

— Ман король.

Бачагон чашмони худро калон кушода қадре аҷибнокӣ рафтанд ва тақрибан ним дақиқа ҳеҷ чиз

гуфта натавонистанд; баъд боз ҳисси кунҷковиашон ғалаба кард.

— Король? Чӣ хел король?

— Короли Англия!

Духтаракон бо ҳайрат ва мабҳутӣ аввал ба рӯи якдигар ва баъд ба рӯи вай ва баъд боз ба рӯи ҳамдигар нигоҳ карданд.

Баъд яки аз онҳо гуфт:

— Мерҷери, шунидӣ? Мегӯяд, ки король аст, рост мегӯяд магар?

— Ин гап чи навъ рост набуда метавонад. Присси? Магар ин дурӯғ мегӯяд? Ту медонӣ, агар гапи ин дуруст набошад, он вақт маълум мешавад, ки дурӯғ будааст. Албатта, дурӯғ буданаш даркор аст. Ту ҳам инро донистанат даркор аст, ки ҳар гап ки дуруст нашуд, дурӯғ мешавад ва як гап ҳам, ки дурӯғ шуд, он вақт дигар илоҷ ва чорае намемонад.

Далелҳои ин духтарак қатъӣ ва мубоҳисанопазир буданд, гӯё ки шубҳаҳои Присси якбора бартараф шуданд.

Ӯ дақиқае фикр кард, ба дурустии гапи король дилаш пур шуд ва бе ҳеҷгуна шайтонӣ гуфт:

— Агар ту аз ростӣ король бошӣ, ман ба гапат бовар мекунам.

— Ман аз ростӣ король ҳастам.

Ба ҳамин тариқ масъала дуруст шуд. Унвони королии аълоҳазрат бе ҳеҷ бахс ва низоъ тасдиқ гардид ва духтаракон чи навъ ба ин ҷо омада расидан, барои чӣ либосҳои ғайри шоҳона пӯшидан ва ба куҷо рафта истодани ӯро пурсидан гирифтанд. Король ҳам хеле мехост, ки саргузашти фалокатомези худро ба ягон кас ҳикоят карда дилашро қадре холӣ кунад ва ӯ хеле вақтҳо боз касеро мекофт, ки ба гапҳояш шубҳа накарда ва ӯро масхара надошта,

гӯш андозад, бинобар ин бо майлу рағбати тамом ҳамаи саргузашти худро ба онҳо ҳикоят кард ва ҳатто дар ин маврид гуруснагии худро ҳам фаромӯш намуд; духтаракони меҳрубон ба суханони ӯ бо рағбат гӯш медоданд ва дилашон аз ростӣ ҳам ба ҳоли вай месӯхт. Замоне ки ӯ ба гуфтани саргузашти рӯзҳои охирини худ расид ва духтаракон чанд рӯз боз ҳеҷ чиз нахӯрдани вайро фаҳмиданд, онҳо суханашро бурида ба тарафи хонаи худ давиданд, ки барои вай хӯроке биёранд.

Ӯ ҳоло дигар хушбахт ва дилшод буд.

Худ ба худ мегуфт:

„Вақте ки ба қасри худам баргаштам, ба хотири ин некие ки ин бачаҳо ба ман карданд ва дар вақти бадбахтӣ ва фалокатҳолиам ба суханонам бовар намуданд, нисбат ба ҳамаи бачагони хурдсол хушрафторӣ ва некмуомилагӣ хоҳам кард; аммо касоне ки солашон калонтар аст ва мебоист, ақлашон ҳам зиёдтар бошад, маро фақат таҳқир карда дурӯғгӯ ва лофзан ҳисоб мекунанд".

Модари духтаракон корольро бо навозиш ва меҳрубонӣ қабул намуд, дили модаронаи вай ба ҳоли ин писари бехонумон, ба тақдири шуми ин бачаи бекас, ки илова бар ҳамаи ин, аз бадбахтиҳо девона ҳам шудааст, хеле сӯхт. Ин зан бева буд ва чандон ҳам бадавлат набуд, ӯ худаш ҳам ба хеле фалокат ва бадбахтиҳо дучор омада буд ва бинобар он ба ингуна касон хайрхоҳӣ ва раҳмдилӣ карданро ҳеҷ дареғ намедошт. Ӯ тахмин кард, ки писараки девона аз ҳамроҳ ва ё аз посбонони худ гурехта омадааст ва бисьёр кӯшиш намуд, ки аз куҷо омадани вайро фаҳмида ба пеши падару модараш гардонда фиристонад; шаҳрҳо ва қишлоқҳои атрофро як ба як номбар кард, аммо ҳама пурсиш ва ковишҳои ӯ на-

тиҷае надоданд. Аз башара ва аз ҷавобҳои писарак дида мешуд, ки гуфтаҳои он зан барои вай бегона мебошанд. Ӯ бо ҳолати муқаррарӣ ва бо рағбати тамом дар бораи зиндагонӣ ва аҳволоти дарбор гап мезад ва ду-се бор ки короли марҳум „падари худ"-ро ёд намуд, гирья гулӯяшро буғӣ карда аҳволаш парешон гардид; аммо ҳамин ки сӯҳбат ба мавзӯи поёнтар мегузашт, писарак ҳеҷ ба сӯҳбат майл намекард ва сокит менишаст.

Занак ҳайрон монда буд, аммо бо вуҷуди ин таслим шудан намехост. Дар вақте ки хӯрок тайёр мекард, ба харгуна ҳилаҳо муроҷиат намуд, ки як навъ карда кӣ будани он писаракро бифаҳмад. Ӯ дар бораи говҳо гап кушод,—писарак ҳеҷ аҳамият надод, дар хусуси гӯсфандҳо ба гап даромад, писарак ҳавсалаи гӯш карданро нишон надод; ба ҳамин тарик гумонҳои вай дар хусуси подабон—чӯпон будани писарак бенатиҷа ва хато баромад. Дар бораи осиёбҳо, бофандаҳо, оҳангар ва мисгарон ва харгуна косиб ва ҳунармандони дигар гап кушод; баъд дар бораи девонахонаҳо, зиндонҳо, сағирхона сӯҳбат яла кард, ки ин ҳам беҳуда буд ва ҳамаи инҳо бемуваффақият баромаданд. Шояд ки ӯ хизматгор ва шогирди касе бошад? Ӯ хаёл мекард, ки ин фикраш аз ҳама дурусттар мебошад ва акнун барои ёфтани ҳақиқат ба вай роҳ яла шудааст: шубҳа нест, ки ӯ дар пеши ягон кас хизматгор будааст. Ӯ дар ин хусус гап кушод. Аммо дар ин ҷо хам ҳеҷ натиҷае ба даст дароварда натавонист. Сӯҳбат дар бораи рӯфтурӯби хонаҳо, сӯхтусӯзи печьҳо ҳам, маълум буд, ки ба вай намефорад; масалан, гуфтугӯ дар бораи шустани дег ва табақ ҳеҷ аҳволи ӯро дигаргун карда натавонист. Баъд аз ин, занаки бечора аз ҳар ҷиҳат ноумед шуда, аз пухтупаз гап яла кард ва бо камоли тааҷҷуб

га ҳайронӣ дид, ки рӯи писарак якбора дурахшон шуда дар он аломатҳои хурсандӣ намудор гардид. Оҳо, ниҳоят туро ба даст афтондам! Занак акнун ба шайтонӣ ва ҳила корфармоии худаш мағрур шуда буд.



Модари духтаракон корольро бо навозиш қабул намуд.

Акнун забони мондашудааш қадре ором гирифта метавонист, чунки король аз шиддати иштиҳо ва рағбате ки ба хӯрокхӯрӣ дошт ва дар таҳти таъсири бӯи форами хӯроке ки дар дег ба ҷӯш буд, дар бораи таомҳо ва хӯрокворидҳои гуногун сӯҳбати дароз ва тумтароқдоре сар кард. Пас аз се дақиқа занак худ ба худ мегуфт:

„Ана тахмини ман дуруст баромад, ин бача шогирди ягон ошпаз будааст!"

Аммо король пай дар пай аз таомҳои гуногуни нав ба нав сухан мекушод ва онҳоро бо чунон маҳорат ва хабардорӣ тасвир ва таъриф мекард, ки занак худ ба худ мегуфт:

„Ин бача дар ин синну сол номи ин қадар таомҳоро ва илова бар ин, чунин таомҳои бомазаро аз кучо медонад, охир бисьёртар таомҳое ки ин мегӯяд фақат зинатбахши дастархони аъён ва давлатмандон аст! Ҳа, фаҳмидам! Ин бояд баъдҳо чунин бесарупо шудааст, эҳтимол дорад, ки дар аввалҳо шогирди дари хонаи ягон аъёне буда ва ё дар дарбори шоҳӣ хизмат кардааст; шояд ҳам дар ошхонаи худи король хизмат карда бошад! Инро ҳам кофта фаҳмидан даркор аст!“

Занак барои ин ки тахмин ва гумони худро аз таҷриба гузаронад, ба король гуфт, ки ба пухтани хӯрок назорат намояд ва ишора кард, ки агар хоҳиш дошта бошад, худаш ҳам ягон чиз пухта метавонад. Инро гуфта, худаш аз хона баромад ва ба духтарони худ супурд, ки ба рафторҳои король назорат намоянд. Аммо король суханони занакро шунида ғур-ғуркунон гуфт:

„Дар замонҳои пеш ба корольҳои Англия ҳам чунин ҳол рӯй додааст; ҳеҷ зарар надорад, кореро, ки бобои ман Альфреди Бузург[1] баҷо овардааст, чи мешавад, ки ман ҳам баҷо биёварам. Аммо ман кӯшиш хоҳам кард, ки ин супориши соҳибхонаро аз

---

[1] Альфреди Бузург (840–901) короли қабилаҳои сок буд. Дар Англия чунин як ривояти афсонавӣ мавчуд аст, ки Альфред аз хавфи таъқиби даниягиҳо гурехта дар хонаи вайронаи ҳезумшикане манзил кардааст ва зани он мард король будани ӯро надониста ба пухтани самбӯсаҳо назорат намуданашро талаб намудааст ва баъд гашта омада сӯхтани самбӯсаҳоро дида ба ӯ сахт танбеҳ додааст.

бобокалонам ҳам беҳтар ва хубтар баҷо биёварам, зеро ки самбӯсаҳои вай, аз рӯи ривоятҳо, сӯхта будааст".

Нияти вай хеле хуб буд, аммо ба амал овардани он нияти хуб ба осонӣ муяссар нагардид. Ин король ҳам, мисли он короли дигар, ба зудӣ ба миёни фикр ва хаёлоти худ ғарқ гардид ва ҳамон фалокат ба ин ҳам рӯй дод. Таги дег сӯхт. Хайрият, ки занак дар вақташ ба хона омада хӯрокро аз тамоман сӯхтан халос намуд. Ва корольро чунон ки бояду шояд ва бе ҳеҷгуна рӯйбинӣ дашном дода аз олами хаёлот ба дуньёи ҳақиқӣ овард. Ва баъд чун пушаймонии худи корольро ҳис намуд, дилаш нармтар шуда боз нисбат ба вай меҳрубонӣ ва рӯйхушӣ нишон дод.

Писарак бо майл ва иштиҳои тамом хӯрок хӯрд ва пас аз сер шудани шикамаш хушҳол ва чаққонтар гардид. Боз як хубии ин наҳор (хӯроки пешинӣ) ҳамин буд, ки мизбон (соҳибхона) ва меҳмон дараҷа ва мартабаҳои худро ба эътибор нагирифта, дар асной хӯрок бо ҳамдигар бо камоли меҳр ва муҳаббат рафтор мекарданд ва дар айни замон ҳеҷ яки аз онҳо дар ҳаққи дигаре бадгумон набуд, ки нисбат ба вай илтифоткорона рафтор мекунад, занак мехост, ки сарқутҳоро ғундошта, чунон ки ба гадобачаҳо ва ё сагҳо медиҳанд, дар як гӯшаи хона ба ин писарак бидиҳад, аммо рафтори дағал ва муомилаи дуруште ки андаке пеш дар ҳаққи писарак карда буд, ба хотираш омада хост, тавре карда он бадрафториро аз хотири ӯ барорад ва ӯро бо худ ва бо бачагони худ дар як стол шинонида, хост бо вай мисли каси худӣ рафтор карданашро нишон бидиҳад. Король ҳам дар навбати худ таъна ва маззаммат мекард, ки чаро бедиққатӣ карда кори ба вай супурдашударо вайрон намуда дар бадали ин қадар

меҳрубониҳои соҳибхона ҳақшиносӣ кардааст. Ва бинобар ин худашро водор мекард, ки барои сабук кардани гуноҳи худ нисбат ба онон меҳрубонӣ намояд ва аз деҳқонзани соҳибхона ва бачагони вай дар ҳузури худаш рост истода ба хизмат ҳозир шуданро талаб нанамуда барои дар як суфра хӯрок хӯрданашон рухсат диҳад. Ба ҳар яке мо ҳам мувaққатан мағрурӣ ва калонгарии худро як сӯ монда истодан фоиданок мебошад. Занаки меҳрубон бо ифтихор ва сарбаландии меҳрубононае ки дар ҳаққи писараки побараҳна кардааст, хушҳол ва дилшод буд, король ҳам шод ва хурсанд буд, ки ба як деҳқонзани муқаррарӣ меҳрубонӣ карда, дили ӯро ба даст овардааст.



Деҳқонзанак ба ӯ фармуд, ки кордҳоро чарх дорад.

Вақте ки хӯрокро хӯрда тамом карданд, соҳибхона ба король фармуд, ки дегу табақҳоро бишӯяд, ин фармон аввал ба король як қадар сахт расид ва хост онро рад намояд, аммо баъд худ ба худ гуфт:

„Альфреди Бузург як вақтҳо самбӯсапазӣ кардааст, албатта, агар ба вай мегуфтанд, дегу табақҳоро ҳам мешуст. Биё ман ҳам ин корро бикунам!"

Ин таҷрибаи вай ҳам бемуваффақият баромад, ӯ дар аввал хаёл карда буд, ки қошуқ ва табақҳои чӯбинро шустан кори осон мебошад, замоне ки аз ӯҳдаи ин кор ҳам набаромаданаш маълум шуд, хеле хиҷолат кашид. Ин кор кори дилтангкунанда ва серташвише буд, аммо ҳар чи бошад ҳам, навъе карда онро буд кард. Акнун хеле дилаш мехост, ки ба роҳи худ давом намояд, аммо аз дасти ин зан ки ҳар замон ба вай як кори наве мефармуд, халос шудан кори осоне набуд. Ӯ ҳар замон кори наверо ба вай мефармуд ва король ҳам ҳамаи он корҳоро аз таги дил ва бо муваффақият анҷом медод. Ӯ ба король фармуд, ки бо ҳамроҳии духтарон себҳоро тоза кунад, аммо аз ӯҳдаи ин кор набаромадани вайро дида фармуд, ки кордҳоро бурда чарх дорад. Баъд ӯро шинонда ба пешаш як тӯда пашмро гузошта маҷбур кард, ки онҳоро тит кунад. Король дид, ки дар фидокорӣ кайҳо боз Альфреди раҳмдилро гузаронида ва ин қаҳрамониҳои вай дар қиссаҳо ва китобҳои таърих хеле шавқовар мебошанд; ӯ қарор дод, ки ин корро дигар бас кунад. Вакте ки баъд аз хӯрок занак пишакбачаҳоро ба як сабадча андохта, бурда ба дарьё партофтани онҳоро фармуд, ӯ ин корро рад кард. Дурусташ ин ки ӯ мехост ин корро рад намояд, чунки хис мекард, ки ба ин фармонбардорӣ ниҳояте мондан лозим аст, аммо дар ин ҳол монеае ба пеш баромад. Король аз тиреза Ҷон Кентиро дид, ки куттии резаворфурӯширо аз гардан овехта бо ҳамроҳии Гуго ба тарафи хонаи деҳқонзан меояд!

Король ҳамин ки ба дари хона наздик шуда истодани он ду нобакорро дид, ҳеҷ гап назада сабадчаро бардошта оҳиста аз дари ақибӣ берун баромад ва пишакбачаҳоро ба остона гузошта худро ба тангкӯчаи хурде зада роҳи гурезро пеш гирифт.

## ШАҲЗОДА ВА ПИРАМАРДИ ГӮШАНИШИН[1]

Акнун девори баланд ӯро аз ин ҳавлӣ дур ва пинҳон карда буд. Ӯ дар ҳолати тарс ва воҳиман шиддатноке бо тамоми қувват ва тавоноии худ ба тарафи ҷангали дур медавид. То вақте ки ба ҳудуди ҷангал расид, як бор ҳам баргашта ба ақиби худ нигоҳ накард; ҳамин ки ба канори ҷангал омада расид, ба ақиб нигоҳ карда дар ҷои дуре ду мардро дид. Инҳоро дида дигар ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда боз давидан гирифт, то рафт қадамҳояшро калонтар ва тезтар мепартофт, то ин ки омада ба ҷои ғуллӣ ва сердарахти ҷангал расид. Дар ин ҷо ӯ худашро аз хавф ва таҳлука эмин дониста, аз давидан истод. Бо диққат ба атроф гӯш медод, аммо дар ҳама ҷо як хомӯшӣ ва сукут ҳукмфармо буд, хомӯшӣ чунон сахт буд, ки ба дили кас ваҳм меандохт. Гӯшҳояшро сих карда гӯш медод, фақат гоҳ-гоҳе аз дур овозҳои хира ва исрорангезе шунида мешуданд, инҳо ҳам гӯё ки овози одамони зинда набуда, балки ба нола, оҳу вой ва ҷонкании мурдагон монандӣ доштанд. Ин овозҳо аз он хомӯшӣ ҳам даҳшатноктар ва воҳиманоктар буданд.

Дар аввал ӯ хост, ки то шаб аз ҷои худ наҷунбад. Аммо азбаски хеле арақ карда буд, ба зудӣ хунукии ҳавои ҷангал ба вай таъсир карда сахт хунук хӯрд ва барои ин ки андак гармтар шавад, боз ба роҳ рафтан сар кард. Ӯ аз миёнаҷои ҷангал ба рафтан сар кард, умедвор буд, ки рафта-рафта ба ҷое хоҳад расид. Аммо хато карда буд. Хеле вақт роҳ рафт, ҳар қадар ки зиёдтар мерафт, ҷангал ҳам

[1] Гӯшанишин—касе ки тамоми корхои дунёро тарк карда, ба ибодат машғул мешавад.

ба ҳамон андоза ғуллӣ ва зичтар мешуд. Ҳаво торик шуд ва король фаҳмид, ки ба зудӣ шаб хоҳад шуд. Вақте ки дар чунин ҷои пурдаҳшат шабона танҳо мондани худро ба хотир овард, воҳимааш боз ҳам зиёдтар шуд; шитоб мекард, аммо аз ин шитоб карданҳо ҳеҷ нафъе набуд, роҳ рафтанаш то рафт сусттар мешуд, чунки дар нимторикӣ ба куҷо қадам монданн худро ба хубӣ дида наметавонист, пояш ба решаҳои дарахтон дакка хӯрда, ба шохаҳои дарахтон банд шуда меафтод.

Замоне ки аз дур рӯшноии хираеро дид, чи қадарҳо хурсанд шуд! Ӯ бо эҳтиёт ба он рӯшноӣ наздик рафт, дар сари ҳар қадам истода ба ҳар сӯ нигоҳ мекард ва гӯш медод. Ин рӯшноӣ аз тирезачаи як козаи (каппаи) харобае меомад. Тирезаҳои ин хонаи вайрона шустагӣ буданд. Король овозе шунида хост гурезад, аммо дуо хонда истодани он соҳиби овозро шунида дар ҷои худ истод ва ба фикр рафт. Ӯ бо нӯги панҷаҳои пои худ роҳ гашта ба тирезаи хонача наздик рафта ба даруни хона нигоҳ кард. Хона хурд ва тагаш холӣ буд. Дар як гӯша аз хошок як ҷойхоб дуруст карда шуда ба болои он кӯрпаҳои кӯҳна ва дарида андохта шуда дар канораш як сатил, як дӯлча, як табақи сафолин, якчанд кӯза ва як дег намудор буд. Дар кабати ҷои хоб як харакн паст ва як курсии сепоя меистод. Дар оташдон ангиштҳои охирин месӯхтанд. Дар пеши сурате ки дар он ба дор кашида шудани Исо тасвир карда шуда буд ва дар канораш фақат як шамъ месӯхт, пирамарде зону зада нишаста буд ва дар канори вай, дар болои як қуттии кӯҳнаи чӯбӣ як китоби варақҳояш кушода ва устухони сари як одам истода буд. Ҳайкали мардак калон, чорпаҳлу буда, мӯйсар ва мӯйлабҳояш расида хеле дароз ва барф барин сап-са-

фед шуда буданд. Мардак як камзўли калони пўстин пўшида буд, ки сар то пояшро мегирифт.

„Гўшанишин марди худопарасте будагист!—гуфт король худ ба худ. Ҳар чи ҳам бошад, акнун толеам ба ман мададгор шуд“.

Марди гўшанишин аз ҷояш хест. Король дари хонаро тиқ-тиқ кард. Як овози пасте ҷавоб дод:

— Даро, аммо гуноҳони худро ба остона партофта даро, чунки замине ки ту қадам хоҳӣ гузошт, хоки табаррукӣ дорад!

Король ба хона даромада дар дами дар истод. Марди гўшанишин чашмони ноором ва дурахшони худро ба рўи вай дўхта нигоҳе кард ва гуфт:

— Ту кистӣ?

Ва ў ҷавоби содда ва муқаррарии корольро шунид:

— Ман короли Англия мебошам.

— Хуш омадӣ король!—мардак бо шодӣ ва хушҳолӣ фарьёд намуд.

Баъд ба ташвиш афтода, калимаи „хуш омадӣ“-ро такроркунон курсиро ба канори оташдон кашид ва корольро ба он шинонида ба даруни оташдон якчанд ҳезум ҳаво дод ва худаш ба шавқу завқ омада аз як гўша ба гўшаи дигари хона рафтуомад кардан гирифт.

— Хуш омадӣ, бисьёр касон дар ин ҷои табаррукӣ барои худ макон кофтаанд, аммо бинобар нолоиқ будани худ ронда шуданд. Аммо короле ки аз тахт ва даргоҳаш даст кашида, ба дабдаба ва ҳашаматҳои худ нафрат карда ва барои покиза ва муқаддас намудани ҷон ва арвоҳи худ либосҳои жанда ва кўҳна пўшидааст, бояд ба ин макони муборак муносиб бошад, қадами ингуна меҳмон ба болои дида! Ў то охири умри худ дар ин ҷо монда метавонад.

Король хост, ки гапи вайро бурида асли вокеаро фахмонад, аммо марди гўшанишин ба ў ҳеҷ аҳамият надод ва ҳатто гўё ки суханонашро ҳам нашунида бо як оташинии то рафт зиёдшаванда ва бо овози то рафт баландшавандае ба гапи худ давом кард:

— Дар ин ҷо ту осуда ва аз ҳама ғамҳо фориғ хоҳӣ буд. Ҳеҷ кас аз паи ту ба ин ҷо омада ба дуньёи пуч, пуразоб ва машаққат баргаштанро, ки ту онро тарк карда ба худоҷўӣ баромадаӣ, аз ту илтимос нахоҳад кард. Ту дар ин ҷо ибодат карда ҳукм ва фармоишоти худоро ёд мегирӣ; ту дар бораи чи кадар ба гумроҳӣ афтода аз роҳи рост баромадани халқи олам фикр хоҳӣ кард ва роҳат ва фароғатҳои он дуньёро тасвир хоҳӣ намуд; хўроки ту дар ин ҷо нони кок ва алафҳои ҷангал хоҳад шуд ва ҳар рўз тани худро барои покиза кардани рўҳ, ба ҳаргуна азобҳо гирифтор хоҳӣ кард. Ту ба бадани бараҳнаи худ куртаҳои аз мўи ҳайвонот бофта шудагиро пўшида, ҳамеша факат оби холӣ хоҳӣ нўшид, ту аз оромии пурра лаззатьёб хоҳӣ шуд ва касе ки аз паи ту биёяд, ба таҳқирҳо ва масхараҳо дучор хоҳад гардид, чунки ингуна одам туро ёфта ва дигар бора гумроҳ карда наметавонад.

Пирамард боз ҳам аз як гўша ба гўшаи дигари хона рафтуой мекард. Ў холо дигар баланд гап назада худ ба худ чизеро ғур-ғур карда мегуфт. Король ин мавридро ғанимат шумурда ба ҳикоят кардани саргузашти худ сар кард, бо таъсири як воҳимаи торик ва як ҳисси пешакии норавшане вокеаи худро хеле бо обутоб ҳикоя кард. Аммо марди зоҳид ҳанўз ҳам дар хона кадам зада ғур-ғуркунон худ ба худ гап мезад ва ба суханони ў аҳамият намедод. Ў боз ҳам ғур-ғуркунон ба король наздик

омад ва бо як оҳанги таъсирнок ба гап даромад, ҳар як калимаро ҷудо карда ва хеле бурро мегуфт:

— Хомӯш, ман як сирри бузургеро ба ту кушода медиҳам!

Ӯ ба тарафи писарак хам шуд, аммо ҳамон соат ба ягон овоз гӯш медодагӣ барин гӯшҳояшро сих кард.

Баъд аз ягон дақиқа бо эҳтиёт ба тарафи тиреза рафт ва сарашро берун бароварда ба торикӣ нигоҳ карда баъд бо нӯг-нӯги пойҳои худ ба ҷои аввалиаш баргашт ва даҳони худро тамоман ба рӯи король наздик оварда гӯшакӣ гуфт:

— Ман фаришта ҳастам!

Король хеле тарсида худ ба худ гуфт:

„Оҳ, бо он гадо ва побараҳнагон буданам садҳо бор беҳтар будааст, акнун дар ин ҷо ба дасти як девона афтодам!"

Изтироб ва тарсаш то рафт зиёд шуда акнун ба рӯяш ҳам акс карда буд. Аммо зоҳид бо овози паст ва ҳаяҷономез ба гапи худ давом мекард:

— Ман мебинам, ки ту чи навъ махлуқи муқаддас ва табарруке будани маро ҳис мекунӣ! Дар пешонии ту тарс ва ваҳми ситоишкоронае мавҷуд мебошад. Ҳеҷ кас баъд аз дидани ингуна як махлуқи муқаддас ин навъ як тарс ва ваҳмеро ҳис нокарда наметавонад. Ин як муқаддасӣ ва муборакии осмонӣ мебошад. Ман дар як пӯшида кушодани чашм ба осмонҳо парида рафта боз бармегардам. Панҷ сол пеш аз ин, ба худи ҳамин ҷо аз осмон малоикаҳо парида омада буданд, ки ба дараҷаи фариштагӣ расидани маро ба ман хабар бидиҳанд. Аз онҳо як нур ва рӯшноии чашмкӯркунандае паҳн мегардид. Онҳо дар ҳузури ман зону зада буданд, эй король! Бале, дар ҳузури ман зону зада таъзим карда буданд, он-

ҳо! Чунки ман назар ба онҳо бузургтар ва манзалатам баландтар аст! Ман ба осмонҳо баромада дар он ҷо бо худи падарони рӯҳонӣ сӯҳбат кардаам. Натарс, дастатро ба ман бидеҳ, дастатро ба ман дароз кун! Бидон, ин ҳамон даст аст, ки онро ҳазрати Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб ба дасти худ гирифтаанд. Ман дар кошонаҳои тиллоӣ буда ва дар он ҷоҳо худи худоро дидаам!

Ӯ истод, ки ба король чигуна таъсир кардани суханони худро бубинад; баъд афту башарааш боз дигаргун шуда аз ҷояш бархост ва боғазабона фарьёд кард:

— Бале, ман фаришта ҳастам, **фақат фариштаам**! Аммо агар хоҳиш мекардам, папа[1] ҳам шуда метавонистам! Ин гапи рост ва ҳақиқат аст! Инро ба ман дар олами хоб аз осмон хабар додаанд. Ба ман инро 20 сол пеш аз ин гуфта буданд. Бале, маро папа таъин карданашон даркор буд! Ман албатта папа мешудам, чунки хоҳиши худо ҳамин хел буд, аммо король монастири (хонақоҳи) маро вайрон кард, мани бечораи гӯшанишин дар ба дар ва овора шуда ва аз хонаю хонақоҳи худ ҷудо монда дар дасти тақдир ва толеи шум бозича шудам. Ояндаи дурахшон ва пурдабдабаи маро аз дастам гирифтанд.

Ӯ аз шиддати ғазаб кафи дасти худро чанд бор ба пешониаш кӯфта ғур-ғур кард, гоҳ-гоҳ овози лаънат фиристоданҳои вай шунида мешуд.

— Дар ҳолате ки ман папа шуда метавонистам, сабаби фаришта шуда монданам ана ҳамин аст.

Ин гуфтугӯи марди гӯшанишин як соати тамом ба ҳамин аҳвол давом мекард ва короли ҷавони бечора хомӯш нишаста ва хуни дил мехӯрд. Баъд ота-

[1] **Папа**—раиси рӯҳонии католикҳост, ки католицизм яке аз мазҳабҳои христианӣ мебошад.

ши ғазаби пирамард андак хомӯш шуд ва хеле мулоим ва меҳрубон гардид. Овозаш мулоимтар шуда гӯё аз осмонҳое ки тасвир мекард, ба замин фуромад ва чунон содда ва самимӣ ба гап задан даромад, ки дили королро тамоман ба худаш мафтун кард.

Пирамард писаракро ба наздики оташ шинонда кӯшиш мекард, ки ӯро ба қадри имкон хубтар ва роҳаттар ҷойгир кунонад; бо дастони боэҳтиёт ва мулоими худ захм ва ҷоҳои ханҷолшудаи бадани ӯро баст, баъд ба хӯрок тайёр кардан сар карда, дар ин миён ҳам хеле ширин ва мулоим гап мезад ва дастони худро ба рухсораҳои ӯ мекашид ва сарашро бо меҳрубонӣ навозиш мекард; ба ҳамин тарик, тамоми хавф ва тарси писарак ва нафратҳои вай бартараф шуд ва ин нафрат баъд аз андак вақт ба ҳурмат ва меҳрубонӣ мубаддал гардид.

Ин хушҳолӣ ва димоғчоқӣ то хӯрда шудани авқот давом кард, баъд аз хӯрда шудани хӯрок ӯ дар пеши сурати муқаддас истода дуое хонд ва баъд писаракро дар ҳуҷрачае ки дар паҳлу буд, хобонида бо меҳрубонӣ ва навозиш болои ӯро пӯшонд ва дар вақти хайрхушӣ кардан боз ӯро чанд бор бо дасти худ навозиш намуд; пас аз ин рафта дар пеши оташдон нишаст ва бо парешонхотирӣ ҳезумҳои оташдонро беҳуда кофтан гирифт. Якбора истод, баъд якчанд бор ангуштонашро ба пешониаш зад, гӯё ки як фикри фаромӯшшудаеро ба хотир овардан мехост, аммо гӯё ки ба мақсадаш ноил шуда он фикри фаромӯшшударо ба хотир оварда наметавонист.

Баъд якбора аз ҷояш ҷаста хеста ба ҳуҷрачае ки меҳмон хобида буд даромада гуфт:

— Ту король ҳастӣ?

— Ҳо!—гуфт хоболудона король.

— Чӣ хел король?

— Короли Англия!

— Короли Англия? Хуб, Генрих мурд?

— Оҳ, бале ӯ мурд, ман писари ӯ мебошам.

Гӯё ки пардаи сиёҳе ба рӯи мард кашида шуд. Ӯ дастҳои устухонҳояш калони худро мушт карда, якчанд дақиқа дар ҳолати ғазаб истод, зуд-зуд нафас гирифта оби даҳони худро фурӯ мебурд ва баъд бо овози хирросие гуфт:

— Оё ту медонӣ, ӯ буд ки моро бехонумон ва саргардон кардааст?[1]

Ҳеҷ ҷавобе нашуд. Пирамард хам шуда ба рӯи ором ва сокити писарак нигоҳ кард ва ба нафас гирифтани ҳамвори ӯ гӯш медод.

— Хобидааст, роҳат хобидааст.

Ва рӯи ӯ боз дурахшон шуд. Дар рӯи ӯ акнун як завқ ва лаззати бадкоронае намоён буд. Писарак дар хоб табассуме кард. Пирамард ғур-ғур кард:

— Дили ӯ бо хушбахтӣ ва саодат пур аст!—гуфт ва рӯяшро гардонд.

Ӯ ҳеҷ овоз набароварда дар хона қадам мезад ва чизеро мекофт; гоҳо истода гӯш меандохт ва гоҳо ақибнокӣ гашта ба кровать нигоҳ мекард ва ҳамеша дар ғур-ғури худ давом мекард. Ниҳоят ӯ гӯё чизи мекофтагиашро ёфт: ӯ як корди кӯҳнаи занг-зада ва қайрокеро ёфта гирифт. Пас аз ин дар пеши оташдон ба ҷои худаш нишаста ба тез кардани корд сар кард ва ҳама вақт, гоҳ оҳиста ва гоҳ бо овози баланд, худ ба худ чизе мегуфт.

---

[1] Король Генрихи VIII (1491—1547) дар Англия мазҳаби протестантизм ҷорӣ намуд ва заминҳои калисо ва хонақоҳҳоро забт кард. Дар вақти королии вай ба сабаби эътиқодҳои динӣ таъқибҳо ва куштанҳо зиёд будааст.

Дар атрофи ин хонача танҳо бод вазида, гӯё ки нола мекарда бошад, аз ҷоҳои дур овозҳои асрорангези шабона шунида мешуданд. Аз ҳар сӯрох ва гӯша чашмони дурахшони муш ва калламушҳо ба пирамард нигоҳ мекарданд, лекин вай ба кори худ давом мекард, хеле сараш гарм буд ва аз ҳеҷ чиз хабар надошт.



Нарангушти худро ба дами корд мемолид.

Гоҳо нарангушти худро ба дами корд мемолид ва бо ҳолати ризоятмандонае сарашро меҷунбонид.

— Ҳо, тезтар мешавад!—мегуфт вай,—хеле тез шудааст!

Ӯ ба фикру хаёлҳои худ чунон саргарм шуда

буд, ки чигуна гузаштани вақтро ҳам пай намебурд. Ва гоҳо дар чи фикр будани худро бо овози баланд ҳам мегуфт:

— Падари вай моро ранҷонида, моро хонавайрон ва саргардон кард ва акнун худаш ба ҷаҳаннам рафта дар оташи абадии он месӯзад! Бале, ба ҷаҳаннам рафтааст, ки ба таври абадӣ дар он ҷо бисӯзад. Ӯ гиребони худро аз дасти моён халос кард, хоҳиши худо ҳамин будааст ва мо набояд ба хоҳиши худо муқобил истода шикоят кунем! Не, ӯ аз оташи дӯзах гурехта наметавонад, ӯ дар ин оташи хомӯшнашаванда ва ҳама чизро сӯзандаи абадӣ бояд бисӯзад ва то охири замон азоби бадкориҳои худро бикашад.

Ӯ гоҳо ғур-ғур карда ва гоҳо аз шодӣ хиххос зада механдид ва гоҳо ҳам ғур-ғури худро бо ин гапҳои равшан мебурид.

— Дар ҳамаи ин корҳо падари ин писарак гунаҳкор аст. Ман ҳозир фақат фаришта мебошам, агар ӯ намебуд, ман ҳозир папа мешудам!

Король дар хоб ҷумбид. Марди гӯшанишин оҳиста ба сари болини ӯ рафта чӯкка зада кордро ба болои ӯ бардошт. Писарак боз дар ҷои хобаш ҷумбид ва чашмонашро як лаҳза кушод, аммо ӯ чизеро надида боз ба хоб рафт; баъд аз дақиқае аз нафас гирифтани ороми вай маълум буд, ки дубора сахт ба хоб рафтааст.

Пирамард як қадар мунтазир истод ва ҳеҷ ҳаракат накарда гӯш медод ва ҳатто нафас ҳам намегирифт; баъд дасташро оҳиста фуроварда боз ҳамон хеле оҳиста баргашт ва гуфт:

— Шаб кайҳо боз аз нисф гузаштааст, агар вай нохост дод занад, хуб намешавад, мабодо ягон роҳгузар инро нашунавад.

Ӯ ҳеҷ овоз набароварда дар хона мегашт ва аз

ҳар сӯ латтапора ва канабпораҳоро меғундошт. Баъд боз ба сари болини король омада, ӯро бедор накарда поҳояшро маҳкам баст; баъд дастонашро ҳам бастанӣ шуд ва чандин бор онҳоро ба якдигар наздик карданӣ шуд, аммо дар ҳамон лаҳзае ки ресмон мехост дастони бачаро ба ҳалқа дарорад ӯ гоҳо як ва гоҳо дигар дасти худро мекашид, аммо ниҳоят худи писарак дастонашро ба болои якдигар гузошт ва зоҳид ҳам дарҳол онҳоро сахт баст. Баъд аз ин „фаришта" бо устогии тамом аз таги гулӯи писарак латтаеро гузаронид, нӯгҳои онро дар болои сараш маҳкам баст, ӯ тамоми ин корҳоро чунон бо маҳорат ва чобукӣ баҷо овард, ки писарак ҳеҷ чиз нафаҳмид ва ором хобида, асло ҷумбише ҳам накард.

*Боби бисту якӯм*

## ГЕНДОН БА ИМДОД РАСИД

Пирамард мисли гурба овоз набароварда қадам гузошта аз он ҷо дур шуд ва як ҳараки пасти хурдеро оварда дар болои он нишаст. Ӯ чунон нишаст, ки як тарафи баданаш бо шуои оташдон равшан шуда, тарафи дигараш дар торикӣ буд. Чашмони худро ба писарак дӯхта мунтазири тез шудани корд буд ва мудом худ ба худ ғур-ғур карда, чи навъ гузаштани вақтро намедонист. Ӯ ба як тортанаки калон ва ҳайбатноке монанд буд, ки ба хӯрдани магаси бечорае ки ба даруни тораш афтодааст, тайёрӣ мебинад. Ниҳоят хеле вақт баъд, пирамард ки аз шиддати хаёлоти худ ҳар қадар нигоҳ мекарда бошад ҳам, аммо чизе намедид, кушода шудани чашмҳои писаракро дида монд; писарак чашмони худро калон кушода аз тарс шах шуда ба корд нигоҳ мекард. Як табассуми шайтонӣ дар рӯи пирамард намоён шуд ва ӯ

вазъияти худро дигаргун накарда ва аз кори худ даст набардошта пурсид:

— Э, писари Генрихи Ҳэштӯм, ибодат кардай ё не?—Писарак бо як таври ночоронае дар миёни бандҳо даступо зада мехост овозашро баландтар бароварда чизе бигӯяд. Пирамард ин ҳаракати ӯро ба саволи худ ҷавоби мусбате ҳисоб карда гуфт:

— Боз як бори дигар ибодат кун!

Тамоми бадани писаракро ларза гирифт ва ранги рӯяш парид, ӯ боз дар қасди халос шудан дасту по зада, ба ҳар тараф мегашт, худро ба даруни ҷои хоб девонавор ба ҳар сӯ мезад, ки ресмонҳоро пора кунад, аммо ин кӯшиши вай беҳуда буд; дар ин вақт пири хунхӯр табассумкунон ба рӯи ӯ нигоҳ мекард, сарашро ҷумбонида боз кордро тез мекард ва гоҳ-гоҳе мегуфт:

— Акнун аҷалат расидааст, дақиқаҳои охири умратро гузаронда истодай, фурсатро ғанимат дониста тавба кун, ибодат кун!

Писарак ноумедона оҳе кашида аз печутоб хӯрдан боз истод, нафасаш танг шуда истода буд. Ашк қатра-қатра аз рӯяш мечакид, аммо ин манзараи фоҷианок дили сахти пирамардро ҳаргиз мулоим намекард.

Рӯз равшан шуда истода буд, пирамард инро дида, хашмгинона ва бо ҳаяҷон гуфт:

— Ман аз ин зиёдтар таъхир карда наметавонам. Қариб саҳар шудааст. Имшаб дар назари ман ба мисоли як дақиқа кӯтоҳ шуд; аммо ман мехостам, ки имшаб мисли як сол дароз шавад! Хуб, эй фарзанди харобкунандаи калисо, агар аз дидан ваҳм кунӣ, чашмонатро бипӯш!..

Аз суханони дигари ӯ ба ғайр аз ғур-ғур дигар чизе шунида нашуд. Пирамард кордро ба дасташ ги-

рифта ба зону афтод ва ба тарафи писарак, ки оҳу зорӣ мекард, хам шуд.

Дар наздикии хона овозҳои бисьёр шунида шуданд. Корд аз дасти зоҳид ба замин афтод. Ӯ дар ҳолате ки тамоми баданаш меларзид, ба болои писарак пӯсти гӯсфандро партофта худаш беруи баромад. Шавқун зиёд шуд ва овозҳо то рафт дағал ва бераҳмонатар мешуданд; овози задан ва фарьёди имдод хостан шунида мешуд ва баъд тапар-тупури қадамҳое ки ба тезӣ дур мешуданд, ба гӯшаш расид. Пас аз он дари хона сахт кӯфта шуд ва фарьёде баланд гардид:

— Эй, дарро кушо! Тез бош, худо ба ту лаънатҳо кунад!

Ин дашномҳо аз тарафи король мисли як суруди фораме шунида шуданд: ин овоз овози Майлс Гендон буд!

Пирамард аз шиддати ғазаби худ дандонҳояшро ба ҳамдигар зер карда дарҳол аз хобгоҳ баромад ва аз паси худ дарро маҳкам кард; баъд король гуфтугӯеро, ки дар „ибодатхонаи“ он марди гӯшанишин шуда истода буд, шунид:

— Салом ва эҳтиром ба ту эй ҷаноби мӯҳтарам! Куҷост писари ман?

— Эй, дӯсти азиз, кадом писар?

— Кадом писар? Эй ҷаноби шайх, маро аҳмақ карда, ба ман афсона нахон,—ман ҳавсалаи ҳазил ва мазоқ шунидан надорам. Ман дар ин наздикиҳо ду нафар аз он нобакоронро дидам, ки бояд писаракро онҳо дуздида бошанд ва ман ҳақиқатро аз онҳо фаҳмидам; онҳо гуфтанд, ки писарак боз гурехтааст ва онҳо нишонаи қадамҳои вайро дар наздикии хонаи ту дидаанд. Онҳо нишонаи қадамҳои ӯро ба ман нишон доданд. Дигар ҳилагарӣ накун; эй шайх,

агар ӯро ба дасти ман насупорӣ... Хуб, нишон деҳ, писаракро ба ман нишон деҳ, ӯ куҷост?

— Эй ҷаноб, ту шояд он побараҳнаеро, ки аз хонаводаи король аст ва имшабро дар ин ҷо гузаронидааст, мепурсӣ. Агар ту барин як олиҷаноб бо вай корубор дошта бошӣ, пас бидон, ки ман ӯро аз паси коре ба ҷое фиристодаам ва ӯ ба зудӣ меояд.

— Ба зудӣ меояд? Кай? Зудтар бигӯ ва фурсатро аз даст мадеҳ, ман аз ақибаш рафта, ёфта метавонам ё не? Ӯ кай гашта меояд?

— Бисьёр камтоқатӣ накун, ӯ ба зудӣ меояд.

— Хуб, бигузор ҳамин тавр шавад! Ман дар ин ҷо ба вай мунтазир меистам. Ту ӯро барои коре фиристодӣ? Ту? Ин гап дурӯғ аст! Ӯ бо гуфтани ту ба ҷое намеравад. Агар ту ҷасорат карда ба вай чунин фармоне медодӣ, тамоми мӯҳоятро тор-тор кашида мегирифт! Дӯстам, ту дурӯғ мегӯӣ, яқин ки дурӯғ мегӯӣ! Ӯ на ба хотири ту ва на ба хотири ягон каси дигар ба ҷое намеравад.

— Эҳтимол ба хотири касе ба ҷое наравад, аммо ман бошам, кас—яъне одамизод нестам-ку.

— Ё оллоҳ! Пас, ту кистӣ?

— Ин сир аст, бохабар бош, боз ба касе нагӯ. Ман фариштаам!

Майлс Гендон ғур-ғуркунон баъзе суханони беэҳтиромонае гуфт ва баъд илова кард:

— Албатта ба ту илтифот кардани ӯ ҳам бояд аз барои ҳамин бошад. Ӯ ба хотири одамони муқаррарӣ як қадамашро ҳам намепартояд: аммо албатта король ҳам бояд ба фаришта мутеъ ва фармонбардор бошад. Хомӯш! Ин чӣ хашар-хушур аст?

Дар тамоми ин муддат короли хурдтарак гоҳо аз тарс дарак-дарак меларзид ва гоҳо аз умедворӣ дилаш қуввват мегирифт ва ҳама вақт кӯшиш мекард,

ки ба қадри имкон баландтар оҳу зорӣ кунад, то ин ки Гендон овозашро шунида ба ин хона дарояд, аммо бо ҳасрати тамом медид, ки ё овозаш ба гӯши вай намерасад ва ё ӯ овозашро шунида истода бошад ҳам, ба он аҳамият намедиҳад. Суханони охирини Гендон ба вай монанди насими саҳарӣ, ки ба беморе расида бошад, таъсир карданд ва ӯ бо тамоми қувваащ нола кард.

— Хашар-хушур? Ман фақат вазиши бодро мешунавам!—гуфт пирамард.

— Эҳтимол ки бод бошад. Албатта овози бод аст! Ман ҳама вақт як хашар-хушури оҳистаеро мешунавам... ана боз! Не, ин бод нест! Овози ачибест. Биё, рафта бинем, ки ин чӣ овоз аст?

Шодии король ҳеҷ андоза надошт. Шушҳои аз тобу тавон мондаи вай бо тамоми қувват кор мекарданд, аммо бо вуҷуди ин, ӯ бо овози баланд фарьёд карда наметавонист: баста шудани манаҳаш ва пӯсти гӯсфанди ба болояш андохта шудагӣ дар ин кор ба вай монеъ мешуданд. Якбора як ҳисси ноумедӣ вайро фаро гирифт, ӯ шунид, ки пирамард мегӯяд:

— Ин овоз аз расидани бод ба буттаҳо пайдо мешавад, биёед ба он ҷо биравем.

Король сӯҳбаткунон аз хона баромадани ононро шунид; чигуна дур шуда истодани овози қадамҳои онон шунида мешуд; король боз дар байни хомӯшии шум ва фалокатомез якка ва танҳо монд.

То дубора шунида шудани овозҳои по гӯё як муддати дароз, чандин асрҳо вақт гузашт. Ин дафъа ба гӯши король овози наве, гӯё ки овози суми асп бошад, шунида шуд. Ӯ овози Гендонро шунид, ки мегуфт:

— Ман дигар мунтазир шуда **наметавонам**.

У эҳтимол ки дар байни дарахтони ҷангал роҳи худро гум карда бошад. Ӯ ба кадом сӯ рафт? Зудтар роҳро ба ман нишон деҳ!

— Мана ба ин тараф рафт... Андак сабр кун... Ман ҳам бо ҳамроҳии ту рафта роҳро нишон медиҳам.



Овози иш-иш гуфтан ва фарьёдҳо шунида шуд.

— Раҳмат, раҳмат. Маълум мешавад, ки ту одами нағзе мебошӣ. Аммо аввал ба назарам чандон хуб нанамуда будӣ. Гумон намекунам, ки фариштаҳои дигар ҳам ту барин раҳмдил бошанд... Шояд ту ҳам савора рафтанро мехоҳӣ? Пас, ба харе ки ман барои вай оварда будам, савор шав. Ё балки бо қадамҳои муборакн худ бадани ин хачирро ки ман савор шудаӣ ҳастам, табаррук кардан мехоҳӣ? Маро хуб фиреб додаанд. Ин сабил ба як пул ҳам намеарзад!

— Не, худат ба хачир савор шуда харро ҳам аз паси худ бурдан гир! Ман пиёда меравам. Ба поҳои худам дилпуриам зиёдтар аст.

— Ин тавр бошад, ту ҷилави ин ҷонвари худро нигоҳ дор, то ки ман як навъ карда, ба ҷонам қасд ҳам бошад, ба ин ҷонвари калон савор шуда гирам.



Короли даступобаста.

Баъд аз овози иш... иш..., фарьёдҳо, ҳуштакка-шиданҳо, қамчинзаниҳо, дашном додан, суханони талх гуфтан шунида шуд, баъд аз ин гӯё ки хачир як қадар ором шуда ба соҳибаш тан дод. Чунки ин занозанӣ ва талотӯб ором шуд.

Короли даступобаста б як ғусса ва андӯҳи беан-доза ба дур шудани овози қадамҳо ва гапзаниҳо гӯш медод. Акнун ҳама умедвориҳои вай ба наҷот ёфтан маҳв шуд ва як ноумедии хафакунандае та-моми ҳастиашро печонида гирифта буд.

— Ягона дӯсти маро бо фиреб ва найранг аз ин ҷо бурданд...—мегуфт ӯ худ ба худ.—Акнун пирамард баргашта ва маро...

Ӯ суханашро тамом накарда боз дар ҷои хоб даступо зад, ин бор пӯсти гӯсфанд аз болояш ба замин афтод ва овози кушода шудани дар ба гӯшаш расид; як хунукии шиддатноке тамоми баданашро фаро гирифта то ба устухонҳояш таъсир кард, ба назараш чунон менамуд, ки гӯё кордеро ба гулӯяш фурӯ бурдаанд. Ӯ бо як тарс ва воҳимаи зиёде чашмонашро пӯшида боз кушод,—Ҷон Кенти ва Гуго дар рӯ ба рӯяш истода буданд.

Агар даҳонаш бастагӣ намебуд, албатта „ба худо шукр" гуфта фарьёд мекашид.

Баъд аз як дақиқа даступои король кушода шуд ва дуздандагони вай аз ду бағалаш гирифта ба қадре ки имкон доштанд, ба тезӣ ӯро ба тарафи ҷангал кашола карда бурданд.

*Боби бисту дуюм*

## ҚУРБОНИ ХИЁНАТКОРӢ

Боз дарбадарӣ ва саргардониҳои короли Фу-Фуи аввал сар шуд, ӯ боз ба даруни мардумони сарсарӣ ва мурдор афтод, боз ба ҳақоратҳои бешармона, ба ҳазилҳои бемаза ва бозиҳои шуми Ҷон Кенти ва Гуго тоқат кардан лозим меомад. Дар байни онҳо ӯ ба ғайр аз Ҷон Кенти ва Гуго душмани дигаре надошт. Баъзеҳо ҳатто вайро дӯст дошта аз ҷасорат ва нотарсиҳояш хушҳол мешуданд, ба ақл ва фаросаташ ҳайрон мемонданд. Гуго дар байни ду-се рӯзе ки король ба посбонии ӯ супурда шуда буд, пинҳонӣ ҳар коре ки аз дасташ меомад, дар ҳаққи ӯ

мекард ва ба ҳар навъе ки метавонист, ӯро озор медод; ва шабона дар вақти базм ва бемазагиҳои худашон ҳаргуна мурдоркориҳо карда корольро озор медод ва гӯё ки ҳамаи ин корҳоро тасодуфан ва нохост мекард. Ҳатто ду бор пои корольро ҳам гӯё ки нафаҳмида зер кард. Ва король чунон ки ба дараҷаи шоҳонаи ӯ сазовор буд, ба ин парво накарда, аҳамият надод, аммо ҳамин ки Гуго ин кори худашро бори сеюм такрор кард, король бо зарби чӯбе ӯро ба замин андохт ва ҳамаи шайка аз ин кори вай завқ бурда хурсанд шуданд. Гуго аз шиддати ғазаб ва шармандагӣ худашро гум карда тохта аз ҷояш хест ва хашмгинона ба душмани худ ҳуҷум кард. Ҳама дарҳол атрофи инҳоро гирифта ҳалқа заданд, ҳой баракалло гуфта фарьёд мекарданд. Инҳо ҳам тамоми зӯри худашонро сарф карда меҷангиданд. Лекин бахти Гугои бечора ёрӣ накард. Дасте ки аз устодони бузурги шамшербозии Европа таълим дида буд, зарбаҳои хашмгинона ва ночаспони ӯро мегардонд. Короли ҷавон дар миёна бепарво ва ором истода ба ҳар як ҳаракати душмани худ бо диққат нигоҳ мекард ва зарбаҳоеро, ки мисли жола ба болояш мебориданд, чунон ба осонӣ ва устогӣ мегардонд, ки тамошобинон аз ҳайронӣ даҳони худро мекушоданд; ҳар боре ки назари таҷрибадидаи вай ғафлат ва беэҳтиётии душмани худро пай мебурд, вай бо чобукӣ ва чаққонии раъд ба сари Гуго зарбаҳои худро мефуровард, фарьёдҳои боракалло ва офарин ба тӯфони овозҳо мубаддал мешуданд. Баъд аз чорьяки соат Гуго шаллоқи зиёде хӯрда ва танаш аз зарби чӯбҳо кап-кабуд шуда дар таҳти ханда ва масхараҳои тамошобинон аз майдони мубориза гурехт ва ғолибро, ки ба ҳеҷ ҷояш зараре нарасида буд, тамошобинон бо хандаҳои баланд ба болои кифтҳои

худ бардошта бурда дар пеши сардор, дар пешгоҳ шинониданд ва ба ҳамин муносибат ба вай „Короли хурӯсҳои ҷангӣ“ ном доданд. Ӯро бо лақаби пештарааш номидан манъ шуда эълон карда шуд, ки ҳар кас пас аз ин ӯро бо он ном биномад, аз тӯда ронда хоҳад шуд.



Бахти Гуго ёрӣ накард.

Хеле кӯшиш мекарданд, ки король ба ин тӯда фоидае расонад, аммо ҳамаи ин кӯшишҳо бемуваффақият мебаромад. Ӯ ба кор кардан асло гардан намефуровард ва ҳамеша саъй мекард, ки гурехта худро аз дасти онҳо халос намояд. Рӯзи аввал ӯро тела дода ба даруни як ошхонаи бесоҳиб андохтанд,

ӯ на ин ки чизеро надуздид, балки хост, ки соҳиби ошхонаро чеғ зада аз мақсади ҳамроҳони худ хабардор намояд. Ӯро ба ихтиёри мисгар ба шогирдӣ доданд, ӯ на ин ки ба вай ёрӣ надод, балки дастаи кафширкуниро ба сари ӯ баланд карда бо задан таҳдид намуд. Ниҳоят ҳам мисгар ва ҳам Гуго кӯшишашон фақат аз ҳамин иборат буд, ки хабардор шуда ӯро нагурезонанд. Ҳар касеро, ки ба озодиаш монеъ мешуд, ба ғазаби шоҳонаи худ гирифтор мекард. Ӯро ба як бачаи бемори гадо ҳамроҳ карда дар таҳти посбонии Гуго ба гадоӣ кардан фиристоданд, ӯ на барои худ ва на барои касони дигаре як тин ҳам напурсид.

Якчанд рӯз ба ҳамин аҳвол гузашт; бори фалокат ва озорҳои ин зиндагонии сарсарона, пастиҳо ва разолатҳои онро кашидан ба бандӣ ва асири ҷавон то рафт душвортар мешуд ва ӯ ҳис мекард, ки аз корди пирамард халос шудан марги ӯро муваққатан ақиб андохтааст.

Аммо шабҳо дар хоб тамоми инҳоро фаромӯш карда боз ба тахти королӣ менишаст. Лекин бедор шудан аз ин хобҳои ширин хеле талх ва ногувор буд! Аз бозе ки ӯро гирифтор карда буданд, то рӯзи ҷанги тан ба тани ӯ бо Гуго, вазнинии зиндагонии разилонааш то рафт зиёдтар шуда ба он тоқат кардан ҳам рӯз ба рӯз сахттар мешуд.

Фардои рӯзи ҷанги тан ба тан, Гуго дар ҳолате аз хоб бедор шуд, ки нисбат ба душмани худ оташи ғазабаш бениҳоят даргирифта буд. Ӯ дар ҳаққи король ҳаргуна ҳила ва фасодҳоро фикр карда мебаровард. Ӯ ду план тайёр карда буд: плани якӯм аз ҳамин иборат буд, ки ба қадри имкон сахттар писаракро ранҷонад ва „шаъни шоҳонаи" ӯро таҳқир бикунад ва агар бо ин план ба орзуи худаш ноил

нашавад,—ягон ҷиноятеро ба гардани король андозад ва баъд ӯро дошта ба дасти ҳукуматдорон бидиҳад.

Аз рӯи плани якӯми худ ӯ фикр кард, ки дар пои король захми сохтае ба вуҷуд биёварад, медонист, ки ин кор ба шаън ва шарафи король аз ҳама корҳои дигар дида сахттар мерасад; ӯ хаёл карда буд, ки баъд аз он ки дар пои король захми сохта ба вуҷуд оварда шуд, бо ҳамроҳии Кенти ӯро маҷбур кардан мумкин аст, ки дар сари роҳ нишаста, захми худро нишон дода, аз роҳгузарон барои муолиҷаи он садақа талаб кунад. Барои пайдо кардани захмҳои сохта онҳо ҳилаи махсусе доштанд: одатан аз оҳаки нав, аз собун ва занги оҳан як хамир тайёр карда онро ба болои тасма молида, он тасмаро ба пой маҳкам мебастанд, бо таъсири ин хамир пӯсти бадан ба зудӣ мерафт ва гӯштҳо дар ҳолати хеле бад ба назар намоён мешуданд; баъд ба ҳамин ҷо як қадар хун мемолиданд, хун хушк ва сиёҳ шуда ба захм манзараи нафратангезе медод. Баъд аз ин захмро бо латтаҳои ифлос чунон мебастанд, ки аз як тарафи он захми бад намоён шуда истода, дар назари бинандагон тараҳҳум ва дилсӯзӣ ба вуҷуд биёварад.

Гуго дар ин хусус бо мисгар гапро дар як ҷо монд, ин мисгар ҳамон одам буд, ки король бо дастаи кафширкунӣ ба сараш зада буд; инҳо ҳар ду як шуда бо баҳонаи кор фармудан писаракро ба дашт бурданд ва дар он ҷо дукаса шуда ӯро ба замин афтониданд. Мисгар дастони корольро нигоҳ дошт ва Гуго хамири тайёр кардагиашро сахт ба пои король баст.

Король аз шиддати ғазаб девона барин шуда онҳоро дашном медод, „агар ба тахти королии худам баргардам, ҳар дуятонро ҳам ба дор меовезонам"

гуфта таҳдид мекард, метарсонд; аммо онҳо даступои ӯро сахт нигоҳ дошта бекувватӣ ва нотавонӣ ва таҳдидҳои ӯро масхара карда, қоҳ-қоҳ механдиданд. Дар ин байн хамире ки ба пои король гузошта шуда буд, кори худро карда пӯсти бадани ӯро мехӯрд, агар боз андак фурсат меёфтанд ва ба корашон халал намерасид, онҳо плани худро то охир баҷо меоварданд.

Аммо дар ин вакт „ғулом“, ҳамон марди сарсарие ки бо оташинии тамом аз қонунҳои Англия шикоят мекард, пайдо шуд. Ӯ бо як зарба ин рафтори бадкоронро тамом кард ва хамири ба пои король басташударо канда партофт.

Король хост, ки аз дасти наҷотдиҳандаи худ калтакро гирифта, дар ҳамон ҷо душманони худро ба ҷазои сазояшон расонад; аммо ӯ ба ин кор монеъ шуда намонд, ки ҷанҷол ва талотӯб шавад ва маслиҳат дод, ки ин кор то шаб, яъне то ғун шудани аҳли шайка мавкуф монда шавад, чунки дар он вакт ҳеҷ як одами бегона ба кор мудохила карда наметавонад. Ҳамаи онҳо дар як ҷо боз ба лагери худ баргаштанд ва дар бораи ин ҳодиса ба сардори шайка хабар доданд; сардор ба гапи онҳо гӯш карда, андак фикр намуд ва гуфт, ки корольро ба гадоӣ маҷбур кардан даркор нест, чунки, аз рафти кор, ба ягон вазифаи беҳтар ва олитаре лаёқат дорад ва дар худи ҳамон ҷо ӯро аз қатори гадойҳо бароварда ба дараҷаи дуздон гузаронд.

Гуго аз хурсандӣ худашро гум карда буд; ӯ чандин борҳо хоста буд, ки корольро ба дуздӣ маҷбур кунад, аммо ин кӯшишҳояш бенатиҷа баромада буданд; аммо акнун ҳеҷ як монеъ ва душворӣ намешавад, гуфта фикр мекард, чунки писарак ҳаргиз аз фармони сардори шайка баромада наметавонад. Ӯ

фикр кард, ки ҳамон рӯз ягон duзди карда онро ба гардани король партофта ӯро ба даст афтонад; ӯ мехост ин мақсади худро чунон ҳунарманд на ба вуҷуд биёварад, ки гӯё тасодуфан ҳамин тавр шуда бошад, чунки „Короли хурӯси ҷанги"-ро акнун ҳамаи аҳли шайка нағз медиданд ва агар Гуго, аҳли шайка ба вай чандон муҳаббат надоштанд, чунин хиёнаткориро карда дӯсти онҳоро ба дасти душманашон, яъне қонун супорад, бо вай хеле рафтори бад карданашон маълум буд.

Бо ҳамин мақсад, Гуго қурбонии худашро ба як қишлоқи ҳамсоя бурд; ҳар дуи онҳо оҳиста-оҳиста аз кӯчаҳо мегаштанд. Яке аз онҳо (Гуго) бо эҳтиёт ба атроф нигоҳ карда фурсати мувофиқ мекофт, ки нияти бади худашро ба вуҷуд биёварад, дигаре (король) ба ҳар тараф нигоҳ карда фурсат мекофт, ки чашми посбони худро хато карда бигурезад ва ба таври ҳамешагӣ аз ин бандагии шармовар халос шавад.

Ҳар дуяшон ҳам фурсати мувофиқ меёфтанд, аммо ҳеҷ кадоми аз онон истифода намекард, чунки ин бор мақсади худро аз таги дили худ иҷро карданӣ набуданд; ҳеҷ яки аз онҳо намехост, ки то ба муваффақияти худ дилпурӣ надошта бошад, ба кор сар накунад.

Кори Гуго пештар омад кард. Аз рӯ ба рӯи онон зане намудор шуд, ки ба дасташ як сабади пурбор дошт. Чашмони Гуго аз шодӣ дурахшиданд ва ӯ худ ба худ гуфт:

„Садқаи одам шавам, ки агар ман ин балоро ба сари вай наафтонам. Акнун худо ба ту ёр шавад, эй короли хурӯсҳои ҷангӣ!"

Ӯ зоҳиран хеле ором истода мунтазир буд, аммо даруни дилаш хеле дар ташвиш ва изтироб буда, ба

наздик шудани занак чашм духта буд; вақте ки занак ба рӯ ба рӯяшон омад, ӯ оҳиста гуфт:

— Ту дар ҳамин ҷо бош, ман ҳозир гашта меоям!—ва оҳиста ба занак наздик шуд.



Ту дар хамин чо бош, ман хозир гашта меоям.

Дили король аз хурсандӣ пур шуд, агар акнун Гуго дуртар равад, гурехтан мумкин аст—гуфта фикр мекард.

Аммо ин умедвории ӯ натиҷа надод. Гуго оҳиста аз ақиб ба занак наздик шуда аз сабади ӯ бухчаеро бардошта ба латтакӯҳнае ки дар дасташ буд, печонда тохта ба ҷои аввалааш баргашт. Занак доду

фарьёд бардошт: ӯ чигуна гум шудани бухчаро на-дида буд, аммо дарҳол, бинобар сабуктар шудани бори сабадаш, гум шудани чизеро фаҳмид. Гуго аз роҳаш наистода бухчаро ба дасти король дода ху-даш гурехт.

— Акнун аз паси ман давида,—гуфт ӯ,—дуздро доред, гӯён фарьёд кун. Хабардор бош, ки онҳо ба ту расида натавонанд!

Баъд аз дақиқае Гуго аз назар ғоиб шуда, аз кӯчаҳои качу килеби қишлоқ бо тамоми қувваащ да-вида мерафт, аммо баъд аз якчанд дақиқа дар пеши назари мардумон, мисли як одами бегуноҳ, пайдо шуда дар паси сутуне истод ва ба маъракае ки сар шуда буд, нигоҳ мекард.

Короли таҳқирдида бухчаро ба замин ҳаво дод ва ҳамон дам ки занак ба вай наздик шуд, латта кушода шуда бухча намоён шуд; аз паси занак як тӯда мардум давон-давон меомаданд, занак бо як даст король ва бо дасти дигар бухчаи худро ги-рифта онро ба ҳаво баланд бардошта писаракро ба дашном додан сар кард, писарак мехост худро аз дасти вай раҳо кунад, аммо мумкин нашуд.

Гуго бо завқи зиёде, ба даст афтодани душмани худро тамошо мекард, ӯ ба тарафи лагерь раҳсипор шуд, хандакунон, шодикунон медавид ва фикр ме-кард, ки ин бозии худро чи навъ карда ба онҳо фаҳмонад, ки ба дурустиаш бовар кунанд.

Король дар ин вақт бо кӯшиши тамом мехост аз дастҳои пурзӯр халос шавад ва бо ҳаяҷон фарьёд мекард:

— Эй зани аҳмақ, маро сар деҳ! Мегӯям, ки ман дузд нестам. Ин латтакӯҳнаҳои ту ба ман чӣ дар-корӣ доранд?

Халоиқ атрофи онҳоро иҳота карда корольро

дашном дода таҳдид мекарданд; оҳангари пире ки остинҳояш барзада ва аз гардани худ пешгираки чармини дудолудеро овехта буд, мегуфт ки дуздро ҷазо додан лозим аст, то ба мардум ибрат шавад, аммо дар ин замон шамшери барқзанандае дар ҳаво ҷавлон кард ва ақибнокӣ ба болои дасти оҳангар афтод. Соҳиби шамшер бо як оҳанги дӯстона ва меҳрубононае гуфт:

— Сабр кунед, эй мардумони боинсоф, бо роҳи сулҳ ва оштӣ рафтор кардан аз ҳаракатҳои дағал ва дашном беҳтар аст. Таҳқиқ кардани ин воқеа кори мо набуда кори қонун аст! Эй зани меҳрубон, сар деҳ ин писаракро!

Оҳангар аз таги чашм ба ин ҷанговари хушқомат назаре андохта ғур-ғуркунон ва дасти зарбхӯрдаи худро молида-молида ба як сӯ рафт; занак ҳам хоҳ нохоҳ дасти корольро сар дод; тамошобинон ба ин марди ношинос кач-кач нигоҳ мекарданд, аммо аз рӯи эҳтиёт хомӯш истода чизе намегуфтанд. Король худро ба тарафи наҷотдиҳандааш ҳаво дод, рӯяш суп-сурх шуда ва чашмонаш барқ мезаданд.

— Эй ҷаноб Майлс, ту ин қадар вақт боз куҷо будӣ! Аммо ҳар чи ки боз дар вақташ омадӣ, ба ту амр медиҳам, ки бо шамшерат ин тӯдаи бадкоронро пора-пора кунӣ!

*Боби бисту сеюм*

## КОРОЛЬ МАҲБУС

Гендон табассуми худро базӯр нигоҳ дошта ба тарафи король хам шуд ва оҳиста ба гӯши ӯ гуфт:

— Хомӯш, хомӯш, шаҳзодаи ман, гапҳои зиёдатиро аз даҳон набарор, беҳтар ин аст, ки забонатро тамоман нигоҳ дорӣ. Ин корро ба ихтиёри ман бигузор, ҳамааш дуруст шуда меравад.



Король худро ба тарафи пачотдихандааш хаво дод.

Баъд аз ин худ ба худ фикр кард:

„Худоё, ман ба мансаби чаноб расидани худамро тамоман фаромӯш карда будам. Ин хаёлотҳои беақлона ва ачиб чи навъ дар хотири ин то ин андоза

мустаҳкам мемонанд? Ҳарчанд ин лақаб як номи хушку холӣ ҳам бошад, аммо хурсандам, ки дар назари ӯ ба ин сазовор ва лоиқ шудаам. Дар салтанати хаёлӣ ва мавҳуми ин бача ба лақаби ҷанговарӣ ва ҷанобӣ ноил гардидан аз графҳои ҳақиқии мамлакати мо, ки бо ҳазорон хорӣ ва пастӣ ба даст даровардa мешавад, ҳазорон бор хубтар аст".



Хомуш, дӯстам.

Халоиқ аз ҳам ҷудо шуда ба полиция роҳ доданд; полиция омада дасти худро ба кифти король гузошт. Аммо Гендон ба вай гуфт:

— Хомӯш, дӯстам, дастатро бардор! Ӯ хомӯшона ва итоаткорона ба ҳар ҷо ки хоҳӣ меравад, ман ба вай кафил мешавам. Ту пеш-пеш рав ва ӯ аз ақиб меояд.

Полиция пеш-пеш бо занак, ки сабадашро ба даст гирифта буд, мерафт; Майлс ва король аз ақиб мерафтанд, аз паси онон тӯдаи халоиқ меомаданд. Король хост, ки истодагарӣ кунад, аммо Майлс оҳиста ба вай гуфт:

— Эй король, фикр кун, тамоми ин ҳукумат бо қонунҳои ту барпо ва барқарор аст; агар касе ки худаш қонун мебарорад, ба он итоат ва ҳурмат накунад, чигуна аз дигарон талаб карда метавонад, ки ба қонунҳояш итоат кунанд? Маълум мешавад, ки яке аз ин қонунҳо вайрон карда шудааст; зарар надорад, замоне ки король боз дубора ба тахт баромада нишаст, шубҳае нест, ки ӯ имрӯзро ба хотир хоҳад овард, ки дар вақти ба ҳоли як гражданини муқаррарӣ буданаш, ба дараҷаи олии шоҳонаи худ нигоҳ накарда, мисли як фуқарои муқаррарӣ, ба қонунҳои мамлакат итоат карда буд.

— Рост мегӯӣ, дигар як даҳон ҳам гап намезанам. Ту хоҳӣ дид, ки короли Англия, ки ҷилави қонунро ба гардани фуқароҳои худ меандозад, худаш ҳам вақте ки дар ҳолати як фуқаро буд, ба таги ҳамон ҷилав рафта ба ҳамон қонунҳо итоат кард.

Дар ҳузури суд занак қасам хӯрда даъво кард, ки ин маҳбуси ҷавон ҳамон дузде аст, ки бухчаи ӯро гирифтааст, ҳеҷ кас суханони ӯро рад карда натавонист ва ҳама нишонаҳо, гӯё ки дузд будани корольро собит мекарданд. Бухчаро кушоданд, дар даруни он як хукбачаи фарбеҳ ва равғанине будааст, судья ҳайрон шуд ва ранги рӯи Гендон парида

бадағаш ба ларза афтод; фақат король, бинобар бехабарии худ, ором истода буд.

Судья, аз ноомади кор, бо сустӣ кор мекард, баъд аз андак вақт ӯ аз занак пурсид:

—Нархи ин чизи ту чанд аст?

Зан таъзим карда гуфт:

— Ба ҳазратам арз кунам, ки се шиллинг ва ҳашт пенс! Ин нархи арзони хукбача аст, як тин ҳам кам карда наметавонам.

Судья одамонро аз назар гузаронида, баъд ба полиция ҳукм кард:

— Хонаро холӣ карда, одамонро бароварда, дарҳоро маҳкам кун!

Фармон дарҳол ичро шуд.

Дар хонаи суд фақат ду нафар полиция, даъвогар, гунаҳгор ва Майлс Гендон монданд. Ранги рӯи Майлс парида худаш беҳаракат истода ва дар пешонааш донаҳои араки хунук пайдо шуда ба рӯяш равон буданд. Судья боз ба занак мурочиат намуда, бо меҳрубонӣ гуфт:

— Ин бачаи бечораи нодон эҳтимол ки гурусна бошад, чунки ҳозир зиндагонӣ кардан барои ин хел камбағалон душвор шудааст; ба аҳволи ӯ назар кун; рӯи ӯ ҳаргиз бадтинат буданашро нишон намедиҳад, аммо шояд ки аз гуруснагӣ ин корро карда бошад... Эй зани меҳрубон, оё медонӣ, ки аз рӯи қонун ба дуздие ки арзишаш аз сездаҳ пенс зиёд бошад, ҳукми ба дор овехтан лозим аст?[1]

Короли хурд аз ҳайронӣ чашмонашро калон кушод, вале худро нигоҳ дошта ором монд. Аммо занак дар

[1] „Сарсариёни Англис"—ном як китоби қадима менависад, ки барои дуздидани чизҳое ки нархашон аз сездаҳу ним пенс зиёдтар буд, ҳукми куш дода мешуд.

ҳолате ки аз тарс дарақ-дарақ меларзид, аз ҷояш хеста гуфт:

— Худоё худовандо, ин чӣ кор буд, ки ман кардам? Ман ҳаргиз намехостам, ки ба туфайли ман ин бачаи бечора ба дор овехта шавад! Оҳ, эй ҷаноби олидараҷа, маро аз ин хавфи ноҳақ халос кунед. Илоҷ ва чорае ба ман нишон диҳед...



Зан аз ҷояш хеста гуфт...

Судья бо як викор ва оромие, ки шоистаи судьяхост, ба таври содда гуфт:

— Шубҳа нест, пеш аз он ки нархи мол ба қарор навишта нашудааст, нархи онро фуровварда кам кардан мумкин аст...

— Ба ҳурмати худо, нависед, ки нархи хукбача фақат ҳашт пенс аст! Ба худо шукр, ки маро аз рехта шудани ин хуни ноҳақ халос кард!

Майлс Гендон аз шиддати шодӣ ва хурсандии худаш тамоми одоб ва қоидаҳои шоҳонаро фаромӯш кард, корольро ба оғӯш кашида бӯса карду бо ин кори худ ӯро ҳайрон намуд. Занак ташаккур карда хукбачаи худро бардошта рафт, полиция ҳам дарро кушода аз паси он зан берун баромад, судья ҳам тамоми ин воқеаро ба қарор менавишт. Гендон хост, ки сабаби ба берун баромадани полицияро бидонад ва аз паси ӯ оҳиста ба долони торик баромада шунид, ки полиция ба занак мегӯяд:

— Хукбачаи бӯрдоқии нағзакак будааст. Ман онро аз ту мехарам, мана, гир ин ҳашт пенсро!

— Ҳашт пенс? Дилатон дигар чиз намехоҳад-мӣ? Ман худам онро ба се шиллингу ҳашт пенс пули нақди Англия харидаам, ва аз дасти Генрихи[1] дина мурдагӣ базӯр пинҳон карда нигоҳ дошта будам. Ту ба ҳашт пенси худат об харида хӯр!

— Оҳо, ҳоли ҳамин тавр-мӣ? Охир ту-ку қасам хӯрда нархи хукбачаи худатро ҳашт пенс гуфтӣ. Пас, маълум мешавад, ки ту қасами бардурӯғ хӯрдай. Акнун ба пеши суд даромада ба ин ҷинояти худат ҷавобгар шав!.. Писаракро ҳам албатта ба дор меовезанд.

— Хайр, хайр, биё, ин корро мон, ман розӣ ҳастам, ҳашт пенсро дода хукбачаро гир, аммо ин гапро ба касе нагӯй!

Занак гирьякунон монда рафт. Гендон ба хонаи судья баргашт, аз паси вай полиция ҳам хукбачаро дар ҷое пинҳон карда ба ҳузури суд даромад. Суд

[1] Генрихи VIII-ро мегӯянд, ки ӯ андозҳои зиёде аз мардум мегирифт.

баъд аз даромадани инҳо ҳам як муддат дар навиштани қарор давом кард. Баъд ба король нигоҳ карда як вазъи падарона ва муҳаббатомезонае гуфта, ӯро дар зиндони умумӣ ба як муддати кӯтоҳе ба ҳабс ва баъд аз он ба шаллоқ задан дар ҳузури халоиқ маҳкум намуд. Король ҳайрон шуда даҳони худро кушод, вай яқин мехост фармон бидиҳад, ки судьяи одилро дар ҳамон ҷо сар бибуранд, аммо Гендон бо ишорае ба вай фаҳмонд, ки гап задан дуруст нест ва аз ин бадбахтӣ пешгирӣ намуд. Гендон дасти ӯро гирифта ба суд таъзим кард ва ҳар дуяшон дар таҳти назорати полиция ба тарафи тюрьма равона шуданд. Аммо ҳамин ки аз хона баромаданд, король хашмгин шуда аз дасти Гендон раҳо кард ва фарьёд кашида гуфт:

— Эй аҳмақ, наход ту фикр мекунӣ, ки ман зинда ба зинда ба зиндони умумӣ хоҳам рафт?

Гендон ба тарафи ӯ хам шуда бо як оҳанги сахте гуфт:

— Ту ба гапи ман бовар мекунӣ ё не? Хомӯш бош ва бо нутқҳои хавфноки худ корро вайрон накун! Ҳар чи ки хости худо бошад, ҳамон мешавад, аз дасти ту дар муқобили тақдир ҳеҷ кор намеояд, онро дигаргун карда наметавонӣ: бардошт кун, ҳар чи дар тақдирамон бошад, мебинем, он вақт, агар шодӣ карданӣ шудем, шодӣ мекунем ва агар хафа шуданӣ бошем, хафа мешавем!

*Боби бисту чорӯм*

## ГУРЕХТАН

Рӯзи кӯтоҳи зимистон ба охир расида кӯчаҳо холӣ шуда буд, фақат гоҳ-гоҳе раҳгузарон дида мешуданд, ки бо шитоб қадам мезаданд, маълум буд, ки корҳои худро ба тезӣ буд карда аз ҷанги боди

беамон ва зулмати бепоёни шаб ба хонаҳои гарм ва чароғони худ, паноҳ бурдан мехостанд. Онҳо ба пасу пеши худ нигоҳ накарда ба мусофирони мо аҳамият намедоданд, ҳатто, гӯё, ки инҳоро ҳеҷ намедиданд. Эдуарди Шашӯм худ аз худ мепурсид, ки оё ҳамин тавр кор шудааст, ки фуқарои мамлакат аз пеши короли худ, ки ба зиндон рафта истодааст, бо ин қадар бепарвой гузашта равад?

Ниҳоят ин се нафар ба майдони тамоман холии бозор расиданд. Полиция онҳоро аз миёни бозор гузаронида бурданӣ шуд, ки дар он ҷо ҳеҷ кас набуд. Ҳамин ки ба миёни бозор расиданд, Гендон дасти худро ба кифти полиция монда гӯшакӣ гуфт:

— Эй ҷаноб, як дақиқа бардошт кун! Ин ҷо касе моро намебинад ва гапамонро намешунавад. Ман ба ту як-ду даҳон гап дорам.

— Вазифаи мэн ин аст, ки туро аз гап задан бо худ манъ кунам. Маро овора накун, шаб шуда истодааст.

— Ҳар чи ҳам бошад, бардошт кун, чунки ин кор хеле ба ту дахлнок аст. Ягон дақиқа рӯятро ба ман гардонида чунон ист, ки гӯё чизеро намебинӣ: б и г у з о р  б а ч а и  б е ч о р а  г у р е х т а  р а в а д!

— Эй ҷаноб, ин чӣ гап аст, ки ба ман мегӯӣ? Ман дарҳол мувофиқи қонун туро ҳабс мекунам...

— Исто, бетоқатӣ накун! Бетоқатӣ ҳеҷ вақт натиҷаи нағз намедиҳад!

Гендон овози худро паст карда ба гӯши полиция гуфт:

— Хукбачае ки ба ҳашт пенс харидӣ, саратро хӯрда метавонад!

Полицияи бечора, ки дар ҷои баде ба даст афтода буд, аввал чӣ гуфтанашро надониста монд ва баъд ба тарсондан ва дашном додан сар кард; аммо Ген-

дон бо оромӣ ва шитоб накарда ба сокит шудани ӯ мунтазир истода, баъд гуфт:

— Ту ба ман маъқул шудай ва ман намехоҳам, ки ба сари ту фалокате биёяд. Бидон ки ман ҳамаи гуфтугӯи туро бо он занак шунидаам. Ман ҳозир инро ба ту исбот мекунам.

Ва ӯ тамоми сӯҳбати занак ва полицияро, ки дар долони торики судья шуда буд, такрор карда илова намуд:



Хукбача саратро хӯрда метавонад!

— Хуб, магар ҳамин тавр набуд? Магар ман хоста бошам, дар ҳузури суд шоҳид шуда наметавонам?

Дар дақиқаи аввал полиция аз тарс гаранг ва мот шуда монд, баъд худашро даст гирифта бо як лоқайдии сохтае гуфт:

— Ту аз магас фил сохтанӣ мешавӣ; ман фақат барои шӯхӣ он занакро тарсонданӣ шуда будам.

— Хукбачаро ҳам барои шӯхӣ гирифта пинҳон кардӣ?

Полиция бо шитоб гуфт:

— Албатта, ҷаноби мӯҳтарам, ба ту мегӯям, ки аз рӯи шӯхӣ!

Гендон ба гап сар кард, аммо маълум набуд, ки шӯхӣ мекунад ва ё ҷиддӣ гап мезанад; ӯ гуфт:

— Ман ба гапи ту бовар мекунам... Аммо ту андак дар ин ҷо ист, ман тохта рафта аз ҷаноби судья пурсида меоям, чунки ӯ одами кордон ва таҷрибанок аст, ҳам қонунро, ҳам ҳазилу мазоқро медонад ва ҳам...

Ӯ баргашту рафтанӣ шуд ва давоми суханашро ҳам рафта истода мегуфт. Полиция қадамашро қадре суст карда истод ва чанд дашном дода ӯро чеғ зад ва гуфт:

— Эй ҷаноб, як қадар бардошт кун! Ту, аз судья пурсиданӣ мешавӣ? Ӯ ҳазил ва шӯхиро намефаҳмидагӣ як лаванд аст! Биё ин ҷо, беҳтар аст, ки худамон гап занем. Аҷаб коре шуд! Маълум мешавад, ки ман барои як шӯхии бемаънӣ ба бало афтода мондаам! Ман одами хонадор ҳастам, зану фарзанд, хонаву ҷой дорам... Худат инсоф карда мулоҳиза кун, гӯй канӣ, аз ман чӣ мехоҳӣ?

Гендон мисли ин ки як масъалаи беаҳамиятеро талаб мекарда бошад, гуфт:

— Ман фақат инро мехоҳам, ки ту андак кӯр ва кар шуда то шумурдани сад, дар ҳамин ҷо наҷумбида биистӣ!

Полиция ба ташвиш афтода гуфт:

— Охир, хонаи ман месӯзад-ку! Худат инсоф кун, эй ҷаноби мӯҳтарам! Охир, худат медонӣ, ки ин ко-

ри ман ба ғайр аз ҳазил ва шӯхӣ чизи дигаре набуд. Агар ин гап рост ҳам бошад, ҷазои ман як сарзаниш ва мазаммати судья хоҳад буд. Ӯ ба ман як виговор дода, баъд аз он ин корҳоро накарданамро таъкид хоҳад кард.

— Магар ин ҳазил аст?—гуфт Гендон бо як бепарвоии дабдабадоре,—оё ту медонӣ, ки ҳазили ту дар қонун чӣ ном дорад?

— Ман ин қадарашро намедонистам, шояд ки беэҳтиётӣ карда бошам. Дар қонун номи махсус доштани ин кор ҳам асло ба хотирам ҳам наомада буд... Хаёл мекардам, ки ин шӯхиро якӯмин бор худам сар мекунам.

— Ҳо, ин номи махсус дорад. Дар қонун инро non compos mentis lex talionis sic transit gloria mundi[1] меноманд.

— Худоё!

— Ва ҷазои ин куштан аст!

— Эй худо, худат нигоҳ дор!

— Аз мансаби худ истифода карда, ту моли мардумро бо зӯр бо нархи хеле арзон ба даст даровардӣ. Чизеро, ки зиёда аз сездаҳуним пенс арзиш дошт, ту ба ҳашт пенс аз дасти ӯ гирифтӣ, ин кор дар назари қонун беинсофӣ, номардӣ, хиёнат ва аз мансаб фоидабардор шудан аст ва ҷазои ин гуноҳ ба дор овехтан буда, ҳеҷ тавба, кафолат ва восита ба кор намеояд.

— Эй ҷаноб, ин тавр ки бошад ба ҳоли ман раҳм кун, маро аз марг халосӣ деҳ, зарар надорад, ман пуштамро ба шумоён гардонда чунон меистам, ки гӯё ҳеҷ чизро намебинам.

---

[1] Дар ин ҷо Гендон, барои тарсонидани полиция, як тӯда суханони бемаънои лотиниро қатор карда гуфтааст.

— Бисьёр хуб, ниҳоят ақлат ба сарат даромад. Хукбачаро ба он занак гардонда медиҳӣ ё не?

— Медиҳам, албатта занакро ёфта молашро гардонда медиҳам ва баъд аз ин ҳеҷ вақт ба моли ҳеҷ кас, агар фариштаҳо аз осмон ҳам оварда бошанд, даст дароз намекунам. Рав, ба хотири ту ҳар ду чашмони ман ҳам кӯр мешавад, ана ман ҳеҷ чизро намебинам, зуд бошед, равед. Ман рафта мегӯям, ки ту писаракро аз дасти ман кашола карда гирифтӣ. Дарвозаи зиндон кӯҳна ва пӯсидааст, шабона онро худам канда вайрон мекунам.

— Шикастан гир, аз ин ҳеҷ зараре намешавад. Худи судья ҳам ба ҳоли ин писарак тараҳҳум кард. Барои гурехтани ин бача ҳаргиз хафа шуда зиндонбонҳоро маҳбус ва бандӣ нахоҳад кард.

*Боби бисту панҷум*

# АРКИ ГЕНДОН

Ҳамин ки полиция андак дур рафта буд, Гендон аз аълоҳазрати король илтимос кард, ки ба беруни шаҳр рафта то омадани ӯ мунтазир биистад, то ин ки ӯ рафта дар ошхона ҳисобии худашро баробар карда биёяд. Баъд аз ним соат ҳар ду рафиқ шоду хуррам асп давонда ба тарафи шарқӣ нигоҳ карда мерафтанд. Акнун сару тани король дуруст шуда, баданаш гарм шуда буд, чунки либосҳои дарида ва жандаро кашида партофта, либосҳои нимдошти аз болои кӯпруки Лондон харидаи Гендонро пӯшида буд.

Гендон писаракро бисьёр монда кардан нахост; ӯ фикр мекард, ки мондагии роҳ, хӯрокхӯрии бевақт ва камхобӣ ба табиати парешони вай таъсири бад хоҳад кард ва ҳол он ки роҳат будан, зиндагонии

батартиб ва ҳавои тоза, албатта, тандурустӣ ва сиҳатии ӯро тезтар барқарор карда метавонад; ӯ доим мехост, ки дӯсти хурдтараки худаш сиҳат ва саломат бошад, мехост майнаи хурди ӯ аз хаёлотҳои пуч покиза шавад; бинобар ин ӯ ба тарафи ватани худ ки чандин солҳо боз онро надида буд, шитоб нокарда мерафт, дар роҳ, дар ҳар манзил меистод ва ҳол он ки агар ба бетоқатии дилаш нигоҳ мекард аспи худро ҳар чи мумкин аст, тезтар давонда рафтанаш лозим буд.

Мусофирони мо ягон даҳ мил роҳ рафта ба қишлоқи калоне расиданд ва шабона дар он ҷо дар як ошхонаи хубе манзил карданд. Муносибат ва рафтори онҳо боз пештара барин буд; Гендон дар вақти хӯрок дар ҳузури король истода хизматҳои ӯро баҷо меовард, дар вақти хоб либосҳояшро кашида ба ҷояш мехобонд ва худаш дар остона ба кӯрпае печида хоб мекард.

Пагоҳ ва фардои он рӯз ҳам оҳиста-оҳиста роҳ мерафтанд ва саргузаштҳои худро ба ҳамдигар ҳикоят мекарданд ва бо ин ҳикояҳо ҳамдигарро машғул карда вақтро мегузарониданд. Гендон дар ҷустуҷӯи король овора ва сарсоншуданҳои худашро нақл мекард, дар ҷангал ӯро сарсон ва саргардон роҳ равонда аҳмақ кардани „фаришта"-ро ва ниҳоят халос шуда натавонистани худро фаҳмида боз ба хонааш гардонда овардани ӯро гуфта дод. Баъд аз он ки ба хона баргаштем, пирамард ба хобгоҳи худ даромад ва аз он ҷо ҳаросон шуда баромад ва гуфт, ки ба хаёлаш бояд бача омада дар ин ҷо мехобид, аммо то ҳол наомадааст. Гендон баъд аз ин тамоми рӯз дар он ҷо маътал шуда, ниҳоят, ноумедона баромада боз ба ҷустуҷӯи ӯ сар кардани худро ҳам батафсил гуфта дод.

— Гашта наомадани ҳазрати олӣ воқеан ҳам пирамарди зоҳидро хеле хафа карда буд, — гуфт Гендон, — хафагӣ аз афту ангораш маълум шуда меистод.



Онхо охиста-охиста роҳ мерафтанд.

— Ман дар ин ҳеҷ шубҳа надорам! — гуфт король ва дар навбати худ саргузашти худашро гуфта дод; Гендон ҳикояти ӯро шунида хеле афсӯс хӯрд, ки ҷаро фариштаро дар худи ҳамон ҷо накуштааст.

Дар рӯзи охири сафарашон Гендон хеле дар ҳаяҷон ва изтироб буд. Дам нагирифта гап мезад. Дар

борaи падари пири худ, дар бораи бародараш Артур суҳбат мекард, аз оличанобӣ ва меҳрубониҳои онон мисолҳо нишон медод, бо ҳавас ва завқи калоне дар бораи маҳбубааш Юдиф гап мезад ва чунон рӯҳаш баланд ва димоғаш чоқ буд, ки ҳатто дар бораи Гью ҳам бо муҳаббат ва меҳрубонӣ сухан меронд. Ӯ дар бораи мулоқоти худ бо оилааш фикрҳои худро гуфта медод, дар арки Гендон чӣ навъ як ҳодисаи ногаҳонӣ шудани омадани худашро ва ба чӣ қадар хурсандиҳо сабаб шудани ин воқеаро батафсил ҳикоят мекард.

Онҳо аз роҳҳои зебо ва хушманзара гузашта мерафтанд, роҳашон аз пеши хонаҳо ва боғҳо, аз алафзорҳои зебо ва аз теппаҳои пургиёҳ буд, ки мавҷи дарьёро ба хотир меоварданд. Баъд аз нисфи рӯз писараки ғариб ва мусофир ҳар замон ба болои ягон баландие баромада аз миёни дарахтон ва хонаҳо боми хонаи худашонро мекофт, ниҳоят онро дида, бо ҳаяҷон ва дилхушӣ фарьёд кард:

— Ин аст қишлоқи мо, эй шаҳзодаи ман, ин аст арк ва бошишгоҳи падарам! Қуллаҳои он аз ин ҷо намудоранд, ана ин ҷангал парки падари ман аст. Акнун ту оличанобӣ ва дабдабаи ҳақиқиро мебинӣ! Ҳавлии мо ҳафтод хона дорад, худат як фикр кун! Ва бисту ҳафт нафар чӯрӣ ва хизматгор дорем! Барои ману ту хонаву ҷои хубест, ҳамин тавр не-мӣ! Акнун шитоб кардан даркор, ман дигар худамро нигоҳ дошта наметавонам!

Аммо ҳар қадар шитоб карда бошанд ҳам, вақте ки ба қишлоқ расиданд, соат аз се гузашта буд. Дар тамоми муддате ки аз қишлоқ гузашта мерафтанд, Гендон як дақиқа ҳам ором нагирифта гап мезад.

— Ана ибодатхона—калисо ҳам намоён шуд! Ҳама чизаш дар ҳоли пештарааш монда, ҳеҷ чиз дигаргун

нашудааст! Ана меҳмонхонаи „кӯҳнаи шери сурх“, ана майдони бозор! Ана ҷои сутуни моҳи май, ана бурҷи об (водокачка), ҳеҷ чиз дигар нашудааст, лекин албатта одамон бояд хеле фарқ карда бошанд, дар муддати даҳ сол одамон албатта бояд дигаргун шуда бошанд! Баъзе касонро ман шинохтагӣ барин мешавам, аммо ҳеҷ кадоми онҳо маро намешиносанд.

Ба ҳамин тариқ ӯ дам ногирифта лаққид. Ба зудӣ онҳо ба охири қишлоқ расида, аз он ҷо ба як роҳи каҷу килеби танг даромаданд, ки аз ду тарафаш панҷараи чӯбин баланд зада шуда буд; бо ин роҳ ҳам тақрибан ягон ним мил рафта, баъд аз як дарвозаи калони пурҳашамате ки сутунҳои сангӣ дошта, бо тамға ва нишонҳо зинат дода шуда буд, ба як боғи зебое даромаданд, ки пур аз гул ва райҳон буд. Дар он ҷо як қасри олӣ истода буд.

— Подшоҳо, туро дар арки Гендон табрик мекунам!—гуфт Майлс.—Бале, имрӯз рӯзи бузург аст! Падар ва бародарам ва Юдифхоним дар вақти дидани ман чунон хурсанд хоҳанд шуд, ки чашм ва гӯш, ақл ва ҳуши худро тамоман ба ман хоҳанд дод ва эҳтимол ки дар аввал ба ту чандон диққат накунанд. Аммо ту парво накун, ин аҳвол ба зудӣ мегузарад, ҳамин ки тарбиятдидаи худам буданатро ва туро дӯст доштани маро гуфтам, ба хотири ман ҳамаи онҳо туро ба бағал гирифта, он чи ки эҳтиром лозим аст, ба ту хоҳанд кард, ҳам дар хона ва ҳам дар дили худ барои ту ҳамеша ҷой хоҳанд дод!

Гендон аз аспи худ фуромада ба фуромадани король ҳам ёрӣ дод ва баъд, аз дасти ӯ гирифта бо шитоб ба хона даромад. Аз якчанд зина баромада ба хонаи калоне расиданд, Гендон бепарвоёна ва бо шитоб корольро дар он ҷо шинонда, худаш ба та-

рафи ҷавоне ки дар паси столи хатнависӣ, дар пеши гечка нишаста буд, рафт.

— Эй Гью, бағалатро кушода маро ба оғӯш гир! Ва аз баргаштани ман хурсанд будани худатро бигӯ! Падарамро чеғ зан, то даме ки вайро надида, дастамро ба дастонаш нарасонда ва овозашро нашунидаам, ин хонаро азони худ гуфта наметавонам.

Аммо Гью андак ҳайрон барин шуда худро ақиб гирифт ва ба меҳмони нав омадагӣ бо диққат чашм дӯхта нигоҳ кард. Ин нигоҳҳо дар аввал хеле таҳқиромез буданд. Аммо баъд ба сараш фикре омаду нигоҳи вай дигар шуд.

Баъд ӯ бо мулоимат ба гап даромада гуфт:

— Маълум мешавад, ки ақли ту дар ҷояш нест, эй ғариби бечора! Маълум шуда истодааст, ки ту хеле ранҷ ва ҷафоҳо кашида, бисьёр азобҳо дида ва талхии бисьёр, номеҳрубониҳои мардумонро чашидай, ин аз шаклу шамоили ту ва аз либосҳоят ҳам маълум мешавад. Ту маро кӣ хаёл кардай?

— Ман туро кӣ хаёл кардаам? Ту ҳамон касе ки ҳастӣ? Ту Гью Гендон мебошӣ,—гуфт Майлс.

Лекин ӯ боз бо ҳамон мулоимат давом кард:

— Хуб, ту худатро кӣ ҳисоб мекунӣ?

— Дар ин ҷо ҳисоб кардан лозим нест! Магар ту маро нашинохтӣ, ки бародари ту Майлс Гендон мебошам?

Гью мисли ин ки аз хурсандӣ ҳайрон шуд, фарьёд кард:

— Чӣ тавр, ё магар шӯхӣ мекунӣ? Магар мурдаҳо зинда мешаванд? Кошкӣ ҳамин навъ шавад! Бародари бечораи мо баъд аз ин қадар ҷудоиҳои пурмашаққат боз ба оғӯши мо баргашта омадааст. Ох, агар ин тавр бошад, чӣ қадар хуб аст! Аммо ман гумон мекунам, ки ин дурӯғ аст. Ба ҳурмати

худо, шӯхӣ ва ҳазил накун! Ба рӯшноӣ биё, то ман рӯятро ба хубӣ дида тавонам!

Аз дасти Майлс гирифта ӯро ба тарафи тиреза кашола кард ва ба сар то пои ӯ бо диққат нигоҳ кардан гирифт. Чашмонашро нимпӯш карда, атрофи ӯро чарх зада бо диққат нигоҳ мекард; писараки овора ва ғарибӣ ба хонаи худ омадагӣ ҳам дар ҳолате ки аз хурсандӣ рӯяш мисли моҳ медурахшид, ханда карда сарашро ҷумбонда мегуфт:

— Бародар, нигоҳ кун, хуб бодиққат ҳама ҷоям-ро аз назар гузарон; дар ҳеҷ ҷоям чизеро, ки боиси бадгумонӣ бошад, ёфта наметавонӣ. Ҳар қадар ки дилат мехоҳад, нигоҳ кун, эй бародари меҳрубон! Ман дар ҳақиқат ҳам Майлси пештара, ҳамон Майлси худат мебошам, ки шумоён маро мурда гумон мекардед. Оҳ, имрӯз рӯзи бузург аст,—ман инро гуфта будам! Дастонатро ба ман бидеҳ, бигузор туро бибӯсам. Кам мондааст, ки ҳоло аз хурсандӣ дилкаф шавам!

Ӯ мехост бародарашро ба оғӯш бигирад; аммо Гью ӯро бо дасти худ тела дода рад кард ва ғамгинона сарашро хам карда бо ҳаяҷон гуфт:

— Эй худои меҳрубон! Ман ба ин ноумедӣ чӣ навъ тоқат кунам? Ту ба ман қувват ва тобу тавон деҳ.

Майлс аз ҳайронии худ дар аввал чизе гуфта натавонист, аммо баъд гуфт:

— Чӣ ноумедӣ? Магар ман бародари ту намебошам?

Гью ғамгинона сарашро ҷумбонда гуфт:

— Кошкӣ ҳамин навъ мешуд ва чашмони касони дигар он монандиеро, ки ман наёфтам, ёфта метавонист. Оҳ, метарсам, ки хати ба мо омадагӣ рост бошад!

— Чӣ хел хат?

— Тақрибан шаш-ҳафт сол пеш аз ин ба мо аз як мамлакати он тарафи баҳр хате омада буд. Дар он хат гуфта шуда буд, ки бародарам дар ҷанг кушта шудааст!



Гью ӯро бо дасти худ тела дода рад кард...

— Ин дурӯғ аст, падарамро ҷеғ зан, ӯ албатта маро мешиносад.

— Касеро ки мурдааст, ҷеғ задан мумкин нест.

— Мурдааст?—Овози Майлс ба ларза афтод ва лабонаш чида шуда ларзиданд.—Падарам мурдааст? Оҳ, чи қадар хабари талх! Шодии ман тамом шуд. Маро ба пеши бародарам Артур бубар,—ӯ маро мешиносад ва ба ман тасаллӣ медиҳад.

— Ӯ ҳам мурдааст.

— Худоё, ту худат ба ҳоли мани бадбахт раҳм кун! Ҳар ду мурдаанд! Ҳамаи лаёқатмандҳо мурда

фақат мани белаёқат зинда мондаам. Ох, ба ҳоли ман раҳм карда, нагӯ ки хоним Юдиф ҳам...

— Мурдааст? Не, ӯ намурдааст!

— Ба худо шукр! Акнун ман боз хушбахт шудам. Бародарҷон, рафта ӯро чеғ зан. Аммо агар ӯ ҳам гӯяд ки ман, ман нестам, чи... Не, ӯ ин тавр намегӯяд, не, не, ӯ албатта маро мешиносад. Ман аҳмақам, ки дар ин кор шубҳа мекунам. Ӯро чеғ зан, хизматгорони қадими пиракии моро ҳам чеғ зан, онҳо ҳам маро мешиносанд.

— Ба ғайр аз панҷ нафар—Питер, Гельси, Девида, Бернарда ва Маргарита, ҳамаи онҳо мурдаанд.

Ин суханонро гуфта Гью аз хона баромад. Майлс андак фикр карда, дар хона ба қадам задан сар кард ва худ ба худ мегуфт:

— Бисьёр кори аҷибест, ки панҷ нафар падарлаънат зинда монда, аммо бисту ду нафар хизматгорони содиқатманд мурдаанд.

Ӯ дам нагирифта пасу пеш рафтуомад мекард ва худ ба худ ғур-ғуркунон гап мезад ва корольро тамоман аз ёд бароварда буд. Ниҳоят аълоҳазрати король аз рӯи илтифот бо як тарзи ғамхоронае ба гап даромад, ки ин гапҳоп ӯро мазоҳ ҳам ҳисоб кардан мумкин буд.

— Аз бемуваффақиятиҳои худат хафа нашав, эй бечора; дар ин дуньё ба ғайр аз ту касони дигар ҳам ҳастанд, ки ҳақ ва ҳуқуқи қонунии онҳоро ҳам рад мекунанд. Ту дар ин бадбахтӣ ҳамроҳ дорӣ.

Рӯи Гендон андаке сурх шуда гуфт:

— Эй король, ақаллан ту маро мазаммат накун. Ман фиребгар нестам. Ҳозир хоним омада худаш гуфтаҳои маро тасдиқ хоҳад кард, ту аз лабони зебои ӯ ин суханонро хоҳӣ шунид. Ман фиребгар? Охир ман-ку ин меҳмонхонаи қадим, ин суратҳои

пешиниёни худро мисли кӯдаке ки модарашро шиносад, мешиносам. Ман дар ин ҷо зоида шуда ва дар ин ҷо калон шудаам, эй король! Рост мегӯям, ҳаргиз туро фиреб намедиҳам, ва агар касони дигар ҳам ба суханони ман бовар накунанд, хоҳиш мекунам, ки ақаллан ту бовар кунӣ. Ман ба ин тоб овар-да наметавонам.

— Ман ҳаргиз ба ростии суханони ту шубҳа намекунам,—гуфт король бо як соддагӣ ва боварии бачагона.

— Аз таҳи дил ба ту ташаккур мекунам!—гуфт Гендон бо муҳаббат. Ӯ аз таҳи дил хурсанд шуда буд. Король ҳам бо ҳамон соддагӣ ҷавоб дод:

— Охир, ту-ку ба рост будани суханони ман шубҳа надорӣ?

Гендон шарм кард ва замоне ки дар кушода шуда, Гью ба хона даромад ва ӯро аз зарурияти ҷавоб гардондан халос намуд, хеле хушҳол гардид.

— Аз паси Гью зани зебо ва хушқомате даромада омад, ки либосҳои қиматбаҳое пӯшида буд ва аз ақиби вай хизматгороне ки либосҳои махсус пӯшида буданд, ба хона даромаданд. Хоним оҳиста-оҳиста қадам мемонд ва сари худро поён андохта ба замин нигоҳ мекард. Рӯи ӯ беандоза ғамгин ва маҳзун буд. Майлс Гендон ба тарафи вай давида фарьёд кард:

— Эй Юдифи азизи ман!

Аммо Гью оромона ӯро ба як сӯ тела дода, ба хоним гуфт:

— Ба ин нигоҳ кунед, шумо ӯро мешиносед?

Дар вақти шунидани овози Майлс хоними зебо андак ба ларза омад ва рухсораҳояш сурх шуданд; акнун тамоми бадани ӯ меларзид. Ӯ хеле вақт бе-ҳаракат ва ором истод ва баъд оҳиста сарашро бар-

дошта, бо чашмҳои тарсида ва гӯё сангшудаи худаш рост ба чашмони Гендон нигоҳ кард; қатра ба қатра хун аз рӯи ӯ мегурехт ва ранги рӯяш мисли рӯи мурдагон сафед шуд. Бо як овозе ки рӯяш бари аз зиндагӣ нишона надошт, ба гап сар карда гуфт:

— Ман ин касро намешиносам.

Баъд таъсироти худро нигоҳ дошта натавониста рӯяшро гардонд ва бо қадамҳои нобоваронае аз хона баромад.

Майлс Гендон худро ба болои кат ҳаво дода рӯяшро бо дастони худ пӯшонд. Бародараш қадре хомӯш истода, баъд ба хизматгорони худ гуфт:

— Ана ин одам. Ӯро мешиносед?

Онҳо дар аломати рад сари худро ҷумбониданд. Баъд аз ин хӯҷаини онҳо гуфт:

— Ҷаноб, инҳо ҳам шуморо намешиносанд. Метарсам, ки шумо ба хато афтода бошед. Дидед, ки зани ман ҳам шуморо нашинохт.

— Зани ту...—Гью дар як лаҳза ба даст афтода ва дасти оҳанине аз гиребонаш гирифт.—Оҳ, ту шайтони рӯбоҳдил! Акнун ман ҳама бозиҳоро фаҳмидам. Ин мактуби бардурӯғро худи ту тайёр кардай, то ки мероси падар ва номзадамро аз дастам бигирӣ. Бигир! Аммо ҳоло аз пеши назарам гум шав, ки ман дасти покизаи аскарии худро бо хуни ту барин ҷонвари ифлос наолонам!

Гью тамоман сурх ва нафасаш танг шуда базӯр худро ба яке аз креслоҳо (стулҳои нарм) наздик расонда нишаст ва ба хизматгоронаш фармон дод, ки дуздро гирифта дасту пояшро банданд. Хизматгорон дар иҷро кардани фармони вай сустӣ карданд. Яке аз онҳо гуфт:

— Ҷанобн Гью, ӯ яроқнок ва мо беяроқ ҳастем.

— Ярокнок? Хуб чӣ мешавад? Охир ӯ як нафар ва шумо панҷ нафаред! Ба шумо мегӯям, дарҳол дастгир карда дасту пояшро бандед.

Аммо Майлс ба онҳо маслиҳат дод, ки дар ин кор эҳтиёт шаванд.

— Шумо маро мешиносед. Ман ҳар навъ ки пештар бошам, ҳамон навъ ҳам мондаам. Кадй ба ман як даст расонда бинед чӣ?

Ҷуръати хизматгорон зиёд нашуд, онҳо ақибнокӣ рафтанд.

— Эй буздилҳо, дафъ шавед! Ярокнок шуда тамоми дарҳоро муҳофиза кунед, то ки ман касеро фиристода ба посбонҳо хабар диҳам,—гуфт Гью.

Ва дар болои остона ба тарафи Майлс баргашта илова намуд:

— Ман ба шумо машварат медиҳам, ки беҳуда гурехтанӣ шуда вазъияти худатонро бадтар накунед.

— Гурехтан? Аз ин ту хотирҷамъ шав! — Майлс Гендон дар касри Гендон ба ҳама тобеъҳои он соҳибихтиёр ва хӯҷаин аст. Ӯ дар ин ҷо мемонад, ту натарс!

*Боби бисту шашӯм*

## ШИНОХТА НАШУД

Король андак нишаста, фикр кард ва ба Майлс нигоҳ карда гуфт:

— Аҷиб, хеле аҷиб аст! Намефаҳмам, ки ин чӣ кор аст?

— Ҳеҷ аҷоибӣ надорад! Ман ӯро мешиносам, аз вай чизи дигаре ҳам умедвор шудан мумкин нест, ӯ аз рӯи зоида шудани худ ҳамин навъ ифлос ва бадкирдор буд.

— Ӯҳ, ман ӯро намегӯям, ҷаноби Майлс!

— Ӯро не? Пас киро? Дар ин ҷо боз чӣ чизи аҷоиби дигар ҳаст?

— Аҷоибаш ин ки то ҳол корольро...

— Чӣ? Чӣ мегӯӣ? Ман гапи туро намефаҳмам?

— Намефаҳмӣ? Магар ин аҷоиб нест, ки дар тамоми мамлакат савораҳо гашта, маро намекобанд ва дар ҳама ҷо дар бораи шакл ва шамоили ман эълонҳо часпонида нашудаанд. Магар гум шудан ва бехабар рафтани раиси давлат ва короли мамлакатро дониста истода, ба ташвиш наафтодан ва ғамгин нашудан мумкин аст?

— Тамоман рост мегӯӣ, подшоҳо! Ман инро тамоман фаромӯш кардаам.

Гендон оҳе кашида худ ба худ гуфт:

— „Эй бечора, девона! Ҳанӯз ҳам ба даруни орзуҳо ва хаёлҳои хоми худаш мебошад".

— Аммо ман як план дорам, ки ба ҳар дуи мо ҳам дар барқарор намудани ҳуқуқҳоямон ёрӣ дода метавонад. Ман дар се забон -- ба забонҳои лотинӣ, юнонӣ (грекӣ) ва англисӣ як хат менависам, — фардо пагоҳӣ ту он хатро гирифта ба Лондон равона шав! Хатро ба ғайр аз тағои ман лорд Гертфорд ба каси дигар мадеҳ, ӯ ҳамин ки хати маро дид, дарҳол мешиносад, ки онро ман навиштаам ва албатта аз ақиби ман касеро мефиристонад.

— Эй шаҳзодаи ман, оё беҳтар нест, ки мо ҳар ду дар ин ҷо бимонем, то ин ки ман ҳуқуқҳои худамро собит карда ба молу мулкам соҳиб шавам? Он вақт кори ман боз ҳам беҳтар мешавад...

Король бо як оҳанги омиронае сухани ӯро бурида гуфт:

— Хомӯш бош! Молу мулки ночизона ва манфиати шахсии ту дар пеши осудагӣ ва саодати халқ ва муқаддасии тахту тоҷи королӣ чӣ аҳамияте дорад?

Ва мисли ин ки ба сахт гап задани худ афсӯс мехӯрда бошад, ба як таври мулоиме илова кард:

— Натарсида ба гапи ман итоат кун! Ман ҳуқуқҳо ва молу мулки туро гардонда медиҳам. Ман ҳар чи ки доштӣ, ба ту гардонда дода ҳатто молу мулки туро зиёдтар ҳам мекунонам. Ман хизматҳои туро аз хотир набароварда, мукофоти онҳоро медиҳам.

Бо гуфтани ин суханон қаламро гирифта ба навиштан сар кард. Гендон бо завқи тамом ба вай нигоҳ карда худ ба худ мегуфт:

„Агар ин ҷо торик мешуд, мумкин буд, ки ман ӯро короли ҳақиқӣ ҳисоб кунам; вақте ки ӯ хашмгин мешавад, мисли раъду барқ ба ҳеҷ чиз нигоҳ намекунад, гӯё ки ростӣ ҳам король бошад. Ӯ инро аз куҷо ёд гирифта бошад? Ана ӯ ҳозир коғазро бо суратҳои бемаънӣ сиёҳ карда номи онро хати лотинӣ ва юнонӣ меномад. Агар ягон ҳила ёфта натавонам, маҷбур мешавам, ки фардо ба ҷое баромада рафта гӯям, ки барои иҷро кардани супоришҳои вай рафтаам".

Баъд аз ягон дақиқа хаёли Гендон боз ба худаш баргашт ва ҳодисаҳои навакак шударо ба ёд овард. Ӯ чунон ба хаёлҳои худ ғарқ шуд, ки дар вақти король хатҳои навиштаи худашро ба вай дароз карданаш вай онҳоро гирифта беихтиёр ба кисаи худ гузошт.

Ӯ худ ба худ фикр мекард:

— Юлиф аҷиб рафторе кард. Ӯ гӯё маро шинохт, эҳтимол ҳам нашинохта бошад. Ман ҳайронам. Намедонам ба кадоми инҳо бовар кунам. Пас ҳақиқат куҷост? Ин кор ки чандон душворӣ надошт: дар баробари дидан, маро шинохтанаш даркор буд. Бо дидани рӯй, қаду қомат ва шунидани

овоз, ӯ бояд маро мешинохт, дигар навъ шунанаш мумкин набуд. Аммо ӯ дар ин ҷо гуфт, ки маро намешиносад. Маълум мешавад, ки ростӣ ҳам маро нашинохтааст, зеро ки ӯ дурӯғ гуфта наметавонад. Не! Андаке ист! Ман акнун фаҳмидам! Ӯ маҷбур шуда ин корро кард. Хо, ҳамин тавр аст! Масъала ҳал шуд. Аз тарс ранги рӯи ӯ парида, мурда барин шуда буд, албатта вай аз тарси бародарам чунин гуфт. Ман ӯро кофта меёбам. Ҳоло бародарам дар ин ҷо нест, ӯ аз ман чизеро руст намекунад. Замонҳои пештара, вақти кӯдакиамон, ки дар як ҷо бозӣ мекардем, бояд дар хотираш монда бошад; агар аз он рӯзҳо гап кушоям, дилаш мулоимтар шуда, фиреб ва найрангро ба як сӯ монда ва аз дари ростӣ наздик хоҳад шуд. Ӯ бевафо ва хиёнаткор нест, ӯ ҳамеша росткор ва вафодор буд. Ӯ он вақтҳо маро нағз медид. Касеро ки нағз медид, албатта фиреб ҳам намедиҳад.

Ва бошитоб ба тарафи дар рафт, лекин ҳамон замон дар кушода шуда леди Юдиф худаш ба хона даромад. Ранги ӯ хеле парида бошад ҳам, лекин бо дилпурӣ қадам мепартофт, қаду қоматаш хеле зебо ва хеле боодобона буд, аммо рӯяш боз ҳам пештара барин маҳзун ва ғамгин буд.

Майлс бо умедворӣ ва дилпурӣ ба тарафи ӯ давид, аммо вай бо ишораи дасти Майлсро аз худ дур кард ва Майлс дар ҷояш истод. Ӯ нишаста Майлсро ҳам ба нишастан даъват кард. Бо ин ҳаракат ӯ Майлсро маҷбур намуд, ки бо вай аз қадим дӯст будани худро фаромӯш кунад ва дар ин хона каси бегона будани худашро бидонад. Ин рафтор барои Майлс хеле ногаҳонӣ буд ва ӯ аз ҳайронӣ худашро чунон гум кард, ки кам монда буд худаш ҳам ба ростии суханони худаш шубҳа кунад. Леди Юдиф гуфт:

— Ҷаноб, ман омадаам, ки шуморо огоҳонам. Одамони девонаро ба хатоҳояшон иқрор кунонидан душвор аст, аммо ба онон ёдоварӣ кардан ва фаҳмондан мумкин аст, ки аз хавф ва хатари дар пешашон истодагӣ эҳтиёт шаванд. Ба фикри ман, шумо ҳам ба ростии гапҳои худ боварӣ доред ва ҳамчун ман медонам, ки шумо одами ҷинояткор ҳам нестед. Аммо ба шумо мегӯям, ки дар бораи ин хаёлҳои худ дар ин ҷо гап назанед, чунки ин ба шумо хавфнок аст.

Ӯ бо диққат ба чашмони Майлс нигоҳ карда, баъд гуфт:

— Хавфнокии ин боз ҳам барои ин аст, ки шумо ба он хеши худороҳматии мо, ки ҳоло мурдааст, хеле монандӣ доред.

— Худоё! Хонимҷон, охир ман худи ҳамон ҳастам!

— Ман яқин медонам, ки шумо ҳамин навъ хаёл мекунед. Ман ба одами дурусткор будани шумо ҳам шубҳа надорам, аммо фақат эҳтиёт шуданро ба шумо маслиҳат мебинам. Шавҳари ман дар ин ҷоҳо ҳокими мутлақ буда, фармонаш ба ҳама ҷо равост. Ӯ ҳар касро, ки хоҳад бой ва давлатманд ва ё хонавайрон ва саргардон карда метавонад. Агар шумо ба он касе ки худро ҳамон даъво мекунед, монанд намебудед, шояд ки шуморо ба ихтиёри худатон сар медод. Аммо ба гуфтаҳои ман бовар кунед, ман ӯро хуб мешиносам ва чӣ кор кардани ӯро ҳам медонам. Ӯ ба ҳама девона будани шуморо эълон мекунад ва ҳама ба сухани вай бовар мекунанд.

Ӯ боз чашмонашро ба рӯи Майлс дӯхта гуфт.

— Гирем, ки шумо дарвоқеъ Майлс Гендон ҳам ҳастед, шавҳари ман ҳам шуморо медонад, фарз

кунем, ки дигарон ҳам шуморо медонанд, аммо бо вуҷуди ин, суханони маро санҷида бинед, — шумо боз ҳам ба ҳамон хавфу хатари калон дучор омада, худро аз ҷафо халос карда наметавонед: ӯ боз ҳам бародараш будани шуморо рад карда, аз дастатон ба ҳукуматдорон шикоят мекунад ва он вақт ҳеҷ кас ҳам ҷасорат карда ба шумо ёрӣ дода наметавонад.



Ман кистам? Майлс Гендон ё не?

— Ман ба ин тамоман боварӣ дорам, — гуфт Майлс бо сӯзи дил.—Агар ӯ ба касе ки дар тамоми умраш дӯст ва ёри ман будааст, фармон дода, ӯро ба хиёнат кардан ва нашинохтани ман маҷбур карда

бошад ва он одам ҳам ба суханони ӯ итоат мекарда бошад, дигарон албатта итоат мекунанд, касоне ки бо ман ҳеҷ як алоқаи дӯстона ва садоқат надоштаанд, касоне ки аз як луқма нони худ ва шояд аз ҷони худ ҳам метарсанд, албатта чунин хоҳад кард.

Рӯи леди Юдиф андаке сурх шуд, ӯ чашмонашро хира кард; лекин овозаш боз пештара барин бурро буд:

— Ман боз як бори дигар ба шумо огоҳӣ медиҳам, ки аз ин ҷо баромада равед! Вагарна ин одам шуморо нобуд мекунад. Ӯ чунон золим аст, ки чӣ будани инсоф ва мурувватро асло намедонад. Ман ки ҷӯрии ӯ мебошам, инро нағз медонам. Майлс ва Артури бечора ва падархонди ман худораҳматӣ ҷаноби Ричард мурда аз дасти вай халос шуданд. Ба шумо ҳам беҳтар аст, ки аз афтодан ба чанги ин нобакор, ҳазар намоед. Даъвои шумо ба мансаб ва дараҷа, ба мулку моли ӯ зарар мерасонад, шумо дар хонаи шахсиаш ба вай ҳуҷум кардаед ва агар дар ин ҷо монед, нобуд шуданатон маълум аст. Равед, зудтар равед! Агар ба шумо пул даркор бошад, хоҳишмандам, ки ана ин ҳамьёнро гиред ва ба дарбонҳо пора дода, ҳоло ки фурсат ҳаст, аз ин ҷо гурезед.

Майлс ҳамьёнро, ки ба тарафи худ дароз карда шуда буд, рад намуда аз ҷояш бархост.

— Як илтимоси маро қабул кунед, — гуфт ӯ, — рост ба чашмони ман нигоҳ кунед. Ман мехоҳам бидонам, ки шумо ба нигоҳҳои ман тоб оварда метавонед ё не. Хуб, акнун бигӯед. Ман кистам? Майлс Гендон ё не?

— Не, ман шуморо намешиносам.

— Қасам хӯред!

Ҷавоби оҳиста, вале равшане шунида шуд:

— Қасам мехӯрам!

— Хайр!..

— Давед! Барои чӣ фурсатро аз даст медиҳед? Гурезед ва худро халос кунед!

Дар ҳамин дақиқа солдатҳо ба хона пур шуданд ва талотӯбу даст ба гиребони сахте сар шуд, аммо ба зудӣ Майлсро дастгир карда burданд. Корольро ҳам гирифтанд ва дасту пои ҳар дуяшонро баста ба зиндон равона карданд.

*Боби бисту ҳафтӯм*

## ДАР ҲАБСХОНА

Ҳама хона ва камераҳо лаб ба лаб пур буданд ва ин ду дӯстро дар як хонаи калон, ки ҷиноятқорони хурд ҷо гирифта буданд, ба занҷир баста мондаид. Онҳо танҳо набуданд, дар ин ҷо боз тақрибан бист нафар бандиёни ба занҷир басташуда мехобиданд. Дар ин ҷо пиру ҷавон, марду зан ҳамроҳ буда ҳангома ва талотӯби бузурге барпо буд. Король аз таҳқир карда шудани шаъни шоҳонаи худ хеле шикоят мекард, лекин Гендон хомӯш ва ғамгин нишаста буд. Ӯ хеле ба ҳаяҷон омада ва асабонӣ шуда буд. Ӯ бо бачаи ғариб ва овора, бо умеди он ки бо дидани вай ҳама хурсанд ва хушҳол хоҳанд шуд, ба хонаи худ баргашта буд; аммо ногоҳ ба ҷои он умедҳои бузург ба зиндони торик афтод. Ин ҳодиса ба умед ва хаёлоти ӯ чунон зид буд, ки худро гум карда чӣ кор карданашро намедонист; ба ин аҳволи худ чӣ гуфтанашро ҳам намедонист: намедонист, ки ин вазъияти худро фоҷиаиок гӯяд, ё хандаовар! Ӯ худашро ба касе монанд мешумурд, ки ба тамошои тирукамон баромада, аммо ба ҷои он ба зарбаи барқ дучор гардидааст.

Аммо охиста-охиста фикрҳои торики вай ба тартиб афтода мунтазам шуданд, пас аз ин ӯ Юдифро ба хотир овард. Рафторҳои вайро ба ёд овард, аз ҳар тараф ӯро мулоҳиза карда дид, аммо ба ҳеҷ як фикр омада натавонист. Юдиф ӯро шинохт ё не? Ин масъалаи душвор хеле вакт фикри вайро машғул кард; ниҳоят ба ин фикр омад, ки Юдиф ӯро шинохт, аммо аз рӯи тамаи пулу мол инро инкор кард. Ҳоло мехост ба вай лаънатҳо фиристонад, аммо номи ӯ муддатҳои дароз барои вай чунон азиз ва мукаддас буд, ки ҳоло ба ҳеҷ навъ вайро таҳқир карда наметавонист.

Гендон ва король худро ба кӯрпаҳои пора-пора ва ифлоси ҳабсхона печонида он шаби серташвишро гузарониданд. Посбони ҳабсхона аз баъзе касон пора гирифта ба онҳо арақ оварда дода буд, ки дар натиҷаи ин баъзеҳо маст шуда ҷанҷол, дашномдиҳӣ ва сурудхонии бетартибе мекарданд. Баъд аз нисфҳои шаб яке аз бандиён ба як нафар бандизанак ҳуҷум оварда занҷиреро, ки ба дасташ баста шуда буд, ба каллаи вай кӯфтан гирифт, факат дар вақташ омада мондани посбон занакро аз марг халос кард. Посбон ба сари ҳуҷумкунанда якчанд мушт зада онҳоро оштӣ дод. Баъд аз ин ҷанҷол тамом шуд ва факат касоне ки ба оҳу зор ва шикояти ҳар ду захмдор аҳамият намедоданд, ба хоб рафтанд.

Дар муддати тамоми ҳафтаи оянда рӯзҳо ва шабҳо хеле кашол шуда якзайл мегузаштанд; рӯзҳо баъзе касон (рӯи онҳо ба Гендон каму зиёд шинос буд) меомаданд ва Гендони фиребгарро тамошо карда, ӯро рад намуда ва дашноми зиёде дода баромада мерафтанд; шабҳо боз мастӣ ва занозаниҳо такрор мешуданд. Лекин баъдҳо баъзе дигаргуниҳо

ба амал омад. Зиндонбон як пирамардро оварда ба вай гуфт:

— Ҷинояткор дар ин хона аст. Бо чашми худ ҳамаро аз назар гузарон. Шояд ту вайро шиносӣ.

Гендон сарашро бардошт ва аз бозе ки ба зиндон афтода буд, бори аввал хурсанд шуд.

Ӯ ба худ гуфт:

— Ин мард Блек Эндрьюс аст. Ӯ тамоми умрашро ба хизмати падари ман сарф кардааст; марди боинсоф ва ростгӯе мебошад; дили соф ва беғаразе дорад. Дурусташ ин ки дилаш пештарҳо соф ва беғараз буд, аммо акнун мардумон дигаргун шудаанд ва одами боинсоф кам ёфт мешавад; ҳама дурӯғгӯ ва фиребгар шудаанд. Ин ҳам маро шинохта, аммо боз худро мисли дигарон ба нодонӣ хоҳад зад.

Пирамард хонаро аз назар гузаронд, ба рӯи ҳар як бандӣ нигоҳ кард ва ниҳоят гуфт:

— Ман дар ин ҷо ғайр аз бадкорон ва беҳудагардони кӯчагӣ каси дигареро намебинам, пас ӯ куҷост?

Посбони ҳабсхона хандид.

— Ин аст! — гуфт ӯ. Ба ин ҳайвони калон хуб бодиққат нигоҳ кун ва баъд фикратро дар бораи ӯ бигӯ!

Пирамард наздик омада хеле вақт ва бо диққати тамом ба Гендон нигоҳ кард ва баъд сарашро ҷумбонда гуфт:

— Не, ин Гендон нест ва ҳаргиз Гендон набудааст!

— Рост гуфтӣ! Чашмони пири ту ҳанӯз хуб мебинанд. Агар ман ба ҷои ҷаноб Гью мебудам, ин саги бадафтро гирифта, ва...

Посбони ҳабсхона аз ҷояш хеста мисли ин ки мехоҳад ҳалқаи ресмони дорро ба гардани касе би-



Пирамард бо диккати тамом ба Гендон нигоҳ кард.

андозад, ба болои ангуштонаш истода баъзе ҳаракатро кард. Пирамард хашмгинона гуфт:

— Бигузор, ба худо шукр кунад, ки ба аҳволи аз ин бадтаре наафтидааст. Агар ин бадкор ба дасти ман меафтод, ман ӯро зинда ба зинда ба оташ ҳаво медодам!

Посбони ҳабсхона хандаи масхараомезе карда гуфт:

— Бо вай андак сӯҳбат кун! Ҳама омада бо вай гап мезананд. Димоғат чоқ мешавад!

Ин гапҳоро гуфту посбон баромада рафт.

Пирамард ба рӯи зону афтода оҳиста гуфт:

— Ба худо шукр, ки ту ниҳоят омадӣ, эй соҳиби меҳрубон ва қадрдони ман! Ман хаёл мекардам, ки ту ҳафт сол пеш аз ин мурдаӣ, аммо ту зинда ҳастӣ! Ман дар аввали дидан туро шинохтам; дурӯғ гуфтан ва худро ба нодонӣ задан барои ман хеле сахт ва душвор буд. Ман пир ва нотавон шудаам, фақир ва камбағалам, эй ҷаноби Майлс: як даҳан бигӯ, агар хоҳӣ ман рафта дар ҳама ҷо ҳақиқатро эълон намоям, ҳар чанде ки барои ин кор ба ман бад мешавад, аммо боз агар хоҳӣ ин корро мекунам.

— Не,—гуфт Гендон,—даркор нест. Ту фақат худро нобуд мекунӣ ва аз иқрори ту ба ман фоидае нахоҳад шуд. Аммо бо вуҷуди ин ман аз ту миннатдорам. Он бадгумонӣ ва беэътиқодӣ, ки дар ман нисбат ба фарзандони одам пайдо шуда буд, бо ин рафтори ту андак бартараф шуд.

Хизматгори қадимаи пир ба король ва ба Гендон хеле фоида мерасонд; ӯ ҳар рӯз чанд бор гӯё ки барои истеҳзо кардани марди фиребгар ба зиндон меомад ва ҳамеша ягон чизи бомазаи хӯрданӣ меовард ва ғайр аз ин хабарҳои нави берунро мефаҳмонд. Хӯроквориҳои бомазаро Гендон барои король эҳтиёт карда нигоҳ медошт; агар инҳо намешуданд, аълоҳазрат бо хӯроки бемаза ва гадоёнае ки посбони ҳабсхона меоварД, қаноат карда рӯз гузаронда наметавонист. Барои ин ки мардумон бадгумон нашаванд, Эндрьюс маҷбур буд, ки бисьёр наистода, зуд биравад, аммо ҳар бор ӯ фурсат ёфта гӯшаки

хабари наверо мегуфт, ки онро фақат Гендон мешунид; аммо дар айни замон ба овози баланд онҳоро дашном медод.

Ба ҳамин тариқ Майлс оҳиста-оҳиста таърих ва саргузашти хонаводаи худашро фаҳмид. Артур шаш сол пеш мурда будааст. Мурдани ӯ ва беному нишон рафтани писари дигараш—Майлс ба тандурустии падарашон хеле таъсир кардааст. Пирамард вақте ки наздик расидани марги худро фаҳмид, хост ба ҳар навъ ки бошад, Юдифро тӯй карда ба Гью бидиҳад; аммо Юдиф ба омадани Майлс умедвор буда тӯйро ҳар вақт ба қафо меандохт, дар худи ҳамин вақтҳо хабари мурдани Майлс расид, ин хабар ҷаноби Ричардро тамоман бетобу тавон карда ба бистари беморӣ андохт, пирамард ба охир расидани умри худро фаҳмида дар бораи тӯй бо шитоб ба тайёрӣ сар кард; Гью албатта дар ин кор ба вай ёрӣ медод. Юдиф як моҳи дигар мӯҳлат хост, баъд боз як моҳ ва ниҳоят бори сеюм боз як моҳи дигар мӯҳлат гирифт; онҳоро дар сари бистари бемории пирамард, дар вақти ҷон кандани ӯ, никоҳ карданд. Ин зану шавҳарии онон мувофиқи табъ набуд. Дар байни халоиқ чунин хабарҳо паҳн шуда буд, ки баъд аз тӯй арӯс дар миёни коғазҳои домод якчанд нусхаи он хати шумхабарро ёфта ва ӯро дар қаллобӣ ва сохтакорӣ айбдор кардааст. Ин хати сохта ҳамон хат буд, ки хабари марги Майлсро оварда арӯсии онҳо ва мурдани Ричардро ба шитоб андохта буд. Ҳикояҳо дар бораи бадрафторӣ ва сахтгирии хӯҷаини нав ба зан ва хизматгорони худ даҳон ба даҳон гашта паҳн мешуд; баъд аз мурдани падари худ ҷаноби Гью ниқобро аз рӯи худ партофта барои ҳамаи касоне ки дар мулки ӯ зиндагонӣ карда, каму беш ба вай вобаста буданд, хеле дағалӣ ва бадмуомилагӣ кардан гирифт.

Яке аз ҳикояҳои Эндрьюс диққати корольро хуб ба худ кашид.

— Ҳамин хел гапҳо ҳаст, ки короли нав девона шудааст. Лекин ба ҳурмати худо ин гапро аз даҳонатон набаоред ва фалонӣ гуфт нагӯед, чунки дар ин бора гап задан сахт манъ карда шуда ва барои ин ҷазои марг муқаррар шудааст.

Шаҳзода ба пирамард нигоҳе карда гуфт:

— Эй марди меҳрубон, король девона нашудааст; беҳтар аст, ки ту ба корҳои худат машғул шуда, ингуна хабарҳои беҳударо паҳн карда нагардӣ!

Эндрьюс аз ин ҷавоби ногаҳонӣ ва сахт ҳайрон шуда пурсид:

— Ин бача чӣ мегӯяд?

Гендон ба пирамард ишора кард, ки хомӯш бошад ва пирамард боз ба сӯҳбати худ давом намуд:

— Короли марҳумро ду рӯз баъд, дар шонздаҳӯми ин моҳ дар Виндзор гӯр мекунанд ва бистӯми ҳамин моҳ ҷашни тоҷгузории короли нав гузаронида мешавад.

— Ба фикри ман аввал ӯро ёфта баъд тоҷгузорӣ кардан лозим аст!—гуфт король ғур-ғур карда ва баъд бо дилпурӣ илова намуд:—онҳо, албатта, ғами инро мехӯранд, ман ҳам...

— Ба ман фаҳмон охир...—гуфта пирамард боз гап сар карданӣ шуда буд, аммо ишораҳои Гендонро дида хомӯш шуд ва боз ба давоми сӯҳбати аввалии худ сар кард:

— Ҷаноби Гью ҳам ба маросими тоҷгузорӣ меравад ва аз ин ҷашн умедвориаш калон аст. Ва умедвор аст, ки мансаби перӣ гирифта бармегардад, чунки лорди протектор дар ҳаққи вай хеле меҳрубон будааст.

— Кадом лорди протектор?

— Ҷаноби олӣ герцоги Сомерсети.

— Кадом герцоги Сомерсети?

— Кадом шуда метавонад? Мо фақат як нафар Сеймурро дорем, ки граф Гертфорд аст.

Король хашмгинона пурсид:

— Ӯ кай боз герцог ва лорди протектор шудааст?

— Аз рӯзҳои охири моҳи январь.

— Бигӯ, ки ин мансаб ва дараҷаро ба вай кӣ додааст?

— Ӯ худаш ва совети олӣ бо иштироки худи король.

Король баланд фарьёд кашида гуфт:

— Король? Кадом король, эй марди нек?

— Кадом король?—(Худоё ба ин бачаи бечора имрӯз чӣ бало расидааст?)—Ба ин савол ҷавоб додан душвор нест: охир короли мо як нафар, аълоҳазрати ҳумоюнӣ, король Эдуарди Шашӯм мебошад, ки худованд умрашро зиёд ва давлаташро ҳамеша барқарор гардонад!—Бале, короли мо ҷавон ва хеле хурдсол аст, аммо мегӯянд, ки хеле бачаи раҳмдил ва меҳрубон мебошад; намедонам девона аст ё не, аммо мегӯянд, ки аҳволаш рӯз ба рӯз беҳтар ва тандурустиаш хубтар мешавад; ҳама ба як овоз ӯро таъриф ва тавсиф карда дар ҳаққаш дуо мекунанд, чунки ӯ королии худро аз як кори хайр сар карда, герцог Норфолкро аз ҷазои марг афв намудааст ва ҳоло ҳам мегӯянд, ки қонунҳои сахтеро, ки халқро зиёда ба ранҷ ва машаққат меандозад, бекор кардан мехоҳад.

Король ин суханонро шунида аз ҳайронӣ чӣ гуфтанашро надониста монд ва чунон ба фикрҳои андӯҳгинона ғарқ шуд, ки ба давоми ҳикояи пирамард дигар гӯш надод. Ӯ аз худаш мепурсид: наход, ин король ҳамон гадобачаи хурд аст, ки ман либосҳои

худамро пӯшонда ба ҷои худ монда баромада будам? Ин фикр асло дар каллаи ӯ ҷо намегирифт агар он бача худашро шаҳзода Уэльский карда нишон доданӣ шавад, дарҳол аз рафтор ва гуфтораш ба даст афтода аз дарбор ронда мешуд ва, албатта, ба ҷустуҷӯи короли ҳақиқӣ мебаромаданд. Наход ки совети давлатӣ ба ҷои вай яке аз аъёнзодаҳоро шинонида бошад? Не, тағои вай асло ба ин кор розӣ намешавад, фармони вай ба ҳама кас раво буда, ӯ ингуна касро дарҳол ба дор меовезонад ва ин планро ҳам вайрон карда метавонист.

Король ба ҳеҷ як фикри қатъӣ омада наметавонист; ҳар қадар ки барои ёфтани муаммои ин сир кӯшиш мекард, ҳар қадар ки барои фаҳмидани он зиёдтар ба андеша фурӯ мерафт, ҳамон қадар ҳам сараш зиёдтар ба дард омада ва хобаш парида ноҳат мешуд. Хоҳиш ва орзуҳои ба Лондон рафтан то рафт, соат ба соат зиёд мешуданд ва дигар ҳеҷ тобу тоқати дар ҳабсхона мондан надошт.

Гендон ҳар қадар кӯшиш кунад ҳам, корольро таскин дода ва ором карда наметавонист. Аммо ду нафар зане ки дар наздикии онон ба сутун баста шуда буданд, ба король хеле тасаллӣ дода, ӯро як қадар ором мекарданд. Дилдориҳои тасаллибахши онон ӯро роҳат намуда, сабр ва қарорашро зиёдтар мекард. Ӯ аз он ду нафар зан миннатдор буда, онҳоро аз таҳи дил дӯст медошт ва наздикии ононро аз таҳи дил мехост. Ӯ сабаби ба зиндон афтодани онҳоро пурсид, ҷавоб доданд, ки бинобар баптист[1] будани худ ба зиндон афтодаанд. Король табассуме карда пурсид:

— Магар ин чунон ҷинояти калонест, ки барои

---

[1] Баптист—пайравони як мазҳаби христианиро меноманд

он ба тюрьма меандозанд? Ман бисьёр хафа шудам, чунки гуноҳи шумоён саҳл буда ба зудӣ аз ин ҷо халос хоҳед шуд ва ман танҳо хоҳам монд.

Занҳо чизе нагуфтанд, аммо дар рӯйҳояшон аломати андӯҳ ва ғусса намудор шуд. Король дарҳол пурсид:

— Чаро ҷавоб намедиҳед? Бигӯед, магар ҷазои дигаре ба шумо хоҳанд дод? Ё дигар ҳеҷ хавфе надоред?

Занҳо сӯҳбатро ба ҷои дигар бурданӣ шуданд, аммо король сокит нашуда боз дар савол додани худ давом кард:

— Наход ки шуморо бо қамчинҳо хоҳанд зад? Не! Не! Онҳо ин қадар ҳам беинсоф ва бераҳм нестанд! Ба шумо даст намерасонанд, ҳамин тавр не-мӣ, албатта, даст намерасонанд!

Занҳо аз хиҷолат ва изтироб чӣ гуфтани худро намедонистанд, лекин ҷавоб надодан ҳам мумкин набуд. Яке аз онҳо, дар ҳолате ки аз шиддати ҳаяҷон овозаш ҳар замон канда мешуд, гуфт:

— Эй бачаи раҳмдил! Ин ғамхӯрии ту дили моро боз ҳам зиёдтар хун мекунад. Худо, ба мо тобу тоқат диҳад, ки ин...

Король сухани онҳоро бурида гуфт:

— Аз ин сухани шумо маълум мешавад, ки ин мурдорони сангдил шумоёнро бо қамчин хоҳанд зад. Гирья накун! Ман ашкҳои туро дида тоқат карда наметавонам. Мардонагиатро аз даст надеҳ: вақташ мерасад, ва ман боз ҳуқуқҳоямро баргардонда мегираму шумоёнро аз ин ҳақорат ва разолат халос мекунам, худат хоҳӣ дид!

Пагоҳӣ вақте ки король бедор шуд, занҳоро дар ҳабсхона надид.

— Онҳо халос шуданд!—гуфт ӯ хурсандона ва аз ақиби ин ғамгинона илова кард:—аммо ман

танҳо мондам, онҳо чӣ қадар ба дилам қувват медоданд!

Ҳар яки аз занон дар вақти рафтан барои хотира ба либоси король як порчагӣ лента часпонда рафта буданд. Король гуфт, ки ин бахшиши онҳоро доим бо худ нигоҳ медорад ва ба зудӣ онҳоро кофта ёфта ба таҳти ҳимояти худаш мегирад.

Дар худи ҳамин вақт посбони ҳабсхона бо ноибаш даромада фармон дод, ки ҳама бандиҳо ба рӯи ҳавлии ҳабсхона бароянд. Король хеле хурсанд шуд: чӣ қадар бахт ва саодати калон аст, акнун осмони кабудро дида аз ҳавои софи тоза нафас мекашам. Аз сустии дарбонҳо хашмгин шуда ба ҳаяҷон меомад, ниҳоят навбати ба берун баромадани вай ҳам расид. Занҷири поҳои ӯро кушода аз паси дигарон бо ҳамроҳии Гендон берун бароварданд.

Саҳни чоркунҷаи ҳавлӣ, ки сангфарш карда шуда буд, осмони кушодае дошт. Бандиён аз таги як тоқи калон гузашта, пушташонро ба девор гардонда саф бастанд. Аз пеши онон як канаб кашида шуда ва аз ду тараф посбонҳо истода буданд. Ҳавои пагоҳӣ хунук, осмон пурабр буда, шабона ҳам барф борида буд, ки аз ин сабаб рӯи ҳавлии ҳабсхона сап-сафед шуда ба назар боз ҳам андӯҳовартар менамуд. Гоҳ-гоҳ боди зимистонӣ вазида, барфҳои заминро рӯфта мебурд.

Дар саҳни ҳавлӣ ду занро ба сутунҳо баста буданд. Король дар назари аввал дӯстони худашро шинохт. Ӯ яккад парида худ ба худ гуфт:

„Оҳ, ман хато кардаам, маълум мешавад, ки онҳоро озод накардаанд. Оҳ, ин чӣ беинсофист, ки ин навъ занони хушхулқ ва нектабиатро бо қамчин мезананд. Ва ин кор дар Англия карда мешавад ва ҳол он ки ин ҷо мамлакати кофирҳо набуда, мамлакати

христианҳо мебошад! Инҳоро бо чӯб хоҳанд зад; ва ман, ки онҳо ин қадар тасаллӣ дода меҳрубониам мекарданд, бояд ин беадолатӣ ва ноинсофиро тамошо кунам! Ин аҷиб, хеле аҷиб аст! Манбаъ ва маркази ҳокимият ва қонуни ин мамлакати калон ман бошаму дар ин ҷо мададе расонда натавонам! Аммо, эй золимҳо, бохабар бошед, рӯзе мерасад, ки ба тамоми ин амалҳои бад аз шумо ҳисоб талаб мекунам, ба ҳар зарбае ки ҳоло шумо мезанед, сад чунин зарба хоҳед хӯрд".

Дарвозаи калони зиндон кушода шуда як тӯда аҳли шаҳр даромаданд. Онҳо атрофи занонро гирифта ба тамошо кардани король монеъ шуданд. Баъд поп даромада омад. Тӯдаи халоиқ ба вай роҳ дода, боз ба давраш ҳалқа заданд. Король баъзе саволу ҷавобҳоро мешунид, аммо онҳоро дуруст намефаҳмид. Баъд тайёрӣ сар шуд. Посбонҳо ба ташвиш афтоданд, ба ҳар сӯ медавиданд, гоҳ дар миёни халқ нопадид шуда, гоҳо боз ба майдон мебаромаданд. Тӯдаи халоиқ кам-кам сокит шуд ва ниҳоят хомӯшии тамом ҳукмфармо гардид.

Ногаҳон бо як фармон тамошобинон ақибнокӣ рафтанд ва король манзараеро дид, ки аз диданаш хун дар рагҳояш аз ҳаракат истод. Дар атрофи занон хасу хошок ва ҳезум ҷамъ карда монда буданд ва як мард дузону нишаста ба онҳо оташ медод.

Занҳо сарҳои худро хам карда ва бо даст рӯи худро пинҳон намуда меистоданд; хошок ва ҳезумҳо даргирифта месӯхтанд ва оташ забона зада, боло мебаромад ва бод дудҳои сиёҳро ба ҳар сӯ паҳн мекард. Поп дастонашро ба тарафи осмон бардошта ба дуо хондан сар кард. Дар худи ҳамин вақт ду духтари хурдсол аз дарвоза давида даромада бо фарьёди гӯшхароше худро ба тарафи он занҳо, ки



Уро боз кашола карданд.

ба сӯзонда шудан маҳкум буданд, ҳаво доданд. Посбонҳо дарҳол онҳоро гирифтанд. Якеро маҳкам нигоҳ доштанд, аммо дигаре боз худашро халос кард ва бо фарьёди баланде гуфт, ки бо модарь худ дар як ҷо сӯхта мурдан мехоҳад. Ва пеш аз он

ки ӯро нигоҳ доранд, ба тарафи модараш давида ба гардани ӯ часпид. Ӯро боз кашола карданд, аммо либосаш оташ гирифта месӯхт, ду-се нафар ӯро сахт нигоҳ дошта домани оташгирифтаашро бурида ба як сӯ ҳаво доданд; аммо духтарак боз ҳам даступо зада мехост худро аз дасти онҳо раҳо кунад ва фарьёд мекард, ки баъд аз ин ӯ дар тамоми дуньё танҳо ва бекас хоҳад монд ва зорикунон хоҳиш мекард, ки бигузоранд ӯ ҳам бо модараш дар як ҷо сӯхта халос шавад. Ҳар дуи ин духтарҳо ҳам бо овози баланд гирья ва фарьёд мекарданд; аммо ногаҳон як фарьёди ҷонхароше баланд шуд, ки доду фарьёди духтараконро зер кард. Король чашмашро аз духтаракон гирифта ба тарафи оташ нигоҳ кард ва баъд рӯи беранги худашро ба тарафи девор гардонда дигар ба ҳеҷ куҷо нигоҳ накард. Ӯ худ ба худ мегуфт:

„Чизе ки ман дар ин ҷо дидам, ҳеҷ вакт аз хотирам фаромӯш намешавад: ман дар тамоми муддати зиндагониам инро дар хотир нигоҳ медорам ва то мурдан ҳар шаб инро дар хоб хоҳам дид. Кошкӣ кӯр мешудам".

Гендон ба король нигоҳ мекард. Ӯ худ ба худ мамнунона мегуфт:

„Маълум аст, ки аҳволи ӯ беҳтар мешавад, ӯ хеле дигаргун ва мулоимтар шудааст. Агар вактҳои пеш мешуд, ӯ, албатта, ба посбонҳо хуҷум оварда фарьёд мекард, ки король аст ва озод карда шуданн занҳоро талаб мекард. Ба наздикӣ ин сафсатаҳоро фаромӯш мекунад ва боз сиҳатиаш баҷо меояд. Кошкӣ ин кор тезтар мешуд!" Шаби ҳамон рӯз ба зиндон боз якчанд нафар бандиҳоро оварданд. Фардо онҳоро ба шаҳрҳои гуногун фиристоданӣ буданд, ки дар он ҷо ҷазои ҷиноятҳои худро бинанд. Король хеле вакт бо онҳо сӯҳбат кард; ӯ касд кард, ки аҳ-

волот ва чигунагии гуноҳи онҳоро пурсида бинад, мехост ба ин корҳо худашро ба ҳукмронииояндааш тайёр кунад. Ҳикояи машаққат ва азобҳои онон дили ӯро дар азоб мемононд. Дар байни фақирон як зани фақири девонатобе буд, ки аз пеши як бофанда тақрибан ду ярд (ҳар ярд тақрибан 90 сантиметр аст) моҳут дуздида будааст, барои ҳамин ҳукм карда буданд, ки ба дор кашида шавад. Бандии дигар аввал дар дуздидани як асп гунаҳгор карда шуда будааст; аммо ба ин ҳеҷ ҳуҷҷат ва шоҳид набудааст ва ӯро аз зиндон озод карда будаанд; аммо ҳанӯз тамоман озод накарда, барои ин ки гӯё дар қасри королӣ як оҳуро куштааст, боз бандӣ кардаанд. Ин бор гуноҳаш собит шуда ва мунтазири ба дор кашида шудан буд. Корольро аз ҳама зиёдтар воқеа ва саргузашти шогирди як усто парешон ва андӯҳгин кард: ӯ як рӯз бегоҳӣ як бозро, ки аз дасти соҳибаш парида рафта будааст, гирифта ба хонааш меоварад ва гумон мекунад, ки ба ин ҳақ дорад. Аммо суд ӯро дар уздӣ гунаҳгор карда, ба ҷазои куштан маҳкум намудааст. Король аз шунидани корҳои ваҳшиёна ғазабнок шуда ба Гендон зорӣ мекард, ки зудтар занҷирҳои худашро пора карда бо ҳамроҳии ӯ ба Весминстер гурезад, то ин ки ӯ тахту тоҷи худро гардонда гирад ва зудтар ба тахти королӣ нишаста ба мудофиаи ин бадбахтҳо ҳукм диҳад ва инҳоро аз чанголи марг наҷот бидиҳад.

„Бачаи бечора—мегуфт Гендон оҳ кашида.—Ин ҳикояҳои андӯҳовар боз фикри ӯро мағшуш кардаанд. Аммо ман умедвор будам, ки ӯ ба зудӣ сиҳат меёбад".

Дар байни бандиён қонуншиноси пире буд, ки рӯи хашмгине дошт ва ба иродаи маҳкаме соҳиб буд. Се сол пеш аз ин ба лорд-канцлер муқобил

баромада, ӯро дар рафторҳои беадолатона айбдор карда будааст; барои ин ӯро ба сутуни бадномӣ баста гӯшҳояшро бурида ва аз қатори қонуншиносон берун карда, се ҳазор фунт стерлинг штраф гирифта ба ҳабс маҳкум карда будаанд. Дар наздикиҳо ӯ ҳамон даъвои худро боз такрор кардааст, акнун қисми боқимондаи гӯшашро ҳам бурида, боз панҷ ҳазор фунт стерлинг штраф гирифта, ба ҳар ду рухсораащ тамға зада ва то охири умраш ба ҳабс маҳкум кардаанд.

Ӯ мӯҳои сафеди худро бардошта, сӯрохи гӯшҳояшро нишон дода мегуфт:

— Инҳо аломати ифтихори ман мебошанд!

Чашмони король аз шиддати ғазаб дурахшиданд. Ӯ гуфт:

— Ҳеҷ кас ба гапи ман бовар намекунад, ту ҳам, албатта, бовар нахоҳӣ кард. Аммо хоҳ бовар кунӣ, хоҳ не, баъд аз як моҳ озод мешавӣ ва ҳамон қонунҳое ки туро таҳқир карда ва ҳуқуқҳоятро гирифтаанд, аз дафтари қонунҳои мамлакати Англия бароварда мешаванд. Тартиботи дунъё худаш вайрон аст: лозим аст, ки корольҳо дар сари ҳарчанд вақт ба миёни халоиқ баромада иҷрои қонунҳои худро худашон аз сар гузаронанд ва раҳму шафқат карданро биёмӯзанд, одил ва боинсоф шаванд.

*Боби бисту ҳаштум*

## ФИДОКОРӢ

Майлс дар ин муддат аз нишастан дар ҳабсхона ва аз бекорӣ хеле монда ва безор шуда буд. Ва вақте ки рӯзи суд расид, ӯ хеле хурсанд шуд ва худ ба худ мегуфт, ки ба ғайр аз дар зиндон нишастан, ба ҳар як ҳукми дигаре розӣ хоҳад шуд. Аммо ӯ хеле

хато карда буд. Ӯро як „сарсарии девона“ номида ба як ҷазои хеле таҳқиромезе маҳкум намуданд: ҳукм карда шуд, ки барои соҳиби арки Гендонро таҳқир карданаш дар пеши сутуни бадномӣ ду соати тамом поҳояш ба кунда андохта монда шавад; Гендон аз ин ҳукм хеле хашмгин ва ғазабнок шуд. Ӯ вақте ки дар маҷлиси суд бародари ҳақиқии Гью ва меросхӯри қонунии тамоми мартабаҳо ва мулкҳои ҷаноби Ричарди марҳум будани худашро даъво кард, ба ин суханони ӯ бо чунон беаҳамиятӣ нигоҳ карданд, ки ҳатто онҳоро муҳокима ҳам накарданд.

Вақте ки ӯро ба тарафи сутуни бадномӣ мебурданд, вай доду фарьёд ва таҳдидҳо мекард, аммо аз инҳо ҳеҷ фоидае нашуд, полицияҳо ӯро кашола карда, ҳатто гоҳ-гоҳ барои итоат накарданаш мезаданд.

Король аз байни тӯдаи халқ гузашта натавониста аз ақиб мерафт, вай аз дӯсти меҳрубон ва хизматгори худаш дур монда буд. Худи корольро ҳам кам монда буд, ки барои бо ингуна одами шубҳанок шинос буданаш ба сутуни бадномӣ маҳкум намоянд, аммо ҷавониашро ба назар гирифта, ба қадри даркорӣ насиҳат доданд ва озодаш карданд. Аммо замоне ки тӯдаи тамошочиён истод, король аз миёни онҳо ба худаш роҳ кушода ба машаққати бисьёре ба пеш гузашт. Ҷанговари бадбахт, муҳофизи хусусии короли Англия дар паҳлуи сутуни бадномӣ дар таги масхара ва таҳқирҳои халқи авом нишаста буд! Эдуард дар суд ҳукмро шунида бошад ҳам, маънои онро дуруст нафаҳмида буд. Аммо баъд аз фаҳмидани маънои ин таҳқири нав, ки дар шаъни худаш карда шуда буд, ғазаб ва изтиробаш аз ҳадду ҳисоб гузашт. Вақте ки даруни тӯдаи тамошобинон тухми мурғро ба рӯи Гендон ҳаво доданд, ва овозҳои ханда ва истеҳзо ҳаворо пур кард, ӯ аз шиддати ғазаб девона

барин шуд. Худашро нигоҳ дошта натавониста ба тарафи сутун давид ва ба сардори посбонҳо гуфт:

— Шарм кун!—фарьёд кард.—Ин хизматгори ман аст. Ӯро ба зудӣ озод кун! Ман...

Гендон ба ваҳшат афтода фарьёд кард:

— Хомӯш бош! Худатро нобуд мекунӣ. Ҷаноб, ба суханони вай аҳамият надеҳ, вай девона аст!

— Хотирҷамъ бош, ман ба гапҳои вай аҳамият доданӣ ҳам нестам, аммо мехоҳам, ки ҳаддашро нишон дода монам.

Раиси полиция ба яке аз тобеони худ рӯ гардонда гуфт:

— Ба ин бачаи аҳмақ ду-се қамчин зада одобро ёд бидеҳ.

Ҷаноби Гью, ки дар ин вақт ба тамошои бародари таҳқиршудаи худ омада буд, ба полиция гуфт:

— Ягон дюжина ба кифтҳои ӯ фурор!

Корольро доштанд. Вай аз таҳқире ки ба зоти олиаш карда шуда буд, чунон саросема ва бехуд буд, ки муқобилат ҳам накард. Дар таърихҳо ҳикояти бо қамчин ҷазо дидани яке аз корольҳои Англия зикр карда шудааст,—Эдуард вақте ки дар ҳаққи ӯ такрор карда шудани ин ҳодисаро фикр кард, ҳеҷ тоқаташ намонд. Аммо аз ҳеҷ ҷо мададе набуд. Ё ба задан тоб овардан ва ё тавалло ва зорӣ карда афв талабидан лозим буд. Аз ин ду якеро интихоб кардан барои ӯ хеле душвор шуд: король ба задан тоб оварда метавонист, аммо қувват надошт, ки то ба дараҷаи зорӣ ва тавалло кардан паст фурояд.

Лекин Майлс Гендон дар ин ҷо ҳам ҷазои ӯро ба гардан гирифт:

— Ӯро сар диҳед,—гуфт Майлс.—Эй сагҳои беинсоф, магар хурдӣ ва лоғарии ӯро намебинед? Ӯро сар диҳед, ҷазои ӯро ман ба гардани худ мегирам.

— Хеле фикри хубест!—гуфт Гью ва рӯяш бо як табассуми мамнунонае дурахшид.— Ин бачаи шилкинро сар дода ба ин ҷавонмард як дюжина шаллоки соз занед!

Король мехост, ки муқобилат намояд, аммо ҷаноби Гью дарҳол ӯро хомӯш намуд:



Вай ба тарафи посбонҳо давид.

— Бигӯ, хеҷ ибо накарда бигу—гуфт вай.—Аммо аз ёдат набарор, ки барои ҳар як гапи ту ба вай шаш зарба зиёдтар мезананд.

Поҳои Гендонро аз даруни кунда бароварда такашро луч карданд; вақте ки қамчинҳо ба бадани ӯ мерасиданд, короли бечора рӯяшро гардонд ва ашкҳоеро, ки ба рӯяш равон буданд, нигоҳ дошта натавонист.

Вай худ ба худ мегуфт:

„Дили соф ва самимие дорад. Ин шоҳиди садоқати вай аст, ки ҳаргиз фаромӯш нахоҳам кард. Ман ҳаргиз аз ёдам намебарорам...—Ва хашмгинона илова кард.—Онҳо ҳам набояд фаромӯш намоянд!"

Оличанобии Гендон бар назари вай то рафт зиёдтар мешуд ва дар баробари он аз вай миннатдориаш ҳам меафзуд. Вай ба худаш гуфт:

„Ҳар кас ки короли худашро аз задан ва аз марг халос мекунад, ӯ хизмати калоне кардааст. Ин мард маро аз марг халос кард. Аммо он кораш назар ба кори ҳозирааш ҳеҷ чиз нест. Ӯ ҳоло короли худро аз бадномӣ халос кард!"

Гендон ҳеҷ оҳу зорӣ ва фарьёд накарда, ҳамчун солдат устуворона ба зарбаҳо тоб меовард. Ин устувории оличанобонаи Гендон, ки ҷазои барои бача муайян кардашударо ба гардани худ гирифт, ҳатто дар байни тамошобинони авом ва дағал ҳам як ҳисси эҳтиром ба вуҷуд овард; истеҳзо ва масхара карданҳо тамом шуд ва ба ғайр аз зарбаҳои қамчин ҳеҷ овози дигаре шунида намешуд. Вақте ки Гендонро дубора ба чояш шинониданд, кундаҳоро ба пояш заданд, дар майдон хомӯшии пурра ҳукмфармо шуд; ва ҳол он ки андак пеш аз ин тамоми майдон бо ғалоғулаи ҳақоратомези мардум пур буд. Король оҳиста-оҳиста ба назди Гендон омада ба гӯшаш гуфт:

— Эй марди меҳрубон, оличанобӣ, фидокорӣ ва баландҳимматии ту аз доираи фармони корольҳо берун аст, чунки худо худаш туро оличаноб ва баландҳиммат халқ кардааст; аммо король туро фақат дар пеши одамон сарбаланд ва сарфароз карда метавонад.

Ӯ ҳимчаеро, ки ба замин афтода буд, бардошт ва онро оҳиста ба кифти хунини Гендон расонда гуфт:

— Эдуард, короли Англия, ба ту унвони графиро ато мефармояд.



Короли бечора рўяшро гардонд.

Ин сухан ба дили Гендон таъсир кард ва аз рухсораҳояш ашк равон шуд, аммо дар айни замон масхарагии вазъияташро ҳис намуда, табассуми худро

базўр нигоҳ дошт. Аз сутуни бадномӣ ва масхараи тамошобинон дар як лаҳза ба лақаби олии графӣ расидан—аз ин масхараомезтар чӣ мешавад?

„Толеи ман чи қадар баланд будааст — мегуфт ў худ ба худ.—Ҷанговар ва паҳлавони хаёлии салтанати хаёл ва сояҳо акнун графи хаёлӣ шуд—ин барои як ҷонвари беболу пар хеле як парвози баланде мебошад. Агар ин ҳол давом намояд, ба зудӣ бо зебу зинатҳои хаёлӣ ҳам ороста хоҳад кард; аммо онҳо ҳарчанд арзише надошта бошанд ҳам, барои ман муҳаббати касе ки ин бахшишҳоро мекунад, хеле азиз ва гаронбаҳо аст. Ин иззат ва эҳтиромҳои фақирона ва ханданоке ки бо дили соф ва дасти покиза, бе ҳеҷ илтимос ва хоҳиш ба ман карда мешавад, аз он мансабҳое ки бо бисьёр разолат ва хориҳо ба даст дароварда мешавад, ҳазорон бор беҳтар аст".

Ҷаноб Гью дар ҳолати ғазаб ва хашм ҷилави аспашро гардонд; халоиқ, ки мисли девори зинда, саф баста истода буданд, ба ў роҳ кушода боз ин ҳалқаро бастанд. Боз хомўшӣ шуд ва ҳеҷ кас ҷуръат намекард, ки ба мудофиа ва таърифи маҳкум сухане бигўяд: аммо фақат ҳамин хомўшӣ ва набудани истеҳзо ва таҳқир,— нишонаи ҳурмати мардонагии Гендон буд. Тамошобине ки дар аснои ин моҷаро набудааст ва баъд омада, мехост лошаи як пишаки мурдаро ба болои гунаҳгор ҳаво диҳад, дарҳол ба дур андохта шуд; ва боз ҳамон хел хомўшии чуқур ҳукмфармо гардид.

*Боби бисту нўҳўм*

## БА ЛОНДОН!

Гендон баъд аз он ки муддати муайян кардашударо дар пеши сутуни бадномӣ нишаст, ўро озод карданд ва фармон доданд, ки ба зудӣ аз ин вилоят баромада

равад ва дигар ба ин чохо наояд. Шамшер, хачир ва хари ӯро гардонда доданд. Ӯ боз бо ҳамроҳии король ба роҳ даромад. Тӯдаи халоиқ бо як эҳтироми оромонае ба онҳо роҳ медоданд ва ҳамин ки онҳо аз назар дур шуданд, ҳама тамошобинон пароканда шуда ба хонаҳои худ рафтанд.

Гендон ба зудӣ ба фикру хаёлҳои худ фурӯ рафт. Ба вай бисьёр фикр ва мулоҳиза кардан даркор буд. Чӣ кор кунад? Ба куҷо равад? Албатта ҳомӣ ва мудофиакунандаи эътиборнокеро ёфтан даркор аст, вагарна аз мероси падар даст кашида ва ҳам он бадномии одами фиребгар буданро низ ба гардан гирифтан лозим меояд. Аммо ин хел ҳомӣ ва мудофиачиро аз куҷо ёфтан мумкин аст? Дар куҷо? Ана гап дар ҳамин аст! Дар сараш як фикре пайдо шуд ва то рафт қувват гирифта ба як умеди хурде мубаддал гардид; аммо ба ин чандон гумонаш набуд ва ба амал овардани он хеле душвор менамуд; лекин бинобар набудани умедвории дигаре маҷбур буд, ки дар он бора фикр кунад. Гендон суханони Эндрьюсро, ки дар ҳаққи бадбахт ва ранҷидагон олиҷанобӣ ва раҳмдилӣ кардани короли ҷавонро гуфта буд, ба хотир овард. Агар навъе карда ба ҳузури ӯ роҳ ёфта аз ӯ ҳукми одилона талаб кунад, чӣ мешавад? Аммо ба ингуна як бечора магар ба ҳузури король роҳ медиҳанд? Хайр биё, ҳоло вақти ин фикрҳо нест, баъд мебинем, ки чӣ мешавад.

Гендон аскари кӯҳна буда дар чандин ҷангҳо иштирок карда буд, ӯ ақли тезе дошт, шубҳа нест, ки агар вақташ расад, чорае меёбад. Аммо акнун ба пойтахт, ба Лондон рафтан даркор аст. Шояд ки дӯсти қадими падараш ҷаноб Гемфри Марло ба вай тарафдорӣ кунад. Ин пирамарди раҳмдил мудири ошхонаи короли марҳум ё ин ки меҳтарбошии ӯ буд,

ба ҳар ҳол одами калоне буд, ки мансаби ҳозирааш ба хотири Гендон намеомад. Баъд аз ин фикр андӯҳ ва ғуссае ки дилашро гирифта буд, бартараф шуд; сарашро бардошта ба атроф нигоҳ кард. Хеле роҳ рафтани худашонро дида ҳайрон шуд, онҳо аз кишлоқ хеле дур шуда буданд.

Король ба хар савор шуда аз ақиб меомад ва сарашро хам карда буд. Фикри ӯ ҳам бо хаёл ва планҳои худаш машғул буд. Як ҳисси андӯҳгинонае боз хурсандии Гендонро аз миён бурд; оё ин бача ба шаҳре ки дар тамоми умраш дар он ба ғайр аз гуруснагӣ, машаққат ва озор чизи дигареро надидааст, баргаштан мехоҳад? Аз ӯ пурсидан даркор, чунки илоҷи дигаре нест. Гендон хачири худашро нигоҳ дошта фарьёд кард:

— Ман фаромӯш кардам аз ту бипурсам, ки ба куҷо меравем. Фармон деҳ, короли ман!

— Ба Лондон!

Гендон аз ин ҷавоби ӯ хеле хурсанд, лекин ҳайрон шуда боз ба роҳ давом кард.

Дар тамоми роҳ ҳеҷ воқеае рӯй надод. Аммо дар наздикии шаҳр боз ҳодисае шуд. Дар нуздаҳӯми февраль тақрибан дар соатҳои даҳи шаб онҳо ба Лондон даромада, худро боз дар миёни талотӯб ва ғалоғулаи кӯпруки Лондон диданд. Халқи ин ҷо овозҳои аҷиб ва ғариб мебароварданд, фарьёд мекарданд, дод мезаданд ва дар рӯшноии машъалҳои сари кӯпрук рӯҳои аз хӯрдани пиво сурхшудаи онҳо медурахшид. Ҳамин ки инҳо ба таги дарвоза омаданд, аз боло, яке аз сарҳои пӯсидаи ба найза халондашудаи герцог ва ё аъёнҳои дигар, ҷудо шуда омада ба дасти Гендон зад ва ба таги по афтид. Бубинед, дар ин дунъё, корҳои одамизод чӣ қадар бебақо ва ноустувор аст! Аз мурдани короли номдор, Генрих се ҳаф-

та ва аз гӯр карда шуданаш фақат се рӯз мегузашт, аммо зинатхое ки ӯ барои дабдаба ва ҳашамати кӯпрук аз миёни калоншавандагони дарбори худаш чида гирифта буд, ба афтодан ва ба рехтан сар карда буданд[1]... Яке аз роҳгузарҳо ба ин калла пешпо хӯрда сараш ба кифти касе ки дар пеш мерафт, расид. Ӯ баргашта, машаққати худро ба сари аввалин касе ки дар паҳлуяш истода буд, фуровард ва худаш ҳам аз зарби мушт ҳамроҳи он касе ки афтода буд, ба замин ғелид.

Фурсат барои ҷанг кардан хеле муносиб буд. Фардо ҷашни тоҷгузории король сар шуданаш даркор буд, бинобар ин бисьёр одамон арақ хӯрда, ғайрати ватанпарвариашонро зиёд карда буданд. Дар ин ҳангома Гендон аз король ҷудо шуд ва ҳар дуи онон дар байни талотӯби халқ якдигарро гум карданд.

Мо онҳоро дар ҳамин ҳол мегузорем.

*Боби сиюм*

## МУВАФФАҚИЯТҲОИ ТОМ

Дар он муддате ки короли ҳақиқӣ нимгурусна ва нимбараҳна дар мамлакат саргардон буд, гоҳо ба масхара ва занозаниҳои мардумони сарсарӣ гирифтор шуда ва гоҳо бо дузд ва қотилон ҳамсар гашта дар зиндонҳо мехобид, дар он муддате ки ҳама вайро девона ва фиребгар ҳисоб мекарданд, короли ноасл, Том Кенти як зиндагонии тамоман дигаре мегузоронд.

Бори охир ки мо ӯро дидем, ӯ аз ҳукмдории шоҳонаи худ ба завқ гирифтан сар карда буд. Номи

---

[1] Дар замони Генрихи VIII сари ба ҷазои куштан маҳкумшудагонро дар сари кӯпруки Лондон ба найза халонида мемонданд.

королй ба вай то рафт маъқултар мешуд ва ниҳоят тамоми зиндагонй дар назараш хуш ва мақбул мешуд. Ӯ ҳоло дигар наметарсид; тарс ва воҳимааш кам-кам рафъ мешуд, ором ва осуда буда аз ҳеҷ чиз парво намекард. Ҳама маълумотҳои ба худаш даркориро аз ҳамон маҳрамбачае ки ба задан махсус буд, мегирифт.

Вақте ки вай бозй кардан ва ё андак чақ-чақ кардан мехост, леди Елизавета ва леди Ҷен Грейро ба ҳузури худ металабид ва баъд онҳоро чунон иҷоза дода мефиристод, ки гӯё ин барои ӯ як кори оддй мебошад. Дар вақти хушбошй кардан дасташро бӯсидани маликаҳо ҳам ҳоло дигар ӯро хиҷил намекард.

Акнун шабона бо дабдаба ва ҳашамат ба ҷои хоб хобонда шуданаш ҳам ба вай хеле маъқул буд, маросими душвор ва дабдабадори либоспӯшиҳои пагоҳй ҳам ӯро хеле дилшод мекарданд. Ӯ бо мамнунияти мағруронае бо ҳамроҳии аъён ва дарбориёни пурҳашамат ва бо посбонон ба хӯрок хӯрдан мебаромад; ин аҳли рикоб чунон ба вай маъқул буд, ки фармон дод, шуморааш як бар ду зиёд карда шавад ва акнун сад нафар муҳофизи махсус дошт. Гӯш кардани овози карнайҳоро, ки ба раҳравҳои дарози дарбор шунида мешуданд, ва шунидани фарьёдҳои „ба ҳазрати король роҳ диҳед!"-ро хеле дӯст медоштагй шуд.

Ӯ ҳатто аз ҳозир шудан дар маҷлисҳои совети давлатй ҳам завқ мебурд, ва ҳол он ки дар ин маҷлисҳо ба ғайр аз он ки гуфтаҳои лорд-протекторро такрор намояд, кори дигаре надошт. Ӯ ба ҳузури худ қабул кардани сафир ва гумоштагони пурҳашамати давлатҳои бегонаро, ки аҳли рикоби дабдабаноке доштанд, ва шунидани табрикҳои дӯстонаи

онопро аз тарафи корольҳои пуршавкати худашон, хеле нағз медидагӣ шуд; корольҳои мамлакатҳои дигар ба ӯ „бародар“ гуфта хитоб мекарданд. Ӯхӯ, Том Кенти, бошандаи маҳаллаи Саркутҳо хеле хушбахт ва саодатманд шуда буд!

Ӯ либосҳои ҳашаматноки худро дӯст медошт, ва ба худ либосҳои нав фармуда дӯзонда буд. Ба назари ӯ, чорсад нафар хизматгори хусусӣ барои шаъну шавкаташ кам намуданд, шумораи онҳоро се баробар зиёд кунонд. Хушомадгӯии дарбориён ба гӯши вай монанди мусиқаи фораме шунида мешуд. Ӯ ҳанӯз ҳам мулоимтабиат ва меҳрубон, тарафдори камбағал ва мазлумон буда, бо қонунҳои ноинсофона сахт мубориза мекард; аммо агар баъзан дар ягон маврид ранҷише дида ва ё ба таҳқире дучор гардад, ба граф ва ҳатто ба герцогҳо чунон назарҳои итобомез меандохт, ки онҳо ба ларза меафтоданд. Як бор хоҳари шайхтарош ва худоҷӯй, аммо дар айни замон бемурувват ва бераҳми ӯ леди Мери ба корҳои вай айбгирӣ карда гуфт, ки бо бахшидан ва афв кардани ин қадар одами зиёд кори хӯбе намекунад, инҳо бояд ба тюрьмаҳо андохта шуда, ба дор овехта ва ё ба оташ ҳаво дода шаванд ва, зимнан, замони падари марҳумашро ба хотир овард, ки дар тюрьмаҳо гоҳо то шаст ҳазор нафар бандӣ мехобиданд ва дар тамоми муддати королии оқилонаи он марҳум бо дасти ҷаллод ҳафтоду ду ҳазор нафар дузд ва тороҷгар ба он дуньё фиристода шуда буданд,— писарак, ки дилаш бо як нафрати оличанобонае пур шуда буд, ба хоним фармуд, ки зудтар баромада ба хонаи худаш равад ва дар он ҷо ибодат ва дуо карда аз худо талаб кунад, ки сангеро, ки дар синааш ҷо гирифтааст, бардошта ба ҷои он дили одамӣ ҷо кунонад.

Магар Том Кенти ҳеҷ вақт гум шуда беному нишон рафтани соҳиби ҳақиқии тахти Англияро, ки дар ҳаққи ӯ он қадар меҳрубонӣ ва навозишҳо карда ва барои танбеҳ намудани дарбонҳои дарбор ба кӯча баромада буд, фикр намекард? Фикр мекард!



Ва фармуд, ки зудтар ба хонаи худаш равад.

Рӯзҳо ва шабҳои аввали ӯ дар қасри подшоҳӣ бо фикрҳои вазнин дар бораи гум шудани шаҳзода хеле талх ва ногувор мегузашт; Том аз таҳи дил баргашта омадан ва ба ҳуқуқҳои худ соҳиб шудани вайро мехост. Аммо вақт мегузашт ва аз шаҳзода ҳеҷ дараке набуд; то рафт ҳодисаҳои нави шодиовар ба тадриҷ хаёли шаҳзодаи беному нишон раф-

таро аз фикри ӯ мебароварданд; ниҳоят хаёли вай фақат гоҳ-гоҳ ба сифати як меҳмони нохонда ва номатлуб ба зеҳни ӯ меомаданд, ки аз пайдо шудани онҳо дили Том озурда, худаш хафа ва шарманда мешуд.

Модар ва хоҳарони бадбахти худашро ҳам хеле кам ба ёд меовард. Аввалҳо дар бораи онҳо ғусса мехӯрд, онҳоро дидан мехост, аммо баъдҳо, замоне ки дар либосҳои дарида ва ифлос ба ҳузураш омадани онҳоро фикр мекард, баданаш меларзид, метарсид, ки аз бӯса кардан ва аз муомилаи онҳо кӣ будани ӯро мефаҳманд ва аз тахт фуроварда боз ба даруни ахлотҳо, фалокатҳо, ба тарафи гуруснагӣ ва хорӣ ҳаво медиҳанд. Дар охирҳо дар бораи онон фикр карданро тамоман фаромӯш кард ва аз ин хеле ҳам хурсанд буд, чунки ҳоло, вақте ки чеҳраҳои ғамгинона ва мазамматомези онон дар пеши рӯяш намоён мешуданд, вай худро аз кирми пасте ҳам, ки дар заминҳо мегардад, бадтар медид.

Дар нисфи шаби нуздаҳӯми февраль Том Кенти дар ҷойхоби пурзинати худаш дар қасри салтанатӣ осуда ба хоб рафт, ӯро дарбориёни содиқатмандаш аз ҳар сӯ иҳота карда буданд ва ҳама дабдабаҳои королиаш мукаммал тайёр буд;—писарак хушбахт ва саодатманд буд: фардо рӯзи тоҷгузории пуртантанаи вай таъин карда шуда буд!

Ва дар ҳамин соат короли ҳақиқӣ, Эдуард гурусна, мондашуда, аз машаққати роҳи дароз ранҷур, бо либосҳои дарида, бо бадани латхӯрда ва кабудшуда дар миёни халоиқ истода бо кунҷковии тамом даводав ва тараддули коргаронеро, ки дар пеши иморати калисои калон мисли мӯрчаҳо ба кор машғул буданд, тамошо мекард. Онҳо барои ҷашни пагоҳӣ тайёриҳои охиринро медиданд.

## НАМОИШИ ТОҶГУЗОРӢ

Пагоҳии рӯзи дигар, вақте ки Том Кенти аз хоб бедор шуд, ҳама ҷоро ғалоғулаи зиёде фаро гирифта буд. Аз дур овози ғалоғула меомад. Ба гӯши Том ин овозҳо мисли мусиқа мефориданд, чунки ин овозҳо нишон медоданд, ки тамоми мамлакати Англия барои муборакбод кардани ӯ тайёрӣ мебинад.

Том боз дар намоиши дарьёи Темза ҷои якӯмро гирифт. Аз рӯи одати қадимаи мамлакат лозим буд, ки рикобии король аз Тауэр сар карда, тамоми шаҳри Лондонро давр зада бароянд. Том аз ҳама аввал ба тарафи Тауэр равона шуд. Ҳамин ки омада ба Тауэр расид, деворҳои қалъаи қадим гӯё ки ногоҳ аз ҳазорҳо ҷо якбора кафида ва дар ҳар қадоми он ҷоҳо забонаи сурхи оташине намудор шуда бошад, дуди сиёҳи ғализе ба ҳаво баромад. Як таркиши гӯш каркунандае шунида шуда, тамоми овозҳои шодиовари халоиқро пахш кард; аз ин овозҳо замину осмон ба ларза афтод; оташ, дуд ва овози тӯпҳо зуд-зуд такрор мешуданд ва ниҳоят қалъаи қадимаи Тауэр дар байни якчанд дақиқа ба даруни дуди ғализе монда аз назарҳо нопадид шуд; фақат бурҷе ки Тауэри сафед номида мешавад ва дар он рӯзҳо бо байрақҳо зинат дода шуда буд, дар байни ин доираи дудҳо мисли қуллаи кӯҳе ки аз даруни абрҳо намоён бошад, дида мешуд.

Пеш-пеши намоиш Том Кенти мерафт, ки ба аспи масти хушандоме савор шуда ва ба тани худ ҷомаи хеле дабдабадоре пӯшида буд, ки доманҳояш ба замин мерасиданд; аз паси ӯ „тағояш" лорд-протектор Сомерсет» ҳам дар болои чунин як аспи хушкомате меомад; сарбозони махсуси королӣ бо либос

ва бо чороинаҳои тумтароқӣ аз ду тарафи онҳо меомаданд. Аз ақиби протектор қаторҳои дуру дарози аъён ва бузургҳо бо тобеони худ кашол шуда меомаданд, аз паси онҳо раиси идораи шаҳрӣ лорд Мер ва тамоми олдерманҳо[1] бо либосҳои махсуси аъёнӣ, ки аз махмали сурх ва гарданбандҳои тиллоӣ иборат буд, меомаданд. Аз паси онон тамоми намояндагони табақаҳо ва косибони шаҳри Лондон байрақҳои гуногуни муассисаҳои худро бардошта меомаданд. Аз ақиби ин намоишчиён бригадаи қадими тупчиёне меомад, ки дар он замон сесад сол боз давом мекард ва имтиёзи махсусе дошт, ки ба парламент тобеъ намуд. (Ин бригада бо ҳамин имтиёзаш то ҳоло ҳам нигоҳ дошта шудааст.) Ин хеле манзараи зебо ва олӣ буд,—ин бригада аз байни халоиқи сершумор, ки дар ҳар қадам инҳоро бо овози баланд табрик мекарданд, бо ҳашамат ва дабдабаи тамом мегузашт. Як нафар таърихнавис дар бораи ин намоиш чунин мегӯяд:

„Вақте ки король ба шаҳр медаромад, халқ ӯро бо фарьёдҳои муборакбод, бо дуо, бо хайрхоҳӣ пешвоз намуда, бо ҳар тариқ муҳаббати самимона ва садоқатмандии худашонро нисбат ба короли худ зоҳир мекарданд ва король бо рӯи аз шодӣ дурахшандаи худ ба фуқаро нигоҳ карда, бо он касоне ки ба ӯ наздик буданд, аз рӯи меҳрубонӣ суҳбат ва аҳволпурсӣ карда, ба ҳисҳои содиқонаи фуқарои нодори худ мукофот ва эҳсонҳои фаровоне медод. Дар ҷавоби фарьёдҳои: „Зинда бод короли Англия!"— „Худованд аълоҳазрат Эдуарди Шашӯмро аз бало ва хатар нигоҳ дорад!",—ӯ бо меҳрубонӣ мегуфт: „Худованд шумоёнро ҳам ҳифз кунад, эй фуқарои меҳ-

[1] Олдерман—аъзои идораи шаҳрӣ.

рубони ман, аз таҳи дил саодат ва хушбахтии шуморо мехоҳам!“ Ин суханони муҳаббатомез халқро хеле дилшод мекард.

„Дар кӯчаи Фенчерс-стрит як бачаи зебои хушлибос ба як баландӣ баромада, дар табрики король ин суханонро бо шеър хонд:

Дили мо мегӯяд: шаҳо зиндабош!
Мехонем суруд—шаҳо зиндабош!
Зиндабош, абадӣ ҳукмронӣ кун!
Бо шаън ва дабдаба подшоҳӣ кун!

„Ва халоиқ бо як овоз суханони он бачаро такрор мекарданд“.

Том Кенти ба ин дарьёи пурмавҷи мардумони шод ва хушҳол нигоҳ мекард ва дилаш аз шодӣ пур мешуд: ҳис мекард, ки агар зиндагонӣ кардан дар дунъё завқ ва лаззате дошта бошад, он завқ фақат дар король шудан ва дар маҳбуби оммаи халоиқ будан аст. Нохост дар ҷои дуре ду бачаи сарсариро дид, ки дар кӯчаи Сарқутҳо рафиқони ӯ буданд. (Яке аз онҳо дар вақти подшоҳии ханданоки вай мансаби лорд-адмирал ва дигаре лорди мансаби якуми мутасаддии хобгоҳи подшоҳиро бачо меоварданд.) Онҳоро дида ғурур ва такаббураш боз ҳам зиёдтар шуд. Оҳ, агар онҳо ҳозир ӯро мешинохтанд! Агар онҳо ӯро мешинохтанд, агар короли ҳақиқӣ шудани султони ханданоки молхона ва хилватгоҳҳоро, ба вай хизмат карда истодани тамоми халқи Англия, граф ва шаҳзодагонро медиданд, чӣ қадар хушбахтии калоне мешуд! Аммо ӯ маҷбур буд, ки аз баҳри ин хоҳиши худ гузарад ва кӣ будани худро пинҳон дорад, чунки ин навъ хушбахтӣ ба вай зарари калоне расонида метавонист. Том рӯяшро гардонд ва бачаҳо ҳам киро муборакбод карда истодани худашонро

надониста ба бозй ва фарьёд кардани худ машғул шуданд.

Халоиқ:

— Марҳабо, марҳабо!—гуфта фарьёд мекарданд ва Том ҳам дар ҷавоби ин тангаҳои нави ялаққосиро ба сари онҳо мепошид. Таърихнавис чунин мегӯяд: „Дар қисми болоии маҳаллаи Гресчерс-стрит аз тарафи шаҳр пештоқи пурҳашамате сохта шуда буд, дар таги он тахтапул ва суфаҳое буданд, ки аз як тарафи кӯча ба тарафи дигари он кашида мешуданд. Дар болои ин суфа ва тахтапулҳо ҳайкали падару бобоёни король гузошта шуда буд. Дар он ҷо, дар байни гули бузурги сафеде Елизаветаи Иорй истода буд, ки баргҳои гул дар атрофи сараш нақшу нигори зебое ба вуҷуд оварда буданд; дар паҳлуи ӯ дар байни гули сурхе Генрихи VII нишаста буд; король бо малика даст ба даст истода ва дар ангуштони ҳар дуяшон ҳам ангуштаринҳои арӯсй намудор буд. Аз гулҳои сафед ва сурх шохае дароз шуда ба тахтапули дигаре мерасид, ки дар он ҷо Генрихи VIII бо ҳамроҳии Џен Сеймур, модари короли нав аз даруни дастаи гулҳои сурху сафед сар бароварда буд. Аз тарафи инҳо боз ба сӯи тахта шохаи дигаре дароз шуда, дар он ҷо сурати худи Эдуарди VI буд, ки бо азамати тамоми шоҳонааш дар болои тахт менишаст. Ҳамаи суфа ва тахтапулҳо бо шилшилаҳои гулҳои сурху сафед зинат дода шуда буданд".

Ин манзараи аҷиб ва зебо хурсандии халоиқро чунон зиёд кард, ки фарьёди онҳо овози пасти писаракеро, ки маънои ин суратҳоро бо шеър хонда мефаҳмонд, пахш намуд, аммо Том Кенти аз ин таассуф намехӯрд, наъра ва фарьёдҳои фукарои содокатманд барои ӯ аз ҳамагуна шеър ва сурудҳои хе-

ле хуб ҳам беҳтар ва форамтар буданд. Вакте ки Том рӯи ҷавон ва саодатманди худашро ба сӯи халоиқ гардонд, онҳо бо сурат монандӣ доштани онро фаҳмиданд ва мавҷҳои карсак ва шодӣ боз ҳам авҷ гирифт.

Ин намоиш боз ҳам пеш мерафт, аз таги пештоқҳои зебо ва суратҳои хубе ки корҳои хайр, некӣ ва хизматҳои короли ҷавонро нишон медоданд, мегузашт. „Дар тамоми Чипсайд аз ҳар як тиреза ва аз ҳар як болохона байрақҳо овезон буда, қолинҳои зебо, матоъҳои гаронбаҳо ва порчаҳои кимхоб—асбобҳои зинат овезон буданд; зинати маҳаллаҳои дигар ҳам аз ин камтар набуд".

Том Кенти худ ба худ ғур-ғур карда гуфт:

—Ҳамаи ин корҳои аҷоиб ва ғароиб барои ман, ба хотири ман карда шудааст!

Рухсораҳои короли сохта аз ҳаяҷон месӯхтанд, чашмонаш метофтанд ва ӯ завқ мебурд. Нохост, вақте ки барои пул пошидан ба сари фуқаро дасташро бардошт, дар байни халоиқ як шахси рангпаридаеро дид, ки чашмони ҳайратнокашро аз вай намеканад. Пеши чашмонаш хира шуданд, ӯ модари худашро шинохт! Ӯ ба зудӣ кафи дасташро чаппа карда бо он пеши чашмони худро паноҳ намуд, ин ҳаракати ӯ, чӣ навъ ки мо дар боло сабабашро дониста будем, ба иллати як воқеае сар шуда ва ба Том одат шуда монда буд. Дар як лаҳза он зан тӯдаи халоиқро ҷудо карда пеш омад, аз миёни посбонҳо ҳам гузашта омада дар наздикии вай истод. Ба поҳои вай часпида онҳоро бӯса кард ва фарьёд намуд:

—Фарзанди ман, фарзанди азизу меҳрубони ман!— ва рӯи аз шодӣ ва муҳаббат дигаргун шудаашро ба тарафи вай гардонд.

Яке аз посбонҳои махсус дашноме дода, ӯро ка-шола кард ва бо дасти пурқуввати худ ба дур ҳаво дод. Қариб буд, ки аз даҳони Том калимаҳои „эй зан, ман туро намешиносам!" бароянд; аммо озоре ки ба модараш расонида шуд, ба дили вай хеле сахт таъсир кард. Ва ҳамин ки зан барои охирин бор нигоҳ кардан ба фарзанди худ, рӯяшро гардонд, ӯ чунон як ҳолати маҳзунонае дошт, ки аз диданаш Том шармгин шуд, баъд аз он тӯдаи халоиқ занро аз назари вай пинҳон карданд. Ин шарм ифтихор ва сарбаландии Томро маҳз намуд ва тамоми шодӣ ва хурсандии ӯро ба талхкомӣ мубаддал кард. Ҳамаи эҳтиром ва дабдабаҳо дар назараш арзиши худро гум карданд.

Намоиш боз дар рафтори худ давом мекард; зи-нати кӯчаҳо то рафт пурҳашаматтар мешуданд; овозҳои табриккунанда дам ба дам баландтар шуни-да мешуданд; аммо дар назари Том Кенти ҳамаи инҳо гӯё ин ки ҳеҷ буданд. Ӯ ҳеҷ чизро намедид ва намешунид. Ҳукмронии шоҳона дар назари вай ҳа-маи дабдаба ва тумтароқи худашро гум карда буд; дабдабаҳое ки карда мешуданд, ба назараш мисли таҳқир ва сарзаниш менамуданд. Як азоби виҷдонӣ дили ӯро ба озор оварда буд ва ӯ худ ба худ мегуфт: „Худоё, маро аз ин асирӣ ва бандагӣ халос кун!" Ӯ ин суханонро чунон ки дар рӯзҳои аввали азамат ва королии худ такрор мекард, ҳоло ҳам доим так-рор карда мегуфт.

Намоиш аз кӯчаҳои каҷи шаҳри қадими Лондон мисли мори дарозе ки пулакчаҳояш заррин бошад, печида мерафт. Мардумон бо овозҳои баланд ӯро табрик мекарданд; аммо король сарашро хам карда ва ба ҳеҷ чиз нигоҳ нокарда мерафт, дар пеши на-зараш ба ғайр аз рӯи ҳақоратшунидаи модараш ди-

гар чизеро намедид. Акнун ба дастони дарозшудаи фуқароён тангаҳои дурахшон ҳам партофта намешуданд.

Овозҳои:

—Марҳабо! Марҳабо!—шунида мешуданд, аммо ӯ ба ин овозҳо аҳамияте намедод.

—Зинда бод Эдуард, короли Англия!

Гӯё ки замину замон аз шиддати ин овозҳо ба ҷумбиш меомад, аммо фақат король хомӯш ва беҳаракат буд. Ин фарьёдҳо ба гӯши вай мисли овозҳои ҷои дур мерасиданд ва овозҳое ки вай аз дил ва аз виҷдони худ мешунид, онҳоро пахш менамуданд. Ин овози аз дил баромадагӣ гӯё ки калимаҳои шармандагиовари „эй зан, ман туро намешиносам!"-ро такрор мекарданд.

Ба гӯши одамоне ки рафиқи наздиктарини дар зиндагӣ аз вай хиёнатдидаашро гӯронда истода бошанд, овози зангӯлаҳои маросими дафн чигуна таъсир мекарда бошад, ин суханон ҳам ба гӯши король ҳамон хел таъсир доштанд.

Дар ҳар сари кӯча ва гардишгоҳ онҳоро бо эҳтироми наве пешвоз мекарданд, дабдабаҳои нав, мӯъҷизаҳои нав, овози тирпарронихои шодиёнагӣ ва фарьёди халоиқи шод ва хушҳол шунида мешуд; аммо король бо ҳеҷ як ишорат ва бо ҳеҷ як даҳан сухан ба онҳо ҷавоб намедод, чунки ба ғайр аз овози мазамматомез ва сарзанишдоре ки аз дили худаш меомад, ҳеҷ овози дигар ба гӯши вай намедаромад.

Оҳиста-оҳиста авзои тамошобинон низ дигаргун шуд, ба ҷои хурсандӣ ва шодӣ, мардум ҳам ғамгин шуданд, ҳоло овозҳои муборакбодӣ ҳам чандон баланд шунида намешуданд. Лорд протектор дарҳол инро пай бурд ва сабабашро ҳам фаҳмид. Ӯ аспи

худро давоида ба назди король омаду кулоҳашро бардошта, таъзиме намуда оҳиста гуфт:

—Подшоҳо, ҳоло вақти фикру хаёл кардан нест! Халоиқи сархамшуда пешонии андӯҳгинона чинбастаи туро дида, инҳоро аломати бад ҳисоб мекунанд. Ба маслиҳати ман гӯш деҳ! Ва офтоби шоҳонаи худро боз дурахшон кун ва нурҳои онро ба болои фуқаро бипош. Саратро бардор ва ба халқ табассум кун!



Подшоҳо, ҳоло вақти фикру хаёл кардан нест!

Герцог ин суханонро гуфта ба росту чапи худ як каф-як каф танга ҳаво дода, боз ба ҷои худаш баргашт. Короли сохта он чиро, ки аз вай талаб карда шуда буд, дарҳол баҷо овард. Дар табассумҳои ӯ ҳеч рӯҳ набуд, аммо бисьёр касон аз ӯ хеле дур буданд ва чашми бисьёр одамон ҳамчунон тез ва гузаро набуд, ки инро пайхас кунанд. Ӯ сари бо парҳо зинат додашудаи худро чунон бо меҳрубонӣ ва ҳашамат хам мекард ва бо чунон саховат

ва ҳимматбаландии шоҳонае пулҳои ялаққосиро ҳаво медод, ки изтироби халқ пароканда шуд ва овозҳои муборакбодӣ боз мисли пештара ҳама ҷоро фаро гирифтанд.

Аммо бо вуҷуди ин герцог маҷбур шуд, ки боз як бори дигар ба король наздик шуда Ӯро танбеҳ намояд. Ӯ гуфт:



Вай модари ман буд.

—Короли аъзам! Ин андӯҳ ва ғуссаро аз худат дур кун, чашми тамоми олам ба ту дӯхта шудааст!—ва бо ҳасрати тамом илова кард:—Кошкӣ он зани гадо дар олам намебуд! Ӯ ҷаноби олиро чунон ба ташвиш андохт!

Король чашмони бенури худашро ба тарафи герцог андохта бо як овози соките гуфт:

—Вай модари ман буд!

Лорд протектор дар ҳолате ки аспи худро ақиб меронд, оҳе кашида гуфт:

—Худоё! Фоли бади мардум дуруст баромад! Ӯ боз ақли худашро гум кардааст!

## РӮЗИ ТОҶГУЗОРӢ

Акнун якчанд соат ақиб рафта ба калисои Вестминстер нигоҳ кунем, ки дар рӯзи тоҷгузорӣ дар соати чори пагоҳӣ дар он ҷо чӣ ҳодисае рӯй дода буд. Агар мо ба он калисо дароем, дар он ҷо, танҳо нахоҳем буд: ҳарчанде ки дар берун ҳанӯз шаб аст, аммо шаҳнишинҳое ки бо машъалҳо равшан карда шудаанд, аз одам пур мебошанд, аз худи бегоҳӣ ба ин ҷо хеле одамон омада ҷамъ шудаанд. Онҳо барои дидани тамошое ки ба ҳар як одам эҳтимол дар тамоми умр фақат як бор муяссар мешавад, ба шаш-ҳафт соат мунтазир шудан розӣ шудаанд. Бале, шаҳри Лондон ва Вестминстерҳои он аз соати сеи шаб, ки аввалин тӯпҳо гумбуррос заданд, аз ҷойҳои худ хеста буданд, ва як тӯдаи калони мардум, ки худашон ҳарчанд аъён ҳам набошанд, аммо давлатманд буданд, пул дода дар шаҳнишин ва болохонаҳои калисо, ки барои табақаи худашон махсус аст, ҷо гирифта буданд.

Соатҳо хеле дилгиркунона кашол мешуданд. Ҳамагуна ғалоғула ва овозҳо рафта-рафта хомӯш шуданд, чунки шаҳнишинҳо кайҳо боз бо мардум пур шуда буданд. Биёед, мо ҳам ҷое ёфта нишинем; мо барои тамошо ва мулоҳиза кардан вақт дорем. Ба ҳар ҷо, ки назар андозед, аз даруни торикие ки дар калисо ҳукмфармост, шаҳнишин ва болохонаҳое намудор мешаванд, ки аз тамошобинҳо пуранд; қисми дигари болохона ва шаҳнишинҳоро сутунҳои калон, зинат ва ҳайкалҳо аз назар панаҳ кардаанд. Тамоми қисми шимолии калисо, ки хеле калон аст, холӣ буда ба омадани меҳмонҳои аъён ва калоншаванда мунтазир аст. Шаҳнишини суфаи калоне ҳам,

ки бо қолин ва порчаҳои гаронбаҳо зинат дода шудааст, ба мо намоён аст. Дар миёни ин суфа, дар як ҷои баланде ки бо чор зина баромада мешавад, тахти шоҳона намудор аст. Дар ҷои нишасти тахт тахтасанги ҳамворе монда шудааст, ки ин санги Скон[1] мебошад, дар болои ин санг бисьёр корольҳои шотландӣ тоҷи шоҳӣ ба сар ниҳодаанд; одати дерина ва гузаштаи замонҳои бисьёр ин сангро чунон табаррук ва муқаддас кардааст, ки ҳозир корольҳои Англия дар болои он тоҷ мепӯшанд. Тахт ва канорҳои пояҳои он бо порчаҳои заррин кашида шудааст.

Дар атроф хомӯшӣ ҳукмфармост, рӯшноии машъалҳо хира аст ва соат хеле суст мегардад. Ана ниҳоят рӯз ҳам равшан шуд, машъалҳоро куштанд, як рӯшноии нарме ба иморати калони калисо даромад. Акнун ҳама гӯша ва канорҳои ин ибодатгоҳи калонро дидан мумкин шуд. Азбаски рӯи офтобро абри тунуке гирифтааст, нақшу нигорҳои калисо ҳам хеле нарм ба назар менамоянд, кас гӯё ки онҳоро дар хоб мебинад.

Дар соати ҳафт якоҳангии хоболуди ин интизор аввалин бор вайрон шуд: дар қисми шимолии калисо аввалин хоними аъён, ки ба хотири Сулаймон пайғамбар мисли вай либос пӯшида буд, намудор гардид: яке аз ходимони калисо, ки аз махмал ва абрешим либос дошт, ӯро ба ҷои махсус бурда шинонд, як ходими дигар домани хеле дарози куртаи хонимро бардошта, аз ақиби вай мерафт ва замоне ки

---

[1] Дар аввалҳо ин санг дар Шотландия дар шаҳри Скон нигоҳ дошта мешуд; дар соли 1299 короли Англия Эдуарди якӯм онро ба шаҳри Лэндон оваронд ва баъдҳо ин сангро ба ҷои нишасти тахти тоҷгузории короли Англия ҷойгир намуда, ба калисои Вестминстерӣ гузоштанд.

хоним ба ҷояш нишаст, домани ӯро ҷамъ карда ба болои зонуҳои вай гузошт. Баъд як курсичаи хурде ба паҳлуи хоним гузошта тоҷи махсуси ӯро ба болои он курсича монд, то ин ки дар вақте ки ҳама аъёнҳо тоҷҳои худро ба сар мегузоранд, ӯ ҳам бо кофтан овора нашуда, онро дарҳол гирифта ба сари худ гузорад.



Аввалин хоними аъён намудор гардид.

Занони аъёнҳо аз паси ҳамдигар меомаданд, онҳо бо дабдабаи калон қатор шуда мерафтанд ва дар байнашон ходимони хушлибоси калисо буданд, ки ҳар як меҳмонро ба ҷояш шинонида ва осуда мекарданд. Ҳоло даруни калисо хеле манзараи серрафтуое ба худ гирифта буд. Дар ҳама ҷо зиндагӣ, ҳаракат ва рангҳои дурахшони гуногун. Андак баъд боз хомӯшӣ ҳукмрон шуд; ҳамаи хонимҳои аъён омада дар ҷоҳои худ нишастанд. Тамоми калисо бо тобиши сангҳои қиматбаҳо равшан шуда буд.

Дар ин ҷо одамони синну соли гуногун буданд: аз пиразанҳо бо рӯйҳои пурчин, мӯҳои зард ва сафед, ки қариб сад сол дошта, вақти тоҷгузории Ричарди сеюм ва давраҳои мағшуши кайҳо боз фаромӯшшудаи онро дар ёд доштанд, то занҳои зебои

миёнсол ва хонимҳои хушрӯи оламланоҳ ҳама хел занҳо буданд; дар ин ҷо духтараконн маҳин ва хуб ҳам буданд, ки чашмонашон чун чароғ тобида, рухсораҳояшон чун себи сурх медурахшид, эҳтимол дорад, ки дар вақти даркорӣ, замоне ки дақиқаи бисьёр муҳим омада мерасад, онҳо тоҷҳои алмоскории худашонро ҳам аз безобитагӣ ва бесаранҷомӣ пӯшида натавонанд, чунки ин барои онҳо кори наве мебошад ва бо ташвишу талвоса иҷро намудани он чандон ҳам осон нест. Не,—мо ҳазл мекунем,—ин хел шуданаш мумкин нест, чунки тамоми ин занҳо мӯйҳои худашонро ба тарзе ороста ва шона кардаанд, ки дар ишорати аввал ба зудӣ ва бе хато тоҷҳоро ба ҷои даркории сарашон монда метавонанд

Мо хонимҳои ороста ва перостаро, ки ба ҳар ҷои либосҳои худ алмосҳо шинонда буданд, дидем, мо чӣ қадар дабдабадор ва боҳашамат будани ин манзараро медонем, аммо аҷоиботи калон ҳанӯз дар пеш аст. Қариби соати нӯҳ осмон якбора аз абрҳо тоза ва кушода шуд, ва шуоъҳои офтоб даруни калисоро ва ҷои исти хонимҳои зеборо пур кард; ҳамаи қаторҳо бо тобишҳои рангоранги сангҳои гаронбаҳо гӯё ки оташ гирифта месӯхтанд, дурахш ва тобиши ин манзара ба мо мисли токи электрик таъсир мекунад! Ана ҳайати фавқулъоддаи яке аз сафоратхонаҳои давлатҳои шарқӣ, ки аз ақиби сафирони дигар меомад, ба майдон баромад, бо даромадани инҳо иморати бузургро чунон рӯшной ва тобиш пахш кард, ки аз дидани он нафасатон танг мешавад: либоси сафир сар то по бо сангҳои гаронбаҳо зинат дода шуда ва дар ҳар як ҳаракат ба атрофи худ мавҷҳои шуоъро мепошад.

Акнун барои дуруст фаҳмидани воқеа сари матлаби худро андаке ба замони гузашта бубарем. Ду

балки дуним соат гузашт, овози парриши тўп омадани король ва намоишчиёнро хабар дод; дар тўдаи халоиқ, ки аз шиддати интизор монда шуда буданд, хурсандии бениҳояте сар шуд. Ҳама медонистанд, ки боз ҳам мунтазир шудан даркор аст, чунки вақт даркор буд, ки король либосҳои нав пўшида ба маросим тайёр шавад; аммо ҳоло дигар интизорӣ чандон машаққат надошт; чунки аъёнҳо, саркардаҳо, бузургони давлат бо тамоми либосҳои ороста ва перостаи худ аз паси ҳамдигар ба ибодатхона медаромаданд. Ходимони калисо ҳар яки аз инҳоро бо эҳтироми тамом ба ҷои махсуси худашон бурда ва тоҷашонро ҳам ба канорашон мегузоштанд. Тамошобиноне ки дар болохона ва суфаҳо нишаста буданд, бо завқу шавқи тамоме ба ин манзара нигоҳ мекарданд: аксари ин тамошобинон аввалин бор буд, ки графҳо, герцогҳо, баронҳоеро, ки таърих номашонро чандин садҳо сол боз бо таъриф ва тавсиф зикр мекард, бо чашми худ медиданд. Ниҳоят, вақте ки ҳамаи перҳо дар ҷоҳои худ нишастанд, чунон як манзараи аҷибе намудор гардид, ки ҳақиқатан ба тамошо кардан ва дар тамоми умр ба хотир нигоҳ доштан меарзид.

Акнун ба болои шаҳнишин аз паси якдигар епископҳо бо либосҳои расмии худ, бо ҷомаҳои заррин баромада ҷоҳои ба худашон махсусро ишғол мекарданд; аз паси онҳо лорд протектор ва мансабдорони калони дигар ба майдон баромаданд ва аз паси онҳо аскарони махсуси шоҳӣ намудор шуданд, ки сар то по ба оҳан ва пўлод ғарк буданд.

Дақиқаҳои сахти интизор расид: ниҳоят бо як ишорат мусиқаи хеле дабдабаноке ба навохтан сар кард ва Том Кенти дар либоси дарозе аз кимхоб, дар дами дар намоён шуда, аз он ҷо ба рўи шаҳ-

нишин баромад. Тамоми халоик, мисли як нафар аз ҷо хестанд ва маросими тоҷгузорӣ сар шуд.

Тамоми калисо бо овози суруд ва дабдабадор пур шуд ва Том Кентиро дар тахти овози ҳамин сурудҳо ба канори тахт оварданд. Маросимҳои боазамати тантанадори қадим аз паси ҳамдигар иҷро карда мешуданд ва тамошочиён бо майлу хоҳиши тамом ба ҳар яки инҳо нигоҳ мекарданд; аммо маросим ҳар қадар ки ба охир наздиктар мешуд, ранги рӯи Том Кенти ҳамон қадар пажмурдатар шуда, ҳиссиёте ки дар дилаш буд, ҳамон қадар зиёдтар ӯро азоб медоданд.

Ниҳоят вақти иҷро кардани маросими охирин расид. Архиепископи кентерберӣ аз болои болишт тоҷи Англияро бардошта ба болои сари короли сохта, ки тамоми баданаш меларзид, баланд кард. Дар он замон даруни ибодатхонаро гӯё тиру камоне равшан карда бошад, ҳамаи аъёнҳо, мисли як одам, тоҷҳои худро бардошта ба сар ниҳоданд ва хомӯш истоданд.

Дар ин вақт тамоми калисоро овози баланде фаро гирифт. Дар ин дақиқаи тантананок иштироккунандаи наве ба майдон баромад, ки то ҳол касе ӯро надида ва пайхас накарда буд. Ин писараки сарлуче буд, ки дар по кафшҳои дарида ва дар тан либоси дағали авомона пӯшида буд. Ӯ бо як дабдаба ва ҳашамате ки ба либосҳои ифлос ва манзараи ҳақиронааш ҳеҷ муносибат надошт, дасташро бардошта фарьёд кард:

— Ба шумо амр медиҳам, ки тоҷи Англияро ба сари ин ҷиноятгар нагузоред! Короли Англия ман ҳастам!

Дар як лаҳза бисьёр дастҳо бо нафрати тамом дароз шуда писаракро гирифтанд. Аммо Том Кенти

дар либоси шоҳонаи худ ба майдон даромада бо овози баланд фарьёд кард:

— Сар диҳед, даст нарасонед ба вай! Ҳақиқатан ҳам король вай аст!

Ҳамаи мардум саросема шуданд, ҳама аз ҷоҳои худ хеста, гарданҳои худашонро дароз карда, ба иштироккунандагони асосии ин тамошогоҳи аҷиб нигоҳ мекарданд, ҳеҷ кас дар хоб ва ё дар бедорӣ шуда истодани ин воқеаро дуруст пайхас карда наметавонист. Лорд протектор ҳам ки дар қатори дигарон мот ва ҳайрон шуда буд, ба зудӣ худашро ба даст гирифта, бо овози омиронае фарьёд кашида гуфт:

— Ба суханони аълоҳазрат аҳамият надиҳед, боз бемориашон шиддат кардааст. Сарсариро дастгир кунед!

Мехостанд ҳукми лордро иҷро намоянд, аммо дар ин байн короли сохта пои худро ба замин кӯфта фарьёд кард:

— Вай король аст! Ҳар кас ба вай даст дароз кунад, кушта мешавад!

Дастҳо ақиб кашида шуданд. Тамоми маҷлис сокит ва хомӯш шуд: ҳеҷ кас намеҷумбид, ҳеҷ кас гап намезад, росташ ин ки ҳеҷ кас чӣ кардан ва чӣ гуфтани худашро намедонист, чунки ҳодиса хеле ногаҳонӣ ва хеле аҷиб буд. Дар он миён, ки мардумон дар бораи ҳодиса фикр карда худро ба даст гирифтан мехостанд, боиси ин талотӯб қади баланд ва мағрурона худро рост карда то рафт пештар омад; ӯ ҳеҷ наистод; ва дар он муддате ки ҳама дар тараддуд ва ҳайронӣ буданд, ба болои тахтапул баромад. Короли сохта бо рӯи хандон ва хушҳол ба пешвози ӯ рафта, дар пеши ӯ зону зада гуфт:

— Подшоҳо! Ба фуқарои содиқи худат Том Кен-

ти иҷозат бидеҳ, ки ба ту аз ҳама пештар таъзим намуда, вафодорӣ ва садоқати худашро арз намояд: тоҷи подшоҳиро ба сар бигузор ва ба ҳуқуқҳои худ соҳиб шав!



Том дар пеши вай ба зону афтод.

Назарҳои гиро ва сахти лорд протектор ба рӯи писараки нав омадагӣ дӯхта шуд, аммо дарҳол аломатҳои ғазаб аз рӯяш дур шуданд ва ҷои онро як ҳайронӣ ва тааҷҷуби беандозае фаро гирифт. Ҳамин ҳайронӣ ва тааҷҷуб амалдорони дигарро ҳам фаро гирифта буд. Онҳо ба ҳамдигар нигоҳ карда беихтиёр якбора ақибнокӣ рафтанд. Дар сари ҳар кас чунин як фикр пайдо шуд: „Чӣ қадар монандии аҷибе!"

Лорд протектор як дақиқа фикр карда, баъд бо ҷиддият ва эҳтиромкорона гуфт:

— Бо иҷозати шумо мехостам якчанд савол бипурсам...

— Милорд, ман ба саволҳои шумо ҷавоб медиҳам!

Герцог дар бораи короли марҳум, дар бораи дарбор, дар бораи шаҳзода ва маликаҳо гап пурсид, писарак ба ҳама саволҳо бе хато ва ҳеҷ фикр нокарда ҷавоб дод; ӯ хонаҳои калони ба маросимҳо махсуси дарборро тасвир кард, ҳуҷраҳои короли марҳумро гуфта дод ва ҷоҳои хоби шаҳзода Уэльскийро нишон дод.

Ин хеле аҷиб, хеле ҳайратбахш буд; бале, ин ба андозаи тасвирнопазире аҷоиб буд. Кор то рафт бехтар шуда истода буд, Том Кенти умедворӣ дошт, ки ҷараёни воқеа короли ҳақиқиро ба тарафи тахт мебарад, аммо лорд протектор сарашро ҷунбонида гуфт:

— Воқеан ҳам хеле ҳайратангез аст! Аммо ҳамаи инҳо корҳое мебошанд, ки короли мо ҳам карда метавонад.

Суханони лорд протектор Том Кентиро ғамгин карданд — ӯро ҳанӯз ҳам король меномиданд ва ӯ ноумед шуда истодани худашро ҳис кард.

Лорд протектор илова карда гуфт:

— Ин ҳанӯз д а л е л шуда наметавонад.

Мавҷҳо Том Кентиро дар тахти королӣ монда соҳиби ҳақиқии тоҷу тахтро ба дарьёи бепоён гирифта мебурданд. Лорд протектор сарашро хам намуда фикр кард: „Бо ин муаммои шум бисьёр овора ва саргардон шудан ҳам барои давлат ва ҳам барои худи моён хавфнок аст: ин ҳол ба даруни халқ ҷанҷол ва шубҳа андохта, асосҳои ҳокимияти королиро вайрон хоҳад кард“. Ӯ рӯи худро гардонида гуфт:

— Сэр Томас, инро ҳабс кунед... Не, қадре истед!

Дар рӯяш андак аломати шодӣ пайдо шуд ва ӯ ба даъвогари пойлучи тахти Англия савол дод:

— Мӯҳри давлатӣ дар куҷост? Ба ин савол ҷавоб бидеҳ он вакт муаммо ҳал мешавад, чунки ба ин савол фақат шаҳзода Уэльский дуруст ҷавоб дода метавонад!

Ин як фикри хеле баҷо ва муваффақиятноке буд. Ҳамаи мансабдорони калон ҳамин навъ фикр мекарданд ва дар рӯи ҳамаашон як аломати мамнунӣ ва ризоятмандӣ дида мешуд. Бале! Фақат шаҳзодаи ҳакикӣ ин сирри то ҳол номаълумро ёфта ва ҷои мӯҳри давлатии гумшударо нишон дода метавонист. Ин подшоҳтароши хурд сабақи худро дуруст ёд гирифта бошад ҳам, аммо дар инҷо пешпо хӯрданаш якин буд, чаро ки худи он кас ҳам, ки ин гапҳоро ба ӯ ёд додааст, ба ин савол ҷавоб дода, ҷои мӯҳрро нишон дода наметавонад. Хуб, бисьёр хуб! Акнун мо аз ин балои ногаҳонӣ ва хавфнок ба осонӣ халос шуда метавонем. Ҳама сарашонро ҷумбонида ва аз хурсандӣ табассум мекарданд ва умедвор буданд, ки бачаи густох гуноҳи худашро фаҳмида шарманда хоҳад шуд.

Аммо ҳеҷ ин хел нашуд ва ҳама ба оромӣ ва қатъият ҷавоб додани писаракро дида, ҳайрон шуданд:

— Ин муаммо ҳеҷ душворӣ надорад!—гуфт вай.

Ва ҳеҷ иҷозате напурсида рӯяшро ба тарафи дигар гардонда, мисли одаме ки ба фармон додан одат кардааст, бепарвоёна гуфт:

— Милорд Сент Ҷон! Ба дарбор ба кабинети ман бирав,—он ҷоро ҳеҷ кас ту барин нағз намедонад.— Дар он ҷо дар гӯшаи чап дар наздики пол, дар пе-

ши дари охирин, ки ба даҳлез мебарояд, як мехи аз мис сохташудае ҳаст; сари мехро зер кунӣ,— як сӯрохи майдае кушода мешавад, ки дар он ҷо будани он сӯрохиро ба ғайр аз ман ва устое ки онро барои ман сохтааст, ҳеҷ кас, ҳатто худи ту ҳам намедонӣ. Аввалин чизе ки ту хоҳӣ дид, мӯҳри бузурги давлатӣ хоҳад буд, онро гирифта ин ҷо биёр!

Ҳама аз ин суханон ҳайрон шуданд, аз ҳама зиёдтари ҳайронӣ дар ин буд, ки гадои хурд ҳеҷ фикру андешае накарда, аз миёни лордҳои дигар ба Сент Ҷон муроҷиат карда ва номи ӯро чунон содда ва бетакаллуф зикр кард, ки гӯё ӯро аз тамоми умраш медониста бошад. Сент Ҷон аввал як қадам пеш партофт, аммо баъд андеша карда истод ва андак сурх шудани рӯяш тараддуди ӯро нишон медод, Том Кенти ба вай рӯй гардонда бо қатъият гуфт:

— Чаро истодай? Магар фармони ҳазрати корольро нашунидӣ? Зуд бош!

Лорд Сент Ҷон сарашро хам карда таъзиме кард, бисьёр касон хеле эҳтиёткорона ва дутарафа будани ин таъзимро фаҳмиданд; ӯ намехост, ки ҳеҷ кадоми инҳоро дилгир намояд ва бинобар ин ба ҳеҷ яки аз инҳо ҷудогона таъзим накарда, балки ба ҳар дуяшон якбора, дурусттараш ин ки ба ҷои холии миёни он ду нафар таъзиме карда баромада рафт.

Дар байни бузургони мамлакат, ки дар болои шаҳнишин истода буданд, ҷумбиш ва ҳаракат сар шуд, ин ҷумбиш дар аввал чандоне ба назар намоён набошад ҳам, аммо муттасил давом мекард.

Дар ин ҷо тӯдаи калоншаванда ва бузургони мамлакат, ки даври Том Кентиро иҳота карда буданд, акнун оҳиста-оҳиста ба даври ин мусофир ва ғариб ҷамъ мешуданд. Том Кенти, метавон гуфт худаш танҳо монда буд. Ҳама дар интизор буданд. Дар ин

байн баъзе касони нармдил ҳам, ки ҳанӯз дар пеши Том монда буданд, ҷуръат карда якта-якта аз ҷои худ ҳаракат карда ба тарафи аксарият, ба паҳлуи даъвогар меомаданд. Акнун Том Кенти дар либоси шоҳонаи худ бо сангҳои гаронбаҳо, ки дар бар дошт, яккаю танҳо монда буд.



Онро гирифта ин ҷо биёр!

Лорд Сент Ҷон баргашта омад. Ҳамин ки ӯро дар остона диданд, ҳама аз гуфтугӯ боз истода хомӯш шуданд ва дар калисо хомӯшии пурра ҳукмфармо гардид. Қадамҳои ӯ дар таги тоқҳо ва гумбази калони калисо овоз медоданд. Ҳама нафаси худро нигоҳ дошта, бо як кунҷковӣ ва ҳаваси бу-

зурге ба тарафи ӯ рӯй гардонда буданд. Ӯ ба болои шаҳнишин баромада, андак таъхир карда, баъд ба Том Кенти дуқат шуда таъзим карда гуфт:

— Ба ҳазратам арз кунам, ки мӯхр дар он ҷо набудааст!



Ба ҳазратам арз кунам, ки мӯхр дар он ҷо набудаст.

Тамошои аҷибе рӯй дод. Тӯдаи мардумони ранг-парида ва тарсидаи дарбориён аз пеши кӯдаки сарсарӣ, даъвогари тахту тоҷи Англия ба зудӣ дур шуданд. Ӯ дар як лаҳза дар тахти тири нигоҳҳои таҳқиромез ва итобноки дарбориён яккаву танҳо монд. Лорд протектор бо оташинӣ гуфт:

— Ин гадои харзаро ба кӯча ронда дар тамоми шаҳр бо қамчин зада ҳай кунед! Ҷазои ин бешарм ба ғайр аз ин дигар чизе нест.

Сарбозон ба бачаяк ҳуҷум оварданд, аммо Том Кенти бо як ишорати дасти худ омирона онҳоро боздошта фарьёд кард:

— Ақиб гардед, ҳар кас ки ба вай даст дароз кунад, сараш аз тан ҷудо мешавад!

Лорд протектор чӣ кардани худашро надониста монд. Аз Сент Ҷон пурсид:

— Ба хубӣ аз назар гузаронида дидед ё не? Инро пурсидан ҳеҷ нафъе надорад. Хеле аҷиб аст, ки ман инро мепурсам. Агар ҳар хел майда-чуйдаҳо беному нишон гум шаванд, мумкин аст, аммо чӣ навъ мешавад, ки мӯҳри давлатии Англия беасар гум шавад ва ҳеҷ кас онро ёфта натавонад. Аҷаб муаммоҳои душворе шуд!

Аммо Том Кенти бо чашмони тобони худ ба тарафи лорд рафта фарьёд кард:

— Истед! Мӯҳр чӣ навъ чиз буд? Давра? Ғафс? Дар болои он нақшҳо ва ҳарфҳо карда шуда буд-мӣ? Оҳо, ман акнун фаҳмидам, ки мӯҳри давлатӣ ин будааст ва шумо онро ин қадар вақтҳо боз мекофтаед. Агар чӣ навъ будани онро пештар ба ман мефаҳмондед, се ҳафта пеш аз ин ба шумо ёфта медодам. Ман дар куҷо будани онро нағз медонам, аммо онро ман ба он ҷо нагузоштаам.

— Пас, кӣ гузоштааст. Ҳазратам?—пурсид лорд протектор.

— Он касе ки дар пеши шумоён истодааст, короли қонунии Англия! Ва ӯ ҳоло дар куҷо будани онро худаш гуфта медиҳад, он вақт бовар мекунед, ки ӯ аз аввал ҷои онро медонистааст. Ҳазратам, худат фикр кун, як қадар фикр ва андеша кун! Он рӯзе ки дар қасри худат либосҳои пораи маро пӯшида барои ҷазо додан ба сарбозе ки маро ранҷонида буд, аз хона баромадӣ, ин охирин коре буд, ки ту кардӣ. Хуб ба хотир биёр!

Хомӯшии сахте ҳама ҷоро фаро гирифт, чашми ҳама ба тарафи касе дӯхта шуда буд, ки аз вай мунтазири ҷавоб буданд; ӯ сарашро хам ва абрувонашро чин карда ба фикр фурӯ рафта буд ва

мехост аз миёни хотираҳои зиёди худ, ки ҳоло даркор набуданд, як чизи беаҳамияти фаромӯшшудаеро биёбад ва медонист, ки агар онро кофта ёбад, ба тахт соҳиб мешавад, вагарна дар тамоми умраш гадо ва саргардон хоҳад монд. Сонияҳо, дақиқаҳо аз паси ҳамдигар мегузаштанд, писарак ба хотираи худ зӯр оварда хомӯш истода буд. Ниҳоят нафаси вазнине кашида оҳиста сарашро ҷумбонд ва бо лабҳои ларзон ва овози ноумедонае гуфт:

— Ман тамоми он рӯзро ба хотир овардам, аммо мӯҳрро ба куҷо мондани худро намедонам, ба хотирам нест.

Ӯ сокит шуд ва баъд чашмонашро бардошта ва бо як оҳанги оромонае гуфт:

— Милорд ва ҷентльменҳо, агар шумо короли қонунии худатонро фақат барои набудани ин далел ва ҳуҷҷати бемаъно аз ҳуқуқи меросиаш маҳрум карданӣ бошед, ман дигар дар ин ҷо намемонам, чунки ман дигар тобу тавон надорам. Аммо...

— Подшоҳо, ин чӣ девонагист!—гуфт Том Кенти ба ваҳшат афтода.—Бардошт кун, фикр кун! Ин қадар ба осонӣ худро таслим накун! Ҳанӯз кор тамом нашудааст! Гӯш кун, ман ба ту чӣ мегӯям, ба ҳар як сухани ман гӯш бидеҳ. Ман тамоми майда-чуйдаи он рӯзро ба хотири ту меоварам. Мо бо якдигар гапзанон мекардем. Ман дар бораи хоҳарони худам Нен ва Бет гап кушодам, ин ку ба хотири ту ҳаст? Дар бораи очаи кампирам, дар бораи буҷулбозӣ ва дар бораи бозиҳои дигаре ки мо бачагони маҳаллаи Сарқутҳо мекардем, ба ту гап задам, ту инро ҳам дар хотир дорӣ? Бисьёр хуб! Диққат кун, ҳамааш ба хотират меояд. Ту ба ман хӯрок додӣ, хӯрдам ва шароб додӣ нӯшидам

ва бо як марҳамати шоҳона маҳрамҳои худро аз хона баровардӣ, ки ман ба сабаби бетарбиягии худам аз онҳо хиҷолатманд нашавам... Оҳо, инҳо ҳам ба хотират будааст!

Том ҳамаи воқеаҳои он рӯзро аз паси якдигар мегуфт ва шаҳзода барои фаҳмонидани он ки ба хотираш ҳаст, сарашро меҷумбонд ва амалдорон шунида, ҳайрон мешуданд; тамоми инҳо хеле ба ҳақиқат монанд буданд, аммо аҷибаш ин аст, ки дар байни шаҳзода ва гадои овора ин дӯстӣ ва наздикӣ чӣ навъ пайдо шуда буд? Ҳеҷ вақт дар ҳеҷ куҷои дунъё халоиқ ба ингуна завқу ҳавас наафтода ва то ин андоза дар изтироб ва ташвиш намонда буд.

Том Кенти давом кард:

— Ҳазратам, баъд мо барои ҳазил либосҳоямонро иваз кардем, баъд омада дар пеши оина истодем, маълум шуд, ки мо хеле ба якдигар монанд ҳастем, гӯё ки асло либосҳои худро иваз накарда бошем, ту инро ҳам дар хотир дорӣ, ҳо? Баъд ту дидӣ, ки солдат дасти маро хеле озурда кардааст, бубин ман то ҳол ҳам бо он дасти худ қалам гирифта наметавонам, ангуштонам чӯб барин кок шуда мондаанд. Ту инро дида ба солдат лаънатҳо фиристодӣ ва ба тарафи дар давидӣ, ки рафта ба солдат ҷазо бидиҳӣ ва ба тарафи дар давидӣ. Ба ту лозим буд, ки аз пеши стол гузашта равӣ. Ин балои батар, ки шумо мӯҳр мегӯед, дар болои стол истода буд, ту онро бардошта ва гӯё ин ки ҷоеро мекофта бошӣ, ба атроф нигоҳ кардӣ, мехостӣ онро ба ҷое бимонӣ, баъд...

— Исто! Бас аст! Ба худо шукр, ки ниҳоят ба хотирам омад, — гуфта даъвогари побараҳна ва сарсарии тахту тоҷи Англия бо як овози пуризтиробе фарьёд кард: — Сент Ҷон, ҷавоби азизи ман, дар

даруни остини ҷавшан (либоси оҳании ҷангӣ), ки ба девор овезон аст, ту мӯҳри давлатиро меёбӣ!

— Дуруст аст, короли мӯҳтарам, дуруст аст!— —гуфт Том Кенти фарьёд карда.—Акнун салтанати Англия азони туст! Ва касе ки дар ин бора шакку шубҳа карда, муқобил хоҳад шавад, беҳтар аст, ки аз ҷони худ умедашро канад. Шитоб кун, милорд Сент Ҷон! Бигузор поҳои ту мисли болу пари паррандагон тезрав шаванд!

Ҳамаи халоиқ, ки дар он маҷлис буданд, аз ҷоҳои худ хестанд. Тамошобинон аз ноороми, ҳаяҷон ва кунҷковӣ кам монда буд, ки девона шаванд. Даруни калисо мисли хонаи замбӯр ғуввас мезад. Ҳама якбора бо овози баланд ва ҳаяҷон ба гап даромаданд, ҳам дар поён ва ҳам дар болои шаҳнишинҳо аҳвол ҳамин буд. Ҳеҷ кас чизе намешунид ва ба ғайр аз сухане ки ба гӯши ҳамсояи худ мегуфт, ва ё ҳамсояаш ба вай мегуфт, ба шунидани гапи дигаре мароқ ва ҳавас надошт. Вақт бо тезӣ мегузашт.

Ниҳоят дар калисо боз пичир-пичир сар шуд ва Сент Ҷон дар болои шаҳнишин пайдо гардид. Дар дасти худ, ки дар болои сараш бардошта буд мӯҳри давлатиро меовард. Якбора овози баланде шунида шуд:

— Зинда бод короли ҳақиқӣ!

Аз фарьёдҳо ва овозҳои мусиқӣ тақрибан панҷ дақиқа даруни калисоро овози ғуввас пур карда буд; ҳама рӯймолчаҳои худро дар ҳаво ҷавлон медоданд ва он касе ки ин муборакбод ва офаринҳо ба вай нигаронида шуда буд, он писараки сарсарӣ, ки аввалин одами мамлакати Англия буд, дар миёнаи шаҳнишин, дар пеши назари ҳама хушбахтона ва сарбаландона меистод; рухсораҳояш гулгун шуда

ва ҳама тобеонаш дар ҳузураш сари итоат хам карда буданд.

Баъд ҳама бархостанд ва Том Кенти фарьёд карда гуфт:

— Эй короли бузург, акнун либосҳои шоҳонаатро аз ман бигир ва ба Томи бечора, ба камтарин хизматгори худат, куртаи ӯро гардонда деҳ!

Лорд протектор фармон дод:

— Либосҳои ин бачаи бадкорро кашида, худашро ба зиндони Тауэр фиристонед!

Аммо короли ҳақиқӣ, короли нав гуфт:

— Харгиз даст нарасонед! Ман факат бо ёрии вай тахту тоҷи худро ба даст даровардам, ба ӯ даст нарасонед ва ҳаргиз ӯро маранҷонед! Эй тағои меҳрубон ва эй протектори салтанати Англия, магар ту ба дили худ нисбат ба ин писарак ҳеҷ тараҳҳум ва ташаккуре ҳис намекунӣ? Аз рӯи шунидам, ӯ мансаби герцогиро ба ту додааст,—протектор аз шунидани ин суханон суп-сурх шуд, — аммо акнун короли ҳақиқӣ набудани вай маълум шуд, ин тавр ки бошад, он номи бузург ва дабдабадори ту акнун чӣ кимате дорад? Фардо ту бояд ба воситаи ӯ барои тасдиқ шудани ин унвони худ ба ман ариза бидиҳӣ, вагарна ба ту лозим мешавад, ки аз ин мансаб ва номи калон даст кашида, боз графи мукаррарӣ бишавӣ.

Баъд аз ин суханон ҷаноби герцоги Семорсетӣ маслиҳатро дар он дид, ки ба як тараф гузашта хомӯш истад. Король рӯи худро ба тарафи Том гардонда бо меҳрубонӣ гуфт:

— Эй писараки бечораи ман, мӯҳрро ба куҷо мондани ман чӣ навъ дар ёди ту мондааст ва ҳол он ки ман худам ба куҷо мондани онро фаромӯш карда будам?

— Короли мӯҳтарам, инро дар ёд доштан чандон душвор набуд, ман чандин бор он мӯҳрро кор фармуда будам.

— Кор фармуда будӣ... Пас чаро дар куҷо будани онро намегуфтӣ?

— Охир ман намедонистам, ки онро мекобанд, чӣ будан ва чӣ навъ чиз будани онро ба ман нагуфта буданд.

— Пас онро чӣ мекардӣ?

Рухсораҳои Том суп-сурх шуданд ва пеши чашмонаш хира шуд.



Чунон хандае баланд шуд, ки...

— Натарс, азизам, бигӯ!—гуфт король ба ӯ тасаллӣ дода,—ту мӯҳри калони давлати Англияро ба чӣ кор мефармудӣ?

Том боз даккае хӯрд ва ниҳоят шармгинона ҷавоб дод:

— Ман бо он чормағз мешикастам!

Бачаи бечора! Бо ин суханон чунон хандае баланд шуд, ки Том худро базӯр нигоҳ дошт. Он касонеро ҳам, ки ҳанӯз ба король набудани Кенти шубҳа доштанд, ин масъала тамоман аз шубҳа баровард.

Дар ин миён ҷомаи пурҳашамати шоҳонаро аз тани Том кашида, ба кифти король андохтанд. Либосҳои жандаи фақиронаи ӯ дар таги ҷома руст шу-

данд. Баъд аз ин маросими тоҷгузорӣ, ки қатъ шуда буд, дубора сар шуд. Ба рӯи короли ҳақиқӣ равғани миро[1] молиданд, ба сараш тоҷ гузоштанд ва тӯпҳо ин хабари шодиро ба тамоми шаҳр расонданд; тамоми Лондон аз шодӣ гулдуррос мезад.

*Боби сию сеюм*

## ЭДУАРД—КОРОЛЬ

Қиёфати беруни Майлс Гендон пеш аз он ки дар болои кӯпруки Лондон ба даруни халоиқ дарояд, хеле аҷоиб буд, аммо вақте ки аз болои кӯпрук, аз даруни талотӯби халоиқ баромад, боз ҳам аҷибтар шуд. Дар аввал ҳам пули вай кам буд, аммо акнун ҳеҷ пулаш намонд. Дуздҳо кисаи ӯро тамоман холӣ карда буданд. Як тинаш ҳам намонда буд.

Аммо ӯ аз ин корҳо парвое надошт, фақат мехост, ки писаракро ёбад. Бинобар як ҷанговари ҳақиқӣ буданаш, ӯ асло таваккалӣ ва тахминӣ кор намекард, бинобар ин аввал плани корҳои ҷангии худашро тартиб дод.

Писарак чӣ кор карда метавонист? Ӯ ба куҷо рафта метавонист? Майлс фикр мекард, ки ӯ дар навбати аввал ба ҷои истиқомати худаш хоҳад рафт, чунки ҳамаи одамони бехонумон, хоҳ боақл бошанд ва хоҳ девона, аввал ҳамин корро мекунанд. Хайр, пас ӯ дар аввалҳо дар куҷо зиндагонӣ карда метавонист? Либосҳои даридаи ӯ, ба он марди дузд ва сарсарӣ наздик буданаш, ҳатто ӯро писари худ номидан ва ба хубӣ шинохтани он сарсарӣ нишон медод, ки ӯ дар яке аз маҳаллаҳои фақирони шаҳри

[1] Миро—як равғани гаронбаҳое мебошад, ки дар вақти ба тахт нишастани подшоҳон онро мемоланд.

Лондон зиндагонй мекардааст. Ӯро бисьёр кофтан даркор мешавад-мй? Не, Майлс ӯро ба зудй ва ба осонй ёфта метавонад! Ӯ ба тамоми ҷоҳое ки халоиқ каму беш тӯб мешаванд, диққат хоҳад кард ва, албатта, дар ягон ҷой, дер ё зуд дӯсти ҷавони худро хоҳад ёфт; ӯ албатта худашро король хоҳад номид ва халоиқ ба сари ӯ тӯб шуда масхара ва истехзо хоҳанд кард. Агар ин аҳволро бинад, Майлс шубҳа нест, ки яке аз онҳоро зада маиб мекунад ва дастпарварди худашро гирифта, таскин дода бо суханони навозишкорона тасаллй медиҳад ва пас аз он ҳеҷ вақт аз вай ҷудо намешавад.

Ба ҳамин тариқ Майлс ба кофтан сар кард. Ӯ дар кӯчаҳои пурлои шаҳр, дар гӯша ва канорҳо гашта, ба ҷоҳое ки мардум тӯб шуда буданд, нигоҳ мекард, аммо дар ҳеҷ куҷо аз писарак дарак намеёфт. Ин аҳвол ӯро хеле ғамгин кард, аммо умедашро гум накарда буд. Дар ин плани худ ҳеч камбудй намедид; ҳисоб мекард, ки кори ӯ аз он чй ки тахмин карда будааст, андаке ба қафо афтода, аммо албатта дер ё зуд ба мақсади худ мерасад.

То сафед шудани рӯз ӯ хеле роҳ рафт, ба бисьёр касон дучор шуд, дар натиҷаи ин хеле монда шуд, гурусна монд ва хост, ки ҷое ёфта андаке бихобад. Дилаш чизе хӯрдан мехост, аммо дар кисааш пул кам буд, ба хӯрок намерасид; ӯ гадой карда аз касе пул талабиданро асло фикр хам намекард, шамшери худро гарав мондан ҳам ба фурӯхтани шарафи худ баробар буд. Аз либосҳои худ якеро фурӯхтанаш мумкин буд, аммо дар ин вақти шаб ба ин хел либосҳои дарида ва ифлос чй навъ харидор ёфтан мумкин аст?

Рӯз нисф шуда бошад хам, ӯ ҳанӯз дар кӯчаҳо мегашт, ба даруни халоиқе ки аз ақиби рикоби ко-

роль мерафтанд, даромада бо онҳо мерафт; якин ҳукм карда буд, ки писараки девона ҳам ба дидани ин тамошо майл хоҳад кард. Ӯ аз Лондон то Вестминстер ва калисои калон тамоми роҳҳои кацу килебро давр зада баромад. Ҳар замон ба даруни тӯдаҳои тамошобинон сарашро дароз карда нигоҳ мекард, аммо ба ҳеҷ натиҷа муваффақ нашуда ғамгинона дур мешуд ва барои кофтукови худаш планҳои нав ва беҳтар дуруст мекард. Ӯ ба фикр ва андешаҳои худ фурӯ рафта буд, бинобар он аз шаҳр хеле баромада рафтани худашро ва кариб шаб шудани рӯзро нафаҳмида монда буд. Ниҳоят хаёлоти худашро яктарафа карда, ба худ омад ва дид, ки ба беруни шаҳр омада ва кариб ба канори дарьё расидааст. Ин ҷо ҷоҳои хушманзарае буда, дар ин ҷо боғ ва иморатҳои олӣ ҷо гирифта буданд. Медонист, ки дар ин ҷоҳо он хел сарсариҳоро дӯст намедоранд.

Ҳаво гарм буд; ӯ дар пеши як девор дароз кашид, ки андак дам гирифта ва фикр кунад, вале ба зудӣ ба пинак рафт; ба гӯшаш аз дур овози тӯппарониҳо шунида шуданд; худ ба худ гуфт: „тоҷгузорӣ тамом шуд" ва ҳамон замон хобаш бурда монд. Қариб сӣ соат боз ҳеҷ дам ногирифта ва нанишаста буд, факат рӯзи дигар, аввали пагоҳӣ аз хоб бедор шуд.

Ӯ хеле бетобу тавон ва бекувват аз ҷой бархост, аз гуруснагӣ гӯё ки мемурд, дар дарьё дасту рӯи худашро шуст ва ба тарафи Вестминстер равона гардид, дар асно роҳ худашро дашном медод, ки чаро ин кадар вактро беҳуда сарф кардааст. Гуруснагӣ ба сари вай фикри наве овард: карор дод, ки аввал ба хонаи ошнои кадими худашон ҷаноб Гемфри Марло рафта аз вай як кадар пул карз гирад ва баъд... Холо ҳамин кадараш ҳам бас аст, баъд

планҳои худашро такмил кардан ва аз назар гузаронидан мумкин хоҳад шуд; аввал қисми якӯми план-ро иҷро кардан даркор.

Дар соатҳои ёздаҳи рӯз ӯ дар пеши дарбор истода буд, ҳарчанде ки дар атрофи дарбор тамошобинон зиёд буданд, аммо бо вуҷуди ин ӯ бинобар қиёфат ва либосҳои худаш аз назари мардум пинҳон намонд, ӯ ба рӯи ҳар як одаме ки рост меомад, нигоҳ мекард ва ягон раҳмдилеро мекофт, ки ба вай тараҳҳум карда дар бораи омадани ӯ ба ҷаноби Гемфри арз намояд; бо ин аҳвол ба дарбор даромада тавонистанаш асло мумкин набуд, ки инро худаш ҳам нағз медонист. Нохост аз пеши ӯ „маҳрамбачаи задан" гузашт, Майлсро дида, боз як бор давр зада ба пеши ӯ омад ва бо диққат ба вай нигоҳ кард.

„Агар ин одам ҳамон марди сарсарие ки ҷаноби олӣ ин қадар дар бораи ӯ нооромӣ мекунад, набошад, ман ҳам одам нестам! Ҳама аломатҳо дуруст аст. Ҳеҷ мумкин нест, ки худо ин навъ аҷоибҳоро дар як нусха ду нафар халқ карда бошад. Агар ин хел аҷоиб махлуқотҳо зиёд бошанд, нархашон меафтад ва қадру қурбашон кам мешавад. Акнун чӣ навъ карда бо вай гап занам?"

Аммо дар ин ҷо худи Майлс Гендон мушкили ӯро осон кард, ақиб гашта ба ӯ нигоҳ карда истодани писаракро дид. Диққат ва мароқи писаракро фаҳмида ба вай наздик рафт ва гуфт:

— Шумо, аз афташ, ҳозир аз дарбор баромадед; магар аз дарбориён ҳастед?

— Бале, ҷаноб!

— Шумо ҷаноб Гемфри Марлоро мешиносед?

Писарак аз саволи ногаҳонии ӯ яккад парид ва худ ба худ фикр кард: „хӯдоё, ин чӣ мегӯяд? Падари худораҳматии маро мепурсад!"

Ва бо овози баланд ҷавоб дод:

— Хеле нағз мешиносам, тақсир.

— Ӯ дар ҳамин ҷост?

— Бале!—гуфт писарак ва худ ба худ илова намуд: —„Ӯ ҳозир дар гӯр хобидааст!"

— Як меҳрубонӣ карда номи маро ба ҳузури он ҷаноб маълум намоед ва бигӯед, ки ман ба худи он кас як-ду даҳан арз дорам.

— Ман фармоиши шуморо аз таҳи дил иҷро мекунам!

— Ин тавр бошад, ба ҳузурашон маълум намоед, ки Майлс Гендон, писари марҳум Ричард омада ба даромадан рухсат мехоҳад. Ман аз ин илтифоти шумо хеле миннатдор мешавам!

Дар писарак як ноумедӣ пайдо шуд. Чунки король номи ӯро дигар хел гуфта буд. „Ҳар чӣ бодо бод!" гуфта қарор дод. „Ин эҳтимол дорад, ки бародари он мард бошад, албатта, ба ҳазрати олӣ дар бораи бародари худ маълумот медиҳад". Ӯ аз Гендон илтимос кард, ки андак дар ҳамин ҷо истад, то ин ки ӯ рафта ҷавоб биёрад. Ӯ рафт ва Гендон дар ҳамон ҷо ба даруни яке аз токҳои дарбор, ки дар вақти барфу борон посбонҳо меистоданд, дар болои суфачаи сангине нишаста ба омадани вай мунтазир шуд. Ҳамин ки нишаста буд, аз он ҷо як даста сарбозони табарзиндор бо саркардаи худ мегузаштанд, саркарда одами бегонаро дида, ба сарбозони худ фармон дод, ки биистанд ва ба Майлс амр кард, ки аз он ҷо бароял, ӯ итоат карда баромад, аммо дарҳол ӯро „бинобар одами шубҳанок буданаш" ба ҳабс гирифтанд. Кор бад шуда истода буд. Майлси бечора хост, ки аҳволотро маълум кунад, аммо саркарда бо дағалӣ амр дод, ки хомӯш биистад ва ба

сарбозони худ фармон дод, ки ярокашро гирифта худашро кофтуков кунанд.

Майлс Гендон ба сарбозҳо гуфт:

— Эҳтимол аз марҳамати худо ягон чиз ёбед, ман бошам бисьёр кофта ҳеч чиз наёфтаам ва ҳол он ки ба ман хеле даркор буд!

Дарвокеъ ҳам аз кисаи вай ба ғайр аз як хати сарбаста чизи дигаре наёфтанд. Саркарда конвертро кушод ва Майлс Гендон хати дўсти хурди худашро шинохта беихтиёр табассум кард. Ин охирин хате буд, ки король дар арки Гендон навишта буд. Вакте ки саркарда қисми ба забони англисӣ навишташудаи хатро хонда тамом кард, рангаш парид, Майлс ҳам суханони ўро шунида хайрон ва мот шуд.

— Ба тахти Англия боз як даъвогари дигар ҳам будааст! — фарьёд кард саркарда. — Онҳо мисли харгўш зиёд шуда истодаанд. Ин бадкорро маҳкам нигоҳ доред, то ин ки ман ин мактубро ба король арз кунам.

„Акнун кори ман шуд! — гуфт худ ба худ Майлс. — Ба зудӣ, албатта, ба дор овехта мешавам. Ин хат ба сари ман ягон фалокат наоварда намемонад. Баъд аз ман аҳволи он бачаи бечора чӣ мешавад? Оҳ, инро факат худо медонад!“

Ба зудӣ Майлс бо суръат омада истодани саркардаро дид ва худашро тайёр кард, ки марги ногузирро мардонавор пешвоз намояд. Аммо саркарда ба сарбозҳо амр дод, ки ўро озод карда, шамшерашро ба худаш гардонанд ва баъд бо эҳтиром таъзим карда гуфт:

— Ҷаноб, хоҳишмандам, ки аз ақиби ман биёед!

Гендон аз ақиби вай мерафт ва худ ба худ мегуфт:

— Ҳоло ки ба чанголи марг афтодаам, боз як гуноҳи барзиёд кардан хеч маънӣ надорад, вагарна са-

зои ин марди аблаҳро, ки ба ман ин қадар эҳтироми ҳақоратомезе мекунад, кайҳо медодам!

Онҳо аз як ҳавлии хеле серодам гузашта ба дарвозаи калони дарбор расиданд, дар ин ҷо саркарда боз ҳамон хел таъзими эҳтиромкоронае карда, Гендонро ба дасти як дарбории хушлибосе супурд, ки



*Ҳамчун одами шубҳанок ҳабс карда шуд.*

ӯ ҳам дар навбати худ сарашро хам карда таъзиме намуд ва ӯро ба меҳмонхонаи калоне даровард; дар он ҷо аз миёни ду қатор навкарони дарборӣ, ки либосҳояшон хеле пурҳашамат буд, гузашта рафтанд. Навкарҳо ба Гендон сар фуроварда таъзиме мекарданд, аммо аз ақиб ба кийёфати масхара-

овари калонгиронааш нигоҳ карда механдиданд. Хизматгори дарбор Гендонро аз як зинаи сербаре ки бо дарбориён пур буд, боло баровард ва ниҳоят ба як меҳмонхонаи калоне даровард, ки тамоми аъён ва бузургони мамлакати Англия дар он ҷо ҷамъ буданд; ӯ Майлсро пеш бурд, боз як бор ба вай таъзим кард ва ба хотираш расонд, ки шапкаашро аз сар гирифтанаш лозим аст ва ӯро дар миёни хона монда худаш баромад. Чашми ҳамаи ҳозирон ба ӯ дӯхта шуда буд. Баъзеҳо бо ғазаб абрувони худро чин карда буданд, баъзеҳо ба масхарагии ин мард ханда мекарданд.

Майлс ҳайрон шуда худашро гум карда буд. Дар пеши ӯ панҷ-шаш қадам дуртар, дар таги соябони пурдабдабае короли ҷавон дар тахти шоҳӣ нишаста буд. Ӯ бо як одами фариштатимсоле сӯҳбат мекард, ки аз афташ яке аз герцогҳо буд. Гендон ин манзараро дида дар дилаш фикр мекард, ки дар авҷи зиндагонӣ, қувват ва тавоноӣ, мурдан хеле талх ва ногувор аст, аммо ин мардум инсонро пеш аз марг ба ин хел таҳқирҳои барзиёд ҳам дучор мекунанд. Ӯ мехост, ки король тезтар ҳукми куши ӯро эълон намояд. Дар ин асно король сарашро бардошта ва Гендон рӯи ӯро дид. Бо дидани вай ҳатто роҳи нафасаш баста шуд. Ӯ ба ин ҷавони зебо чашм дӯхта ба худ мегуфт:

„Худоё, ин ба бедорӣ аст, ё ба хоб? Охир султони орзу ва хаёлҳо дар тахти ҳақиқии Англия нишастааст!"

Ӯ ба король бо ҳайрат нигоҳ карда, ғур-ғуркунон баъзе суханони бемуносибате мегуфт. Баъд ба атроф назар андохт ва мардумони пурҳашамати хушлибос ва қасри пурдабдабаи шоҳонаро дид ва боз худ ба худ гуфт:

„Охир ин ҳақиқат аст! Ин хоб нест, балки бедорист!"

Баъд боз ба король нигоҳ карда ба фикр рафт.

„Наход ки ин дар бедорӣ бошад? Магар ӯ сарсарии бехонумон, ки ман фикр мекардам, набуда ростӣ короли Англия будааст? Ин муамморо кӣ ҳал мекунад?"

Ноҳост ба хаёли ӯ як кор омад, ва аз таги девон як стулро гирифта ба миёна оварда ва дар миёни хона нишаст.

Тӯдаи аъёнхое ки ҳозир буданд, хашмгинона ғалоғула сар карданд ва дасти дағалонаи касе ба кифти ӯ дароз шуд; ва дар ин байн овозе шунида шуд:

— Эй нодони аҳмак, ин чӣ ҷуръат ва ҷасорат аст, ки дар ҳузури король менишинӣ?

Король бо шунидани ин фарьёд сӯҳбати худро тамом карда дасташро ба ин сӯ дароз намуду гуфт:

— Ба ӯ кордор набошед. Ин ҳаққи сазовори вай аст!

Дарбориён ҳайрон шуда, худро ақибнокӣ кашиданд ва король ба сухани худ давом кард.

— Бале, хонимҳо, лордҳо ва ҷентльменҳо! Ин мард хизматгори содиқатманд ва маҳбуби ман аст! Ин мард, ки Майлс Гендон ном дорад, бо шамшери худ корольро аз захмҳо ва ҳатто аз чанголи худи марг халос кардааст ва барои ҳамин бо фармони шоҳона ба ӯ мансаби ҷанговарӣ дода шудааст. Ҳамчунин инро ҳам дониста бошед, ки ӯ ба ман боз як хизмати муҳимтареро карда, короли худро аз қамчинҳо ва аз бадномиҳо халос намуда, он зарбҳоро ба худ гирифт ва бинобар он бо унвони перии Англия ва графии Кент сарфароз шудааст ва илова бар ин ба ӯ боз мулкҳои калон ва пулҳои зиёд, ки ба

мансаб ва дарачааш сазоваранд, бахшида хоҳад шуд. Зиёда аз ин, он имтиёзи муҳим, ки ӯ холо аз вай фоидабардор мешавад, аз тарафи шоҳонаи мо ба ӯ ато карда шуда ва ҳамеша ба ӯ ва ба авлодҳои ӯ махсус хоҳад буд, бузургтарин авлодҳои ӯ ҳамеша ҳақ хоҳанд дошт, ки то модоме ки салтанати Англия баркарор аст, дар ҳузури корольҳои Англия бишинанд. Ба вай кордор набошед!

Дар зал ду нафари дигар ҳам буданд, ки ба маросими тоҷгузорӣ дер монда, фақат имрӯз барои муборакбодӣ омада буданд. Ҳанӯз панҷ дақиқа нагузашта буд, ки онҳо ба ин зал даромада буданд; онҳо гоҳ ба король ва гоҳ ба ин мард нигоҳ карда, мисли дигарон, хеле ҳайрон истода буданд. Ин ду нафар—ҷаноб Гью ва хоним Юдиф буданд. Аммо графи нав—Майлс Гендон онҳоро ҳанӯз надида ва пайхас накарда буд. Ӯ муттасил ба король нигоҳ карда чашмашро аз вай намеканд, ва худ ба худ мегуфт:

„Тавба кардам худоё! Ин ҳамон гадобачаи ман аст! Ин ҳамон девонаи ман аст! Аммо ман дар пеши ӯ бо давлатмандии худ, бо арки падарам, бо ҳафтод хона ва бисту ҳафт хизматгор доштани он арк фахр карданӣ шуда будам. Ман хаёл карда будам, ки ӯ дар тамоми умраш ба ғайр аз жанда ва кӯҳнаҳо либос, ба ғайр аз шатта ва заданҳо навозиш ва ба ғайр аз саркути мардумон хӯрок надидааст. Ман ӯро ба фарзандӣ гирифта одам карданӣ будам! Худоё, акнун ба ман халтае бирасон, ки сари шармандаи худро ба даруни он пинҳон кунам!"

Аммо фикрашро ба як ҷо ҷамъ карда, дар пеши король ба зону афтод ва вакте ки король дасти ӯро гирифта мефушурд, ба садоқат ва вафодории худ қасам ёд карда, барои мукофот ва мансабҳое ки

бахшида шуда буд, миннатдориашро изҳор намуд. Баъд, аз ҷояш хеста ва бо эҳтироми тамом сар фуроварда рафта дар як сӯ истод. Ҳама ба вай бо як назари кунҷковӣ ва баъзеҳо бо рашк ва ҳасад нигоҳ мекарданд.



Ба зиндон андозед

Дар ин асно король Гъюро дида чашмонаш аз ғазаб дурахшиданд ва фарьёд карда гуфт:

— Ин дуздро аз мансаб ва дараҷаҳои қалбакиаш маҳрум намоед, мулкҳои ғораткардаашро аз дасташ бигиред ва то дода шудани фармони дигари ман дар зиндон нигоҳ доред!

Гъюро бароварданд.

Акнун аз тарафи дигари меҳмонхона ғалоғулае баланд шуд, халоиқ аз ҳам ҷудо шуда роҳ кушоданд ва аз байни ду девор, ки аз одамони зинда ба вуҷуд омада буд, Том Кенти намоён гардид, ки либоси хеле олӣ ва ҳашаматноке пӯшида буд, пешопеши ӯ калони хизматгорон, ки вазифааш ба ҳузури король арз намудани касони омадагӣ буд, меомад. Том ба король наздик шуда сарашро хам кард ва ба зону афтод.

Король гуфт:

— Ҳамаи воқеаро ба хубӣ фаҳмидам, дар ин чанд ҳафта чӣ корҳо кардани туро пурсида санҷидам ва аз кардаҳои ту хеле хурсанд ҳастам. Ту мамлакати моро бо як раҳмдилӣ ва аз рӯи меҳру шафқат идора кардаӣ. Маълум мешавад, ки ту хоҳарҳо ва модаратро ёфтаӣ. Бисьёр хуб! Мо ғами онҳоро мехӯрем. Агар ту хоҳӣ ва қонун иҷозат диҳад, падарат ба сари дор хоҳад рафт. Эй ононе ки овози моро мешунавед, дониста бошед, ки аз имрӯз эътиборан бачагоне ки дар ибодатхонаи Исо[1] ба ҳисоби ҳукумат тарбия карда мешаванд, бояд ба ғайр аз тарбияти ҷисмонӣ, тарбияи рӯҳонӣ ҳам бигиранд; ин писарак баъд аз ин дар он ҷо зиндагонӣ карда дар байни мураббиён ва тарбиятдиҳандагони он ҷои боифтихореро ишғол хоҳад кард; азбаски ӯ якчанд вақт король шудааст, ба вай эҳтироми махсус лозим мебошад; дониста бошед, ки либосе ки ӯ ҳоло пӯшидааст, фақат ба шахси худаш махсус мебошад ва ҳеҷ кас ихтиёр надорад, ки ин хел либос пӯшад. Ҳама аз ин либос ӯро хоҳанд шинохт, ва як вақтҳо

---

[1] Ибодатхонаи Исо, ё ин ки мактаби кабуди камзӯлпӯшон аз рӯи маълумоте ки одамони он замон додаанд, „дар тамоми дуньё ягона муассисаи пок ва писандида" будааст, ки Эдуарди VI ин ибодатхонаро барои тарбия кардани сағирҳо ва фарзандони камбағал таъсис карда будааст.

король будани ӯро ба эътибор гирифта, ҳамеша эҳтироми даркориро дар ҳакки ӯ бачо хоҳанд овард.

Ӯ дар таҳти мудофиа ва ҳимояти махсуси мо хоҳад буд ва ба ҳама маълум ва машҳур бод, ки ба вай лақаби ифтихории „Дастпарвари шоҳ" бахшида мешавад.



Том дасти корольро бӯсид.

Том Кенти хушбахтона ва бо ифтихор аз замин баланд шуд ва дасти корольро бӯсид ва ба ӯ ичозат дода шуд, ки биравад. Ӯ фурсатро аз даст надода аз паси модари худ рафт, ки ба вай ва ба хоҳарони худ тамоми саргузаштро ҳикоя кунад ва аз шодӣ ва хурсандии бузурге ки ба ӯ рӯй додааст, онҳоро хабардор намояд.

## АДОЛАТ ВА МУКОФОТ

Вақте ки тамоми сирру асрорҳо ниҳоят маълум шуданд, Гью Гендон иқрор кард, ки занаш бо супориш ва фармони вай Майлсро рад карда худашро ба ношиносӣ задааст. Аввал ӯ занакро тарсондааст, ки агар аз Майлс Гендон даст набардорад, аз зиндагиаш ҷудо шудан лозим мешавад; аммо занак гуфтааст, ки ҷонаш барои ӯ аҳамият надорад ва ҳаргиз аз Майлс рӯ нагардонда, ҳамеша ба вай содиқ ва вафодор хоҳад монд; он вақт Гью фаҳмонидааст, ки аз гуноҳони занак мегузарад, аммо Майлс кушта хоҳад шуд. Баъд аз ин занак қавл дода ва то охир ба қавли худ содиқ мондааст.

Гьюро барои ин таҳдидҳояш ва барои соҳиб шуданаш ба молу мулк ва унвони бародари худ ба ҷазо гирифтор накардаанд, чунки Майлс ва Юдиф инро нахостанд, илова бар ин, он вақтҳо занон дар муқобили шавҳарони худ дар муассисаҳо шоҳид шуда наметавонистанд. Гью занашро партофта ба як мамлакати дигар рафт ва дере нагузашта дар он ҷо мурд, аммо Майлс ки ҳоло лақаби графии Кентро гирифта буд, зани ӯро ба занӣ гирифт, вақте ки онҳо аввалин бор ба арки худ баргашта омаданд, дар он ҷо ҳангомаи аҷибе барпо шуд; ҳама хурсандӣ ва шодӣ мекарданд.

Аз падари Том Кенти ҳеҷ дарак набуд.

Король он деҳқонеро, ки ба рӯяш тамға зада, ба ғуломӣ фурӯхта буданд, кобонида ёфт, ӯро водор кард, ки аз тӯдаи дуздон ҷудо шавад ва имконият дод, ки бо серӣ ва пурӣ зиндагонӣ кунад.

Ӯ қонуншиноси пирро ҳам аз зиндон бароварда, штрафҳои ба вай андохташударо барҳам дод. Ӯ дух-

тарони ду нафар баптистзанро, ки дар пеши назараш сӯзонида шуда буданд, таъмин намуд ва он саркардаро, ки Гендонро бегуноҳ зада буд, ба ҷазои сазояш расонид.

Ӯ шогирдеро, ки барои дошта гирифтаи як бози одами бегона ба зиндон афтода буд, аз чанголи марг халос намуд ва занеро, ки аз бофанда як порча моҳут гирифта буд, аз зиндон баровард, аммо мардеро, ки барои куштани як оҳуи ҷангали шоҳӣ, ба ҷазои марг ҳукм карда шуда буд, халос кардан мумкин нашуд, чунки ҳукм кайҳо иҷро шуда буд.

Ӯ ба судьяе ки дар вакти бо тӯҳмати дуздӣ гунаҳгор шуданаш, ба ӯ раҳм карда буд, мудом илтифот мекард ва баъдҳо, вакте ки оҳиста-оҳиста дар пеши назари ҳамаи халоиқ обрӯ пайдо карда ва мӯҳтарам шудани он судьяро медид, хеле хурсандӣ ба вай рӯй медод.

Король то охири умри худ ҳикоя кардани саргузашти худашро хеле дӯст медошт, аз дакикае ки посбон ӯро аз дари дарбор ҳай карда фиристонида буд, то шабе ки ӯ бо ҳилаи зиёде ба даруни халқ даромада ба калисо дохил шуда, дар таги минбар руст шуда буд, ҳамаашро як-як ҳикоя мекард, хусусан хоби он шабаашро хеле бо мароки тамом тасвир карда мегуфт, ки чунон ширин хобида будам, ки рӯзи дигар кам монда буд, баъд аз тамом шудани маросими тоҷгузорӣ бедор шавам. Ӯ мегуфт, ки зудзуд такрор кардани ин ҳодисаи ибратбахш ба вай хеле фоида мерасонад ва аз тамоми он саргузаштҳои худ барои халки мамлакат натиҷаҳои пурсамара мебаровард ва то даме ки ҷон дорад, ҳикояҳои худро такрор карда, бо ин таъсироти андӯҳнокашро ба ёд оварда ҳисси раҳмдилӣ ва шафкатро ба дили худ зиёд хоҳад кард.

Майлс Гендон ва Том Кенти дар тамоми муддати

кӯтоҳи королии вай маҳбуби ӯ буданд ва дар вақти мурданаш аз таҳи дил ба марги ӯ гирья мекарданд. Графи Кент хеле марди боандеша буда, он ҳуқуқи калонеро, ки махсус ба худи вай дода шуда буд, чандон ҳам бемаврид ва зиёд ба кор намебурд, ба ғайр аз як боре ки мо медонем (рӯзи аввали ба дарбор ба ҳузури король омаданаш) боз ду бори дигар аз ин ҳуқуқи худ истифода карда буд: як бор дар вақти ба тахти королӣ баромадани малика Марьям ва дигар бор дар вақти ба тахт нишастани малика Елизавета. Яке аз авлодҳои ӯ ҳам ин ҳуқуқи калонро дар вақти ба тахт баромадани Яъқуби (Иакови) якӯм ба кор бурда буд. Аммо боз як дафъаи дигар вақте ки писари ӯ хост аз ин имтиёзи ба падараш дода шудагӣ истифода намояд, аз ин воқеа қариб чорьяк аср гузашта буд ва ин „имтиёзи кентҳо"-ро аксарияти дарбориён фаромӯш карда буданд; ҳангоме ки дар яке аз рӯзҳо Кенти онвақтӣ ҷасорат карда, дар ҳузури Карли I ба стул нишаст, дар дарбор талотӯб ва ғавғои калоне сар шуд. Аммо ба зудӣ масъала ҳал карда шуд ва ин ҳуқуқро боз тасдиқ намуданд. Охирин граф Кент дар яке аз ҷангҳо дар роҳи муваффақияти король ҷангида истода, кушта шуд ва ин ҳуқуқи аҷоиб ҳам бо кушта шудани вай тамом шуд.

Том Кенти хеле зиёд умр дида, ба пирсолӣ расид, дар вақти пириаш марди хушсурат ва мӯйсафед, бошавкат ва боодобе буд, зоҳиран хеле марди раҳмдил менамуд. Ҳама вайро аз таҳи дил ҳурмат карда, либоси ғайриоддии қадимаашро, ки як вақтҳо дар тахти короли Англия нишастани вайро хабар медод, хеле эҳтиром мекарданд. Дар вақти омадани ӯ ҳама аз ҷо мехестанд, ба ӯ роҳ дода ба ҳамдигар гӯшакӣ мегуфтанд:

— Шляпаатро аз сар гир, охир ин дастпарвардаи шоҳ аст!

Ва ҳама ба вай таъзим мекарданд, ӯ ҳам дар ҷавоб аз рӯи меҳрубонӣ табассум карда мегузашт, мардум ба ин табассуми ӯ хеле аҳамият медоданд, зеро замоне ки ҳодисаи дар ин китоби мо тасвир шудагӣ рӯй дода буд, ӯ хеле оличанобона, бо муҳаббат ва аз рӯи шафкат корсозӣ карда буд.

Бале, короли Англия Эдуарди Шашӯм бисьёр умр надид, бечора дар айёми ҷавониаш мурд, аммо ин умри кӯтоҳи худашро ба тавре гузаронд, ки хеле ба шаъни худ муносиб ва сазовор буд. Борҳо шуда буд, ки баъзе амалдорони калон ва ё ягон ҳокими пурзебу зинати король ӯро, бинобар шафкат ва фуқаропарвариҳои барзиёдаш мазаммат мекарданд ва ё агар қонунеро сабук карданӣ шавад, онҳо муқобил баромада даъво мекарданд, ки он қонун бе ин ҳам хеле сабук аст ва ба ҳеҷ кас вазнинӣ ва азобу машаққати зиёде намерасонад. Дар ин мавридҳо короли ҷавон чашмони калон, андӯҳгин ва шафқатнишони худро ба он муддаиҳо гардонда, мегуфт:

— Эй, чӣ будани азобу машаққат ва вазниниро шумо аз куҷо медонед? Онҳоро ман медонам ва халқи ман медонад, на ин ки шумоён!

Назар ба он замонҳои сахтӣ ва золимӣ—даври королии Эдуарди VI хеле фуқаропарварона ва одилона буд, ки ингуна замонҳо хеле кам дида шудаанд. Биёед, холо мо ҳам ки аз ӯ ҷудо мешавем, дар бораи вай хотираҳои нағз ва хуб дошта бошем.

## МУНДАРИҶА

Саҳ.

*Зоида шудани шаҳзода ва ба дунъё омадани гадо* . . 3
*Бачагии Том* . . . . . . . . . . . . . . 5
*Мулоқоти Том бо шаҳзода* . . . . . . . . . 14
*Бадбахтӣ ва саргардониҳои шаҳзода сар мешавад* . . 27
*Том дар роли асилзодагон* . . . . . . . . . 33
*Ба Том таълимот медиҳанд* . . . . . . . . . 48
*Ба авқот ҳозир шудани Том дар меҳмонии аввалини шоҳона* . . . . . . . . . . . . . 62
*Масъалаи мӯҳр* . . . . . . . . . . . . 69
*Паради дарьёӣ*. . . . . . . . . . . . . 73
*Саргузаштҳои шум ва фалокатомези шаҳзода* . . . 78
*Дар идораи баладия* . . . . . . . . . . . 92
*Шаҳзода ва наҷотдиҳандаи вай* . . . . . . . 100
*Ғоиб шудани шаҳзода* . . . . . . . . . . 121
*Король мурд—зинда бод король!*. . . . . . . . 128
*Том королӣ мекунад* . . . . . . . . . . 147
*Зиёфати ботантана* . . . . . . . . . . . 166
*Короли Фу-фуи аввал* . . . . . . . . . . 171
*Шаҳзода дар байни оворагардон*. . . . . . . . 189
*Король дар байни деҳқонон* . . . . . . . . 202
*Шаҳзода ва пирамарди гӯшанишин* . . . . . . 212
*Гендон ба имдод расид* . . . . . . . . . . 222
*Қурбони хиёнаткорӣ* . . . . . . . . . . 229
*Король маҳбус* . . . . . . . . . . . . 238
*Гурехтан* . . . . . . . . . . . . . . 245
*Арки Гендон* . . . . . . . . . . . . 250
*Шинохта нашуд* . . . . . . . . . . . . 261

*Дар ҳабсхона* . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 268
*Фидокорӣ* . : . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 283
*Ба Лондон* . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 289
*Муваффақиятҳои Том* . . . . . . . . . . . . . . 292
*Намоиши тоҷгузорӣ* . . . . . . . . . . . . . . . 297
*Рӯзи тоҷгузорӣ* . . . . . . . . . . . . . . . . . 306
*Эдуард—король* . . . . . . . . . . . . . . . . . 325
*Адолат ва мукофот* . . . . . . . . . . . . . . . 338

t.me/kitobju

*Марк Твен*

ПРИНЦ и НИЩИЙ

(на таджикском языке)

Мухаррири тарчима *М. Ҳасанов.*
Корректор *И. Маҳвашев.*

Ба чопаш ичозат дод шуд 20/III 1952. КЛ 00635. Чузъи чопи 17,62.
Формати коғаз 84×108/32. Тираж 10.000. Заказ № 1405

Сталинобод, Комбинати полиграфй.

5 сум.

213883
Китобхонаи миллии Точикистон